*Баргузидаи ашъор ва осори насрии шоиру нависандагони кӯҳистони Нурато*

# Гули Санг



«TAMADDUN»
Тошканд–2021

**УЎК: 821.222.8**
**КБК: 84(5 Тоҷ)7**
**И-48**
Гули санг. Баргузидаи ашъор ва осори насрии шоиру нависандагони кӯҳистони Нурато. Тошканд: «TAMADDUN», - 2020. 312 саҳ.

Мураттиб ва муҳаррир:

**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
адиб, узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон

Муҳаррири масъул:

**Олим ДАВЛАТОВ,**
доктори фалсафа доир ба илмҳои филология

*Аз назари маъмурию расмӣ деҳаҳои Эҷ (ҳамроҳ бо Сойхурд ва Симбулоқ), Соб, Синтаб ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ, деҳаҳои Моҷарм, Андагин, Ӯхм, Ҳоят, Асраф, Порашт ба ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ва деҳаи Устук ба ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд тааллуқ доранд. Агарчи деҳоти ёдшуда дар таркиби се вилояти мухталиф ҳастанд, таърих, забону адабиёт ва фарҳанги онҳо бояд тавъам, таҳти унвони тоҷикони кӯҳистони Нурато омӯхта шаванд. Далели қотеъи ин пешниҳод он аст, ки мардуми қаторкӯҳи Нурато аз замони пайдоиши худ то ба ҳол дар канори ҳам зиндагӣ карда, дорои расму оин, одоту одоби мушобеҳу яксохт мебошанд ва забони модарии онҳо ягона аст – тоҷикӣ (форсӣ). Бо мурури чандин садсола рафтуомади муттасил, додугирифти ҳамешагӣ, забони ноби порсӣ, ҳамхонии шинухез ва ҳар гуна фарҳанги мардумӣ дар ин деҳаҳои кӯҳистонӣ устувор боқӣ мондааст ва бо ҳамин тавъамӣ идома меёбад.*

*Аз ин рӯ, китоби «Гули санг» намунаҳои боризи назму насри эҷодкорони кӯҳистони Нураторо дарбар мегирад. Бояд гуфт, ки шоиру нависандагони ин кӯҳистон миллат ва диёри худро дар ҷаҳони назму насри форсизабонҳо рӯнамоӣ мекунанд. Онҳо ба мисли гули санг аз дили кӯҳистони сахту санглох падид омада нашъунамо меёбанд, асарҳои мондагор меофаранд, ба афзудани обрӯ ва шукӯҳи диёри худ мусоидат менамоянд.*

*Китоби мазкур бо фаро гирифтани ашъору осори насрии беҳтарин адибони кӯҳсори Нурато ба доираи васеи хонандагон, ба одамони касбу кори гуногун, донишомӯзу донишҷӯён ва ҳар касе, ки завқу иштиёқ ба каломи ноби бадеӣ дорад, пешниҳод мегардад.*

*Китоб мутобиқи имлои «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе, «Шарқи озод», 2013) омодаи нашр гардид.*

ISBN 978-9943-5122-0-7

© «TAMADDUN», 2021
© Юнуси Имомназар, 2021

# ШАРҲИ РӮЙИ КОР ОМАДАНИ КИТОБ

Аз рӯзе, ки худамро мешиносаму ба фарқи сиёҳу сапеди гирду барам меравам, ба унвони беҳтарин идеал дар ҳаёти худ падарамро шинохтаам. Ӯ инсоне буд дарёдилу дилёб, бениҳоят заҳматкашу сахтҷон, пухтакору дурандеш. Аз худ бештар ғами дигаронро мехӯрд, барои баровардани ниёзи наздикону дӯстонаш пайваста камари ҳиммат мебаст. Асло аз ёдам намеравад, вақте ки дар хурдсолӣ бо бачаи ҳамсояамон муноқиша карда будам, падарам маро садо зада, гӯшмол дода, гуфта буд: «Мо ҳамеша дар бачагӣ ҷанги сагҳоро тамошо мекардем, ҳоло мебинам, ки он одат ба одамҳо низ гузаштааст. Шарм намекунӣ бо ҳамсоябача дасту гиребон мешавӣ? Пас, меҳру оқибат куҷо шуд, ҳаққи ҳамсоягӣ дар куҷо монд? Ё барои ту ин чизҳо аҳамият надоранд?». Аз он ба баъд, дигар асло бо бачаҳо туюман нарафтаам ва ба ин монанд гӯшмолу насиҳатҳои падарамро борҳо шунида, пайрави гуфтаҳояш амал кардаам.

Падарам – Ҷамоли Орзумурод пас аз хатми мактаби миёна ба шаҳри Душанбе меравад ва донишҷӯйи факултаи ҳисобдории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мегардад. Вақте ки пай мебарад барои падару модари серфарзандаш таъмини моддии бачаҳо мушкил аст, аз ҳамон соли аввал ба таҳсили шабона мегузарад ва рӯзона кор мекунад. Солҳои 1978 – 1980 дар минтақаи дурдасти кишвари Русия дар Камчатка хидмати сарбозиро адо мекунад. Пас аз як соли хидмат хонадор шуда, модарамро низ ба Душанбе мебарад. То поёни таҳсилоти донишгоҳ дар хонаи иҷоравӣ нишаста, ҳар ду кор карда рӯз мегузаронанд. Он солҳо падарам чӣ гуна давутози рӯзгор, азобиҳои таҳсил ва мушкилоти корро аз сар гузаронда буд, ба худаш аён буду ба Парвардигор. Бе шубҳа, он гуна вазъи зиндагӣ ба касоне ҳам ошно аст, ки рӯз кор мекунанду шаб таҳсил ва то саҳариҳо китоб мехонанд...

Падарам пас аз соҳиби диплом шудан ба зодгоҳи худ деҳаи Эҷ бармегардад ва сараввал дар идораҳои давлатии колхозамон ҳисобдорӣ мекунад. Аз устодони худ – Мустафо Раҳимов, Худойқул Азимов, Ҳаким Давронов, Зайниддин Амонов таҷрибаи кору ҳаёт омӯхта пухта мешавад. Пас аз бознишаста шудани устодаш Мустафо Раҳимов, ки чандин сол раиси ҳисобдорӣ буд, вазифаи ӯро ҳисобдори аршад Эшмурод Нурмуродов ба уҳда мегирад. Вале пас аз як сол (соли 1996) бо пешниҳоди ҳайати мудирияти Ширкати давлатии «Нурато», ки на

танҳо дар вилояти Навоӣ, балки дар саросари кишвар аз маъруфтарин муассисаҳои гӯсфанди қарокулпарварӣ ба шумор мерафт, падарам раиси ҳисобдорӣ таъйин мегардад. Ҷолиби диққат ин аст, ки дар давоми фаъолияти ӯ чанд нафар мудир иваз мешаванд, вале вай ҳамеша сари вазифааш побарҷо мемонад. Аз пайи ҳисобу китоби дақиқ, коршиносӣ ва таҷрибаҳои андӯхтаи падарам ширкати чорводории «Нурато» як муддат хеле ғанӣ гардида, саршумори молҳояш аз панҷоҳ ҳазор мегузарад, дар чарогоҳи кӯҳии ширкат галаи аспон ба вуҷуд меояд. Дар идомаи кор ҳамзамон бо хоҷагиҳои махсуси парвариши моли фарбеҳ ба ташкили рамаи бузҳои оренбургӣ (барои тибиту ширашон) низ муваффақ мешаванд.

Бар замми кори асосӣ, падарам яке аз фаъолони ноҳияи Нурато ва шаҳраку деҳоти зертобеи он – Синтаб, Соб, Эҷ, Авлиё ва авулҳои қазоқнишин буд. Ба туфайли ҳимоятҳои ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандон, проблемагузорӣ, ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ва ёриву пуштибониҳои ҳамешагӣ ба халқ, чанд муддат ҳамчун намояндаи мардумӣ дар Шӯрои намояндагони мардумии вилоят ва ҷумҳурӣ интихоб мешавад. Ҳар гоҳ ҳамшаҳриёну дӯстони падарам аз хислатҳои неки ӯ, аз саъю талошҳои доимиаш, аз он ки ба мардуми одӣ муттасил дасти ёрӣ дароз мекард, таъриф мекунанд, сарам ба осмон мерасад, бо фахру ифтихор ӯро бузургу беҳамто мебинам, бо тамоми вуҷуд ба ӯ эҳтиром мегузорам.

Афсӯс, қисмат ба сари одам рӯзҳоеро меовардааст, ки на хурд дарк мекунаду на бузург. Касе намедонад, фардо ба чӣ гуна пешомад рӯ ба рӯ мешавад, аз ҷумла, падари заҳматпешаи ман. Ӯ аз бозиҳои талхи зиндагӣ дар ғафлат монда буд. Вақте ки даргири кору мушкилоти рӯзгор дар миёни Авлиёву Эҷ равуо мекард, ногаҳон ба тасодуми сахте дучор меояд. Дар он рӯзи наҳси тирамоҳӣ пеш-пеши ғуруби хуршед, ки уфуқ ранги хунин мегирифт, порае аз замини асфалтӣ низ бо бархӯрди ду мошини сабукрав ба «фиғон» омада, пардаи хунин ба сар мекашад. Бо ин бархӯрди дилозор падари меҳрубону дарёдилам, ҳамон инсоне, ки хурду калон дӯсташ медоштанду барояш эҳтиром меварзиданд, дар остонаи синни шаст ба марги муфоҷо мубтало мегардад...

Дардо, ҳасрато! Во, дареғ!

Аз замони даргузашти падари бузургворам чанд сол сипарӣ мешавад, вале ҳанӯз ки ҳанӯз ӯ дар зеҳну дидаам зинда метобад, бо нигоҳҳои ҷиддию меҳрубонаш, бо шӯхию хандаҳои дилошӯбаш, бо ҳама салобату маҳобаташ дар пеши назарам падид меояд. Лаҳзае нест, ки суханҳои ноби ӯ, панду насиҳатҳои падаронаи ӯро аз ёд барорам.

Падарам бо як ҷаҳон арҷу эҳтиром ба одамон, мегуфт: «Бо ҳар касе рӯ ба рӯ меойӣ, саъй кун ба қаъри дилаш роҳ ёбӣ. Ба ӯ муомилаи хуш кун, сухани нек гӯй, мулоим бош. Ман аз муаллимонамон, аз шоиру нависандагонамон, аз одамони рӯзгордидаю пухташуда ҳамин гуна муомиларо омӯхтаам. Алалхусус, ба устодону аҳли сухан хушрафтор бош».

Чанде қабл, дар ҳоле ки сарро миёни ду даст гузошта бо ёди падар менишастам, ҳис кардам аз ғайб касе бо ман ҳарф мезанад. Намедонам, гӯё овози ғайб бароям хеле шинос менамуд, ба мисли садои падарам хеле муассир ба гӯшҳоям менишаст: «Биё, бо ҳам ба орзуҳои нимароҳи падарат мерасем, – овози маҳину тасаллибахш маро ғарқи худ сохт, – суханҳои ноби кӯҳистони Нураторо ҷамъ карда ба мардум мерасонем. Мебинӣ, ки бо ин ҳиммат ҳам рӯҳи падар шод шудаасту ҳам мардуми бисёр аз китоби каломи сухани нек бархурдор. Ё Аллоҳ, кори хайрро ба таъхир магузор!».

Он овози ғайб, намедонам хоб буд ё руъё, маро водор кард бо устоди сухан, адиб Юнуси Имомназар мулоқот кунам. Ва ҳоло, Худоро шукр, бо эҳтимоми эшон ва ёрию дастгирии шоирони маҳбуб Паймон ва Абдулло Субҳон яке аз орзуҳои падари бузургворамро рӯйи об баровардам. Беҳтарин осори назму насри эҷодкорони кӯҳистони Нураторо гирдоварӣ намуда, онҳоро бо ҳамдастии модарам Муҳаббат, бародарам Хайём ва хоҳаронам аз ҳисоби мероси падарам бо номи «Гули санг» ба табъ расонидем. Умедворам, бо ин ки китоби мазкур ёдгоре барои зинда нигаҳ доштани рӯҳу хотири падарам – Ҷамоли Орзумурод аст, ҳамчун як манбаи судманду дардхури адабиву бадеӣ, намунаи боризи адабиёти тоҷик ва ҳамчун китоби дӯстдоштаи халқи тоҷик низ рӯнамоӣ мегардад ва хурду калон, донишомӯзу донишҷӯён, ҳама гуна касоне, ки ба забону адабиёт меҳр доранд, аз он баҳра хоҳанд бурд.

**ҶАЛОЛИ ҶАМОЛ,**
**мудири омили намояндагии «Мерседес Бенс»-и Олмон**
**дар шаҳри Ал-айни АМА**

## ДАР ҲОШИЯИ КИТОБИ «ГУЛИ САНГ»

Риштакӯҳҳои Нурато яке аз шохаҳои ғарбии силсилакӯҳҳои Ҳисору Олой (Қаратоғ, Оқтоғ ва Нурато) буда, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири табиати кӯҳистонии Осиёи Миёна дар хоки Ӯзбекистон қарор доранд. Ин қаторкӯҳ ба унвони беҳтарин садде аз самти шимол аст, ки муқаддаман аз ҳазорсолаи пеш аз милод шаҳрҳои Варорӯд, бахши калони водии Зарафшонро то шаҳри Навоӣ аз баду балоҳо, минҷумла, аз боду гирдбодҳои харобизои биёбони Қизилқум ҳифозат мекунад ва дар ин хиттаи пурҷамъият шароити хубу мусоиди зиндагиро фароҳам меоварад. Баландтарин қуллаи риштакӯҳи мазкур Сариҳаёт аст, ки ҳоло дар нақшаҳо ва асноди расмӣ бо калимаи ӯзбекии Ҳаётбошӣ ном бурда мешавад (2169 м).

Кӯҳистони Нурато дар қисми шимолу ғарбии шаҳри Самарқанд воқеъ буда, маҳдудаҳои он аз назари маъмурӣ мутааллиқ ба вилоятҳои Самарқанд, Навоӣ ва Ҷиззах аст. Ин кӯҳсор аз бахши ҷанубу шарқ ба самти шимолу ғарб ба фосилаи 170 км тӯл мекашад. Сари теппаю қуллаҳо бештар бо варақсангҳои сурбиранг пӯшида шудааст. Аз се-панҷкилометрии доманакӯҳҳои қисми шимолӣ паҳнои дашти Қизилқум оғоз меёбад. Дар фосилаи 15 – 18 км ба таври мувозо бо риштакӯҳҳои Нурато дарёчаи Ҳайдаркӯл воқеъ аст. Бар асоси бароварди соли 2006 ин дарёча (кӯл) дорои арзи мутавассити 34,8 км ва тӯли 160 км буда, умқаш ба ҳисоби миёна ба 34 м мерасад. Он бо номи мустаори «дарёчаи фирӯзаӣ дар дили регзор» маъруф шудааст. Оби дарёча шӯр, ҳаҷми он тахминан 45 километри мукааб аст. Аз сатҳи баҳр дар баландии 247 м қарор дорад. Дар Ӯзбекистон хушмазатарин моҳиҳо аз ҳавзаи ҳамин дарёча ба даст меоянд.

Дар миёнаи даштҳои байни Ҳайдаркӯл ва риштакӯҳҳои Нурато, дар наздикии шаҳраки Банди ноҳияи Фориш Оббанди Хонбандӣ воқеъ аст, ки  манзараи шигифтангезе дорад. Ин оббанд ҳанӯз дар асрҳои миёна аз ҷониби деҳқонҳои таҳҷоӣ сохта шудааст ва барои ҳар як

сайёҳ ҷолиби диққат мебошад. Яъне, дар дили саҳрои хушк обшори нозанин – Шаршараи садди Хонбандӣ ҷо хуш кардааст. Шаршара аз обҳои Илончисой маншаъ мегирад ва аз болои оббанд ба поён сарозер мерезад. Баландии оббанд 15 м, дарозиаш дар поён 24 м ва дар боло 50 м аст. Ғафсии девори сад дар поён ба 8 м ва то боло камбаршавон омада ба 2 м мерасад. Оббанд аз сангҳои яксохт ва бо андозаҳои яксони ба ҳамдигар қуфлу калидшуда эҳдос гардидааст.

Дар наздикии Ҷиззах яке аз ҷойҳои дидании риштакӯҳҳои Нурато Дарвозаи Темур (бо номи Моргузар низ ёд шудааст) воқеъ мебошад, ки дар ин дара рӯди Сангзор ҷорӣ аст. Агарчи арзи дара ҳудудан 120 – 130 м мебошад, дар маҳалли «дарвоза» бо ду харсанги азими кӯҳшакл танг шуда, бари гузаргоҳаш то 40 м коҳиш меёбад. Дар сатҳи харсангҳо катибаҳои форсӣ ба чашм мехӯранд.

Дар қисми ғарбии риштакӯҳҳои Нурато дараи муъҷизаосои Сармич қарор дорад, ки он бо петроглифҳои худ машҳур аст. Сангнигораю катибаҳо ва аносири кимиёии ин минтақа ҳанӯз комилан омӯхта нашудааст.

Оромгоҳи Нукриддин Қаттол дар шаҳраки Авлиё ва ба хусус, шаҳри бостонии Нурато бо Чашмаи бемисолу ёдгориҳои арзишманди таърихии худ ба кӯҳистони Нурато ҷалолу шаҳомати беандоза ато мекунанд. Омӯзиши таъриху фарҳанг ва адабиёти деҳоти тоҷикнишини кӯҳистонро бидуни иртибот бо мардуми шаҳри Нурато тасаввур кардан амри муҳол аст.

Дар миёни дараҳо ва баландиҳои кӯҳистони Нурато бошад, чандин ёдгории дидании таърихӣ мавҷуд мебошад, ки қадимат ва моҳияти аслии онҳоро ҳанӯз пурра наомӯхтаанд. Аз ҷумла, дар ҳаволии деҳаи Эҷ: катибаҳои рӯйисангии дараҳои Зиҳнок, Қалъа, Феҷак ва Пиргирӯд, қалъаи бештар аз дуҳазорсолаи Феҷак, ғори пурасрори дараи Ғорикон, Хонақоҳи Ҳазрати Довуд, Гӯри Сӯфӣ, Пиритурк, Мазори Миёна, оромгоҳи Хоҷа Рӯшноӣ, оромгоҳҳои Сариобу Дариуштурӣ; дар Синтаб: мазорҳои Ширинато, Саврато, Ғоибато, Боботан, Ҳазрати Мулло Валӣ, Хӯҷапорсо, Коризато, Бибикон, Сирак, чашмаи Акко, шаршараи Обҷаҳ, баландиҳои Шаҳидон, Сум, Умар, Хоҷимаҳмад, Сафаралӣ, Козбон, Қӯрғон, Регак, кӯли Фозилмон; дар Моҷарм: чоҳҳои Аваз, Узоқ, Ҳосил, ҳавзҳои Кироми азим, Хӯҷа, Лойқа, Қӯтони Кочак, обанбори қадимаи Нойҳавз, оромгоҳи Ҳазрати Зайнулобиддин, дарахти ҳамешасабзи Арча, Ҳазрати Имом, Эшони Халифа (Андагин); дар Ӯхм: Бобои Шаршара, ғорҳои Каждум, Парандоз, Шахи Зард,

Шахи Алӣ, Рухшах, қабристонҳои Чилгазато, Ғучи Ғозӣ, Ҳазрати Бибӣ, Шаҳидон, Азизон, Ҳасратато, Ҳазрати Эшон; дар Ҳоят: поғутҳои (ғор) Бобои Ғафур, Хӯҷамқул, Баҳримурод, Шахи Қӯрғон, нақшҳои рӯйисангии Сайидон, Нови Дароз, Пичак, Форғу; дар Порашт: Сухчи Абдуллохон, Султонтеппа; дар наздикиҳои Устук: Сойи Устук, обанбори Аблуллохонбандӣ ва қариб дар ҳар як деҳа мавҷудияти осиёбҳо, ҷувозҳои равғанкашӣ, сутуну зинаҳои боқимондаи масҷидҳо аз пешинаи пурасрор ва фарҳанги волои мардуми таҳҷойӣ дарак медиҳанд.

Барои мо он чиз бениҳоят муҳим аст, ки аз қадимулайём дар кӯҳистони Нурато тоҷикон зиндагӣ мекунанд ва дар асл, халқи таҳҷойӣ ва муқим асосан тоҷикҳо мебошанд. Мутаассифона, чандин деҳу русто ва гузарҳои тоҷикнишин бо мурури солҳо ва аз дасти сиёсатҳои роҳафтода аз байн рафтаанд, мардум пароканда шудаанд, одамон манзилҳои худро тарк карда ба ҷойҳои дигар кӯч бастаанд (чунончи, аз деҳоти Саврак, Ҷӯш, Бузургато, Урганҷӣ, Сарикӯл, Тиллокон, Барак, Сунбул, Бурган, Ҷадир). Дар ҳоли ҳозир деҳоти тоҷикнишини боқимонда асосан дар доманакӯҳҳои қисми шимолии риштакӯҳҳои Нурато – аз машриқ ба самти мағриб деҳаҳои Порашт, Асраф, Ҳоят, Ӯхм, Моҷарм, Андагин, Синтаб, Соб, Симбулоқ, Эҷ, Сойхурд ва дар қисми шимоли қаторкӯҳ деҳаи Устук арзи вуҷуд доранд. Аз лиҳози маъмурӣ деҳаҳои Порашт, Асраф, Ҳоят, Ӯхм, Моҷарм мутааллиқ ба ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах, Синтаб, Соб, Симбулоқ, Эҷ, Сойхурд марбут ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ мебошанд ва деҳаи Устук ҷузви Ҷамоати шаҳрвандони Урганҷии ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд аст. Дар ҳамаи ин деҳот омӯзиш ба забони модарӣ сурат мегирад.

Дуруст, аз назари маъмурию расмӣ деҳаҳои ёдшуда мутааллиқ ба се ноҳия ва се вилояти мухталиф ҳастанд, вале таърих, забону адабиёт ва фарҳанги онҳо бояд тавъам, таҳти унвони тоҷикони кӯҳистони Нурато омӯхта шавад. Далели қотеъи ин пешниҳод он аст, ки мардуми риштакӯҳҳои Нурато аз замони пайдоиши худ то ҳол дар канори ҳам зиндагӣ карда, дорои расму оин, одоту одоби мушобеҳу яксохт мебошанд ва забони модарии ягона доранд. Аз миён чандин садсола мегузарад, вале рафтуомади муттасил, додугирифти ҳамешагӣ, забони ноби порсӣ, ҳамхонии шинухез ва ҳар гуна фарҳанги мардумӣ дар ин деҳаҳои кӯҳистонӣ устувор боқӣ мондааст ва бо ҳамин тавъамӣ идома меёбад.

Мардуми кӯҳистони Нурато аз замонҳои пеш равобити ногусастанӣ бо шаҳру минтақаҳои атроф доранд ва бо тақозои зиндагӣ одамони бисёре гоҳе танҳо, гоҳе бо оилаҳояшон ба чор сӯ нақли макон кардаанд. Ҳоло дар гӯшаю канори кишвар ва гузашта аз ин, дар Тоҷикистон, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, ҳатто мамолики Аврупою Амрико зодагони устукӣ, асрафию пораштӣ, ҳоятию ӯхмӣ, моҷармию андагинӣ, синтабию собӣ ва эҷию сойхурдиро метавон дучор омад. Аз ин сарзамини кӯҳистонӣ донишмандон, муарриху меъморон, шоиру нависандагон, муҳандису муғанниён, варзишкорон, дар кул, инсонҳои ҳунарманду соҳиби касбу пешаи гуногун сабзида баромадаанд. Қисми асосии онҳо фаротар аз забони модарӣ, бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва ахиран бо забони инглисӣ низ фаъолият намуда, шухрат ёфтаанд.

Ҷойи зикр аст, ки дар кӯҳистони Нурато мардум забони модарии худро чун гавҳараки чашм пос медоранд. Забону адабиёти форсизабонони ин минтақа то ба имрӯз побарҷост. Дар ин садсолаи ахир бисёр инсонҳои равшанзамир бо забони модарии худ доди суханро дода, дар риштаҳои таъриху бостоншиносӣ, ҳунармандию мардумшиносӣ ва бе шак, дар бахши забону адабиёт ва фарҳанги тоҷик пажӯҳишҳо анҷом додаанд. Шоиру нависандагони ин кӯҳистон миллат ва диёри худро дар ҷаҳони назму насри форсизабонҳо рӯнамоӣ мекунанд. Онҳо ба мисли гули санг аз дили кӯҳистони сахту санглох падид омада нашъунамо меёбанд, асарҳои мондагор меофаранд, ба афзудани обрӯ ва шукӯҳи диёри худ мусоидат менамоянд.

Инсони равшанфикр, таърихдони шинохтаи кӯҳпояи Нурато **Ҳотам Бозоров** соли 1939 дар деҳаи Ӯхм таваллуд меёбад. Ӯ муҳассили факултаи таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории Ленинобод (Хуҷанди имрӯз) аст. Фаъолияти хешро бо пешаи омӯзгорӣ оғоз намуда, ҳамчун мудири мактаб, коршиноси аршад ва мудири шуъбаи умумии кумитаи ҳизбии ноҳияи Фориш (дар замони Иттиҳоди Шӯравии собиқ) ва чандин сол ба унвони масъули методии мактабҳои тоҷикии ноҳияи Фориш кор мекунад. Беҳтарин дастоварде, ки ин марди зиёӣ барои миллат дорад, китоби таърихию мардумшиносии ӯ «Шарораи хотираҳо» (Тошканд: «Tamaddun», 2015) аст. Китоби мазкур маъхази муҳимме дар омӯзиши таъриху фарҳанги деҳаи бостонии Ӯхм, мардум ва шаҷараи авлодии ӯхмиён ба шумор меравад.

**Холназар Ӯролзода** (1939 – 2016) низ аз фарзандони фарзонаи деҳаи бузурги Ӯхм аст. Ӯ мактаби миёнаро дар ноҳияи Сирдарё бо медали тилло хатм намуда, соли 1960 ба шуъбаи форсии Донишгоҳи давлатии Тошканд дохил мешавад. Пас аз хатми донишгоҳ дар Донишгоҳи Кобули Афғонистон низ давраи омӯзишии забону адабиёти форсиро фаро мегирад. Фаъолияти кории худро ба унвони устоди забони форсӣ дар Донишкадаи омӯзгории Сирдарё оғоз мекунад. Баъдан се сол ба унвони муҳаққиқ ва мутарҷим дар кишвари Афғонистон ифои вазифа менамояд. Дар он ҷо вожаномаеро иборат аз 12 ҳазор истилоҳи фаннӣ (техникӣ) тартиб медиҳад. Соли 1970 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти фаннии забонҳои тоҷикиву дарӣ» дифоъ мекунад. Холназар Ӯролзода дертар дар Донишгоҳи забонҳои хориҷаи Тошканд ба унвони устоди забони форсӣ ва дар Маркази омӯзишу парвариши ҷумҳурӣ ба сифати масъули бахши тоҷикӣ фаъолияти корӣ менамояд. Ӯ ҳамчун марди хоксору олиҳиммат аввалин шуда манзили худро дар ихтиёри зиёиёни тоҷик мегузорад ва дар Тошканд хонаи ӯ нахустин идораи Маркази фарҳангии тоҷикон буд. Тайи чандин сол дар ин марказ ба унвони котиб ва ҷонишини раис ифои вазифа мекунад. Дар солҳои球 бознишастагӣ Холназар Ӯролзода ба эҷод рӯ меоварад. Азбаски ба гиёҳҳои шифобахш алоқаи вофир дошт ва хосиятҳои дармонии гиёҳонро ба хубӣ балад буд, китобчаеро дар ин соҳа ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бо номи «Ба дардатон даво меёбед» ба чоп мерасонад. Илова бар ин, ёдгории бузургу пурмуҳтаво аз ин марди шариф китоби бадеию этнографии ӯ «Чашмаи зиндагонӣ» (Тошканд: «Musiqa», 2012) аст. Дар ин китоб роҷеъ ба зодгоҳи бобоиаш – Ӯхм, гӯйиши мардум, таърих ва фарҳангу фолклори деҳа сухан меронад.

Фарзанди барӯманди кӯҳистони Нурато, яке аз пояҳои боэътимоди журналистикаи тоҷик **Абдусаттор Нуралиев** 22-юми августи соли 1941 дар ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд таваллуд меёбад. Баъд аз итмоми мактаби миёна ба факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Қазоқистон дохил мешавад. Соли 1968 ба шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи тоҷики ДДМТ ба кор меояд. Ӯ аз соли 1993 то соли 1996 декани факултаи журналистика, солҳои 1996 – 2001 мудири кафедраи журналистика ва адабиёти хориҷаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз моҳи сентябри соли 2003 ҳамчун профессори кафедраи журналистикаи Донишгоҳи Русия ва

Тоҷикистон ба донишҷӯён дарс мегуфт. Пажӯҳишҳои доктори илмҳои филологӣ Нуралиев бештар ба самти журналистика ва равобити адабии тоҷику қазоқ равона шудааст. Китобу дастурҳои «Адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ» (1994), «Абай ва адабиёти тоҷик» (1995), «Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ» (2003), «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» (2005), «Жанрҳои ахбории матбуот» (2007) аз беҳтарин пажӯҳишҳои мавсуф ба шумор меравaнд. Муҳаққиқи заҳматдӯст аз пайи хидматҳои сазовораш дар соҳаи омӯзишу парвариш ва рӯзноманигорӣ ба унвонҳои Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000) муфтахар шудааст. Аз соли 2014 то дами вопасин намояндаи Иттиҳоди нависандагони халқҳои ҷаҳон дар Тоҷикистон буд. 20-уми марти соли 2020 дар Душанбе аз олам чашм мепӯшад.

Зодаи деҳаи Эҷ профессор **Маҳмуди Форишӣ** (Нурназаров, 1942 – 2006) дар асл олими ҷуғрофидон, доктори донишҳои иқтисодӣ аст. Барои мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ ва донишкадаҳои олии Тоҷикистон китобҳои дарсии ҷуғрофиё ва иқтисодиётро таълиф кардааст, устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1975 – 1996) ва Донишгоҳи давлатии Гулистон (1996 –2006) буд. Пас аз бознишаста шудан ба забону адабиёт ва мардумшиносӣ рӯ меоварад. Вақте ки аз Душанбешаҳр омада дар шаҳри Гулистон муқим мешавад, гузашта аз фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ ва корҳои илмӣ, сараввал китоби таърихию этнографии ӯ бо номи «Тоҷикони Фориш» ба табъ мерасад (Гулистон: «Зиё», 2000). Ин китоб манбаи муфассал ва пурмуҳтавоест, ки дар бораи табиат, мавқеи ҷуғрофиёӣ ва олами набототу ҳонварони кӯҳистони Нурато, таърихи гузашта ва имрӯзаи тоҷикони Фориш (муаллиф тоҷикони кӯҳпояи Нураторо тоҷикони Фориш меномад – Ю.И.), қишрҳои ҷомеа, авлоду аҷдод, гӯйиши мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии деҳоти тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато ва дигар падидаҳои ҳунарию фарҳангӣ маълумот медиҳад. Маҳмуди Форишӣ азбаски ҳанӯз дар овони ҷавонӣ ба шеъру шоирӣ иштиёқи баланд дошт, ба синни солмандӣ расида, шеъргунаҳояшро ҷамъ мекунад ва дафтарҳои манзуми худро бо номҳои «Рози ниҳон» (Гулистон: «Зиё», 2006) ва «Мавҷи дил» (Гулистон: «Зиё», 2006) ба табъ мерасонад.

Инсони равшанзамир ва донишманд **Додо Аваз Нозилов** 20-уми августи соли 1946 дар деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато, ки он замон

мутааллиқ ба вилояти Самарқанд буд, таваллуд меёбад. Ӯ соли 1969 бахши меъмории Донишкадаи политехникии шаҳри Тошкандро бо ихтисоси «архитектура» хатм мекунад ва фаъолияти кории худро ба унвони устодёр дар Донишкадаи давлатии меъморӣ ва сохтмонии Самарқанд оғоз менамояд. Соли 1977 рисолаи номзадии худро таҳти мавзӯи «Санъати меъмории кӯҳсори Ӯзбекистон» дифоъ менамояд. Соли 1979 аз байни чандин дотсенти довталаб ҳамчун устод ба факултаи меъмории Донишкадаи политехникии Тошканд баргузида мешавад. Додо Нозилов пажӯҳишҳои худро идома медиҳад ва соли 1991 рисолаи доктории худро таҳти унвони «Санъати меъморӣ дар кӯҳсори Осиёи Миёна» дар Донишкадаи меъмории Маскав дифоъ мекунад.

Профессор Додо Нозилов ба узвияти Иттиҳоди меъморони Ӯзбекистон ва Созмони тарроҳи (дизайн)-и назди Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон пазируфта шудааст. Муқаддаман аз соли 1993 мудирияти кафедраи «Дизайн»-и Донишгоҳи давлатии техникаи Тошкандро ба уҳда дошт. Ӯ то замони бознишаста шудан ҳамчун коршиноси Комиссияи олии аттестатсионии назди Девони Вазирон ва узви Шӯроҳои (гурӯҳҳои кории) махсуси риштаи меъморӣ, ки дар назди Донишкадаи меъморию сохтмони Тошканд, Фарҳангистони меъморию сохтмони Алмати ва Донишгоҳи техникии Душанбе фаъол мебошанд, машғули кор буд.

Додо Аваз Нозилов аз ҷумлаи зиёиён ва эҷодкорони барҷастаест, ки гузашта аз осори илмии пурарзиш, муаллифи чандин асари бадеӣ-маърифатӣ мебошад ва перомуни дастовардҳои меъморӣ, ёдгориҳои бостонию таърихӣ, зиндагӣ ва шуғли устою ҳунармандон, дар кул, роҷеъ ба ҳар он чӣ аз ҳаёти ҳамдиёрон дидаву шунидааст, нақлу ҳикоятҳои ранг ба ранг мекунад. Чунончи, ду китоби ӯ – «Қиссаҳои дилписанд дар бораи устоёни ҳунарманд» (2008) ва «Манзили ёд» (2011) аз қиссаҳои дилпазири ёддоштӣ фароҳам омадаанд. Осори илмии Додо Нозилов бошад, асосан бо номҳои зерин ба табъ расидаанд: «Санъати меъмории кӯҳсори Ӯзбекистон» (1972), «Ёдгориҳои меъмории кӯҳистонӣ» (1979), «Ёдгориҳои меъмории мардумӣ» (1982), «Меъмориҳои манотиқи кӯҳии Ӯзбекистон» (ба забони русӣ, 1984), «Хонаҳои рустоӣ» (бо ҳаммуаллифии А.Ӯролов ва Ш.Тӯрақулов, 1988), «Асосҳои нақшакашӣ ва сохтусози хонаҳои рустоӣ» (бо ҳаммуаллифии А.Ӯролов, А.Фармонов, С.Матязов, 1994), «Чорбоғ» (1997), «Таърихи тарроҳӣ (дизайн) дар Осиёи

Миёна» (китоби 1, 1998), «Ҳунари бумии меъморӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Осиёи Миёна» (ба забони русӣ, 1999), «Мактабҳои пешрафтаи меъмории бумӣ дар кӯҳистони Осиёи Миёна» (ба забони русӣ, 2001), «Даруноройӣ (ороиши дохилӣ) дар ҳунари меъмории Осиёи Марказӣ» (2005), «Асосҳои таркиби меъморӣ (композитсия)» (бо ҳаммуаллифии И.Дмитриева, Н.Ҳоҷибоева, 2009). Додо Нозилов дар бисёр анҷуману ҳамойишҳои ватанию байналмилалӣ, ки доир ба навгониҳо ва рушди соҳаи дизайну меъморӣ баргузор шудаанд, маърӯзаҳо хондааст.

**Абдуназари Набӣ** яке аз чеҳраҳои шинохта ва маъруфи кӯҳистони Нуратост. Ӯ соли 1947 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Фориши вилояти Самарқанд (ҳоло деҳаи Эҷ марбут ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аст) ба дунё меояд ва мактаби ибтидоию миёнаро дар деҳаҳои Эҷу Синтаб фаро мегирад. Фориғуттаҳсили бахши забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1969) аст. То бознишаста шудан дар мактаби зодгоҳаш аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик тадрис мекунад. Дар айёми солмандӣ чанд муддат раёсати маҳаллаи «Эҷ»-ро ба уҳда дошт. Ин марди равшанзамир аз ҷумлаи инсонҳои худогоҳе аст, ки ба сабаби комилан ворид будан ба таърих, забон, фарҳанг ва ҳунарҳои мардумии диёри худ ҳамеша барои меҳмонон ва пажӯҳишгарон роҳбаладиро ба зимма мегирад. Дар хонааш китобхонаи бузурге дорад ва аз он тамоми сокинони кӯҳпоя баҳра мебаранд. Абдуназари Набӣ дар тӯли чанд сол ба озмунҳои ҷумҳурӣ, ки аз фанни забон ва адабиёти тоҷик барпо мешуд, ҳамчун узви ҳайат доварӣ кардааст ва доимо яке аз иштирокдорони фаъоли ҷашнвораю гирдиҳамойиҳои адибону омӯзгорон буд. Бо олимони риштаҳои забону адабиёт, таърих ва аҳли қалам, мисли Абдулғанӣ Мирзоев, Камол Айнӣ, Аҳрор Мухторов, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Адаш Истад, Файзулло Музаффаров, Додо Нозилов, Аскаралӣ Раҷабов, Баҳром Шермуҳаммадов, Ҷумъабой Ҳамроев ошноӣ ва табодули назар дошт ва робитаҳои илмию дӯстии ӯ то ба имрӯз идома дорад. Донистани урфу одат, расму оини миллӣ, таърихи пешина ва эҷодиёти мардумӣ ҷону дили Абдуназари Набист. Ӯ дар ин бахш очерку мақолаҳои бешумор навиштааст. Соли 2010 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» нахустин китобаш бо номи «Сарзамине дар доманакӯҳ» ба табъ мерасад, ки доир ба таърих ва фарҳанги мардумии деҳаи Эҷ накл мекунад. Омӯзгори адиб дар соҳаи назм низ қувва озмудааст. Шеъру ғазалҳои ӯ нахустин бор дар дафтари шеъри «Раҳоварди кӯҳистонӣ» (Тошканд: «Ӯзбекистон», 2010)

гирдиҳам омадаанд.

*Бош чун кӯҳи гарон, боди сабукро бигузор,*
*Бигзарад бод, вале кӯҳ ба ҷо мемонад.*

**Ӯзбакбойи Раҳмон** (1958) аз ҷумлаи инсонҳои дилсӯзи миллат, омӯзгори дақиқназар ва таърихшиноси воқеънигор аст. Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 43 дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мегирад. То замони бознишаста шудан (2020) дар мактабҳои Эҷ ва Сойхурд ба унвони муаллими таъриху ҷамъиятшиносӣ фаъолият мекард. Чанд муддат мудирияти мактабро ба уҳда дошт. Ӯзбакбойи Раҳмон муаллифи мақолаю очеркҳои фаровонест, ки доир ба мавзӯъҳои илмию ахлоқию фарҳангӣ нигошта ва аксаран дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Садои мардум», «Маърифат», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Овози Самарқанд», саҳифаи тоҷикии «Илғор чорводор» (ҳоло «Нурнома») чоп шудаанд. Бисёр пажӯҳишҳои Ӯзбакбойи Раҳмон ба таҳқиқи мавзӯоти нахустин рӯзномаи форсии тоҷикон – «Бухорои шариф», таърихи гузаштаи минтақа ва кӯҳистони Нурато, таҳлил ва интиқоди китобҳои дарсӣ марбут мебошанд. Китоби «Розҳои таърих» (Навоӣ: «Алишер Навоӣ», 2016) беҳтарин дастоварди муҳаққиқ аст, ки маҷмӯи мақола ва очеркҳои ӯро фаро мегирад.

**Шакар Деҳқон** (1958 – 2010) дар кӯҳистони Нурато ва фаротар аз он бо номи шоирӣ шуҳрат ёфтааст. Агарчи таҳсилоти олӣ надошт ва аз мактаби шоирӣ нагузашта буд, бо истеъдоди фитрию модарзодӣ шеърҳои сараю равон мегуфт. Ӯ шефтаю ошиқи ашъори устоди сухан Лоиқ Шералӣ буд. Беҳтарин сурудаҳои худро дар шакли дубайтӣ меофарид:

*Дилу ҷонам фиғон дорад, гули ман,*
*Баҳори ман хазон дорад, гули ман.*
*Пас аз маргам суроғи шеъри ман кун,*
*Шакар шеъри равон дорад, гули ман.*

Ин шоири содадил, вале худогоҳ натавонист умри дароз бинад. Аз сактаи бемаҳали қалб аз по афтод ва дар синни панҷоҳу сесолагӣ зиндагиро тарк кард. Бо ин ҳол, дар тӯли умри кӯтоҳи худ тавонист як дафтари хурди ашъорашро бо номи «Мавҷҳои Сойхурд» (Тошканд:

«Ӯзбекистон», 2000) ба чоп расонад.

**Саодати Ӯзбекбой** (Бекназарова) фарзанди шоистаи муаллими бузург Ӯзбекбойи Рӯзӣ 1-уми июли соли 1961 дар деҳаи Эҷ таваллуд меёбад. Соли 1978 пас аз хатми мактаби миёна дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсилоти олиро фаро мегирад. Саодатбону ҳамсари яке аз равшанфикрони эҷӣ, ки дар тӯли умри кӯтоҳи худ ба унвони як тан зиёӣ ва коршиноси бахши омӯзишу парвариш шинохта шудааст, шодравон Ғоибназари Бекназар мебошад. Онҳо ҳамроҳ бо ҳам чандин сол заҳмати омӯзгориро кашидаанд, дар мактабҳои тоҷикии Эҷ, Ургут, Пахтакор бо пешаи муаллимӣ машғул шуда, чархи рӯзгор гардондаанд. Дар ибтидои солҳои навад Саодатбону бо оилаи худ муқими Тошкандшаҳр мешавад ва фаъолияташро дар шуъбаи тоҷикии Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ идома медиҳад. Сипас, баъд аз ихтисор шудани ҷойҳои корӣ дар радио, бо даъвати мудирияти рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ин идораи муътабар ба кор мепардозад. Қобили зикр аст, ки Саодати Ӯзбекбой гузашта аз овози нарму дилнишин, ки барномаҳои садо ва симоро обод мекард, қалами бурро низ дорад. Мақола менависад, тарҷума мекунад, матолиби ҷолибу хонданиро таҳия менамояд. Ӯ ба унвони як тан эҷодкор ва рӯзноманигори моҳир дар байни аҳли илму адаб ва халқ шинохта шудааст. Аллакай чанд ҳикояро аз осори адибони ӯзбек бо шеваи ба худ хос ба тоҷикӣ баргардондааст. Худаш низ ҳикоя менависад. Забони иншояш латиф ва бадеияти қаламиҳояш дилпазир аст. Саодати Ӯзбекбой ҳоло бори муҳарририи бахши «Мактаб ва маънавият»-и рӯзномаро бар дӯш дорад.

Ҷавонмарди суханошно **Раҳмони Содиқ** фарзанди устоди таъриху тарбияи ҷисмонии мактаби рақами 43, муаллими қадрдон Ҷӯрақули Содиқ (рӯҳашон шод бод!) табъи равон дорад ва пинҳону ошкор шеър мегӯяд, бо мутоиба ва латифаҳои намакин дили ҳамнишастони худро шод мегардонад. Ӯ 8-уми феврали соли 1972 дар деҳаи Эҷ таваллуд ёфта, дар ҳамин ҷо таҳсилоти миёнаро фаро мегирад.

Боиси масаррат аст, ки ҷавононе ба монанди Раҳмон дар мағзи дараҳои кӯҳӣ умр ба сар бурда, ҳамқадами замон ба дӯш кӯлбори рӯзгорро бардошта, пайваста барои поку беолоиш нигаҳ доштану тарвиҷи забони ноби форсии тоҷикӣ саъю талош доранд. Ӯ аз

ҷумлаи одитарин инсонҳои деҳотӣ ва мардони вафодор буда, имрӯз бо хислатҳои ҷавонмардонаи худ, бо заҳматҳои софдилонааш, ки ҳам ошпази шинохта асту ҳам деворзани моҳир ва ҳам махсуми боимон, ба дилу дидаи мардум роҳ ёфтааст. Раҳмон забони бурро, садои ҷаззоби гӯяндагӣ ва беш аз ин ҳама, воқеан лутфу табъи равони шеъргӯйӣ дорад. Агарчи ҳанӯз китоберо ба чоп нарасонидааст, чанд дафтари дастнависи ӯ даст ба дасти мардум мегардад. Раҳмони Содиқ дӯстдори забони модарист ва ба хотири пешрафту пойдории он доиман дар талош аст:

*Садою нағмаи кабки дариро*
*Иваз бар бонги чуғзи шум накардам.*
*Миёни сангу шаххо зистам, лек*
*Забони модариро гум накардам.*

Олими ҷавони эҷӣ **Зоҳид Деҳқонзода (Қӯрғонов)** яке аз пажӯҳишгарони фаъол дар соҳаи забону адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Ӯ дотсент ва муаллими аршади кафедраи забони тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ аст ва дар айни ҳол аз рӯйи мавзӯи «Унсурҳои ёвари сервазифа дар осори садаҳои X – XIII» таҳқиқоти докторӣ анҷом медиҳад.

Зоҳид Деҳқонзода 25-уми декабри соли 1983 дар деҳаи Эҷ ба дунё меояд. Пас аз хатми мактаби миёнаи деҳаи Эҷ ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд дохил мешавад. Солҳои 2006–2009 дар шуъбаи аспирантураи ҳамин донишгоҳ ба ҳайси аспирант таҳсил менамояд. Зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Ҳасанов дар мавзӯи «Муродифоти ашъори Фарзона» пажӯҳишҳои илмӣ анҷом медиҳад ва соли 2009 номзади илмҳои филологӣ мегардад.

Зоҳид Деҳқонзода ҳамчун пажӯҳишгари риштаи забоншиносӣ аллакай бештар аз 80 мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ба табъ расондааст. Ӯ дар чандин конфронси минтақавӣ, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, доир ба ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва Мавлоно Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо, таҳти мавзӯъҳои «Ҳавзаи кишварҳои Наврӯз», «Унсурҳои ёвари сервазифа дар «Гулистон»-и Саъдӣ», «Корбурди пайвандакҳо ба вазифаи ҳиссачаҳо», «Роҳи абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё», «Робитаҳои адабӣ ва муколамаи фарҳангҳо» маърӯзаҳо хондааст.

Муҳаққиқи ҷавон барои донишҷӯён се дастури омӯзишӣ доир ба фанни забони адабии тоҷик ва практикуми забони тоҷикӣ интишор намудааст. Мақолаҳои илмию омӯзишии ӯ таҳти номҳои «Мавқеи пешоянду пасояндҳои сервазифа дар осори садаҳои X–XIII», «Вазифаҳои муҳими пайвандакҳо дар осори садаҳои X – XIII», «Бархе аз вижагиҳои гӯиши Нуратои Ҷумҳурии Ӯзбекистон», «Достони таърихии як пораи хоки ватан» ва ғайра мавриди мутолиаи ҷиддии донишандӯзон ва пажӯҳишгарон қарор гирифтаанд.

Гузашта аз муҳаққиқу сухангустароне, ки дар боло ёдовар шудем, чандин равшанфикри дигар, фарзандони баору номуси кӯҳистони Нурато низ дар пешрафту такмили забони модарӣ ва арзишҳои миллӣ саҳми босазо гузоштаанд ва имрӯз ҳам ин анъанаи нек идома меёбад. Омӯзгори шинохта Қазоқ Шоев, таъсисгари ягона коллеҷи тоҷикии кӯҳпоя дар Ӯхм Рустам Аҳлиддинов, номзадҳои илми филологӣ, забону адабиётшиносон Абдуҷалили Орзумурод ва Назруллоҳ Расулзода, рӯзноманигор Ширин Амон (рӯҳу равонашон шод бод!) ва муаллимону зиёиёни пешқадам, ба мисли, Абдукарими Шариф, Гуландом Субҳон, Рустамҷон Раҳматуллозода, Намоз Маҳмуд, Сарибой Ярашиён, Алпомиш Давлатзода, Узоқбойи Мурод, Қурбонгули Йӯлдош, Раҳимшоҳ Шарифзода, Фарҳоди Неъмат, Анорбойи Назар, Дилмуроди Қӯзӣ, Элмуроди Рӯзӣ, Парвин Холиқзода, Холбикаи Нурназар, Нуруллоҳ Солеҳзода, Умедаи Орзумурод ва чандин нафари дигар бо таблиғот ва мақолаю нигоштаҳои худ дар мавзӯъҳои гуногун рушду такомули забони тоҷикӣ (форсӣ)-ро таъмин кардаанд ва ҳоло ҳам ба пешрафти он мусоидат менамоянд. Ахиран рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар», «Овози Самарқанд» минбари асосии зиёиёни тоҷики кӯҳистони Нурато ба шумор меравад. Дар ин хитта пояи забони порсӣ устувор аст, мардуми маҳаллӣ – тоҷикон дар ҳар гуна шароит омодаанд забони модарии худро ҳифз кунанд ва онро дар ниҳояти салисию пуррагӣ ба авлоди оянда расонанд. Китоби «Гули санг» далели боэътимодест, ки ин гуфтаро ба таъйид мерасонад.

Дар ин маҷмӯа шарҳи ҳол ва намунаҳо аз ашъору осори насрии беҳтарин адибони деҳоти тоҷикнишини кӯҳсори Нурато гирд оварда шудааст. Шоиру нависандагон Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Қувноқ, Бекназар Тӯйназар, Паймон, Абдулло Субҳон, Пайванди Гулмуродзода, Қироншоҳ Шарифзода, Пайғом, Юнуси Имомназар, Ҳикмат Султонзода, Шакари Сайфӣ ва Фаридуни Фарҳодзод – ҳама дар рустоҳои кӯҳистонии силсилакӯҳи Нурато зода шудаанд ва дар

адабиёти муосири тоҷик мақому нақши хосса доранд. Умед аст, ин маҷмӯа барои тамоми пажӯҳишгарон, мунаққидон ва адабиётшиносон ҳамчун як манбаи муҳимми омӯзишу таҳлил ва барои дӯстдорони шеъру насри балеғ ба унвони китоби адабию бадеӣ ва дӯсту ҳамдами лаҳзаҳои танҳоӣ хидмат мекунад.

***...Ӯ гули санг асту номаш –***
***зинати ӯ.***
***Ӯ гули санг аст –***
***сангин қисматаш,***
***Гарчи гул аст, ёри санг аст.***

Аз ҳомиёни китоби мазкур, фарзандони олиҳиммати марҳум Ҷамоли Орзумурод – Хайём ва Ҷалол, ки ба таври кул ҳазинаи таҳия, таҳрир, тасҳеҳ ва чопи маҷмӯаро аз маҳалли сандуқи хайрияи «Мероси Ҷамол» ба уҳда гирифтаанд, изҳори сипос ва қадрдонӣ мекунем.

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР,**
**мураттиб ва муҳаррири китоб**





# БАҲРОМ ФИРӮЗ
## (1939 – 1994)

Баҳром Фирӯз (Бобоевич) якуми ноябри соли 1939 дар деҳаи Бузургатои шаҳристони Нурато, ки он замон ҷузви вилояти Самарқанд буд, дар хонаводаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ мекушояд. Вақте ки ба синни мактабхонӣ мерасад, аҳли оилааш ба рустои кӯҳистонии падар – Устук нақли макон мекунанд. Таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро дар ҳамон ҷо мегирад. Соли 1952 ба шаҳри Самарқанд меояд ва хондани худро дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Самарқанд идома медиҳад.

Баҳром Фирӯз соли 1957 ба бахши таъриху филологияи Институти давлатии педагогии ба номи С. М. Кирови шаҳри Ленинобод – ИДПЛ (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дохил мешавад. Маҳз дар овони донишҷӯйӣ Баҳроми ҷавон ба маҳфили «Адибони ҷавон» мепайвандад ва нахустин шеърҳои худро эҷод мекунад. Нависандаи маъруф Раҳим Ҷалил аввалин устоди ӯ буд, ҳусну қубҳи шеърҳояшро холисона баён мекард. Соли 1962 пас аз итмоми таҳсилоти олӣ бо тавсияи устодон дар кафедраи адабиёти донишкада ба кор оғоз менамояд. Ӯ дар канори омӯзгорӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи амиқи адабиёт ва адабиётшиносӣ камари ҳиммат мебандад.

Баҳром Фирӯз 4-уми январи соли 1964 бо духтари хуҷандӣ Саида издивоҷ мекунад. Қиссаи ҷаззоби ӯ – «Рухсора» илҳом аз он давраи пуртазоди ошиқӣ мебошад.

Адиб 27-уми феврали соли 1964 бо оилааш ба Душанбе меояд ва дар Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон ба унвони шоир-мушовир ба кор шурӯъ мекунад. Дар ин ҷо ҳамзамон бо интихоби матни суруду операю кантатаҳо барои оҳангсозон, ба кори адабиёту рӯзноманигорӣ низ ҷиддан машғул шуда, навиштани шеър, мақолаву очеркҳоро идома медиҳад. Гузашта аз қаламиҳои бадеӣ, тақризҳои ӯ ба китобҳо, тарҷумаҳояш аз намунаҳои адабиёти ҷаҳон пайваста ба чоп мерасанд. Бо киностудияи «Тоҷикфилм» низ ҳамкориҳо намуда, матни комили филмҳои бадеиро аз русӣ ба тоҷикӣ баргардон мекард.

Адиб пас аз сокини пойтахт шудан муҳаррирӣ ва сардабирии бахши адабӣ ва намоишномаҳоро дар Кумитаи давлатии телевизион

ва радиошунавонӣ ба уҳда мегирад. Соли 1969 кори телевизионро ба рӯзноманигорӣ иваз намуда, ба идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») меояд. Ҳамон сол бо даъвати раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода фаъолияти худро ба унвони мудири шуъбаи интиқоди адабии маҷаллаи «Садои Шарқ» оғоз мекунад.

Баҳром Фирӯз дар канори фаъолиятҳои касбӣ асло аз гуфтани шеър даст намекашад. Чунончи, ба чоп расидани шеъри «Соя» дар яке аз маҷаллаҳои бонуфузи Эрон (соли 1965) шавқу шӯри зиёдеро дар байни форсизабонон ба вуҷуд овардааст. Бо вуҷуди он ки Баҳром Фирӯз ҳамчун шоир соли 1971 ба узвияти Иттифоқи нависандагони СССР (собиқ ИҶШС: Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ) қабул шуда буд, дар идомаи фаъолиятҳои эҷодии хеш таълифи насри бадеӣ, аз ҷумла, ҳикояро низ ҷиддан пайгирӣ мекунад. Ҳамин тавр, бо шурӯи кор дар маҷалла, Баҳром Фирӯзи шоир ба наср рӯ меоварад ва соли 1971 аввалин ҳикояашро бо номи «Бобо» дар моҳномаи «Садои Шарқ» ба табъ мерасонад. Аз он солҳо худи нависанда чунин хотираҳоеро баён кардааст: *«...Устодони муътабари ман Фазлиддин Муҳаммадиев ва Муҳаммадҷон Шукуров бо сабру тоқати зиёд нуқсонҳои маро ислоҳ мекарданд, ба ман дарси нависандагӣ медоданд. Оқибат, рӯзе Фазлиддин Муҳаммадиев баъди хондани дастнависи як ҳикояи ман ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» омада, маро табрик карданд ва гуфтанд, ки бо ин ҳикоя ман расман ба сафи нависандагон даромадаам. Ин воқеа соли 1971 буд ва он ҳикоя «Бобо» ном дошт».*

Баҳром Фирӯз аз соли 1978 то аввалҳои соли 1980 ба унвони мудири идораи адабиёти бачагону наврасони нашриёти «Маориф» анҷоми вазифа кардааст. Дар ҳамон солҳо ««Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»-и устод Сотим Улуғзода, маҷмӯаи «Галаситора», панҷ ҷилди «Тазкираи адабиёти бачагон» ба чоп расида буданд, ки таҳияи ҷилди дуюми насрро Баҳром Фирӯз ба уҳда дошт. Дар нимаи дувуми соли 1980 мудири шуъбаи адабиёти бадеии рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» мешавад, вале соли 1981 дубора ба нашриёти «Маориф» бармегардад.

Баҳром Фирӯз вақтҳои холии худро аксаран дар оғӯши табиат мегузаронд. Пешаи занбӯрпарварӣ аз шуғлҳои дӯстдоштаи ӯ буд. Ҳамсари меҳрубонаш Саида Бобоева ва фарзандони некухислат ҳамеша аз шавқу завқҳои ӯ дастгирӣ менамуданд.

Вақте ки кишвар ба гирдоби ҷангҳои шаҳрвандӣ кашида мешавад, нависанда ба сурати муваққат аз пойтахт ба Хуҷанд меояд. Бо вуҷуди

фишору азиятҳои рӯҳӣ, ӯ дар Хуҷанд низ аз кори эҷод даст намекашад. Адиб фаъолияти худро дар шуъбаи Иттиҳоди нависандагони вилояти Ленинобод (ҳоло номи вилоят Суғд аст) идома медиҳад ва дертар дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба унвони муҳаррир анҷоми вазифа менамояд. Бо ибтикори нависанда таъсису нашри маҷаллаи нави «Сайҳун» ба роҳ меафтад ва ӯ то охири умр сардабири маҷаллаи мазкур буд.

Баҳром Фирӯз 25-уми сентябри соли 1994 аз олам чашм мепӯшад. Марқади ӯ дар боғи сабзу хуррами қабристони «Гумбази Қошуқ»-и шаҳри Хуҷанд қарор дорад. Ба рӯйи санги гӯри адиб мисраъҳои худашро китобат кардаанд:

*Аз марг амон кӣ ёфт, то ман ёбам,*
*Боз умри ҷавон кӣ ёфт, то ман ёбам.*
*Шеърам ҳамагӣ паёми фардои ман аст,*
*3-ин беш ҷаҳон кӣ ёфт, то ман ёбам?*

Бо қарори ҳукумати шаҳри Хуҷанд, ба шумораи 285, таърихи 25.09.2014, яке аз кӯчаҳои навбунёди микроноҳияи 14-ум ба номи шоир ва нависанда Баҳром Фирӯз гузошта шудааст.

Баҳром Фирӯз нахустин барандаи ҷоизаи навтаъсиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – Ҷоизаи ба номи устод Айнӣ мебошад (соли 1991). Ӯ муаллифи маҷмӯаҳои зерин аст: «Розҳои маҳтобшаб» (шеърҳо / Душанбе: «Ирфон», 1967), «Силсила» (шеърҳо / Душанбе: «Ирфон», 1967), «Пайи ситора» (ҳикояҳо / Душанбе: «Маориф», 1975), «Ганҷ аз вайрона» (қисса ва ҳикояҳо / Душанбе: «Маориф», 1978), «Рухсора» (қисса / Душанбе: «Ирфон», 1978), «Ту танҳо не» (қисса ва ҳикояҳо / Душанбе: «Маориф», 1980), «Ты не одинок» (қисса ва ҳикояҳо ба забони русӣ / Москва: «Детская литература», 1981), «Ҳақиқати талх» (ҳикояҳо / Душанбе: «Ирфон», 1981), «Аз арш то фарш» (қисса ва ҳикояҳо / Душанбе: «Маориф», 1983), «Тафти дил» (шеърҳо / Душанбе: «Ирфон», 1984), «Тору пуд» (қисса ва ҳикояҳо / Душанбе: «Маориф», 1985), «Агар вай мард мебуд…» (қиссаҳо / Душанбе: «Адиб», 1987), «Пеш аз шаби арӯсӣ» (ҳикояҳо ва қиссаҳо / Душанбе: «Адиб», 1989), «Была бы она мужчиной» (қисса ва ҳикояҳо ба забони русӣ / Душанбе: «Адиб», 1990), «Саҳнаи гардон» (мақола ва очеркҳо / Душанбе: «Адиб», 1993), «Ғафлатзадагон» (роман / Душанбе: «Адиб», 1999).

Бархе аз ҳикояҳо ва силсилаи шеърҳои Баҳром Фирӯз ба забонҳои ҷумҳуриҳои ИҶШС собиқ тарҷума шудаанд. Баробари ин, асарҳояш дар кишварҳои берун аз Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Булғористон, Чехия, Словакия ва Ҷопон низ интишор ёфтаанд. Азбаски адиб забони русиро ҳамчун забони модарӣ хуб медонист, силсилаи ашъор ва достонҳои адибони рус ва кишварҳои дигар, аз ҷумла, М. Лермонтов, А. Блок, Ҳ. Олимҷон, Д. Кугултинов, Ф. Алиева, шеърҳои шоирони булғор, осори насрии П. Свирки, А. Грин («Бодбонҳои қирмизӣ») ва матни беш аз панҷоҳ филмномаро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Дар матбуоти ҷумҳурӣ бо мақола ва очеркҳои мухталиф роҷеъ ба мушкилоти адабиёт, фарҳанг, иқтисод ва сиёсат пайваста баромад карда, аз ин роҳ дар ташаккули фазои фарҳангии кишвар нақши муассир гузоштааст.

## ҲИКОЯҲО

### ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

Аз саргузашти рӯзҳои бачагиам бисёр воқеаҳоро ҳикоя кардаам, аммо ин ҳодисаро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳам. Вале чӣ кор кунам, ки он мудом дар нӯги забонам, шабу рӯз дар сарам ҷӯлидагеш, ҷӯлидагӣ. Аз афти кор, то онро нагӯям, маро аз ин шиканҷа халосӣ нест. Агар гуфтанаш осон мебуд кайҳо онро мегуфтам, лекин... Ҳар як кори чигил ана ҳамин хел «лекин» дорад. «Лекин»-и ин воқеа як сирри намегуфтагӣ. Ҳар сирре, ки онро ба кас гуфтед, сир нест. Хуллас, имрӯз ман ин сирро гуфта, аз бори гароне, ки қариб чоряк аср ба дӯши дили бечораам бардошта гаштам, халос мешавам. Хато ва гуноҳ, ҳаргиз виҷдони одамиро осуда намегузорад: гӯй, барои чӣ руст мекунӣ гуфта, дилро харошидагеш, харошидагӣ. Ман аз гуфтани ҳақиқат, ҳарчанд ки бисёр талх аст, наметарсам ва шарм ҳам намекунам. Одати ман ҳамин аст: ҳама гапро бояд гӯям. Агар баъзе чизҳоро нагӯям, он ҳам бесабаб не: ё ҳамон воқеа ба гуфтан намеарзад, яъне, ҳақиқати ба мардум нодаркор аст ва ё, чунон ки Шайх Саъдӣ овардааст, рости фитнаангез ва зарарноке, ки аз гуфтан ногуфтани он авло. Қисса кӯтоҳ, он саргузашти нохушамро мегӯям. Ба ҳар ҳол, он ба ман сабақи зиндагӣ гашта буд.

Аввал бояд гӯям, ки дадаам он солҳо ҳозира барин пири хушҳолу чақ-чақӣ набуданд. Ман агар дадаам гӯям, шумо як марди хода барин

дарозу лоғар, чашмонаш дар косахона шиштагӣ, коркун, камгап ва хеле ҷиддию вазнин, ҳатто аз ҳад зиёд ҷиддиро пеши назар оред. Инро ба ман бачаҳо ҳам мегуфтанд. Онҳо ҳаминро ҳам таъна мекарданд: «Дадаат одами бадҷаҳл барин». Аммо ман нағз медонам, ки дадаам ҳеч гоҳ бадҷаҳл набуданд, фақат кам механдиданд, ҳатто ки қариб намехандиданд. Сабаби кам хандиданашонро худам ҳам намедонам. Балки солҳои баъди ҷанг талабот аз мардумон ҳамин хел буд, кӣ медонад? Барои намозу рӯза, барои хатна кардани бачаашон баъзеҳоро ҷазо медодаанд-ку! Тағоии очаамро барои он ҳабс карда будаанд, ки дар хонаашон китоби куҳнаро нигоҳ медоштаанд.

Он солҳо дадаам бегоҳӣ аз кори саҳро димоғашон гирифтагӣ, хастаю шалпар меомаданд. Қавоқашонро накушода болои кундаи ҳезумкафонӣ амонат менишастанду як бор уф кашида мондагиашонро мебароварданд. То дӯғоб оварда додани очаам бо мо саволу ҷавоб карда, як-ду супориш медоданд. Баъди дӯғобро дам кашидан, каландашонро гирифта ба замини рӯйидаричаамон мерафтанд. Дар он ҷо то шом кор мекарданд. Очаам мегуфтанд, ки ҳамин як парча замини рӯйидарича хонаводаи моро ба по рост медорад. Албатта, ман он солҳо маънии ин гапро дуруст намефаҳмидам.

Аслан, чандон хурд ҳам не, дувоздаҳсола будам. Ҳанӯз дуруст каланд зада натавонам ҳам, дигар корҳоро нағз ухда мекардам: киштро об додан, ба молҳо алаф овардан, хошок даравидан, аз кӯҳ ҳезум овардан. Ҳатто ду-се бор додарам кати ба осиёб ҷуворӣ бурда, орд карда омадам. Додарам – Салим он солҳо дар синфи сеюм мехонд. Ман аълохон гуфта баъзан аз худ мерафт. Ҳар чизе биёранд, вай нағзашро мегирифт. Каҷу килеб сурат мекашиду рассом мешавам, мегуфт. Доим дар кисааш ангишт ё бӯр, тахтасангҳои сари роҳро кажумаж хат кашида, пур мекард. Ҳатто сурати Алопарро дар санг оҳан кати канд, он сурат дигар намеравад. Баъди Алопарро аз даст доданамон Салим ҳар бор ҳамин суратро нишон дода, ба ҷароҳати дили ман намак мепошид.

Худи Салим бачаи бад не, аммо гоҳ-гоҳ зуъмию якравӣ дорад. Азбаски ӯ харобу лоғару рангпарида аст, очаам баъзан аз ман рустӣ ба вай саршир медиҳад. Гурбаи шум барин чанд бор аз хонаи дарун саршир хӯрда, лабонашро лесида баромаданашро дидам. Бо вуҷуди ин, думчаи мурӯд барин гардани борикаш, каллаи ошкаду барин калонашро базӯр дошта истодааст. Амакам мегӯянд, ки биниашро кашӣ, ҷонаш мебарояд. Қувваташ нест: пуф кунед, меғалтад.

Рӯзе ману Салим ба кӯҳ барои ҳезум рафтем. Аз хонаи мо кӯҳ дур не, агар пиёда, бебор равед, яксоата роҳ аст. Сагчаамон Алопар ҳам афтону хезон аз қафоямон рафт. Сагча ҳанӯз хурд буд – думоҳа ё семоҳа. Вақти таваллуди онро намедонем, чунки мо онро аз лойхандақи қафои идораи колхоз ёфтем. Чунон ба лой ҷӯлидагӣ буд, ки чӣ махлуқ будани онро дониста намешуд. Ҳамсояамон Гулсумхола онро «бачаи шағол барин» гуфтанду очаам ҳам ба фикри он кас шарик гаштанд:

– Аз кадом гӯр ёфтӣ, гӯрков? Охир ин шағол...

– Ман не, Салим ёфт, сонӣ ман даромада гирифтам, – аз эҳтиёт ба ин гуноҳ шарик будани додарамро гӯшзад кардам. Кӣ медонад, кор оқибат чӣ ранг мегирад? Баногоҳ ягон гап хезад, гуноҳро тақсим кардан хуб аст. Аълохонӣ ва нимҷонии Салимро дар назар дошта, ҷазоро сабуктар мекунанд ва ё тамоман мебахшанд.

– Агар ин бачаи шағол бошад, шаб очааш кофта мебиёду якта ҳам мурғ намемонад, – тарсонданд очаам. Баъд ба ҷонвари дир-дир ларзида истодагӣ раҳмашон омад магар, гуфтанд: – Ба пеши бобот бар, ки бинанд, чӣ махлуқ аст. Холаи Гулсум бачаи шағол гуфтанд, гӯй.

Ман он ҷонварро бардошта, ба тарафи ҳавлии бобоям давидам. Салим аз қафоям метохт. Ҳавлии бобоям дур не, дар он дасти сой, пеши замини рӯйи даричаамон. Бобоям дар офтобрӯ ҷули харашонро дӯхта менишастанд. Он кас ҷонвари ёфтагиамонро пасу пеш гардонда диданду гуфтанд:

– Кучукбача-ку.

– Ура, кучукбача! – Ман онро гирифта сӯйи ҳавлиамон тохтам.

Салим бо фиғону ҳаёҳу аз қафо омад, ки сагча азони вай аст, чунки онро вай ёфт. Мо аз ин хусус зуд ба сари муросо омадем: сагча аз они ҳардуямон. Медонистем, ки аз дусар онро ду ҳис карда намешавад ва ягонтаамон аз он даст намекашем. Ҷое, ки ба ғайр аз муросо дигар чора нест, талош бефоида буданашро мо нағз медонистем.

Сагбачаро дарҳол шуста пок-покиза кардем. Ало будаст, Алопар ном додем. Ҷонвар аз гушнагӣ қариб ба мурдан расидаст. Мо аз лойдон гирифта ҷойи он, ки хӯрокаш диҳем, ба муқаррар кардани зоту зурриёти он машғул будем. Бечора чунон ба ширу нон дарафтод, ки...

Баъд барои Алопар дар ҳавлӣ аз сангу лой хонача сохта, ба тагаш пахоли мулоим андохтему аз болои пахол як порча пӯстаккуҳна партофтем.

Ману Салим ба куҷо равем, чӣ кор кунем, Алопар ҳамроҳ буд. Афтону хезон мерафт, агар бишинем, мешишт, тозем, метохт, баъзан

аз ягон чиз хурсанд, баъзан аз рӯбарӯшавӣ бо ягон ҳайвон дар тарсу ҳарос. Ҳамроҳи мо Алопар ҳам кам-кам калон мешуд.

Як моҳ нагузашта вай одамони атрофамонро аз бегонагон фарқ мекард. Агар аз ҳамсояҳо касе ё хешу табори наздик ба ҳавлӣ дароянд, як-ду бор аккос зада, моро хабардор мекарду бас. Не, агар ягон одами бегона ё ба вай ношинос дарояд, то аз хона баромада «хап шав» нагӯем, ором намешуд. Алопар ҳатто молҳои моро аз моли бегона фарқ мекард. Ҳар бегоҳӣ чун рама меомад, модагов ва чор бузи мо ҷудо шуда ба ҳавлӣ медаромаду моли сиёҳ ба сари мехаш, моли реза ба қӯтанча мерафт. Агар ягонта мол қоидаро вайрон карда, ба тарафи дархона ва гӯшаи ниҳолу гулзор гузаштанӣ шавад, Алопар валвала сар мекард. Махсусан, агар ба ҳавлӣ моли бегонае дарояд, то онро аз дарвоза берун наронад, Алопар ором намегашт. Аккосзанон, баъзан тарсону ҳаросон аз қафои он мол метохт, таҳдид мекард, зорӣ менамуд, то ки зудтар аз ҳавлӣ барояд. Шаби аввали як сар гӯсфанди ҳисорӣ хариданамон саги бечора шаби дароз хоб накард, хавотир буд. Гумонаш, ин моли бегона моро фиреб дода ба ҳавлӣ даромадасту қасде дорад, ними шаб ё вақти саҳар, ҳангоми хоби ғафлати мо ягон нобакорие карданист.

Алопар ба очаам бағоят маъқул афтода буд. Хусусан, баъди як воқеа ғамхории он кас ба сагча афзуд, ҷонвараки дастнигарро назарашон гирифт ва ҳароина ҷонибдорӣ мекарданд. Воқеа ин тавр рух зад: он солҳо дар деҳаи мо на электр буду на яхдон. Мо ҳатто номи яхдонро нашунида будем. Не, хато кардам, бибиам ҳикоя карда буданд, ки пеш аз инқилоб ва колхозӣ дар деҳа баъзе давлатмандон ва ҳалвопазон таҳхонаи чуқури serizaminӣ кофта, зимистон дар он барфро ғун мекардаанду аз болояш хок мепошидаанд. Он барф дар тобистон кам-кам об шавад ҳам, адо намегаштаст. Таҳхонаи барфдор вазифаи яхдонро адо мекардаст. Ба ғайр аз ин, дар саратон аз барфи он яхобу яхмос, ҳалвою нишаста месохтаанд... Сари суханам чӣ буд?.. Ҳа, дар деҳаи мо он солҳо на яхдон буду на электр. Дӯкони гӯштфурӯшӣ ҳам набуд. Одати мардуми мо чунин аст: ҳар хонавода ягон буз ё гӯсфандашро кушта, гӯшти онро хушк карда мегираду муддатҳо воситаи дегҷӯшӣ месозад. Очаам барои дам наоварда хушк шудани гӯшт онро намак зада, шабҳо шаддавор ба чӯб мегузаронданду дар шамолгаҳ меовехтанд... Шабе аз шамоли сахт як лахти калони гӯшт канда гашта ба замин афтодаст. Алопар то саҳар дар сари он пораи гӯшти ба замин афтодагӣ посбонӣ карда, гурбаҳоро раҳ надодаст. Саҳар очаам аз хоб хезанд, Алопар дар назди гӯшти афтодагӣ фукаш

ба рӯйи ду пояш, аз гӯшт чашм наканда менишастаст. Очаамро дида, ба назди он кас тохтаст, баъд ғишингос зада боз ба сари гӯшт рафта воқеаро фаҳмондаст. Аз таҷрибаи солҳои дароз мо медонистем, ки агар Алопар набошад, аз гӯшти ба замин афтодагӣ ному нишон намемонд. Ҳатто баъзе гурбаҳои ганда ҷаҳида гӯштро аз тор гирифта мебурданд.

Алопар саги боақл буд, аммо ман беақлӣ карда онро аз даст додам. Аслан, аз даст доданам беақлӣ не, баръакс, пионер бояд ки айнан хамин хел амал кунад, мегӯянд муаллимон. Хайр, рости гап, андаке аз ман ҳам гузашт... Барои ин то ҳол виҷдонам маро гоҳу бегоҳ дар шиканҷа гирифта, азоб медиҳад. Ман дигар саг напарвардам. Сагу сагбача гӯянд, Алопар ба ёдам мерасаду дар як дам вуҷудам таб мебарорад.

Ҳамон рӯз ману Салим арғамчину табарча гирифтему ба кӯҳ ҳезумкунӣ рафтем. Алопар ҳам ҳамроҳ буд. Мо ду пуштора ҳезуми хушкро баста, акнун ба роҳ медаромадем, ки аз пушти ёлаи кӯҳ рамаи колхоз баромаду ду саги хирс барин барзангӣ аккосзанон ба сӯйи мо тохтанд. Аз тарс саросема ҳар ду ҳам ба як дарахти арча баромадаем. Бечора Алопар дар бехи дарахт тарсону ларзон, беҷуръатона ак-ак карда, он ду балоро пешвоз гирифт. Мо бо доду фарёд чӯпонро ба ёрӣ ҷеғ задем.

Сагҳои рама бо фукҳои ғафсу вахмангези худ Алопарро бӯй-бӯй карда диданду аз афти кор, боварӣ пайдо карданд, ки ин ҷонварак аз авлоди гург ё шағол не, бо он шӯхию бозӣ оғоз намуданд. Аз ҳаракатҳояш маълум буд, ки Алопари шӯр чандон рағбати бозӣ надошт ва аз ҳазлу шӯхиҳои онҳо метарсид, илоҷе ёфта канортар гурехтан мехост, аммо он ду саги барзангӣ ду-се ҳаллос зада, сари роҳи вайро мегирифтанд.

Хайрият, чӯпон расида омаду сагҳоро аз сари мо дур андохт. Ману Салим аз дарахт фуромадем.

– Ягон дуогӯятон аз таҳи дил дуо мекардаст... Ба шарофати дуо... ин арча будаст, – изҳори мамнунӣ кард чӯпони якдаста.

Бинии ин марди навчаи сурхрӯ айнан ба мисли минқори уқоб хамидагӣ буд.

– Набошад, исқотҳо нагазанд ҳам, сахт метарсонданд.

– Барои чӣ нагазанд, мегазанд, – гуфт Салим, ки ашки чашмаш ҳанӯз хушк нашуда буд. Ман акнун пай бурдам, ки ҳангоми ҳамлаи сагон вай фарёд зада гириста будаст. – Бачаро намегазад. Агар худат кордор шавӣ, гапи дигар ё ба мол расӣ... – чашми чӯпон ба Алопар афтоду онро бах-бах гуфта доштанӣ шуд, аммо сагбача нияти ӯро пай

бурду дур гурехт.

– Ҷеғ зан, сагата як бинам, – хоҳиш кард вай. Баъд гуфт: – Зотӣ барин.

Ман Алопарро доштам. Вай дандонҳояшро гиз карда, таҳдидкорона ар-ар мекарду чӯпонро наздик омадан намемонд. Аммо даҳмарда ба вай эътиное накарда чанг заду аз ёли Алопар бардошт. Сагча ғишингос заду бо ғазаб ба чӯпон дарафтод ва аз чанги ӯ раҳоӣ ёфта онсӯтар гурехт. Баъд ҳимоятҷӯёна ба назди Салим рафту кинахоҳона ба тарафи чӯпон ак-ак задан гирифт.

– Сагбачаро ба мо те, пеши сагҳои мо калон шавад, – гуфт чӯпон ба ман хитобан бо як оҳанги омирона.

– Худамон ҳам калон мекунем, – гуфтам ман бепарво ва ба содадилии чӯпон дар дилам хандидам.

– Ҳайф мекунӣ. Саг саги рама. Миёни мардум вайрон мешавад. Ма, – ӯ як панҷоҳсӯмаи сабзро аз кисабағалаш бароварда ба ман дароз кард.

– Не-е, даркор не, – гуфтам ман хиҷолат кашида.

Ба ман чунин намуд, ки панҷоҳсӯмаро дида, чашмам сиёҳӣ зад. Ташвишомез ба рӯйи Салим нигаристам. Вай гаранг барин бо даҳони боз ба чӯпон менигарист.

– Гир. Ту боз дигараша меёбӣ. Дар қишлоқ чӣ пур, сагбача пур. Ина ба рамаи колхоз те. Ту пионер-ку!.. Шарм намедорӣ?

– Не, ман ба шумо дигараша оварда медиҳам, – бе қатъият сухан гуфтанамро худам ҳам ҳис кардам. Ба панҷоҳсӯма дилам кашол буд, ҳатто метарсидам, ки чӯпон мабодо аз нияташ гашта, онро ба кисааш андозад.

– Ана, ма, гир... Инаш барои додарат, – чӯпон ин дафъа аз ҷайбаш як даҳсӯмии сурхи шараққосиро бароварда ҳамроҳи он панҷоҳсӯмӣ ба кисаи ман андохт. Дигар эътироз баён накардам. – Бихез, ту дор, ман баста мегирам. Пионер бояд ки ғамхори моли давлат бошад...

Ман Алопарро доштам. Чӯпон чолокона бо чилбур онро басту ба фукаш ҳалқа гузаронд. Сипас, ба тапар-тапару ғишинг-ғишинги сагбача эътиборе надода бардошта бурд.

Сагча чунон вовайло бардошт, чупон чингос зада аз мо мадад мехост, ки ман тоб оварда натавониста, рӯямро гардондаму хостам гӯшамро ба карӣ занам, аммо муяссар намегашт. Зорин Алопар аз дуродур ҳам ба гӯшам мерасид.

Фарёди имдодхоҳонаи он, аз миён солҳо гузашта бошад ҳам, то ҳол

дар гӯши ман садо медиҳад ва диламро мефишорад.

Ман он рӯз аз ин муомила хурсанд будам. Ҳазл не, шаст сӯм-а! Албатта, пули он солҳо беқурб буд, аммо дадаам рӯзҳои ид ҳам идипулӣ гӯён ба мо ин хел пули калон надодаанд.

Ба роҳ афтодему дарҳол бо Салим пулро тақсим кардем. Ба вай – даҳсӯмии сурх, ба ман – панҷоҳсӯмии сабз, рангаш қурбоққаи нақшин барин. Мо ба ин пулҳо чиҳо хариданамонро ҳам маслиҳат кардем.

– Аттор ояд, ман чангаки моҳидорӣ мехарам. Боз аз шофирҳо якта гупсари резинӣ мехарам. Сонӣ, дам мекунаму ба оби сой партофта, ба болояш савор то худи ҳавзи Ҷонварсӯз меравам, – гуфтам ман.

– Не, ман ба ин пул қалами ранга мехарам. Сонӣ, чунон суратҳое кашам, ки даҳоната кушода монӣ! – нияташро изҳор кард Салим.

Вай даҳсӯмии сурх дар даст, гоҳ онро аз чашмаш дур, гоҳе наздик оварда менигарист, баъд ба монанди байрақ ба сараш баланд мебардошт.

– Ман савори гупсари резинӣ ба осиё ҳам меравам, ба ҳезум ҳам.

– Ҳой каллагаранг, чӣ хел аз поён ба боло меравӣ? Оби сой ба поён мебараду сонӣ аз обпар чунон гирифта мезанад, ки хари бобом барин парча-парча мешавӣ!..

Ба пули Алопар чиҳо хариданамонро раҳорах расо муҳокима кардем, аммо ин гуфтугузор ҳеч ба диламон намезад.

Ҳамин ки ба ҳавлӣ наздик расидем, диламонро як хавфи номаълум оҳиста-оҳиста туман барин зер кардан гирифт. Аз дасти Алопар як тарафи диламон торик буд.

– Алопара ба чӯпон доданата агар дадаам фаҳманд, тура мекушанд! – Оқибат Салим худдорӣ карда натавонисту буғзи дилашро кушод.

– Барои чӣ? Мо барои рамаи колхоз додем! Чӯпон гуфт-ку агар дар рама калон шавад, саги ҳақиқӣ мешавад... Мумкин Алопари мо ягон вақт рамаро аз ҳамлаи гургон халос кунаду сонӣ... сонӣ ном барорад. «Ин саг аз куҷо?» – гуфта пурсанд, номи моро мегӯянд. Сонӣ Раисбобо мумкин ба мо таърифнома диҳанд. Ба мактаб омада, дар пеши саф... Ин кори ҳазл не. Лекин ҳозир ин сира бояд ба касе нагӯем.

– Ту ба чӯпон гуфтӣ, ки сагча аз ҳардуямон?

– Ҳа... Худат дидӣ, ба ҳардуямон пул дод-ку!

– Хайр, агар ин хел бошад, барои чӣ пула ба кисаи ту андохт?

– Ҳамту, андохт-дия. Сонӣ, ҳар ду тақсим мекунанд гуфта...

Аз он ки Алопар рамаи колхозро посбонӣ мекунад, Салим ҳам ба

ваҷд[*] омад. Вай чунон ба ин гап часпида гирифт, ки тайёр буд ҳозир рафта аз дадаам барои ин корамон шодиёна гирад.

– Лекин ҳушёр шав, мабодо аз даҳонат барояд... Дадаам ин гапҳоро нағз намебинанд. Ҳозир дар ин хусус гап намезанем. Агар пурсанд, мегӯем, ки аз паси мо ба кӯҳ рафт, сонӣ чӯпон дошта гирифту ина барои рама диҳед, гуфт, додем, мегӯем. Пул гирифтем нагӯй, ҷанг мекунанд. Агар надиҳед, шуморо аз пионерӣ мебароранд гуфт, мегӯем.

Салим розӣ шуд.

Аз ваҷҳи пул табъам ночоғ буд. Пушаймон будам, ки чаро пули чӯпонро гирифтам. Хоҳ-нохоҳ агар рӯзе дадаам фаҳманд, ҷанг мекунанд.

Дар ҳавлӣ аз наомадани Алопар аз ҳама пеш бибии пир хабардор гаштанд. Сонӣ очаам пурсиданд. Мо воқеаро, чунон ки маслиҳат карда будем, гуфтем. Очаам бо қаҳр даст афшонданду рафтанд. Ман ба рӯйи бибиам нигариста, дараҷаи гуноҳамро фаҳмидан хостам, аммо фикри он касро ҳаргиз донista намешавад: ягон оҷинги рӯяшон намеҷунбад.

Ман андаке хотирҷамъ гаштам. Баъзан калонсолонро фаҳмида намешавад: барои арзан барин гуноҳатон замину осмонро ба ҳам мезананду аз гуноҳи калон чашм мепӯшанд. Шояд, аҷаб не, дадаам аз ин кори мо хурсанд бошанд?.. Ё мумкин қаҳрашон омадагисту лекин ба хотири Раисбобо моро ҷанг накардагистанд? Раисбобо агар фаҳманд, ки барои сагча моро ҷанг кардаанд, мегӯянд-дия: «Барои моли колхоз як кучукчаатро дареғ доштӣ?! Одамон дар ҷанг ҷон дода, хун рехтанд...».

Аз байн як моҳ гузашт. Дили ман тамом таскин ёфт. Аммо ногоҳ Салим корро расво кард.

Ҳамон рӯз ман таъйинот гирифтам ба осиёб як ҷувол ҷуворӣ бурда, орд карда биёрам. Ба Салим фармуданд, ки барои молҳо аз лаби сой алаф даравида орад. Дадаам саҳарӣ супориш доданду ба кор рафтанд. Бобояму очаам ҷуволи ҷувориро ба хар бор карда доданд. Ман ба болои бор савора ба роҳ афтодам. Салим «ман ҳам ба осиёб меравам» гуфта хархаша кард. Очаам розӣ нашуданд. Салим ғишингос зада аз паси хар равон гашт. Сонӣ аз думи ҳайвон сахт дошта кашида истоду нагузошт, ки хар раҳ гардад. «Сар те» гӯям, сар надод. Дар дастам химчаи тар буд, дарозу борик, саҳл ба сараш расондам ё не, вай аз алам мушт барин санга аз замин бардошту ба сари ман зад. Хун чашма барин ҷорӣ шуд. Очаам тохта омада маро аз хар фуроварданду ба хона

[*] **Ваҷд** – ғояти шавқу шодӣ, завқ

бурда хобонданд, ба ҷароҳат зуд намад сӯхта зер карданд.

Салим ба ким-куҷое гурехта рафту бо ҳамин то ба шом гум шуд.

Дадаам аз кор омаданду воқеаро фаҳмида, пеш аз он ки ба сари полез раванд, ба боми зинхона баромада Салимро ҷеғ заданд:

– Салим!.. Ҳой Салим!.. Салим!..

Дар ин хел мавридҳо овози дадаам монанди раъд гулдуррос мезад ва аз тарафи сой акси садо медод. Фурсате нагузашта Салим пайдо шуд.

– Ҳозир ҷазоята мебинӣ! – гуфтам ҳамчун мазлуми адолатхоҳ бо андаке овози озурда.

Вай аз замин чашм набардошта омаду дар рӯ ба рӯйи дадаам гунаҳкорона истод. Дадаам хомӯш ба сар то пойи вай нигариста, барои бетамизиаш ҷавоб талаб доштанд. Аммо Салим гардани дарозаша ба дарун кашида хомӯш буд. Ҷазои ҳасадхӯр ва нобинам ана ҳамин гӯён, дар дил шодӣ кардам.

– Ҳа, гап зан! – дадаам суханашонро аз зиҳи дандон бароварда, бо ғазаб ба тарафи вай як қадам монданд.

Дадаам моро назананд ҳам, чунин ваҷоҳаташон басанда буд, ки дигар он номаъқулиро такрор накунем.

– Вай... вай Алопара...а-а, ба чӯпон фурӯхт, пулаша гирифта... – ногаҳон канда-канда эълон кард Салим.

Нафаси ман ба дарун заду на ба рӯйи дадаам нигаристам, на ба тарафи Салими хоин.

– А-а? – дубора пурсиданд дадаам.

– Чӯпон аввал панҷоҳ сӯм дод... сонӣ... сонӣ боз... даҳ сӯм...

Салим суханашро ба поён нарасонда «ҳаққашро» бигирифт. Аз падар як торсакии обдор хӯрданашро, ба гумонам, худаш ҳам нафаҳмида монд.

– Нокас!.. Дар зоти мо иғвогар набуд, ту аз куҷо ин «ҳунарро» ёд гирифтӣ?!

Салим бо фиғон аз ҳавлӣ берун рафт.

– Чӯпон... чӯпон... гуфт, ки... ту чӣ хел пионерӣ... ин сагча а-а... барои рамаи колхоз...

Ман худро сафед кардан хостам, вале падар гӯш кардан нахостанд.

– Ноҷинс!.. Гум шав, афтата набинам!.. Агар дӯстатро фурӯхта бошӣ, ягон рӯз модаратро ҳам мефурушӣ!..

Падар ба рӯйи ман чунон бо қаҳру нафрат нигаристанд, ки агар ин лаҳза замини зери поям кафад, рост худро ба роғи он меандохтам.

Ҳурмати нон, қасам ба ҷони ҷавонам, агар як не, даҳ торсакӣ зананд, аз ин хел нигаристанашон сад раҳ авлотар буд. Чунин нигоҳи падарро ман дигар ҳаргиз надидам. То ба ҳол, агар нигоҳи ҳамонрӯзинаи он касро ба хотир оварам, баданам виҷиррос мезанад.

Баъд аз ин воқеа ман як ҳақиқати одиро дарк кардам: табоҳкориро бо нияти нек пардапӯш кардан кори беҳуда будаст. Аз ин мебарояд, онҳое, ки мулкеро хароб карда, мо онро наҷот додем, мегӯянд, як рӯз не, як рӯз рӯсияҳӣ мекашанд.

## ГӮШТИГИРӢ

Дар миёнаҷойи давра аз кундаю ғӯлаҳои яклухт гулхани бузурге афрӯхта буданд. Оташ баъзан баробари ду қадди одам баланд гашта, ҳезум часар-часаркунон ба атроф шарораву лахча мепаронд. Шуълаи гулхан атрофро равшан карда рӯйи одамони дар қатори пеш нишастаро метафсонд. Онҳо гоҳ бо як даст, гоҳ бо дасти дигар гунаҳояшонро аз ҳарорати сӯзони оташ панаҳ мекарданд, аммо ҷойи тамошобобро аз даст намедоданд.

Давродаври гулханро ҳамвор карда рег пошидаанд.

Дар сафи пеши давра, асосан, пирону даҳанкалонони деҳа ва меҳмонони аз роҳҳои дуру наздик омадагӣ нишаста чой менӯшиданду суҳбат мекарданд. Дар байни онҳо роҳбарони колхоз, идораи ҷамоат ва ноҳия ҳам буданд. Дар ақиб дигарон – мардон, ҷавонону бачагон, дар ду-се ҷой тӯдаи занону духтарон нишаста, ҳама интизори шурӯъи гӯштӣ буданд.

Саркор баъзеҳоро ақибтар шинонда, майдонро барои гӯштигирон васеъ карду аз ҳозирон гаштаю баргашта мепурсид, ки Комилполвон чаро бедарак аст.

Саволи саркор даҳан ба даҳан гузашта, ба гӯши полвони ин дам ба тӯда воридшуда расиду ӯ аз торикӣ овоз баровард:

– Тақсир, мо дар ҳамин ҷо!

– Э, дар кучо гум шуда гаштед? Ҳама ба шумо нигарон, – саркор ба сӯйи овоз муроҷиат кард.

Дар ақиби издиҳом каллаи калон ва пешонии фарохи Комилполвон намудор шуд.

– Ҳой, полвон, имшаб гӯштӣ буданашро намедонистед-чӣ?!

– Соати ҳашт, баъди ҳама рафтан як мошин беда оварданд, – бо овози баланд сабаб овард ӯ. – Ночор ҳамроҳи ронанда фуровардаму

ба ғарам зер кардам... Як бор ба тӯйхона даромада муборакбод гуфта бароям? – иҷозат хост вай. Матлаб аз ин «муборакбод гуфтан» хӯроке хӯрдан буданаш ҳам ба саркор ва ҳам ба дигарон равшан буд.

– Муборакбодро дар ҳамин ҷо мегӯед. Барои шумо ошро ба ҳамин ҷо меоранд. Саркор ба ҷониби тӯйхона фарёд кард: – Ҳой, Абдувалӣ, барои полвон дастархон!

Комилполвон аз сафи пеш, дар канори се-чор нафар мӯйсафед нишаст, ки пирони обрӯманди деҳа буданд ва хурду бузург дар ҳар боб ба адолати онҳо шубҳа надоштанд ва дар воқеъ ҳам, ин нафарон аз ҳар гуна таассуб пок буда, ҳамеша дар баҳсу талош ва дигар маъракаи ин мардум ҳакам ва довари боэътимод ҳисоб меёфтанд.

Саркор ду нафар писарбачаи ҳафтсоларо аз байни бачаҳои довталаб пеш бароварда, қабл аз он ки ба талош андозад, барои гӯштии имрӯза аз кухансолони давра фотиҳа пурсид.

– Пирон даст диҳанд, арвоҳ мададгор шаванд, афтодаро замин бардорад, афтондагиро... – яке аз он пирон ба ин минвол хеле суханони дуо гуфту бо тантана ба фотиҳа даст кушод: – Оми-ин!

Ҳама даст ба рӯй кашиданд. Баъд саркор он ду бачаро, ки мисли хурӯсчӯҷаҳо ҳар лаҳза омодаи ба якдигар ҳамлакунӣ буданд, ба гӯштӣ андохт.

Гӯштигирии бачаҳо ғалатӣ аст! Онҳо мисли калонсолон такаллуф ва худнамоӣ надоранд, барои озмудани ҳамдигар тӯлонӣ чарх намезананд. Бачаҳо, ҳамин ки даст ба камари якдигар расонданд, гарму ҷӯшон талош мекунанд. Ана, кайҳо афтонд! Писараки афтида ҳунгос зада ба гиря шурӯъ кард. Саркор бо нигаронӣ ӯро ҳолҷӯйӣ намуд:

– Чӣ шуд, канӣ?.. Куҷоят?.. А?.. Бигӯ? – вай дасту пойи ӯро бо дастонаш ламс кард, ки мабодо зарба нахӯрда бошад.

– Га... гар... гарданама ханҷолид...

– Ҳеч гап не, канӣ?.. Э, барои ҳамин ҳам одам гиря мекунад? Айб аст... Ма, – саркор ба вай ҳам як худнавис ҳамчун подош дод.

Ду нафари дигар дар майдон талош доштанду боз чанд нафар довталаби кӯчак камар баста, омодаи ба гӯштӣ даромадан буданд. Кадоме аз ҳарифон ғолиб меояду бо вай бояд гӯштӣ гирад, барои ин ғайратмандони хурдсол фарқ надошт.

Комилполвон аз талоши бачаҳо чашм наканда, пиёлаи чойи кадоме дароз кардаро ҳӯрт* мекашид. Чойи сабзи талх ба меъдаи

---

* **Ҳӯрт** – *калимаи тақлиди овоз,* ки садои як бор ба як дам дар кашидани моеотро ифода мекунад

холӣ чандон таъсири хуш надошт магар, ҳар дам ба атроф нигариста, фаҳмонданӣ мешуд, ки дастархон наовардаанд. Аммо чашму гӯши ҳама ба гӯштигирон банд, ба назди полвон дастархон овардан ба ёди касе намеомад. «Сабили ишкам расо танбӯр навохт-ку!» – гуфт вай худ ба худ. Баъд боз ба умед ба самти тӯйхона нигарист. – «Раҳматӣ падарам, мегуфтанд-а, нонро пеши по назан. Аз гӯштӣ дер накунам гуфта мастобаи занакро нахӯрда омадам, уболаш гирифт. Нона пеши по задан намешавад... Ба ишками гушна гӯштӣ ҳам завқ надорад. Хайр, меовардагист, фаромӯш накунад шуд»...

– Канӣ, полвон, чӣ шуд, чӣ мегӯед? – Ногоҳ саркор ду нафар гӯштигири ба паҳлу афтодаро боздошта ба ӯ рӯ овард.

– Ҳалол шавад. Дубора, – ҳукми худро гуфт полвон. Садои вай мисли ҳарвақта қатъӣ ва салобатнок набуд.

Навбати гӯштӣ тадриҷан аз хурдсолон ба наврасон мегузашт. Гӯштигирии наврасони чордаҳ-понздаҳсола хеле ҷиддӣ ва арзиши тамошо аст. Ҳиммати тӯйдор ҳам бад не. Саркор мукофоти ғолиб – як дастгоҳи аксбардориро аз қуттиаш берун оварда, ба мардум нишон дод ва сипас онро ба дасти полвон дод. Одатан, баранда ҷоизаашро аз дасти полвон мегирад. Комилполвон ғилофи чармини онро даст-даст карда диду фикр дошт, ки қиматаш чанд пул бошад. Ин Бахтиёр як умр ба кори сиёҳ даст назад, таҳсил накарда бошад ҳам, корчалон баромад, – мегуфт вай ба дил дар хусуси соҳиби тӯй андешида. – Як даҳ соли охир дар райпо, ба мағозаҳо мол медиҳад. Дӯкондори деҳа мегуфтаст, ки аз ҳар қуттӣ арақ як дона-ду дона ба худаш мегирифтаст, аз чойи нағз ҳам, аз дигар чизҳо ҳам. Баъд дӯкондорҳо ҷуброни онро аз мо мебаровардаанд...

Ду тан наврас уқобвор ба ҳам дарафтоданд. Комилполвон як-ду сол аз инҳо калон буд ё не, дар тӯйи арӯсӣ бо як ҷавони дар гӯштӣ номдоргашта талош карда ӯро афтонду номи «Полвон»-ро гирифта буд. Ҳамон вақт соҳиби тӯй ба вай граммофон дод. Он вақт граммофон дар ҳар деҳа якта ё дута буду тамом... «Э-э, дастархон овардан аз хотирашон рафт. Саркор ҳам як бор нигоҳ намекунад, ки ишора кунам. Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна!.. Ҳамдам-қассобро чӣ фалак задаст, дирӯз ба нася як кило гӯшт надод-е. Ягон бор гӯшт гирифта, пулашро надода намондаам-ку! Аз баҳри насяфурӯшӣ баромадаст! Гӯшт – танқис, бозораш тез-дия. Кӣ дар ҷайб* доим пули накд дорад?! Ин ҷо ба ту шаҳр аст-чӣ? Эҳ, канӣ, ҷавонтар бошаму аз ин гӯштӣ як

* **Ҷайб** – кисаи либос, кисаи бағалӣ

гӯсфанди фарбеҳ гирифта барам. Дар охир, барои полвонҳои калон гӯсфанд ё қолин будагист? Бе ин намешавад... Билохира, ба ман ҳам, як вақте полвон буд гуфта, чизе шавгун медиҳанд: калӯш ё ягон яктаҳи чит...». Полвон оҳиста оҳи бадард кашид.

Ба ҳамин тариқ, ӯ чашм ба гӯштигирон фикр мекарду фикр мекард. Ҳарчанд сайъ кард, ки аз қайди ин андешаҳо баромада лаҳзае бо атрофиён ё гӯштигирии бачаҳо машғул шавад, аммо натавонист. Ба гӯшаш гап намефорид. «Наход ки ба тӯй гурусна омада гурусна равам? Э, ин қадар дабдабаю дову дастгаҳатро ба сарам занам! Ошу нонат бошад ҳам, хешу табор, ёру дӯсти дурустат набудаст. Дар ин хел вақт наздиконаш аз омадаю равандагон хабардор шаванд-дия! Ҳамин ҳам кор шуд?!.. Ин не, вай не, Бахтиёр ҳам калонҳоро мешиносад. Ба ҷойи ман раис омада шинад канӣ... Барои дилёбию дилҷӯйӣ тӯй мекунанд! Ягон мансабдор ояд, «хуш омадед» гӯён дар гирдаш мечарханд... Ҳамин ҳам мардӣ аст?! Ӯҳ, Рауф ҳарифаша бардошт! Ҳа, ана, ба сари зону гирифт. Парто зудтар! Ҳа, бале!.. Тавба кардам, ҳеч кас гумон надошт, ки ҳамин шатрама* одам мешавад. Чунон бесар, чунон айғоқ буд, ки ба замин занед, ба осмон меҷаҳид! Дар шикамаш як рӯдаи рост надошт. Аз дасти ин на полизи мардум дар амон буду на арғамчини мол. Ба қавле, аз ганда пӯст меканд, аз нағз – пӯстин. Ба сарбозӣ рафту одам шуда омад... Суфра овардан аз ёдашон рафт. Ҳозир агар ба ҷойи ман нафари ба инҳо нафъаш мерасидагӣ меомад, ҳамааш тохта меомаданд... Аслан, барои халқ тӯй намедиҳанд, барои раису роҳбарон...».

Наздики ду-дувуним соат гӯштӣ гирифтанду тадриҷан навбати паҳлавонони номдор расид. Ҳама медонистанд, ки аз деҳаи Яккатут Мурод ном паҳлавони маъруф барои бо Сангин гӯштигирӣ омадааст. Сангин паҳлавони номдори ин гирду атроф, шогирди Комилполвон, умеду ифтихори вай аст. Комилполвон шогирди бисёре дорад, аммо Сангин комилан дигар аст. «Паҳлавонӣ ба вай мерос. Аҷдод-аҷдодаш паҳлавон гузаштагӣ. Комилполвон раҳматӣ бобои ӯро дар хотир дорад, мисли як фил қувват дорад, мегуфтанд. Тахтапушташ ба замин норасида аз гӯштӣ баромад, аммо лаънатӣ муҳтоҷӣ ӯро маъюб кард. Мегуфтанд, ки Хӯҷамуроди аллоф як иморати дакаданг сохта, барои шаҳсутуни айвонаш аз сойи Ҷизмон як дарахти чормағзро ғалтондааст. Роҳи кӯҳ танг, улав намегардад. Чор йигити ҳузарб** ду рӯз овора шуда,

---

* **Шатрама** – шӯх, бесар

** **Ҳузарб** – паҳлавон, боқувват

ғелондаю кашола карда, сад қадам барин овардаанду бас. Хӯҷамурод, замин хабар накашад, одами айёр буд, мегӯянд. Рӯйирост аз паҳлавон илтимос накардааст. Андешидааст, ки нохудогоҳ маъюб шавад, дар пеши мардум умрбод рӯсиёҳ мегардад. Бинобар он, овоза сар додааст, ки агар ҳар кас ҳамон ғалачӯбро биёрад, як пуд гандум медиҳад. Паҳлавони камбағал инро шунида, дар зарфи як шаб танаи дарахти чормағзро оварда, ба назди дарвозаи бой партофтааст. Аз ҳавлии бой то ҳавлии усто дусад қадам мебарояд ё не, ғалачӯбро бурданӣ шаванд, ба ду барзагов ниёзманд шудаанд. Мегуфтанд, ки ана, пас аз ҳамон воқеа паҳлавон дигар ба худ наомад, қоматаш рост нашуд. Бархе мегуфтанд, ки вай маъюб шудагӣ, баъзеи дигар чашм расид, мегуфтанд. Боз кӣ медонад, ман раҳматиро аранг-аранг ёд дорам, – худ ба худ меандешид Комилполвон. – Дар рагу пайи Сангин қуввати бобояш ҳаст. Ман ба вай нозукиҳои ҳунарамро ёд додам, боқимондааш ба худаш вобаста. Сангин дар аввал як авҷ карду сонитар танпарвар шуд. Мисле ки, маишат, сониян, сабилмонда шароб шасташро гардонд... Дар як дастархон дуто нону мева ҳам наоварданд-е!.. Ҳе, ноумедҳо! Агар ош тамом шуда бошад, нону чой ҳам нест-чӣ?.. Арвоҳ занад...».

– И-и-и, полвони яккатутиаш ба майдон баромаданӣ-ку! Э-э, вай ин Тоҳирчаро меафтонад... Мурод-Мурод мегӯянд, ҳамин будаст-дия. Хеле ҳам бӯзбала-ку! Ҳар як кафаш бел барин-е! – гуфт мулло Норӣ дар ақиб нишаста даҳонашро ба таҳи гӯши Комилполвон наздик карда.

– Ҳа, сахттар чангол занад, қабурғаи Тоҳирчаро канда мегирифтагӣ барин, – Комилполвон ҳам ӯро назараш гирифт.

Комилполвон ҳаракатҳои Муродро мушоҳида карда, ӯро аз ҳар ҷиҳат писандид. Паҳлавони ҷавон ҳанӯз шармин буда, ба сухан даҳон кушояд, хиҷолат кашида сурх мегашт. Хоксору батамкин буданаш аён. Ҳа, мағрурию худнамоӣ надорад.

Вақте ки вай бо Тоҳирча ба талош шурӯъ кард, Комилполвон эҳсос кард, ки меҳмони паҳлавон ҷавони бақувват буда, ҳанӯз аз қудрату тавоноии худ бехабар аст. Вай баъди он ки ҳарифашро ду-се бор афшонда дида зӯри ӯро санҷид, дилпурона ба вай наздик рафт. Тоҳир ҳам қувваи ӯро фаҳмиду ана, худашро дур мегирад. Дуруст. Агар ба зери бағали Мурод афтад, вай бо вазни худ инро беҳолу бемадор мекунад.

Паҳлавонон чунон ба ҳам дарафтоданд, ки саркор аз хавфи он ки ногаҳ ҳамдигарро ба оташ назананд, мудом дар тарафи гулхан меистод.

Тоҳирча Муродро хеле арақшор кард. Мурод ҳар қадар сайъ карда

ӯро ба чапу рост меандохт, аммо бенатиҷа буд. Тоҳирча ба ҳарифи худ сахт такя партофта монанди кундаи чанор ноҷунбону маҳкам меистод. Аз байни издиҳом овозҳои таҳсин баланд мегашт.

– Сахт ист, Тоҳир!

– Ту аз вай кам нестӣ! Нони трактор ҳалол аст!

Полвон авлоду нажоди Тоҳирчаро ҳам хуб медонад: «Падараш як одами лоғари нимҷон. Паҳлавонӣ ба Тоҳирча аз тӯби модараш мерос аст. Тағояш полвони забардаст буд. Як йигит буд, ки аждаҳо мегуфтед. Афсӯс дар ҷанг нобуд шуд...».

Комилполвон таърихи гӯштӣ ва гӯштигирони 30-40 соли охирро дар кул нағз медонист. Вай замони наврасиаш гӯштигирии тағои ана ҳамин Тоҳирчаро дида буд. «Дар як тӯйи бузург тақрибан тамоми полвонҳои шухратманди гирду атроф ҷамъ шуданд. Тағои Тоҳирча – Абдусамад дасташ омад карду ягон-ягон шаш полвонро афтонд. Як номарди дигар – Ҳафиз ҳам даъвои полвонӣ дошт. Мардум шӯру ғавғо бардоштанд, ки ӯ ба майдон дарояд. Ночор ба майдон даромаду бо Абдусамад даст ба миён шуд. Абдусамад, дар ҳақиқат, полвони зӯрдаст, ҷавонмард ва тандеҳ буд. Ҳамин ки Ҳафизро ба сари сина бардошта ба замин заданӣ шуд, ин номард аз андоми нозуки полвон гирифт. Абдусамад аз зӯри дард бо қаҳр ӯро чунон ба сари синааш фишурд, ки аз даҳану бинии Ҳафиз хун омад. Ҳафиз пеш аз ин ҳам дар як маъракаи дигар бо сари зонуяш ба шиками ҳарифаш зада сабабгори сару садое гашта буд. Бахше аз одамон, ки он лаҳза аз номардии Ҳафиз хабаре надоштанд, ба тарафгирии вай бархестанду қариб деҳодеҳи калон сар зад. Қаблан дар тӯйҳо ба гӯштию бузкашӣ ҳар як қавм йигит ҷамъ карда, дар бағал гурзу калтак, теғу шашпар мерафтанд. Баъзан тӯйҳои бузург бо хунрезию мотам тамом мешуд. Ҳар як деҳа, ҳар як қавм орият гуфта ҷон медоданд-е! Аҳмақира бинед!.. Ҳукумат ҳамаро ба тартиб оварда, хуб кори савоб кард... Аммо равнақи гӯштӣ ҳам аз миён рафт. Давраш гузашт. Он хел тӯйҳо ҳам нест, он хел полвонҳо ҳам. Ҷавонҳои ин давр се бор талош кунанд, нафасашон танг мегардад. Ҳамааш аз сигор, аз шароб. Баъзе йигитҳо ба сӣ даромада-надаромада чарбу мебанданд. Одам фарбеҳ, ки шуд, аз вай полвон намебарояд...».

– Маҳкам ист, Тоҳир!

– Ҳа, дастакотба садқа!..

Шӯру садои мардум Комилполвонро аз банди хаёлот ба худ овард.

Ҳеч чашмдошт набуд, ки Тоҳирча Муродро ин қадар хаста мекунад. Аз ҳозирон ин сирро аксаран мутаваҷҷеҳ нагаштанд, аммо

мардони гӯштидида мақсади Тоҳирро фаҳмиданд. Вай барои ба замин афтондани ҳарифаш сайъ намекард. Худашро аз ӯ канор гирифта, имконият намедод, ки талош зуд яктарафа гардад. Мурод бошад ҳамвора мекӯшид, ки зудтар ӯро парт кунад. Қасди Тоҳир ҳам ҳамин – ӯро хаста кардан буд, то ки ба дӯсташ, ҳамдеҳааш Сангин роҳату осон шавад. Сангин кайҳо тағйири либос карда, омодагӣ медид.

– Парво накун, Тоҳир, Сангин дар ҳамин ҷо! – фарёд кард кадоме барои ба Тоҳирча дастгирӣ ва рӯҳ бахшидан.

«Чойникҳои чойро дам ба дам бурда мебиёранд, аммо аз дастархон хабаре нест. Ё ба саркор як ишораи бурут карда фаҳмонам-чӣ? Зишт аст охир, мардуми даврабар чӣ мегӯянд? Саркор аз худаш донista гӯяд, ҳарфи дигар. Ҳавоси вай ҳозир ба гӯштӣ. Мисли ман кулли рӯз ғарам зер кардааст-чӣ?.. Хайр, ҳеч гап не, як шаб-дия. Мардум рӯза медоранд-ку! Аз тӯй нарасад, гила накун, гуфтаанд...».

– Мурод, телба нашав!.. – кадоме аз меҳмонон мақсади Тоҳирчаро эҳсос кард магар, ҳамдеҳаашро огоҳ кард.

Қийғоси аҳли маърака баланд гашт. Мурод оқибат Тоҳирчаро ба сари сина бардошту пойи ӯро аз замин канд ва як бор давр гардонду зад. Гӯё замин кӯчида бошад, аз издиҳом наъра бархост:

– Ӯ-ӯҳ!..

– Қандата зан! Мошоллоҳ!..

– Ҳалолат бод! – гуфт Комилполвон ҳам зери лаб ба таҳсин сар ҷунбонда.

Пирамардони атрофаш ҳам ба таҳсин лаб кушоданд.

– Ҳалол... Ҳалол...

– Беғилу ғаш гӯштӣ гирифтанд!

– Ҳаққи ҳалол! Қанд занед!..

Мурод пеш омада радиои инъомиро аз дасти Комилполвон гирифт. Вай дар ҳолате, ки тунд-тунд нафас мекашид, чолок онро гирифту бурда ба дасти яке аз наздиконаш дод. Мурод баъди каме ин тараф-он тараф роҳ гашта, тапиши қалбашро паст кардан, рафта дар канори ҳамдеҳагонаш нишаст. Ду нафар ҷавони бӯзбала ба молидани дасту пойи ӯ машғул шуданд. Дигарон ба сӯйи ӯ хам шуда, маслиҳати як марди миёнсолро гӯш мекарданд.

Сангин аз гӯшае оҳиста ба майдон даромаду маърака лаҳзае сокит гашт. Ба назари одами бегона чунин менамуд, ки ӯ гӯё ваъз мегуфта бошаду халқ барои сухани вайро шунидан ором шудааст. Сангин бо кафи даст чашму рӯяшро аз дуду гармии оташ панаҳ карда,

оҳиста майдонро давр гашт. Ҳар нафаре, ки ӯро бинад ҳам паҳлавон мегуфт. Навча, синафароху камарборик, дасту бозувонаш мисли оҳани тобхӯрда, чеҳракушод – хуллас, бо тамоми ҳастиаш мегуфт: паҳлавони ҳақиқӣ манам! Ҳама бо шавқ ба қадду басти ӯ зеҳн монда буданд. Сангин, аз рӯйи одат, давраро чарх заду омада дар рӯ ба рӯйи Комилполвон дузону нишаст ва аз устоди худ фотиҳа пурсид.

– Ҳаросон нашав, дасти ман не, дасти бобоям, гӯй... Пирон мададгор шаванд... – Комилполвон даст ба рӯй кашиду лаҳзае ба чашми Сангин нигарист. Баъд ба сӯйи ӯ хам шуда, бо овози паст гуфт: – Ба ман нигар, ҳой... аз вай сабилмонда хӯрдагӣ барин менамоӣ... Чӣ ҷин зад ба ту? И-и... Охир масҷид... И-и... Э, пир занад тура...

– Камакак зарар надорад, тағо... Бачаҳо намонданд...

– Номаъқул кардӣ! Гӯштина мурдор накун! – якбора ба шӯр омад Комилполвон, аммо садояшро баланд накард.

– Э, парво накунед! Ҳозир мебинед...

– Гарданат мешиканад! – гуфт полвон ситезаомез сар ҷунбонида. – Бас, оҳиста аз майдон бароию ҷомара каш! – Суханашро аз зиҳи дандон баровварда амр кард ӯ. – Ягон сабаб биёру дафъаи дигар мегирам гӯй ё рӯйирост гӯю мон: камтар шароб нӯшида будам, устодам рухсат надоданд.

– Таваллo мекунам, рухсат диҳед... Маро беобрӯ накунед... – илтиҷо кард Сангин.

– Не, намешавад... Масҷид... – боз мақоли ҳангоми қаҳр мегуфтагиашро ба забон гирифт полвон.

– Хуб гӯед, охир... Мурам ҳам, аз ин намеғалтам... Ман ба номаш лаб тар кардам...

Комилполвон лаҳзае дудила шуда ба рӯйи шогирди худ нигариста монд. Ин лаҳза мӯйсафедони дар канораш нишаста ба суҳбат ҳамроҳ гаштанд:

– Як зарра нӯшида бошад, ҳеч гап не, полвон...

– Ҳозир ҳамаи ҷавонҳо мехӯранд...

– Ба гапи ман бовар намекунед? – исрор мекард Сангин.

– Бовар кардан катӣ... – қадре мулоим гашта ғурунгос зад полвон, – ҳамин ҳам кор шуд! Шарм кун...

– Дилпур бошед...

Атрофиён тӯл кашидани гуфтугӯйи устоду шогирдро дида, ба сӯйи онҳо чашми шавқ дӯхта буданд. Сангин барои ба дигарон сир боз накардан лабонашро моил ба табассум намуд. Баъди бо ишораи сар

бархез гуфтани устодаш ӯ баланд шуду довталабона майдонро давр зад. Нидоҳои таҳсину офарин баланд шуданд:

– Ҳа, баракалло!..

– Кам нашав, додар! Саломат бош!

– А ҷонат гардам, сари моро паст накун!

Комилполвон гурусна буданашро фаромӯш кард ё худ баъд аз гузаштани вақти муқаррарии хӯрокхӯрӣ иштиҳояш кӯр шуда буд. Ҳоло ҳушу хаёлаш ба гӯштӣ. Шаш сол боз ӯ гӯштӣ намегирад. Ҳамсолонаш аз майдон баромаданду вай ҳам ночор гӯштигириро канор гузошт. Бо ҷавонон гӯштигирӣ хуб не. Аммо ҳар боре, ки Сангин ба майдон дарояд, тамоми узвҳои бадани Комилполвон ба ларзиш медарояд. Мисле ки ҳозир худаш ба майдон медаромада бошад. Дили одаткарда балои ҷон будааст.

Сангину Мурод – ду тан қавитарин паҳлавонони ин маросим ба ҳам дарафтоданду атроф ба якборагӣ сокит гашт. Фақат чарс-чарскунон сӯхтани кундаҳои бед ва гурс-гурс пойкӯбии паҳлавонон ба гӯш мерасиду бас. Аҳли маъракa нафасашонро ба дарун кашида, саҳнаи асосии гӯштигирии имшабаро тамошо мекарданд. Ин талош аз он ҷиҳат ҳам талоши бағоят муҳим буд, ки ҳар ду паҳлавон ҳам то ҳол аз касе мағлуб нашуда буданд. Ин гуна гӯштиро дидан ва шоҳид будан ба ҳар кас муяссар намешавад ва онҳое, ки гувоҳи мағлубияти паҳлавони пушташ замин налесида буданд, як умр ин воқеаро хотира карда, ба авлодон ҳикоят мегӯянд.

Сангин аз кӯфтагии Мурод истифода кардан хост магар, яку якбора ҳарифи ношиносро хуб наозмуда, ҳамларо шурӯъ кард. Аз ҳуҷумҳои Сангин Мурод саросема шуд. Мардум ба қувваи ҳамдеҳаашон дилпур шуда, ба ғулғулаандозӣ ва офарингӯйӣ сар карданд. Мурод паҳлавонвор истодагарӣ дошт ва ҳангоми ором шудани ҳарифи худ ду даст ба камари ӯ мунтазири ҳамлаҳои нав нафас рост мекард. Сангин, одатан, чусту чолок ва босуръат гӯштӣ мегирифт. Бинобар ин, ором ва бафурҷа чарх гаштани Мурод ба вай намефорид.

Комилполвон ҳамлаҳои бебарори шогирдашро мушоҳида карду нафасгирии ноҳамвори ӯро пай бурд ва оҳиста, зери лаб «оббо» гуфту ба афсӯс зонуяшро шаппотӣ зад. Баъд худ ба худ, аммо ба доварони паҳлуяш шунаво зери лаб гуфт:

– Нагуфтам, ки арақ кори ина кардагӣ!

Шиддати ҳамлаҳои Сангин кам-кам паст гашта, ҳоло ду паҳлавон монанди ду барзагови шох ба шох ниҳода, аз миёни якдигар дошта,

ором чарх мезаданду фақат аҳён-аҳён ҳамдигарро такон дода мемонданд. Одатан, паҳлавонон ё барои озмудани усули якдигар ва ё ҳангоми монда шудан ин тариқ гӯштӣ мегиранд.

Расулбобои андовакаш аз ақиб хам шуда ба гӯши Комилполвон гуфт:

– Инат аллакай арақшор гашт, ҷиян...

Пирамард пас аз сонияе чанд илова кард:

– Худат миёната бастан гир.

– Ман кайҳо бас кардагӣ, тағо.

– Ҳеч гап не, дар зарурат... Барои обрӯи халқамон...

– Рагу пай хунук шудагӣ, бекора чӣ даркор? – даст афшонд полвон.

Аммо ӯ эҳсос кард, ки дар таҳи дилаш майле ба гӯштӣ ҳасту, аммо забонаш инкор мекунад. Пай бурд, ки аз ақиб, аз паҳлу ҳамдеҳагони солдидаю рамузи гӯштигириро мефаҳмидагӣ, ҳоло ба сӯйи вай менигаранд. Паҳлавонон баъди тақрибан бист дақиқа талош кардан ҳар ду ҳам арақшор гаштанду саркор бо иҷозати доварон ба онҳо танаффус дод. Муроду Сангин камарбанди ҳамдигарро сар дода, ҳар яке ба назди тӯдаи худ рафта, дар пеши давра нишастанд.

Комилполвон хотирпарешон менишаст. Шогирдаш ӯро нописанд кард, ба ҳарфаш гӯш надода ба гӯштӣ даромад. «Шогирд тарбия карда натавонист», мегӯяд халқ. Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одаму одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор. Ҷойи маро гирифт, акнун метавонам бо хаёли роҳат аз майдон бароям, гуфта будам. Лаънат ба шароб, арақ рагу пояша сӯхтааст... Э-э-э...».

Сангин ба саркор чизе гуфту рафта сарулибосашро пӯшидан гирифт.

– Наход?! – беихтиёр хитоб кард полвон. – Ҳай, афсӯс... Нотандеҳӣ кард... Расми полвонҳо ин тавр набуд...

– Гап зан, Комилполвон!.. – Расулбобо аз қафо заҳрханда кард.

Саркор ба назди доварон омада маслиҳат пурсид:

– Сангин мегӯяд, ки «дуранг». Тобаш набудааст. Насиб бошад, ягон бори дигар мегирем мегӯяд... Хӯш, шумо чӣ мегӯед? – Вай як-як ба чашми доварон нигарист.

Пирони солманд маънидорона ба чашми якдигар нигариста, сар ҷунбонданду чӣ гуфтанашонро надониста ба Комилполвон рӯ оварданд. Полвон ба чашми онҳо нигариста натавонисту сарашро хам кард. Ин дам гӯё ҳама ба вай нигариста мегуфтанд: шогирди ту нотандеҳӣ кард!

– Насиби Муродро диҳед... – гуфт вай чашм аз замин набардошта.

– Хайр, ба Сангин ҳам чизе бидиҳед, – илова кард яке аз мӯйсафедон.

Дигарон дар тасдиқи ин ҳукм сар ҷунбонданду саркор аз ҷояш бархост.

Комилполвон норозӣ даст афшонду оҳиста худро қафо кашид ва аз байни мардуми бо ғалоғула бархостагӣ гузашта сари хам аз маърака баромада рафт.

## КИТОБҲОИ КУҲНА

***Мо зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,***
***Аввалу охири ин куҳнакитоб афтодаст.***
***(Калим)***

– Ҳа, китоби қадимӣ имрӯз ба ҳама даркорӣ гашт... – гуфт ба як навъ оҳанги думчадор лаб ба сухан кушода амаки Патапат. – Одати одамизод ҳамин хел будаст: ҳар чизро хор кунад, ба он зор мешавад. Китоби қадимӣ ҳозир ба пули калон меравад, сирка барин ҳар қадар куҳна шавад, қиматаш зиёдтар мешавад... Аз шаҳр олимҳо омада буданд, ба ҳар як пора коғази ба хати арабӣ навиштагӣ, гӯё дунё ёфта бошанд, мечаспиданд. Ман, мулло, рости гап, дар вақташ ҳам мегуфтам, ҳозир ҳам мегӯям: китобҳои имрӯзаата намедонам, аммо дар китобҳои қадимӣ ягон гапи зарарнок нест, пеш гапи гандара дар китоб наменавиштанд, гапи ҳар як лаққира китоб намекарданд-дия. Ман ба ту гӯям, то инқилоб, дар солҳои аввали баъди инқилоб ҳам ҳар як ҷамоа масҷид дошт, ҳар масҷид мактаб дошт, дар он мактаб бачагони хоҳишмандон – бою камбағал баробар хонда, хату савод мебароварданд. Мо ҳам дар ҳамон мактаби куҳна хонда, барои одам чӣ кор савоб аст, чӣ гуноҳ, донистем... Мо – се додар будем, раҳматӣ додом фақат мана ба мактаб доданд. Ба пули чор ҷувол гандум аз шаҳр якта китоби дарсӣ харида оварда буданд. Баъдтар яку якбора китоб ҳам, мактаби куҳна ҳам зарар мерасонад гӯён валвала бардоштанд. Сонитар, аз хонаи касе китоби куҳна ёбанд, унсури зарарнок аст гӯён гаранг карданд. Ана, нигар, акнун он китобҳоро дар ба дар гашта мекованд, – оқибат суханашро хулоса кард амаки Патапат.

Вай ғолибан гумон дошт, ки ман китобҳои куҳнаро пайдо карда, сипас дар шаҳр ба пули калон фурӯхтаниам.

– Канӣ, газа зер кардем! – Вай ба абзори хари ман як назар карду бо

ин таъбири аз солҳои дарози ронандагӣ одатӣ гаштааш маркаби худро халачӯб зад ва мо ба роҳ даромадем. Вай лақаби «Патапат»-ро ҳам аз ваҷҳи чунин шеваи мошинронияш гирифтааст.

Азбаски дар пайраҳаҳои танги кӯҳсор ду хар баробар қадам заданаш як амри маҳол аст, мо пешу қафо мерафтем.

Мардумони деҳоти кӯҳистон аксаран ба чор тарафи дунё парешон гашта бошанд ҳам, бо деҳаи бобоии худ ҳамеша алоқаманданд. Амаки Патапат ҳам баъди ба нафақа баромадан ба деҳа баргашта, кулбаи харобаи падарашро аз нав рост кардаст ва ҳоло айёми пириро ба боғдорию молдорӣ мегузаронидаст. Ба қавли худаш, вай дар шаҳр қариб чиҳил сол кор кардаст. Ва асосан, дар сари фармони мошин умраш гузаштаст. Фарзандонаш азбаски дар шаҳр ба камол расидаанд, дигар ба деҳа ҳеч одат накардаанд, падарро хабаргирӣ оянд ҳам, ба ночор ду-се рӯз меистодаанду бас.

Худи ман ҳам кайҳо ба шаҳр одат кардаам, тобистон аз магаси деҳа мегурезам, зимистон аз беҳаммомӣ.

Ин бор ба деҳа омадаму гуфтанд, ки ғор пури китоб будаст, пӯсида нобуд гаштаст. Ин хабарро шунида ман ба назди яке аз куҳансолони деҳа – бобои Амон рафтам, ки ҳоло синнаш аз ҳаштод гузашта, гӯшаш вазнин бошад ҳам, ҳанӯз пирамарди баҳуш буд. Ба назди бобо омаданам боз як сабаб дошт: яке аз ҳамдеҳагон тахмин зада гуфт, ки амаки ҳамин бобои Амон дар замонаш олими китобдор буд, ҳеч аҷаб нест, ки китобҳои ғор аз они ин кас бошад. Бобои Амон ин тахминро тасдиқ кард. Вай дар он айём ҷавонмарди навқирон будаст, ҳамроҳи амакаш – табиби номдор Мулло Асадулло як нимишабӣ ба ду хар китоб бор карда, ба ҷониби ғори дур аз деҳа, дар камаркаши кӯҳ воқеъбуда меравинду хурду бузург қариб сад китобро дар як камари ғор ҷо ба ҷо мекунанд ва пешашро бо сангу гил девор мезананд.

– Мардум шабошаб китоба ба хонақоҳ, ба масҷид, баъзе беинсофҳо ба оби рӯд баровarда мепартофтанд, – хавотиромез ба атроф нигариста пичиррос зад мӯйсафед. – Аз хона китоб бароянд, ба бало мепечидӣ!.. Намедонам, аз китобу китобхон чӣ бад гузашт, ки аввал китобро чинда гирифтанд, сонӣ китобхондагиҳоро...

Бино ба қавли бобои Амон, ҳар ду дар ғор аз нимашаб то чоштгоҳи рӯзи дигар арақи ҷабин рехта, ин корро анҷом дода, баъд барои аз шубҳа эмин будан аз кӯҳ ба харҳо ҳезум бор карда ба ҷониби деҳа мефуроянд.

Бобои Амон шавқмандии маро ба китобҳои куҳна пай бурда, ба

гумонам, бори нахуст ин воқеаро ҳикоят мекард. Ба касрати пирӣ баъзе аз ҷузъиёти он воқеаҳоро ҳар боре ба навъи дигар баён менамуд. Аз хусуси баъзе ҳодисаҳои он солҳо сухан гуфтан намехост ё муҷмал ишорае мекарду бас. Ман пай мебурдам, ҳаросе, ки дар вуҷуди ӯ сахт ҷо гирифтаст, кори худро мекунад.

Он рӯз дар фуроварди суҳбат ман аз бобо рухсат гирифтам, то ба ғор бираваму китобҳои қариб шаст сол қабл аз ин пинҳон кардаи ӯро бубинам, агар илоҷи истифода набошад, варақҳои баъзе аз китобҳои нодирро акс гирам.

– То ин вақт китоб мемонад-о?! Хок шуду рафт, – гуфт мӯйсафед ба як навъ аламнок даст афшонда. Баъд зери лаб заҳрханде намуду афзуд: – Кадом соле буд... аз қабати девори хонақоҳ ҳам китоб ёфтанд, хабар дориё? Даст задан нашуд, – сар ҷунбонд мӯйсафед.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ман боре ба он ғор рафта, агар хок шуда бошад, хоки он китобҳоро бо чашми худ дидан мехостам.

Азбаски роҳи ғор ба ман ноошно буд, аз амаки Патапат илтимос кардам, то дар ин сафар ба ман ҳамроҳ бошад. Аз як ҷиҳат, вай дар деҳа одами нисбатан дастхолӣ буд, аз ҷиҳати дигар, ба кӯҳбарой қувваташ мерасид, ҷиҳати сеюмаш, ӯ ҳамсуҳбати хуб буд.

Мо боғоти деҳаро гузашта, ҳоло аз дараи кӯҳ мерафтем. Шаху зовҳои ду тарафи рӯд гӯё дақиқа ба дақиқа ба якдигар наздик мешуду дара тангтар мегашт.

Боғоти атроф ва пора-пора заминҳои юнучқа, ҷуворӣ, гандум, нахӯд коштагии колхоз ҳам дар қафо монд. Дар пеш чарогоҳи доманакӯҳ ва шаху зовҳои махуф ва ҳайбатангез ва баъд кӯҳсори сангин ибтидо мегирифт.

– Ба ман нигар, мулло, – амаки Патапат «тормоз, тормоз» гӯён ба гардани хар халачӯб зада гашти онро суст карду чун ман ба ӯ наздик расидам, сухан оғоз намуд: – Ин замина мебинӣ? – Вай бо халачӯбаш ба замини холие, ки чим баста, вале гирдогирдашро замоне аз санг тавора гирифта буданд, ишора дошт. – Ин замини ман буд!.. – гуфт амаки Патапат ба як навъ ифтихор ба таъкид сар ҷунбонида.

Ман ба маънии ин сухани ӯ ба дурустӣ сарфаҳм нарафтам, зеро имрӯз мардум ҳатто замини рӯйидаричаашонро даҳан пур карда «замини ман» намегӯянд, зеро раиси колхоз метавонад ҳар лаҳза бо ягон сабаб ё баҳона онро аз вай бигираду тамоку ё зироати дигари ба давлат зарурӣ бикорад. Номи зироати ба давлат заруриро шунида кӣ ҳақ дорад, ки манфиати шахсеро ҳимоя кунад?! Ана, аз ҳамин сабаб

ман ба рӯйи амаки Патапат дар нигоҳам савол назар афкандам. Сипас шӯхиомез гуфтам:

– Амак, руҳияи деҳқонӣ таъсиратон кардаст. Дар шаҳр «корхонаи ман», «автобазаи ман» намегуфтед. Ҳозир одамон забонашон намегардад «ватани ман» бигӯянду шумо...

– Э-э, ин ҷо гап ҳаст, мулло, ту «Худо»-яшро шунидӣ, ҳолӣ «дод»-ашро ҳам шунаву баъд гап зан. Ман ҳам коллективист, дар пеши мардум ҳамсари кампирама агар «зани ман» гӯям, чӣ шавад, нагӯям, чӣ шавад, гӯён меандешам.

– Мазоҳ мекунед...

– Валлоҳи аъзам, ки... – Амаки Патапат дар зин якрона нишаста бо рӯйи турш ба он қитъаи замин як навъ изтироболуд ва дарднок менигарист.

– Хуб, чаро ин санглох замини шумо, бигӯед охир, – гуфтам.

Пирамард ин саволро интизор буд, аммо аз чӣ бошад, ки ба он санглох нигариста карахт гашта буд. Баъди он, ки қитъаи санглох дар қафо монд, ӯ сухан сар кард:

– Солҳои аввали колхозӣ ризқу рӯзии хонадони деҳқон ба бист сотих замини рӯйидарича вобаста буд. Дар ивази кораш колхоз ба ҳар як хонавода, асосан, бист сотих замин дода буду тамом. Агар аз ҳар як хонавода дар колхоз чор-панҷ кас кор кунаду ба умеди ҳосили бист сотих замин нишинанд, рӯзашон сахт буд. Дар деҳа зиндагӣ карда, дар колхоз кор накунед, намемонданд. Ана, аз ҳамин сабаб ман хонадор гаштаму рӯзғорамро аз волидайн ҷудо карда, ба ҳавлии куҳнаи амакам кӯчидам. Амакам гап-гапи колхозу қулокро шунида, аз баҳри замину боғу ҳавлиаш гузашту бо аҳли аёлаш ба як деҳаи дур кӯчида рафта буд. Дар он ҷо аллакай колхоз ташкил карда пахтакорӣ мекардаанд, ҳеч кас ту кию кучҷоӣ нагуфтаст. Агар дар деҳа мемонд, аз дусар қулоқаш мекарданд, зеро ду сар модагов дошт, аспаш буд. Хулласи калом, ман рӯзғорамро чудо кардаму баъд аз раис ҳамчун хонадони алоҳида замин талаб кардам. Раис қариб як сол имрӯзу фардо гӯён гашту замин надод. Баъд ба сарам як фикр омад. Ин ҷо чим бастагӣ як замини санглох буд. Аз кӯҳ санг ғелида фуромада, хоки заминаш наменамуд. Кошки обаш бошад! Замини беоб! Илоҷи аз сой об баровардан ҳам нест. Хуб чарх зада, пасту болояшро гаштам, реҷа кашидаму ана баъд пеши раис рафтам. Ҳамон вақт раиси колхозамон Ҷавлон гуфтагӣ як ҷавонмарди соданамои дилсиёҳ буд. Он замонҳо қариб ҳар сол раиси колхоза дигар мекарданд, баъзан дар як сол ду-се бор ҳам нав мешуд. Замонҳои аҷоиб

буд!.. Ҳолӣ навбати авлоди Самандар нарасида буд, инҳо баъди ҷанг, не, не, солҳои ҷанг ба сари кор омаданд. Вай Ҷавлон гуфтагем, аслан чӯпон ва хизматгори як бой буд. Савод надошт, бечора ба ҳуҷҷатҳо сарангушташа ба ранг молида зер мекард. Хулосаи калом, ба пеши раис рафтаму гуфтам, ки ҳамин замина ба ман диҳед. Ҷавлон ҳайрон шуд, девона-певона шудӣ-чӣ, гӯён ба чашмам нигарист. Гуфтам, ки бе як порча замин рӯзам намегузарад, раиси пешин надод, ту ҳам имрӯзу фардо карда мегардӣ. Бидеҳ ҳамин замина, аз санг тоза карда корам созам, савоб аст.

– Сабр кун, додарам, – гуфт Ҷавлон маслиҳатомез. – Агар ҳозир ба ту замин диҳам, мебояд, ки боз ба шаш-ҳафт хонадони дигар диҳам. Замона носоз аст. Даррав замини колхоза толон кард гӯён, аз боло ба ягон бало пешрав мекунанд. Сабр кун, ягон илоҷ меёбам. Беоб аз он замини гуфтагит чӣ фоида?

– Раҳи об оварданашро мековам, ёфт мешудагист, – гуфтам. – Ҳу, таҳи зови баланд андаке кабудӣ мекунад, аҷриқ рӯйидагӣ, мековам, балки чашма мебаромадагист.

– Ана, ҳамин хел гапҳо катӣ розигии раиса гирифтаму кор сар кардам. Дар ҷавонӣ одам зӯраша ба куҷо сарф карданаша намедонад. Ҷавонони ҳозир қувваташона ҷойи кор фармудан надоранд: барои кишту кори деҳқонӣ замин нест, молдорӣ кунам гӯянд, алафу чарогоҳ нест, ҳазор хел қоида катӣ манъ кардаанд. Мошинат бошаду раҳи сози мошингардӣ надошта бошӣ, аз мошин чӣ фоида?! Дар шаҳр ҳам аҳвол ҳамин хел аст: ҳашт соат кори корхонара сарам-дилам ба поён расонида меоянду зӯрашона ба куҷо сарф карданашонро намедонанд... Ҳозир ҳам дар рӯйи ҳавлӣ ҳамсояҳои шаҳриам ғун шуда домино мезананд, шаробхӯрӣ мекунанд...

– Хуб, баъд чӣ шуд? Замин корам шуд охир? – Аз суханро ғоз дода, ба ҳар тараф бурдани амаки Патапат тоқатам тоқ гашту гапашро буридам. Ба дил гуфтам: «Ҳозир ҳамсояҳоятон шаробро дар хоби шабашон мебинанд!.. Воқеан, ҳеч аҷаб не, ба онҳо ҳам кор ёфт шудагист, – шароби дастӣ мекашидагистанд...»

– Саросема нашав, газа сар деҳ, мулло, – гуфт амаки Патапат, ки маънии ин суханаш харатро халачӯб зану тезтар бирон буд. Сипас пурсид: – Замин корам шуд мегӯйи-ё? Гӯш кун: миёнро чунон бастам, ки ана-мана нагуфта санглох замин барин шуд. Ҳамаи ана ҳамин сангҳои тавораро аз ин замин якта-якта дастони ман чидагӣ! – гуфт пирамард ба қафо баргашта, сӯйи сангдеворе, ки баробари қадди

каланддаста буд, ишора намуд. – Meковам – санг, замина мегардонам – боз санг... Себораю чорбора гардонда сангашро чиндам, ҳамвор кардам, пал кашидам, аммо хокаш нест, регзор, гарди хок намонда об шуста рафтаст. Ана, сонӣ рӯйи заминро як ваҷаб хоки девори куҳнаю нурии мол катӣ пӯшондам. Ҳазл не, дар он замон мошину ароба нест, агар буд ҳам, ку раҳ?! Ба ду хар нурӣ бор мекунаму боз як ҷуволро пур карда пуштвора мегирам. Ин заминро нигар, қариб як гектар аст! Дар танги тирамоҳ ба кор сар кардаму зимистони дароз хоку нурӣ кашондам. Яке мазоҳ мекарду ба ҳолам механдид, дигаре раҳмаш меомад. Халқ-дия... Хулласи калом, заминро ба киштукор мувофиқ кардаму аввали баҳор тухмӣ пошидам. Як хел гандуми ҷойдории худамон буд, аз тухми ҳамон пошидам. Тухмиро пошида, мола кардаму аз пайи обаш афтодам. Таҳи баъзе шаху зовҳо кабудӣ мекард, кофта дидам, нам ҳасту дараки об не. Харсангҳои калон баромад, дар он замонҳо динамит куҷо?! Дар деҳа мисрону болғаи калони сангшиканӣ ҳам ба ҳисоб буд – ду-се кас доштанд...

Аллакай замини ба киштзор табдил додаи амаки Патапат хеле қафо монда, ҳоло мо аз пайраҳаи танге мерафтем, ки як хар бораш катӣ ба сахтӣ аз он мегузашт. Самти дасти чапамон – ҷарӣ ва дар поёнтари он рӯд ҷорӣ буд, дар самти дасти рост шаху зовҳои баланд ба як тарзи ҳавлангез қомат афрохта, баъзан ба сӯйи раҳ хамидаанд.

– Ана, ба тори сарат нигар, мулло, – бо халачӯбаш ба боло ишора кард ӯ. – Ҳу, мебинӣ, аз ёнаи шах ҷӯй гузаштагӣ? Дидиё? – Ин ҷӯйро ман сохтагӣ! – Сипас эзоҳ дод: – Дар он замон қубур бошад ҳам, дар шаҳр кулолон месохтанд, дар деҳа набуд. Камаркаши кӯҳ катӣ ҷӯй кандам. Баъзе ҷойҳои паст ё шаху зовро се-чор метр сангдевор бардоштам ва дар рӯйи он девор чим катӣ ҷӯй сохта об бурдам. Ана, нигар, аз таҳи зов санг чиндагӣ... Дар баъзе ҷо сутун монда аз чӯб нова сохта будам... Диди-ё?

Осори он ҳама ранҷу заҳмати айёми ҷавонии ин марди деҳқон дар воқеъ ҳам маро ҳайрон кард. Агар ин ҳамаро имрӯз бо чашмони худ намедидам, балки боварам намеомад, муҳобот мешумурдам. Наход ки инсон дар чунин як мулки фарох, барои як порча замин ин қадар уқубат кашад?! Доири азиздошти замин мо чӣ қадар гап мезанем, мақолаҳо менависем, ҳикматҳо мегӯем! Менависем!.. Кулли он гуфтаҳо дар баробари заҳмати кашидаи ин мард чӣ арзише доранд?!

Амаки Патапат раҳорaҳ нав ба нав асари заҳмати худро ба ман менамуду эзоҳ медод, ҳикоя мекард, афсӯс мехӯрд.

– Хуб, ҳосил чӣ тавр шуд? Расо давлатманд гаштагистед? – пурсидам дар охир.

– Э-э, мулло, дар ин дуньё об овардаю кӯзашикаста баробар мегӯянд, аммо куҷо баробар?! Баръакс, каси об оварда хорӣ мекашад. Кору ҳунар катӣ ягон кас давлатманд нашудаст.

– Чунон ки Мирзо Бедил фармудаст: «Кисаи ҳеч кас надид пурӣ, то накард ихтиёр кисабурӣ» гӯед!

– Ҳақ асту рост! Дар замони мо дуздҳои калон кисабурӣ намекунанду лекин... мансаб мегиранд... – Амаки Патапат ба нафрат даст афшонду сипас харашро халачӯб зад. – Хи, э, баттол!..

– Хуб, ҳосил нашуд ё ягон офат зад? Ё об нарафт?

– Об бурдам, гандум чунон ҳосил дод, ки... хаёлам, чашми мардум расид... – Пирамард ба тахтапушти хар халачӯб заду баъд гуфт: – Ман аз деҳа дур, дар дашт гандуми лалмии колхозро дарав мекардам.

Додои пирам, раҳматӣ, дар деҳа хирмани ин заминро бод мекарданд. Ҳар касе, ки чоши гандумро медид, ҳайрон мемонд, мегуфтанд. Бемуҳобот, ҳар каси дидагӣ «ё тавба!» гӯён гиребонашро медоштаст. Бӯйи гандумро шунида, раиси колхоз ҳам меояд. Чоши гандум ба бардоштан тайёр, додом пасмондаи хирмана ғалбер мекардаанд, ки раис «мондаҳо, ба чошатон барака!» гӯён аз асп фуромадаст. «Э, офарин, қандаша занад деҳқон!» гӯён гандума каф зада дидасту таъйинот додаст:

– Ин гандума барои тухмӣ мондан лозим, амак... Ҳа, як донаашро беҷо накунед! Ман мегӯям, ина бурда ба анбори колхоз резанд, чанд ҷувол шавад, ҳамон қадар аз гандуми тухмии колхоз мегиред. Ҳозир дар анбор ғалла надорем, аввал плони давлатро буд кунем, сонӣ...

Хулосаи калом, «мо – ҳама як колхоз, як хонадонем, ин гандумро нобуд кардан ҷиноят аст» гӯён хеле варсоқӣ хонда рафтаст. Фурсате нагузашта мудири анбораш чор бӯзбала катӣ омада гандумро ба ҷуволҳо бардоштаанд. Дар он замон ғингӣ кунеду рӯзатона бинед! Замин замини колхоз аст, об оби колхоз, аз дасти мо чӣ меояд?! Ба ҳар бало пешрав карда метавонистанд, «уклон» мегуфтанд, чапу рост мегуфтанду беному нишон гумномат мекарданд. Яку якбора одам ба мартаба расад, баъзан бехуд мегаштаст...

– Ана, аз касофати ҳамон хел касон имрӯз як мамлакати калони дунё аз дигарон гандум мехарад, гӯшт мехарад, – гуфтам дар ғазаб.

– Хуб, дар ивазаш гандум доданд охир? – Лаҳзае баъд боз савол кардам.

– Ҳама гап дар сари ҳамин-дия! – гуфт амаки Патапат як оҳи чуқур кашида. – Беинсофӣ карданд, мулло... Агар раис инсоф медошт, сарамро гирифта аз ин диёр намерафтам. Инқилоб гӯён ноҷинсу нобакорон ҳам рӯйи об баромаданд-дия. Дар он замон аз паст ба боло гуфта баъзан аҳмақтарин касон вазифа мегирифтанд. Раиси мо ҳам аз ҳамин хелаш буд. Имрӯзу фардо гӯён хеле овора карда гашту гандумро надод. Ба аламам тоб оварда натавонистам. Дар сари қаҳр «то ту раисӣ, оби ҳамин диёр ба ман ҳаром аст» гӯён як шаб пиёда кӯҳро гузаштаму рафтам. Дар шаҳр кор ёфта, побарҷо гаштаму сонӣ ба деҳа омада зану бачаамро кӯчонда бурдам. Хуфия омадаму шабошаб кӯч бардоштам, нафаҳмида монданд.

Амаки Патапат хомӯш гашт.

Ман саргузашти ӯро шунида, як навъ маъюс ва музтар будам, аммо фикран мунозираю муҳокама доштам: «Панҷоҳ-шаст солакак қабл аз ин бечора мардуми мо чӣ қадар оҷизу нотавон будаст!.. Давраи амирӣ не, баъди инқилоб-а! Агар ҳаққу ҳуқуқашро медонист, пойи он раисро аз ҳаво меовард... Ҳанӯз ҳам аз хӯйи ғуломӣ наҷот наёфтаем. Барои як пула чизҳо худро дастхуши касу нокас мекунем, баъзан аз гуфтани сухани ҳақ меҳаросем, гоҳе аз ошӯб муқобили хорӣ мегурезем... Хайрияти кор, ки дар он замон деҳқон паноҳ ҷуста ба шаҳр гурехтан метавонистаст, сонитар аз ин имкон ҳам маҳрум гашта буд: дар шаҳрҳо паспорт ҷорӣ шуд, вале ба аҳли деҳа паспорт намедоданд. Бе паспорт ба куҷо меравӣ?! Вагарна, деҳқонони нағз аз деҳа мерафтанду мерафтанд, он гоҳ заминро кӣ кишт мекард?! Ҳоли ҳам замин бесоҳиб, беғамгусор, бе амаки Патапат баринҳо хорӣ мекашад...».

– Хуб, баъд замин чаро нокорам гашт? – савол кардам ман агарчи медонистам колхоз ин заминро ҳаргиз дуру дароз истифода карда наметавонад ё ба сахтию зорӣ як-ду сол ҳосил мегираду баъд ҷӯяшро сел хароб мекунад ё офати дигаре мезанад, хулоса, барои ин хел замин чашми соҳибғайрате даркор аст.

– Нокорам нагашта чӣ мешуд?! Баҳори соли дигар нархи сабзию пиёзро напурсида, саросема тухмӣ пошидаанд. Баъд, вақти об расид, менигаранд, ки новадони* чӯбинро бурдаанд, девори ҷӯй рахна ёфтаст. Аз беобӣ кишт сӯхта рафтаст, ҳосил нагирифтаанд.

Гӯшам ба суханони амаки Патапат, маро дар тасаввур меомад, ки чӣ гуна ҷавонмарди деҳқон сангистонеро аз санг холӣ мекунаду замин месозад, санг бар санг ниҳода атрофи онро девор мегирад, то

* **Новадон** – нов, нова; *чӯби дарунковок, ки ба воситаи он об ҷорӣ мешавад*

киштзорашро мол поймол насозад, баъд бо машаққатҳои азим ба ин як пора замини худ ҷӯйи об меоварад, алафи бегонаи киштзорашро ягон-ягон мечинад, ба даст шишаи даҳонтанг дар гандумзор мегардаду ҳаканак ном ҳашараи зараррасони киштзорашро аз рӯйи хӯшаҳои норасида мечинад... Баъд дарав мекунад, гандуми хӯшаҳояш тиллоиро банд-банд ғун оварда хирмани бошукӯҳе месозад. Барои хирманкӯбӣ барзагов даркор аст, аммо фақат колхоз ҳақ дорад, ки барзагов дошта бошад, агар модагови колхозчӣ гӯсолаи нар бизояд, бояд ки ба ҳадди барзаговӣ норасида, онро нест кунад. Амаки Патапат аз ночорӣ заминашро бо хари нимҷонаш шудгор карда, ба хирманкӯбӣ ҳам харро медарорад. Хайрияти кор, харро манъ накардаанд, ҳайвони пуртоқат аст, гӯшташ ҳарому кораш ҳалол. Сипас, падараш хирманро бо суруди «Майда-е, майда...» кӯфта, интизори бод чанд шабу рӯзро дар хирманҷо мегузаронад. Оқибат бод ҳам бармехезаду вай хирмани навкӯфтаро бод дода, донаро аз коҳ ҷудо мекунад. Деҳқони пир бар чоши баланди гандуми тиллоранг менигараду хушнуд табассум мекунад, ба хирмани коҳ менигараду каф ба каф суда завқ мебарад – ин зимистон ҳам аҳли хонадони писар серу ҳам молаш!.. Аммо... ногаҳон раис меояд... Баъд гандуми барчошро дар пеши чашми пирамард ба ҷуволҳо бардошта мебаранду вай ба шохаи чӯбин такя карда ҳайрону малул мемонад...

– Канӣ, газа зер кун, мулло! – Гуфт якбора овозашро сар дода амаки Патапат ва ман аз банди хаёл ба худ омадам. – Мардум гап баровардаанд, ки дар як кунҷи ғор китоб будаст... Аз рӯйи гап, хешони Самандаров ёфтаанд... – Ҳоло ӯ бо овози паст, ба як навъ маҳрамона, ба чашми ман саволомез нигариста сухан мекард ва ғолибан донистан мехост, ки аз ин хусус ақидаи ман чӣ гуна аст. – Боз мегӯянд, ки дар хонаи аммаашон – Маҳтоб-кампир як сандуқ доштаанд, гумонам, пул будаст, ба куҷое дигар бурдаанд. Маҳтоб-кампир ба кадоме аз наздиконаш гуфтаст, ки аз боиси ҳамон сандуқ шабу рӯз хавотирӣ доштам, ба ҳавлии ҳамсоя гузарам ҳам, хотирпарешон менишастам. Кадоме мегуфт, ки ҳозир ягон гап хезад, ҳавлиҳои дуру наздик хешонашонро ҳам мекованд, рост будаст-дия!.. Мегӯянд, ки дар бонк пули калон намондаст, аз ҳамин сабаб ҳукумат дар ташвиш афтодаст. Пули калонро бист-сӣ соли охир мансабдорон ба дарун зер кардан гирифтанд, дар дасти давлат намондагист ҳам! – Вай заҳрханд намуду ба чашми ман нигарист. Ман ба нишони тасдиқ сар ҷунбондам. Амаки Патапат суханашро идома дод: – Барои ҳамин онҳо дороиашонро дар

кӯҳу ғорҳо руст карданианд... Ҳама ҳамин хел мегӯянд... Баъзеҳо шояд ягон лӯндаашро ёбем гӯён, аз сими ғафс асои оҳанин сохта, дар кунҷу камари кӯҳ асо ғӯтонда гаштаанд!.. – Худ ба худ қоҳ-қоҳ зад вай.

Чаро ӯ механдад? Наход ки маро ҳам аз ҳамон зайл хазинаковон пиндорад? Ё худ умедвор аст, ки он пулҳоро меёбад? Ба ҳар ҳол, хандааш таҳдор меомад. Ноҳаққӣ деҳқони нағзро ҳам дигаргун мекунад. Касофати ноҳаққӣ ҳамеша пойи пас ҳам дорад...

Чаро вай механдад? Заҳрнок механдаду кинояашро зоҳир намекунад. Ноҳаққӣ ана, ҳамин деҳқони ҳалолкорро ҳам дигар кардаст, ба ҳама кор тамасхур мекунад, ба атрофаш ҳамеша пуршубҳа менигарад, ба ҳеч кас бовар надорад. «Ранҷбари рӯйи ҷаҳон иттиҳод» гуфтанду ба шаҳр рафтам, хостам, ки пролетар шавам, нашуд. Ана, акнун бачаҳо на деҳқонанд, на пролетар, як дарди ҳарина...» мегӯяд.

– Ин мегум, авлоди Самандаровҳо дар ду олам ба тарафи кӯҳ гузар намекарданд, чӣ шуд, ки якбора ба камаркаши кӯҳ – ба ғор рафтаанд? – Лаҳзае хомӯш рафту боз саволомез нидо баровард вай. – Одами пулдор дар кӯҳу камар номаъқул мекунадо? Ҳамту не? – Амаки Патапат аз ин гапу корҳо сирф бехабарии маро донад ҳам, ҳар замон савол мекарду ҷавоби маро шунидан мехост, мехост, ки ба ӯ ҳамфикрӣ изҳор намоям.

– Ҳайронам... – гуфтам оқибат китф боло кашида. – Ман хеле сол шуд, ки дар шаҳрам, аз гапу кори деҳа бехабарам, амак. Хайр, ҳар замон мешунавам, ки ҳамаи ин авлод дар сари мансабанд, кордашон доим болои равған аст.

– Ҳа-а, инҳо хеле реша давонданд – дар район ҳам, дар шаҳр ҳам писару духтар, додарзодаю хоҳарзодаҳошонро ба сари корҳои нағз монданд. Пул бошад, ҳама кор осон будаст. Беҳуда намегӯянд, ки ҳақиқат дар осмон бошад ҳам, нардбонаш дар червон аст! Червон мегуфтанд, як замон пулҳои Николайпошшо буд...

– Ҳозир ба шалвори ҳамаи пулдорҳо кайк даромад, – гуфтам ман. – Воқеаҳои кишвари ҳамсояро шунидед?.. Азбаски роҳи кору ҳунар катӣ давлатманд гаштанро бастанд, дуздию қаллобӣ мекунанд.

Амаки Патапат сухани маро нашунид ва ё шуниду эътибор надод.

– Қариб сӣ сол аст, ки Самандарови калонӣ дар мансаб аст. Мегӯянд, ки аз як милён ҳам зиёд пул дорад, – изҳори андеша мекард вай. Ин тоифа расо мамлакатро хӯрданд-е!.. Аслан аз кордории ҳамин ҳукуматамон ҳам ҳайрон мешавӣ: охир, як кас агар як умр дар сари мансаб бошад, ҳар хел номаъқулӣ мекунад-дия! Агар ба майли халқ нигариста ба кор монанд, ҳар мансабдоре, ки гуноҳ кард, ба кори каланд

гузарад, гап дигар буд. Э, тавба, – боз худ ба худ изҳори ҳайрат мекард амаки Патапат, – агар дар маҷлис гап задани раиси колхозамонро гӯш кунӣ, сӯфӣ мегӯйӣ, гумонат, ин ҳаққи гӯсола аст гӯён, шири говро намехӯрад. Раҳматӣ... аслан раҳматӣ ҳам набудагист, ба халқ хеле зулм карда буд, додои ҳамин Самандаров – Самандари Шапка дута гов доштагиҳоро қулоқ гӯён молу ҳолашона мусодара карда, саргардон карда фиристода буд. Сонитар мардум қолинҳои Деҳқонбою чойнику табақҳои чинии Мулло Қувватро дар хонаи вай дида, гаранг монданд. Ана, инҳо аз ҳамон замон миёнашонро сахт баста, тиллои қулоқҳо катӣ мансаб гирифтанд, фарзандонашонро аз чангравӣ халос карданд, ҳар мушкилашонро осон карданд. Э-э, дар як умри кӯтоҳаш одам чи корҳоеро намедидааст! ... – Баланд оҳ кашиду хомӯш монд амаки Патапат.

– Ҳозир ҳамаи он хатоҳоро ислоҳ мекунанд, – гуфтам ман.

Амаки Патапат ин бор ҳам сухани маро дастгирӣ накард. Ман ба рӯйи вай нигаристам. Ӯ матлабро пай бурду хираханде намуд.

– Баргу пояи ғумойро медараванд... – гуфт рамзомез. Сипас эзоҳ дод: – Сахттар авҷ мекунад. Решакан кардан лозим, то дигар имкони сабзидан набошад... Кӣ ба пойи худаш теша мезанад? Гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад мегӯянд.

Харҳо аз пайраҳаи печ дар печ ба кӯҳ рост гашта, ҳоло ба сахтӣ пой мебардоштанд. Мо пиёда гаштем...

Ба рахти китобҳо даст расонидан мушкил буд. Ман дар шуълаи чароғаки дастӣ сангдевори ба девори табиии ғор хеле монанд сохтаро чашм давондаму аз рахнаи он сар дароварда таҳ-таҳ китобҳоро равшан кардам. Қабл аз мо ба ин ҷо омадагон китобҳоро бардоштан хостаанд, вале варақаҳои пӯсида аз ҳам рехта коҳ барин парешон гаштаст. Ман ин пӯсидакитобҳоро, ки мардум титу пит сохта буданд, мисли коҳтӯда ба як сӯ кашида, аз муқова ва шерозаи чармини як китоби калон оҳиста бардоштаму бо эҳтиёт, чунон ки дар дастам мина ва ё бомбаи таркандае бошад, реза-реза по ниҳода берун баровардам. Китобро рӯйи харсанге ниҳодему хостем, ки бикушоем, аммо варақҳо ба даст часпида мерехтанд. Аз мутолиаи пораҳои он чунин қиёс гирифтам, ки ин китоб тарҷумаи форсӣ ва шарҳу тавзеҳи китоби динӣ буд. Дар як варақ пораи тавзеҳи сураи «Алҷурӯҳа қисос»-ро хонда тавонистам.

Сипас, мо ба ҳамин минвол се китоби дигарро берун овардем – девони Хоҷа Ҳофиз, рисолае доири илми нуҷум ва як китоби сеюмӣ,

ки ҳаҷман хеле бузург буд, ғолибан ба илми тиб оид буд, зеро унвони он сутурда гашта бошад ҳам, аз вараҷи сеюм ё чорумаш ба сахтӣ ин суханонро бихондам: «... ва ин китоб ҷамъ кардам, ки табиброн андар ҳеч боб ба ҳеч китоби дигар ҳоҷат набошад ва ба сабаби бозгаштан ба китобҳои бисёр хотир пароканда нашавад...».

Ман ин порчаро дар ду сатри хаташ сутурда ва пора-пора хондаму дар банди андеша афтодам: «Аз рӯйи услуби имло, тозагӣ ва ноолудагии забон ин китоб, ки кулли қисматҳои илми тибро фароҳам кардааст, ғолибан дар асрҳои ёздаҳ, ҳеч набошад, дар ибтидои асри дувоздаҳ таълиф ёфтааст. Агар имрӯз ин китоби пӯсидаро ба алифбои нав баргардонему интишор намоем, қариб даҳ ҷилд қомуси тиббӣ қадимӣ хоҳад буд. Хеле кам миллати дунё дар он асрҳо қомуси тиббӣ доштагистанд. Табибе, ки ин китобро дар даст дорад, ба вай дастури дигар лозим не мегӯяд-а!.. Афсӯс...»

Амаки Патапат ҳам, вақте ки ба маънии он сатрҳо сарфаҳм рафт, хеле афсӯсу надомат карду сипас гуфт:

– Ман барои як порча замин афсӯс хӯрда гаштаам!.. Ана, барои ин китобҳо кас афсӯс хӯрад, меарзад.

– Ба замин ҳам ҳайфи кас меояд, ба китоб ҳам, ба одамон ҳам... – гуфтам ман дар ғояти андӯҳ ғубори ба сару танам нишастаро афшонда. – Касе, ки китобро нобуд кард, оқибат мардумро ҳам нобуд мекунад мегӯянд, ҳақ асту рост.

## ШЕЪРҲО

### ЗАБОНИ МОДАРӢ

Зи нағмаҳои сози мо,
Зи таърихи дарози мо,
Туро бубаста тору пуд,
Забони дилнавози мо.

Зи ҳикмати замири пок,
Зи оҳи пири дарднок.
Зи тӯйҳо, зи сурҳо,
Зи синаҳои чок-чок.

Аз «Алла»-ҳои модарон,
Зи хандаҳои кӯдакон,
Асос барниҳодаанд,
Туро чу марҳаме ба ҷон.

Ту аввалин суруди мо,
Қисаи «Буд-набуд»-и мо,
Забони модарӣ, туӣ –
Шаҳодати вуҷуди мо.

Чу кӯҳ сахту пойдор,
Чу рӯд шӯху беқарор.
Зи дарраҳо ту омадӣ,
Дарӣ ту лафзи беғубор.

Каломи шоҳномаҳо,
Равонбахши хомаҳо
Зи даврҳо ба даврҳо
Ту меравӣ, забони мо.

**ДИЁРАМ**

Диёрам, Каъбаи ман ту,
Ба ҳар сангаш тавоф орам.
Ба ҳар неку бадам наздат
Чу фарзанд эътироф орам.

Ба бӯйи сабзаи навхез,
Ба бӯйи меҳр мастам ман.
Гулу хори туро умре
Диёрам, мепарастам ман.

Гуле аз навбаҳорат ман,
Ватан, як мушти хокат ман,
Сари сабзи чинорат ман,
Парешон атри покат ман.

Ватан – модар, ватан – фарзанд.
Ватан чашмони биноям.
Ватан аз ман, ман аз ӯям,
Ватан имрӯзу фардоям.

**ЗАН**

Шоҳи лутфу назокатӣ, эй зан,
Рангу бӯйи баҳор кори туст.
Дар фалак офтоби оламтоб
Нусха аз рӯйи шуълабори туст.

Офаридат табиат афсунгар,
Бас ба ту нозпарварӣ омӯхт.
Баъд бечора устод аз ту
Дилнавозию дилбарӣ омӯхт.

Меҳр дар ту, муҳаббат андар ту,
Сеҳр аз туст, соҳирӣ аз туст.
Офаридгори орзуҳоӣ,
Шеър аз туст, шоирӣ аз туст.

Ишқ дар туст, зиндагӣ дар ту,
Рашк аз туст, фитна ҳам аз туст.
Заҳри ту расида позаҳр аст,
Ҳар гуноҳу савоби ту некуст.

Чашми меҳру шафоати олам,
Дасти гарми навозиши инсон,
Ҳалқаи дарду изтироби даҳр,
Домани хайру шафқату эҳсон!

Бе ту дар умри ман сафое нест,
Бе ту дар сози ман садое нест,
Сӯзаму рози зиндагӣ гӯям,
Ҷуз ризои ту муддаое нест.

## ТАКРОР МЕОЯМ...

Даруни синаам яххо шикаста,
Миёни ҳалқаҳои чашми ман хуршед мерақсад,
Баҳорон боз меояд.
Ба сар хуршеду андар синаам уммед мерақсад,
Баҳорон боз меояд.

Ман акнун дар лаби дарё,
Ман акнун дар канори чашмаҳо
Ба пазмонӣ лабони бӯсахоҳи ёр меҷӯям.
Ба мисли сабзаи навхез боз аз хок мерӯям.

Назар бинмуда чун кӯҳ
 аз паси дарё
Нишони рӯзҳои рафтаам дар об мебинам,
Ман аз нав ҳар баҳори
 умри худро ёд меорам,
Суруди тоза мехонам,
Ман акнун бо фазои лоҷувардӣ роз мегӯям,
Муҳаббатҳову улфатҳои дурам боз меҷӯям.

Зи ҳар пайроҳаи бигзоштаам
 такрор меоям,
Наву такрор меоям.
Ман акнун аз ҳавасҳои парешон даст мешӯям,
Нигоҳ аз ахтарони дур мебандам.
Ба таъзим аз замин гулҳои
 рангоранг мечинам,
Заминро саҷда меорам,
Ба ёрон аз баҳори орзуҳо мужда меорам.

Агар гирям,
 чу абри навбаҳорон
Наву такрор мегирям.
Агар хандам, чу гулҳои баҳорон
 тоза механдам,
Басо такрор механдам.

## СОЯ

Соя дар об фитад, тар нашавад,
Гар ба оташ фитад, ахгар нашавад.
Гардад он дар пайи сад маҳпайкар,
Лек ҳайҳот, ки пайкар нашавад.

Таҳ кун аз сабзаву гул бистари он,
Чу шафақ ранг бирез аз сари он.
Ҳеч гаҳ ранг нагирад соя,
Ҳайф бошад, ки шавӣ чокари он.

Соя ҳаргиз наниҳад пой ба пеш,
Соя часпад ба паят ҳамчу ширеш.
Ҳуш дорӣ магар, эй роҳнаворд,
Сояро мебарӣ ту аз пайи хеш.

На варо бохт, на як бурде ҳаст,
На варо ғуссаву на дарде ҳаст.
Соя чун ҳайкали холист равон,
Не дар он гармию не сардӣ ҳаст.

Дӯстам соя машав!

## РУБОИЁТ

Аз гуфтаи худ наям парешон, эй дӯст,
Аз кардаи худ наям пушаймон, эй дӯст.
Ман хӯшаи донарез гаштам акнун,
Аз оташам ин қадар матарсон, эй дӯст.
***
Баъд аз сари мо низ ҷаҳон хоҳад буд,
Ин гиряву ханда ҷовидон хоҳад буд.
Обе, ки ба ҷӯй меравад, гирён аст,
З-ин ҷӯй гузаштан ормон хоҳад буд.
***
Гар ғунча ниқоб медарад, хушнудам,
Гар чашма ба рӯд мебарад, хушнудам.

Аз лонаи хештан агар чуҷаҳаке,
Рӯзе чу уқоб мепарад, хушнудам.
***
Гардун, чу ба сӯйи мардум андохт каманд,
Овард басо сари баланде дар банд.
Ҳар мард чу Рӯдакӣ ба домаш н-афтод,
Ин гург ду чашми равшани ӯро канд.
***
Дар хилвати рози мо наё, эй бадхӯ,
Гар омадаӣ аз дили худ кина бишӯ.
Сози ғаразу кинакашӣ барҳам зан,
Чун зоғ ту аз меваи мо кирм маҷӯ.
***
Дар чашми рамузбин тамошост китоб,
Гар кайфияте шиносӣ, дунёст китоб.
Эй бехабар, аз бузургиҳои қатра,
Гар ғӯта задан тавонӣ, дарёст китоб.
***
Ман рози дилам ба гӯши гулҳо гӯям,
Таскини дилам зи тоби дилҳо ҷӯям.
Чун дона миёни хоки раҳ гум шудаам,
Шояд ки ба иқболи ту фардо рӯям.
***
Ман қатрааму зиндагиам ошӯбаст,
Домони яке рӯд маро матлуб аст.
Аз халқ канора ҷустан кӯрдилист.
Аз хеш гаҳе канора ҷустан хуб аст.
***
Наврӯз расад рубоб дар даст баро,
Аз ишқ чу гул хумор нашкаст, баро.
Ман рози дилам ба гӯши гулҳо гӯям,
Гар накҳати гул шамиданат ҳаст, баро.
***
Субҳе зи гиребони шабам механдад,
Хуршеди ман андар талабам механдад.
Оташ ба дилам зи меҳри ӯ пеши касон
Месӯзаму чун лола лабам механдад.
***

Хоҳам ба мисоли оби дарё бошӣ,
Гаҳ гулшану гаҳ бодияпаймо бошӣ.
Ҷӯшиву хурӯшиву ситезӣ, аммо
Дар тирамаҳи умр мусаффо бошӣ.
***
Ҳиммат сухани дастнигарҳо будаст,
Ҳотам ҳашами тангназарҳо будаст.
Он чашм, ки гуфтаанд дунёбинаш,
Кӯри худу бинои дигарҳо будаст.
***
Чун лола зи дур сурхрӯйӣ накунам,
Бо дилсияҳон шукуфтарӯйӣ накунам.
Бо неку бади ҷаҳон дил оростаам.
Аз халқи ватан канораҷӯйӣ накунам.
***
Чун рӯд ман аз баландиҳо паст шудам,
Чун боди сабо поку тиҳидаст шудам.
Лек иззати худ нарехтам пеши касе,
Бо шавкати сарбаландиҳо маст шудам.
***
То ғунча шукуфт, субҳидам мегузарад,
Ғавғои таккабури ту ҳам мегузарад.
Аз ёри нахуст дил набардор ба саҳл,
Ин бахти хуш аз кӯйи ту кам мегузарад.
***
Эй қатраи пок, роҳи худ гум накунӣ,
Бе рӯд дар ин ҷода талотум накунӣ.
Ҳастии ту як ҳалқаи ин занҷир аст,
Ҳуш дор, ки ин силсиларо гум накунӣ.

## ДУБАЙТИҲО

Агар поят ба раҳ фарсуда бошад,
Ба сахтӣ роҳи худ паймуда бошад.
Налағҷад ҳаргиз аз пасту баландӣ,
Аз ин бобат дилат осуда бошад.
***
Мурод аспест беҷавлон нагардад,
Ба дарди коҳилон дармон нагардад.
Раҳи осон маҷӯ дар зиндагонӣ,
Аз осон мушкилат осон нагардад.
***
Нагӯям дар ғами аҳволи худ бош,
Ба дунё раҳбари омоли худ бош.
Ба пойи дигарон раҳ рафтан осон,
Маҷӯ боли ҳумо, шаҳболи худ бош.
***
Табиби дардмандон бош, эй дил,
Ҳабиби мустамандон бош, эй дил.
Агар гаштӣ муҳибби хоксорон,
Хилофи худписандон бош, эй дил.
***
Ҷавоне чизи гумнокарда мекофт,
Ба шаб ҳуштакнавозон нағма мебофт.
Муродаш духтари ҳамсоя будаст,
Саҳар дар дасти ӯ гулдаста метофт.





# ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ
## (1941 – 1990)

Ҷонибек Қувноқ 10-уми ноябри соли 1941 дар деҳаи Порашти кӯҳистони Нурато, ки ҳоло мутааллиқ ба ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах аст, дар оилаи деҳқон ба дунё меояд. Ӯ таълими ибтидоӣ ва миёнаро дар мактаби деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато фаро гирифта, таҳсили худро дар факултаи таърих филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд идома медиҳад. Пас аз хатми донишкада дар мактаби миёнаи ёздаҳуми ноҳияи Панҷакент фаъолияти омӯзгории хешро оғоз менамояд.

Ҷонибек Қувноқ аз соли 1966 то дами охирини зиндагӣ дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» кор кардааст. Шоир ҳамчун масъули шуъбаи адабиёту ҳунар ва дертар ба унвони ҷонишини сармуҳаррир дар пешрафти рӯзномаи тоҷикии ҷумҳурӣ хидматҳои пурарзиш анҷом медиҳад. Ӯ дар такмили истеъдод ва маҳорати эҷодии қаламкашони ҷавон нақши бориз дорад. Яке аз нахустин муҳаққиқонест, ки таърихи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро ба қалам дода, дар ин робита пажӯҳишҳои муфид анҷом додааст.

Ҷонибек Қувноқ дар байни эҷодкорони солҳои 70 ва 80-ум аз он ҷиҳат бартарӣ дошт, ки ӯ ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мусаллат буд, ба ду забон эҷод мекард ва дар ин самт анъанаи неки халқҳои бародарро идома медод. Дар тарғиби адабиёти тоҷик дар байни мардуми ӯзбек ва мутақобилан, адабиёти ӯзбек дар байни халқи тоҷик саҳми босазо мегузорад. Чунончи, ӯ кори тарҷумаро аз ашъори устоди назм – Мирзо Турсунзода («Оташ посбони») ва Мавҷуда Ҳакимова («Қуёш зарраси») оғоз намуда, бо густариши ин фаъолият чандин намунаро аз осори шоирони тоҷик, ба мисли Дақиқӣ, Убайди Зоконӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, Маъдан, Савдо, Аҳмади Дониш, Саҳбо, Асирӣ, Шамсиддин Шоҳин, Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат, Айнӣ ба ӯзбекӣ бармегардонад. Маҳз бо кӯшиши ӯ ду романи адибони яҳудитабори Бухоро Ёқуб Ҳайимов ва Малик Раҳмон бо исмҳои «Ду тақдир» ва «Дарбадар» ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Ҳамчунин тарҷумаи маҷмӯаи ҳикояҳои Ӯткур Ҳошим бо номи «Нур ва соя», достони Абдулло Орифов «Ҳаким ва аҷал» ва бисёре аз ашъори Э.

Воҳидов, Б. Бойқобилов, Н. Нарзуллоев, Назармат ба қалами Ҷонибек мансуб аст.

Бояд зикр намуд, ки ҳамзамон бо чопи китобҳои шоир дар Душанбе, маҷмӯаи шеърҳояш дар Тошканд низ (ба забони ӯзбекӣ) ба табъ расидаанд. Чунончи, китобҳои «Юрак тўлқинлари» ва «Сенга интиламан» (бо ҳаммуаллифӣ) далели ин гуфта аст. Бо ибтикори шоир китобҳои «Дӯсти мо, бародари мо» ва «Гулдастаи Самарқанд» чоп шудаанд, ки аз осори дастҷамъии адибон фароҳам омадаанд.

Шоир дар поёни умр вақти худро бештар барои тарҷумаи достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Алишер Навоӣ сарф мекунад. Бахше аз тарҷумаҳояш соли 1989 дар китоби «Ҷомӣ ва Навоӣ» ва қисми дигараш соли 1991 дар шумораи аввали «Садои шарқ» ба табъ расидаанд.

Публитсистикаи журналисти шоистаи Ӯзбекистон Ҷонибек Қувноқ доманаи фарох дорад ва ҳанӯз ба таври лозим баррасию омӯхта нашудааст. Мебояд ёдоварӣ намуд, ки ӯ радиожурналисти моҳир низ буд. Садояш аз радиои тоҷикии Ӯзбекистон бурройю расо пахш мешуд. Ҷонибек Қувноқ асосгузори барномаи тоҷикии телевизионии «Рангинкамон» аст.

Пас аз даргузашти шоир Ҷонибек Қувноқ, ки ин ҳодиса хеле зуд, дар синни 49-солагиаш рух медиҳад (6-уми ноябри соли 1990), ному кори неки ӯ, осори содаю пурмаъниаш дар дили халқҳои тоҷику ӯзбек муҳр баст. Ба хотири ёдоварӣ ва бузургдошти шоир ҳар сол дар зодгоҳаш – деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ва пайваста дар шаҳрҳои дигар нишасту анҷуманҳои ҷолибу гуворо доир мегардад. Дар нашриётҳои Тоҷикистон ду китоби ашъори баргузидаи шоир бо таҳриру сарсухани устодони сухан Саидалӣ Маъмур ва Лоиқ Шералӣ («Саховат» / Душанбе: Адиб, 1998) ва Гурез Сафар («Чароғи сухан» / Душанбе: Адиб, 2010) ба табъ расидаанд. Соли 2019 бо эҳтимоми марди равшанфикр Абдукарими Шариф, шоир Асадулло Исмоилзода ва адиб Юнуси Имомназар китоби нави Ҷонибек Қувноқ бо номи «Ширу шакар» интишор меёбад (Тошканд: «Ноширлик ёғдуси», 2019).

Бояд зикр намуд, ки нахустин маҷмӯаи шеърҳои Ҷонибек Қувноқ соли 1973 бо номи «Қарз» дар Душанбе интишор ёфтааст. Сипас китоби дигари ӯ – «Арзи дил» соли 1977 арзи ҳастӣ мекунад. Маҷмӯаҳои навбатӣ бо исмҳои «Ифтихор» (Душанбе: Адиб, 1982), «Розҳо» (Душанбе: Адиб, 1987), «Зангӯла» (зери таҳрири Одина Мирак / Душанбе: Адиб, 1990) дар Тоҷикистон чоп шудаанд.

Марқади шоир Ҷонибек Қувноқ дар зодгоҳаш – деҳаи хушманзари

Порашт қарор дорад ва зиёратгоҳи хурду калон аст. Бар рӯйи лавҳи гӯри шоир ин мисраъҳо ҳак шудаанд:

*Баъди мурдан нишони мо сухан аст,*
*Оташи корвони мо сухан аст.*

## ШЕЪРҲО

### ИМОН

Гаҳе мепурсадам имон чу довар
Қасамҳо хӯрда бар номи адолат.
Бигӯ, эй Ҷонибек, дар ин чиҳил сол
Чиҳо кардӣ, ку шоҳид, ку кафолат?

Чиҳо кардам, чиҳо дидам? Чиҳоро
Равою нораво диданд мардум?
Пайи як чашмаи камоб оё
Накардам обгири умри худ гум?

Аҷаб, то бишканад неши фиребе,
Гаҳе сӯҳон шудам, гаҳ путки инсоф.
Шикастам, лек оё кина кам шуд?
Магар афзун бишуд хайли дарунсоф?

Замон гирад агар оҳанги дигар,
Бигирад кина бар худ ранги дигар.
Намеояд ба кор он путку сӯҳон,
Ҳамебоист чангу санги дигар.

Чу бошад решаи найранг дар об,
Куҷо иқбол ёбад сарбаландӣ.
Гуле кай бишкуфад озоду хандон,
Чу бинад хорро андар баландӣ.

Азобам медиҳад дидори каззоб,
Барад, эй кош, тазвири варо об.
Сарои бахт аз кизбаш сароб аст,
Чӣ хуш, тобаш диҳад гар оҳанинтоб.

Ғаму андӯҳи бешам кам шумурдам,
Нами чашмони худ шабнам шумурдам.
Дар ин чил сол корам мардумӣ буд,
Миёни одамон одам шумурдам.

Ало, эй довари якрӯй, имон,
Аҷаб не ними борам пушти сар монд.
Зи шоҳин мушти пар мемонад охир,
Ба марзи мардумӣ аз ман асар монд.

**ПАДАР**

Давлати ноёб ҳастед, эй падар,
Маҷмаи одоб ҳастед, эй падар.

Ҳарфатон дилро ба дил пайваст боз,
Ҷавҳари камёб ҳастед, эй падар.

Мӯшикофӣ мекунед аз роҳи дил,
Чун тавону дод ҳастед, эй падар.

Чун китоби панд бошад умратон,
Пири ҳар устод ҳастед, эй падар.

Умри ман бошад агар як сафҳае,
Матлаи ҳар боб ҳастед, эй падар.

Давлати дунё ба мо ноёб не,
Давлати ноёб ҳастед, эй падар.

**БО ИН НИШОН ШИНОСЕД!**

Ман посдори ҳиммат, бо ин нишон шиносед!
Ҳиммат матои қиммат, бо ин нишон шиносед!

Дар рӯзи сахт ҳаргиз ман пеши сахтрӯён
Қадро намекунам қат, бо ин нишон шиносед!

Ман душмани хушомад, аммо ба ёри хушрӯ
Гӯям фақат хушомад, бо ин нишон шиносед!

Ман ҳадшинос, аммо нокас чу садди раҳ шуд,
Талқони по шавад ҳад, бо ин нишон шиносед!

Ман бехсӯзи зиллат, ман решасӯзи иллат,
Як ҷонфидои миллат, бо ин нишон шиносед!

**САВГАНД**

Ман – форишӣ, дар мағзи кӯҳ
Кӯю дари аҷдоди ман.
Аз чашмаву кӯҳи баланд,
Чор унсури бунёди ман.

Бинвиштаам шеъри сафед,
Дар сафҳаи санги сиёҳ,
Гар пеш ояд сангдил,
Аз санг меҷӯям паноҳ.

Ҳарчанд ман дурам зи деҳ,
Бо рӯд ҳастам ҳамсуруд.
Акси садое бишнавам,
Аз кӯҳ бар фарёди худ.

Дар Чоч дорам зиндагӣ,
Бо Бадри Чочӣ ҳамнафас.
Ман – шоирам, як коғазу
Як олами рӯҳонӣ бас!

Шукро, ки аз кӯю дарам
Пар мезанад лафзи дарӣ.
Танҳо наям, ман – мардуме,
Кӯю дари ман – кишваре.

Бо ин забон ман тоҷикам,
Бе ин забон ман безабон.

Маҳруми мардум – марҳуме,
Маҳрум чӣ? Бадтар аз он!

Дар вопасин дам ҳам маро
Бо ин забон арзу хитоб.
Пурсандаҳо пурсанд агар,
Бо ин забон бидҳам ҷавоб.

***

***«Мо луъбатакону фалак луъбатбоз»***
***Хайём***

Чарх гашта чархи гардун тофтем,
Синаи афлокро бишкофтем.
Хок овардем дар гоҳи қамар,
Қиссаҳои булаҷаб ҳам бофтем.

Ростӣ, меоварам имрӯз шак,
Ман ба эъҷози нигаҳбони фалак.
Дошт охир бандагони хокдон,
На зи домон, аз гиребони фалак.

Аз садои ларзаи боми фалак,
Нимашабҳо як қадам гаҳ мепарам.
Аз фалак гӯё малак омад фуруд,
Гаҳ сари бому гаҳе пушти дарам.

Ман наям дигар фалакро луъбатак,
Мо фалакро ҳамчу худ нав сохтем.
Он куҳан айём ку, Хайём ку?
То бубинад сохтем ё бохтем.

Лек андар тирагоҳи рӯзгор,
Луъбатакбозӣ ба ранги дигар аст,
Он яке дар нақши луъбатбоз гар,
Дигаре чун луъбатак фармонбар аст.

Ҳар ду ҳам аз зодагони одамӣ,
Ҳар дуро ҳам дасту пою чашму рӯ.
Луъбатак, аммо, даҳон во мекунад,
Чун ба гӯшаш мерасад амри «бигӯ!».

Гар бифармояд бупар бар осмон,
Бо ду даст азми паридан мекунад.
Гар бифармояд бичар дар марғзор,
Ростӣ, расми чаридан мекунад.

Гар бифармояд бикаш аз пойи кас,
Мекашад аз пойи ҳар кӣ беибо.
Луъбатакро амри луъбатбоз бас,
Пеши он ночор ҳар чуну чаро.

Ман чӣ ҳам гӯям ба луъбатбозҳо,
Ман чӣ ҳам гӯям барои луъбатак?
Ихтиёри ҳар дуро додам ба ту,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бифармо, эй фалак!

**АРЗИ ФАРЗАНД**

Модар, сари қабрат омадам боз,
Бо меҳру муҳаббат омадам боз.
То мужда зи фасли гул расонам,
Гул чинаму рӯйи қабр монам.
То пеши ту шарҳи ҳол гӯям,
Аз қисмати худ мисол гӯям…
Эй пораи қалб гуфта будӣ,
В-эй чораи қалб гуфта будӣ,
То заҳри азоби дил шавад нӯш,
Ҷӯ канда зи оби ҷӯйи худ нӯш.
Хоҳӣ, ки зи лавҳи ёди мардум
Номат нашавад дар ин замон гум,
Мебош мудом ғамбарораш,
Бардор ба дӯши хеш бораш,
Дар бар рухи пастҳимматӣ пӯш,
Аз баҳри баландномӣ мекӯш…

Ин панди ту гашт нардбонам,
То ки ба баландӣ пой монам,
Бишкуфт ниҳоли орзуят,
Во гашт гиреҳи ҷустуҷӯят.
Ҳоло ҳама модарони дилбанд
Хонанд маро ба хеш фарзанд.
Гӯянд сухан, садоят ояд,
Савти нави муддаоят ояд.
Имдодгарӣ ҳанӯз моро,
Чун аввала чокдӯз моро.
Модар, ана боз омадам ман,
Бо рӯйи ниёз омадам ман.
Баргӯй чӣ кор карданамро,
Аз нав чӣ қарор карданамро…

## ҒАЗАЛҲО

Аҳди худ бо ту шикастан, ёр, моро мушкил аст,
Лек бо ту сохтан бисёр моро мушкил аст.

Буттаи гул ҳастию ман хорбунам, эй дареғ,
Ҳоли мо чун аст, чун, изҳор моро мушкил аст.

Бахти хоболударо аз нолаю шеван чӣ суд?
Чун кунам бедор, оҳ, ин кор моро мушкил аст.

Осмон дар оси худ гар орд созад саҳл, саҳл,
Бори фурқат гар фитад як бор моро мушкил аст.

Гул агар хоҳӣ, ҷафои хор мекаш, Ҷонибек,
Ёфтан чун як гули бехор моро мушкил аст.

***

Бар ҳарфи мани зор даме гӯш кун, эй гул,
Ишқ оби бақояст, варо нӯш кун, эй гул.

То чанд ту оғуштаи сад фикру хаёлӣ,
Бе фикру хаёл омадам, оғӯш кун, эй гул.

Аз қар-қари он зоғи сияҳ маънӣ чӣ ҷӯйӣ?
Як зарфтунук хост, ки хомӯш кун, эй гул!

Ҳусни ту хироҷи ду ҳазор олами хокист,
Ин ҳусни худодод фаромӯш кун, эй гул,

Дӯшиза, бару дӯши туро садқа шавам ман,
Гар рад бикунӣ, хеш сияҳпӯш кун, эй гул.

Аз оташи ишқи ту дилам ҷӯш занад, ҷӯш,
Дил дар кафи ту, ҳарфи варо гӯш кун, эй гул.

***

Бе ту, ҷоно, зиндагӣ ҷонро азобе будааст,
Бе ту тори қалби моро печутобе будааст.

Рӯзи ман равшан, вале дар олами дил тирагист,
Чеҳраи хандони ту худ офтобе будааст.

Хор метобад ба чашмам ҳар гули сурху сафед.
Бе гули рухсораат, дунё харобе будааст.

Интизориро шуморам маҷмаи зории дил,
Бадтар аз ҷон кандан ин ҳарфи китобӣ будааст.

Кош ин теғи забон аввал ба ҷонам мерасид,
Ҳарфи беҷо маншаи ҳар изтиробе будааст.

Аз ҳама ҷабру ҷафоҳо инқилобе сар занад,
Ишқро ҳам аз ҷафоҳо инқилобе будааст.

Ошнои бодаро боди фалокат ошност,
Бӯсае аз лаъли ту мушку гулобе будааст.

Обрӯ аз обрӯи ишқ гирад ибтидо,
Обрӯе ғайри он мисли саробе будааст.

Ростиро аз сулуки каҷравон омӯхтанд,
Боб бастӣ, рафтани ту фатҳи бобе будааст...

***

Гирам чу шоҳболе дасти туро ба дастам,
То дасти ту ба дастам, авҷи фалак парастам!

Бар душманам бигӯ, ки садди раҳам нагардад,
Сад сад шикастаам ман, то бе ту бешикастам!

Кардам ҳазор пора ҷому сабӯи худро,
Аз як нигоҳи мастат умри дароз мастам!

Чун бо ту аҳд бастам, аз қайди худ бирастам,
Ту ҳастии ман астӣ, ман бо ту зинда ҳастам!

Ёр аҳлу кор саҳл аст, он моҳии тилоро
Андоз боз бар об, афтад агар ба шастам!

Бахт аз ҳазор маънӣ сурат гирифта, аммо
Беҳ аз ҳазор бахтӣ, ман бахтиёр ҳастам.

***

Ёру диёри худро зӯру мадор ҳастам,
Дар боғи зиндагонӣ файзи баҳор ҳастам.

Ҳаргиз нишонаи ман аз пастиҳо маҷӯед,
Фарзанди тоҷикам ман, лочиншиор ҳастам.

Абри сиёҳи фитна ҳар ҷо, ки сар барорад,
Чун барқ меситезам, шамшери кор ҳастам.

Аз хоки хушниҳодӣ хоки маро сириштанд,
Бо хушдилони олам хешу табор ҳастам.

Бардор, эй дилозор, аз чашму рӯй парда,
Қалби ҷаҳониёнро оинадор ҳастам.

Ҳусни ҷаҳони мардӣ кори накуву хайр аст,
То ҳаст зӯри бозу, ҳоҷатбарор ҳастам.

**ДУО**

Кош рӯзи вопасин ман пеши поят ҷон диҳам,
Ё бароят ҷон диҳам, ё ки ба ҷоят ҷон диҳам.

Он қадар нозукадоӣ, ман адои нози ту,
Боз нозе кун, ба ҳар нозу адоят ҷон диҳам.

Гар расад дарду балое, ман балогардони ту,
Садқаи дарду бало, пеши балоят ҷон диҳам.

Кош бар гӯшам наояд аз забонат алвидоъ,
Алвидоъ ногуфта пеш аз алвидоят ҷон диҳам.

Нест ширинтар зи ҷон, эй ҷони ҷони Ҷонибек,
Ҷони ман аз ту атое, бар атоят ҷон диҳам.

***

Рӯ матоб аз рӯйи ман, ин рӯйи дунё бо ту хуш,
Бе ту дунё маҳбасу ҳар тирамаъно бо ту хуш.

Пасту болои ҷаҳонро бингарам бо чашми ту,
Пасту боло бе ту ҳечу пасту боло бо ту хуш.

Бе ту гул хор асту аммо хор бо рӯйи ту гул,
Бистаре дар кӯҳсор аз санги хоро бо ту хуш.

Ин ҷаҳон ороста аз рӯйи ҷоноройи ту,
То ту зебоӣ, тамоми зебу оро бо ту хуш.

Ҷойи сурхиву сафедӣ ҷанги саҳро бар рухат,
Сайри саҳро бо ту бошад, ҷанги саҳро бо ту хуш.

Кокулонат шуд сафед аз ранҷи «тиллои сафед»,
Ин ҳама «бахшоиши даврони доро» бо ту хуш.

Нестӣ хушнуд агар з-имрӯзи ғамафзои мо,
Фарри фардо рӯйи ту, пас фарри фардо бо ту хуш.

Гоҳ бар дӯшам ғами дунё чу санги осиёст,
Шиква ку аз Ҷонибек, андӯҳи дунё бо ту хуш.

***

Сари зулфат зи дастонам раҳо шуд,
Аз он тори дили ман бенаво шуд.

Вале як раҳ нагуфтӣ аз сари меҳр,
Ба ин бечораи ошиқ чиҳо шуд?

Аз он шодам, ки ношодам надидӣ,
Ҳар он чӣ шуд ба ҷабри ҷони мо шуд.

Хаёли корубор аз ёди ман рафт,
Хаёли дидани ту муддао шуд.

Барои диданат сад роҳ ҷустам,
Вале роҳи раво ҳам нораво шуд.

Биё, ёро, зи роҳи лутф боре
Ки лутфи ту ба дарди дил даво шуд.

***

Ту худ рамзи вафо ҳастӣ, вафодоро, вафое кун,
Давои хуш вафо бошад, ба дарди дил давое кун.

Замин бе офтобу қалби ман бе ту забун бошад,
Нагардад тира то ин дил, зи рӯят рӯшноӣ кун.

Маро чашми сиёҳи ту мисоли ахтаре тобад,
Шабам то равшанӣ ёбад, ба ин ахтар имое кун.

Каси беишқ агар бар зар бипечад, кай наво ёбад!
Надорам зар мани ошиқ, ба ишқат мубталое кун.

Агар дар роҳи ишқи ту ба доми ғам асир афтам,
Ба ҷойи нола меболам, намегӯям навое кун.

Агар дар оташи ишқат маро обу адо созӣ,
Бихоҳам боз, то битвониям, обу адое кун.

Муҳаббат – имтиҳони аввалину охирини умр,
Маро дар имтиҳони ошиқӣ умре баҳое кун.

***

Хонаи чашму диламро ишқи ту обод кард,
Бӯстоне ҷойи дашти ташналаб бунёд кард.

Ҳар касе, ки бахти хуш дарёфт аз дунёи ишқ,
Ишқи моро ҳамчу дастури амал аз ёд кард.

Дар замони мо надорад банду басте роҳи рост,
Лек качрав оқибат бефар шуду фарёд кард.

Зиндагӣ бе ишқ ҳамчун бозии тифлона аст,
Одамӣ бунёд гашту ишқро эҷод кард.

Зинда аст ин дил фақат дар доми ишқи поки ту,
Мурда пиндораш агар худро аз он озод кард.

Ҷонибек аз ишқи ту омӯхт расми мардумӣ,
Додро бар куштани бедодҳо устод кард.

***

Ҷӯям зи моҳ моҳе бар дарди хеш чора,
Моҳам ту рафтӣ охир, маҳ мекунад назора.

Сард аст хонаи дил, з-ин ҷустуҷӯ чӣ ҳосил,
Маҳро ҳарорате ку, дорад фақат ишора.

Доғест дар рухи маҳ, холи сиёҳ тобад,
Тори нигоҳи дилро бар худ кашад дубора.

Ҳарчанд аз пари қу в-аз махмал аст болин,
Бе ту вале намояд бадтар зи хору хора.

Ҷурми маро нагуфтӣ, дарди дилат нуҳуфтӣ,
Фӯлодӣ буд ирода, ин кор карда кора.

Маҳпораам, шунидӣ як пора рози дилро,
Боз-о, таноби раҳро бинмуда пора-пора.

***

Эй шодии дил, чун ту вафодор надидам,
Бар дарди дилам чун ту гирифтор надидам.

Ақсои ҷаҳон бар назарам тор будӣ, тор,
То дидаву дил бар ту харидор надидам.

Чун гашт дилам волаи он чашми хуморат,
Сармаст будам, як дами ҳушёр надидам.

Ҳар ҷабр, ки аз ту бирасад, марҳами ҷон аст,
Зинҳор магӯӣ, ки сазовор надидам.

Сад бор раҳи боргаҳат ҷустаму охир
Ҷуз меҳнати худ ранҷи гуҳарбор надидам.

Аз дори вафо бознагардам ба дигар бор,
Ҷонбахш бувад, ёр, чунин дор надидам.

## МУХАММАСҲО

### ЁДИ ҶАВОНӢ

Даме ки медароӣ шаб ба хобам,
Бинолад бистарам аз печутобам,
Куҷо он шӯру амвоҷу шитобам!
Агар рӯдам, яке рӯди камобам,
Куҷоӣ, эй ҷавониям, биё боз!

Куҷо шуд он замони ишқбозӣ,
Гузашт он аз сарам бозӣ ба бозӣ,
Ман аз ту мешудам сад бор розӣ,
Агар бори дигар сӯзию созӣ,
Куҷоӣ, эй ҷавониям, биё боз!

Куҷо он дилбари беҳ аз фаришта,
Ки номаш монд дар қалбам набишта,
Ба ёдаш мепарам ман шишта-шишта,
Ба кӯяш бар маро аз нав сиришта,
Куҷоӣ, эй ҷавониям, биё боз!

Бубахшо, гар туро озурда бошам,
Ба кӯе гар ба хорӣ бурда бошам,
Баҳоро, гар зи ту пажмурда бошам,
Сари сабзи туро гар хӯрда бошам,
Куҷоӣ, эй ҷавониям, биё боз!

Агар бори дигар пайдо кунам ман,
Туро дар мағзи ҷонам ҷо кунам ман,
Фақат бо амри ту пар во кунам ман,
Ба ними ҳар нафас парво кунам ман,
Куҷоӣ, эй ҷавониям, биё боз!

## ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

***Мухаммас бар ғазали устод Турсунзода***

Тир агар бошӣ, камонро гум макун,
Хатти парвозу нишонро гум макун,
Осмону остонро гум макун,
«То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун».

Ҳар куҷо, ки маҷмаи обу гил аст,
Киштаро авҷу барори ҳосил аст,
Рӯд ҳам поянда бо ду соҳил аст,
«Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун».

То насозад душманат ҳолат забун,
То нагардад ҷоми айшат сарнагун,
То бирезад чашми бад зардоби хун,
«Дӯстро аз дӯст, ҷонам, фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун».

Бори танҳоӣ гарон бошад ба кас,
Ҳамла орад ғам ба ӯ аз пешу пас,
Мардуме бар мардумӣ дорад ҳавас,
«Чашмаи илҳоми мо халқ асту бас,
Халқи машҳури ҷаҳонро гум макун».

Дидаву дил волаи хубон бувад,
Мард будан шеваи мардон бувад,
Чеҳраи бишкуфта ҳам дармон бувад,

«Зинати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун».

Дӯшбори дӯстро бар дӯш гир,
Ҳарфи талхашро ба ҷойи нӯш гир,
Ин суханро ҳалқасон бар гӯш гир,
«Дӯст ояд гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун».

Сулҳ баски тири дунё гаштааст,
Дар дилу дар дидаҳо ҷо гаштааст,
Азми моро муҳру имзо гаштааст,
«Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун».

## ДУБАЙТИҲО

Аҷаб не дар сари роҳе бимирам,
Сари чоҳе, таҳи чоҳе бимирам.
Бимирам ханда бар лаб, кош, сад кош,
Мабодо дар гулу оҳе бимирам.
***
Ба каҷоинае кардам нигоҳе,
Бидидам хеш дар ҳоли табоҳе.
Ба ҳолам гиря мекардам, мабодо,
Диҳад ин оина рӯзе гувоҳӣ.
***
Барои худ раҳи ҳамвор мекофт,
Раҳораҳ қиссаву афсона мебофт.
Гапи ноҳақ чунон бисёр мегуфт,
Дурӯғаш бар худаш ҳам рост метофт.
***
Бубин ҳаҷру висоли ту чиҳо кард,
Ки худ маҷрӯҳ карду худ даво кард.
Маро нозу адои беадоят –
Адо карду адо карду адо кард.

***
Гузар кардам пайи коре ба як деҳ,
Шудам шоҳид ба баҳси «Қасри кӣ беҳ?».
Мазори деҳ хароботе... Дилам монд
Зи қасри одамони хомфарбеҳ.
***
Ғамам беш асту ғамхоре намондаст,
Ба боғи меҳр ҷуз хоре намондаст.
Худоё, мекушад бемеҳрӣ моро,
Ба Азроил дигар коре намондаст.
***
Инони дил ба чанголи хаёл аст,
Сарам гӯё ки бозори савол аст.
Шудам дилдодаву шайдои шӯхе,
Нуҳуфтан мушкилу гуфтан муҳол аст.
***
Қаноатро чу тавсиф кард хома,
Хирадманде бидод онро идома:
Маро ин боли озод аз қаноат,
Ҳузури ҷон бувад ин куҳнаҷома!
***
Магӯ, эй бебасар, дасти фалак зад,
Туи ношукрро нону намак зад.
Чу озурдӣ ту рӯҳи рафтагонро,
Туро рӯҳи падар, рӯҳи амак зад.
***
Марав аз худ ту бо ин худситоӣ,
Ба рӯди зиндагӣ бояд дароӣ.
Агар гавҳар барорӣ, офарин бод,
Бинол аз худ, чу дасти холӣ ойӣ.
***
Маро ишқи нигори шӯху соҳир,
Гаҳе барно ҳамесозад, гаҳе пир.
Забони ӯ «бирав» мегӯяд, аммо
Нигоҳи ӯ «биё» мегӯяд охир!
***
Нишебию баландӣ хоси роҳ аст,
Гаҳе бар ҳар ду ҳам ҳоли табоҳ аст.

Мабар аз ёд ҳаргиз, эй мусофир,
Баландӣ ҳам мисоли партгоҳ аст.
***
Парамро сӯхтӣ парво накардӣ,
Маро ҳамсурати парвона кардӣ.
Чу мардум омадӣ дар хонаи чашм,
Миёни мардумон афсона кардӣ.
***
Ту будӣ зарраҳои ранги зардам,
Ту будӣ марҳами ноёби дардам.
Ҷавонии маро афсона кардӣ,
Туро дар пирӣ аз нав кашф кардам.
***
Туро меҷӯям аз авҷи фалакҳо,
Чаро пурсам дарак аз бедаракҳо?!
Агар ман бе намак монам ҳама умр,
Намепурсам намак аз бенамакҳо.
***
Ҳаменозӣ, ки хирворат баланд аст,
Баландиҳои он мардумписанд аст.
Вале ғалбер медонад, бародар,
Ки дар хирвор коҳу дона чанд аст.
***
Ҳамепурсӣ, ки ҳамёни зарам ку,
Кулоҳам, иззатам, тоҷи сарам ку?
Наӣ бадзод агар, мепурс боре
Падарҷонам куҷо шуд? Модарам ку?

## РУБОИЁТ

Бар нек мудом некие пеш орам,
Бад бошад агар, сараш таҳи по дорам.
Бо некӣ муродиф аст номи тоҷик,
Ман номи варо чу тоҷи сар бардорам.
***
Беҳбуди замон шиори модар бошад,
Гулханди лабон баҳори модар бошад.

Озод нашуд дилаш даме аз ташвиш,
Олам ҳама дар канори модар бошад.
***
Бо санги хушомаде раҳатро бастанд,
Оинаи эътибори ту бишкастанд.
Аслаш бинигар, ки макру тазвиру дурӯғ
Хидматгару чокари хушомад ҳастанд.
***
Бо шоху тани хеш чаро менозӣ?
Аз боғ ҷудо бо сари худ мебозӣ!
Имрӯз ки бо боди сабо ҳамрозӣ,
Тафбод расад, чӣ чорае месозӣ?
***
Гар ишқ фақат мулки забонро бинад,
Бар дӯш фақат бори гаронро бинад.
Чун нақшаи рӯйи барфи оғози баҳор
Як рӯз фақат рӯйи ҷаҳонро бинад.
***
Гӯянд, ки одам аз алам мегиряд,
Аз бекасию ранҷу ситам мегиряд.
Ранҷу ситаму алам зи одам рӯяд,
Чун гиря кунад бо сари хам мегиряд.
***
Гӯянд чу об умри кас мегузарад,
Монанди ҳубоб ҳар нафас мегузарад.
Гар ғунчаи уммед аз он баҳра наёфт,
Кӯробмисол бар абас мегузарад.
***
Ду қалб агар ҳамдаму ёвар нашавад,
Аз шарбати васл ҳеч лаб тар нашавад.
Ду санги тарозу гар набошад ҳамвазн,
Ду паллаи он ҳеч баробар нашавад.
***
Духтур, бираво, мадеҳ дигар озорам,
Дил сӯхт даруни сина, оташ дорам.
Аз доруи талхи ту чӣ суде охир,
Аз ҳаҷри нигори лабшакар беморам.

***
Ман волаи ту, туро чӣ матлаб бошад?
Ҷон садқаи як бӯсаи он лаб бошад.
Дар хоб ниҳодаам ба он лаб лабро,
Эй кош, ҳама умр чу ин шаб бошад.
***
Модар бувадо қувватаму дармонам,
Меҳраш бигирад зи даст, гар дар монам.
Чун кӯдаки бегунаҳ гардам аз сар,
Чун сар ба сари зонуи модар монам.
***
Нағзӣ кунию гарав нагирӣ, мардӣ,
Хошоксифат алав нагирӣ, мардӣ.
Рӯзе, ки ба курсии амал биншонанд,
Бар рӯй ниқоби нав нагирӣ, мардӣ.
***
Ҳарчанд ҷавони қобилу гурдам ман,
Аз дарси ҳаёт маъниҳо бурдам ман.
Аммо, аҷабо, ба дидаи модари худ,
Садсола шавам, ки баччаи хурдам ман.
***
Як пирдарахт аз табар силӣ хӯрд,
Ин зарби гарон беху танашро озурд.
Аммо чу бидид дастаи онро, гуфт:
«Аз шохи худам, алам фурӯ бояд бурд».





## БЕКНАЗАР ТӮЙНАЗАР
## (1949)

Бекназар Тӯйназар 4-уми ноябри соли 1949 дар деҳаи Эчи ноҳияи Фориш таваллуд меёбад (деҳаи Эч аз соли 1962 инҷониб мутааллиқ ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аст). Соли 1966 мактаби миёнаро дар деҳаи Синтаб ба поён расонда, ду сол дар мактаби миёнаи зодгоҳаш кор мекунад. Солҳои 1967 – 1971 дар бахши забону адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд таҳсил мегирад.

Бекназар Тӯйназар бо дипломи маълумоти олӣ ба шаҳри Тошканд меояд ва дар ин ҷо аз ҷониби мудирияти шуъбаи маорифи вилоят ба мактаби миёнаи деҳаи Заркент эъзом мешавад. Ду сол аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс медиҳад. Соли 1973 ба хидмати низомӣ сафарбар мешавад ва як сол дар сафи нируҳои зиддиҳавоӣ дар ноҳияи Одинсовои вилояти Маскав адои сарбозӣ мекунад.

Бекназар Тӯйназар ҳанӯз дар айёми донишҷӯйӣ ба насру назм ва мақоланигорӣ алоқаи зиёд дошт. Азбаски новобаста аз ҷойи фаъолият пайваста ба эҷодкорӣ машғул мешуд ва чакидаҳои хомааш пайваста рӯйи рӯзномаю маҷаллаҳои давриро медиданд, ӯро соли 1974 ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» фаро мехонанд. Дар ин даргоҳ то синни бознишастагӣ, яъне то соли 2009 ҳамчун муҳаррири шуъбаи давлату ҳуқуқ ва ахлоқу ҷавонони рӯзнома ифои вазифа мекунад.

Агарчи нахустин хабару мақола ва ҳикояю тарҷумаҳои адиб аз соли 1967 инҷониб ба табъ расидаанд, нахустин бор намунаҳои эҷодии ӯ дар китобҳои «Саргузашти Амонбой ва Давлатбой», «Чакомаи пирӯзӣ» ва «Хумчойнак» (ба забони ӯзбекӣ, мутарҷим Анвар Муродов) гирд омадаанд. Нахустин китоби мукаммали адиб бо номи «Бори дил» соли 1999 аз тариқи нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» ба ҳайси армуғон дар остонаи панҷоҳумин солгарди зодрӯзаш ба табъ мерасад. Он чанд ҳикоя ва эссеро фаро мегирад. Баъдан, соли 2013 китоби дигари комилтари нависанда таҳти унвони «Дар кӯчаҳои шаҳр» аз тариқи нашриёти «Тафаккур қаноти» чоп мешавад. Ин китоб ҳовии ҳикояҳои куҳнаву нав, ҳаҷвияҳо, силсилаи резасуханҳо, мақолаю очеркҳо дар бораи ҳамкасбу ҳамкорон ва эссею андешаҳои адиб мебошад.

Бекназар Тӯйназар дар адабиёти муосири тоҷик мақоми муайян дорад. Азбаски ӯ зотан шахси андешаманд ва ҳамзамон ҳозирҷавобу мутоибагӯ ва шартакигӯе аст, қариб дар ҳар чакидаи хомааш ин хислатҳо ҳувайдост. Аҳёнан бо тахаллуси адабии Бекназари Дарӣ низ хома рондааст. Адиб ба нависандагони тоҷик, аз қабили Фазлиддин Муҳаммадиев ва Саттор Турсун, ихлосу алоқаи беҳад дорад, аммо дар эҷод соҳиби сабки баёни хоссаи худ аст. Ӯ зиёд хаёлангезӣ намекунад, ба тасвирҳои тӯлонии вазъу манзара дода намешавад, вале воқеиятро бо тарзи содаи баён, бо суханҳои ҷаззобу намакин ошкоро ба қалам медиҳад. Дӯстдоштатарин мавзӯъҳои ҳикояҳояш аз зиндагии ҳаррӯзаи одамон, бархӯрду муносиботи афроди гуногунхислат, рӯҳияти инсонҳои ранҷу азиятдида, ишқу отифаи одамони ба ҳам наздик маншаъ мегиранд. Адиб ба варзиши куштӣ ва рубобнавозию сарояндагӣ алоқаи хос дорад.

Заҳматҳои эҷодии ин нависандаи хушсалиқа ва рӯзноманигори варзида ба таври шоиста арзёбӣ шудааст. Ӯ соли 1999 ҳамчун яке аз ғолибони озмуни ҷумҳурии «Беҳтарин журналисти сол» шинохта шуда буд. Ҳамон сол, дар ҷашни Истиқлоли кишвар ба ивази хидматҳои арзандааш дар арсаи пешрафти маънавиёт ва фарҳанги мардум, ташвиқу тарғиби дӯстии халқҳо аз ҷониби давлат ба медали «Шуҳрат» сазовор мегардад.

Бекназар Тӯйназар бо ҳамсари заҳматпешааш Сатирабону ва фарзандони худ зиндагии ободу осуда ба сар мебарад. Дар ноҳияи Чилонзори Тошканд даврони пирӣ меронад.

# ҲИКОЯҲО

## ДАР КӮЧАҲОИ ШАҲР

– Бо азобе кулбаатро ёфтам, – лаб ба гила кушод Нусратамак як нафаси чуқур кашида, – таҳу болои ин шаҳратро кас ёфта наметавонад. Аз ягон банда раҳурӯро пурсида намешавад-е. Ҳама чорхез зада мешитобанду мешитобанд. Ба куҷо шитоб доранд, кас намефаҳмад.

Даврон аз ин ҳукми амакаш ба таври худ маънӣ кашида табассум кард.

Чойнӯшӣ сар шуд. Хаёли Даврон боз ба мавзӯи илмие давид, ки як бобашро бояд ҳамин шаб менавишт. Агар имрӯз чанд саҳифаро сиёҳ накунад, фардо даргумон аст. Кори идора пур. Ба болои ин,

дар омӯзишгоҳ ду-се соат дарс дорад. Сонияи, шояд фардо, аз рӯйи одат, чанд корафтодаи шиносу ношинос банавбат телефон кунанд ё ба идорааш як сари қадам даромада, баъди аз дидори якдигар сер шудан, дар омади гап ягон илтимос кунанд. Сипас, ӯ – Даврон хоҳу ноҳоҳ ба чор тараф сим мезанад. Агар ҳамон «илтимос»-и сабилмонда бо телефон буд нашавад, маҷбур аст ба ҳузури сардор дарояду ягон баҳонаи обнарасидаро пеш оварда, «дӯкон»-ро қулф кунад...

Магар вай ба ин шаҳри, дар воқеъ, пуродами сермағал бо ҳамин дилу ният омада буд?! Оё як бурда нонро аз зодгоҳаш намеёфт? Ё мисли ҷӯрааш – Нозим як синфро идора карда наметавонист? Не, вай аз пайи такмили ҳамон кори дипломиаш, ки дар донишгоҳ баҳои баланд гирифта буд, дар шаҳр монд. Ба вазорат ба кор даромад. Ҳоло аз миён понздаҳ-шонздаҳ сол мегузараду ҳеч не ки аз кори идораю аз меҳмоннавозӣ ва «кори хайр» сар бардорад. Лекин бе ин ҳам мумкин не. Вагарна аз сони одам мебарояд!

Даврон гарданшахӣ карда, ба гапи модар ва бародараш надаромад. Онҳо на як бору ду бор, гоҳ бо нармӣ, гоҳ бо дуруштӣ таъкид карданд, ки ба деҳа ояд, ризқашро аз ҳамин ҷо ҳам ёфта мехӯрад. Аммо Даврон якравӣ кард. Гуфт, ки кори илмиашро, ки асосан буд шудааст, ба низом медарорад. Ҳамааш тайёр. Танҳо ду-се моҳ аз ташвиши кори идораву меҳмондорӣ фориғ шавад, тамом, вассалом. Вале куҷост ҳамон ду-се моҳи фориғ аз ташвишҳо?

Хуб аст, ки вай мақсади оливу наҷиб дорад. Ба як ҳисоб, дар олами ҳамин мақсад саргардон аст ва гузашти вақтро намедонад. Лекин... ана, имшаб, аз афташ, боз як боби рисолааш нотамом мемонад.

Одам ба одам – зинда, мегӯянд. Ин гап ҳикмати бисёре доштааст. Рост-дия, худи ӯ як лаб нонро танҳо хӯрда наметавонад. Агар ду-се рӯз дидори ягон каси ба дил наздикашро набинад, чизеро гум кардагӣ барин бедимоғу пакар мегардад. Бинобар, баъзан дар болои ҷаҳл аз раъяш гаштанӣ шуда, қатори дигарон одам барин зиндагӣ кардан мехоҳад. «Қатори дигарон?... Ин чӣ маънӣ дорад? Магар ӯ аз қатор берун аст?!...».

Он рӯз Ғафур ном ҷӯраи наздик ва ҳамкасби қаринаш гуфт, ки баъзеҳо дар хона зиқ мешудаанд.

– Кӣ будааст вай зиқ мешудагӣ? – бо мароқ пурсида буд Даврон аз ӯ.

– Аҳмади худамон! – бепарво ҷавоб дод Ғафур.

– Аҳмад кори илмиашро се-чор сол пеш навишта тамом карда буд-

ку? Ба замми ин дар таги по мошин дорад... Вазифааш ҳам аз ману ту баланд. Дасташ дароз.

– Ба хонааш ягон кас соя намекардаасту ҷойи мерафтагӣ ҳам надоштааст, – таҳдор ҷавоб гардонд Ғафур...

– Боз як ташвиш баромад, – гӯён Нусратамак тори андешаҳои Давронро бурид, – ҳозир агар илоҷаш бошад, ба писарча телефон кардан даркор.

– Ба куҷо?

– Ба шаҳри Боку, ба қисми ҳарбӣ.

– Барои чӣ ин хел якбора?

– Чанд вақт боз хату хабаре нест. Янгаат ба ҷону ҳолам намонд. Ақаллан ба шаҳр раведу аз хонаи Давронҷон телефон кунед, гуфт... Гапаш аз як ҷиҳат дуруст барин. Чӣ гуфтӣ, ҷиян?

– Лекин амак, – Даврон бо эҳтиёт лаб кушод, – ба қисми ҳарбӣ аз хона занг зада намешавад. Аз телефони байнишаҳрӣ...

– Э, ҳоло ҳамин хел гӯй? – нобоварона гуфт Нусратамак. – Баъди таъйинот боз ду-се соат сабр кардан даркор будагист?

– Ду-се соат не, камаш ду рӯз. Қоида ҳамин, – гуфт Даврон мисли гунаҳкорон сурх шуда.

– Об-бо-о... Дар хона ҳазору як ташвиш буд. Акнун чӣ кор кунам, Давронҷон?

– Имшаб хоб меравед, – Даврон ба соаташ нигарист, – пагоҳ ҳамроҳ меравем.

– Воқеан, шумоён ҳафтае ду рӯз дам мегиред-а?!

– Ҳа, аммо дар идора кор бисёр.

– Э, мон-е, – Нусратамак даст афшонд, – модоме ки ҳукумат ду рӯз дам гир гуфтааст, дам гирифтан даркор-дия. Кори дунё аввал дораду охир не.

– Рост мегӯед, амак! – чашм аз замин канда табассум кард Даврон. – Лекин шароити шаҳрро худатон медонед.

– Об ҳам ба пул...

– Не, гап дар сари пул ҳам не, – забон хоид Даврон. Ӯ муддате хомӯш монд. Чӣ гӯяд? Бо кадом забон гӯяд, ки ҳар рӯз бо меҳмондорӣ ва кори идора банд шуда, вақт намеёбад, ки ҳамон кори сар кардаашро ба охир расонад. Зеро метарсад, ки амакаш ӯро намефаҳмад. Не, Даврон ҳаргиз аз омадани амакаш малол нест. Ба табиати ӯ бегона аст ин хӯйи одамӣ.

– Фардо, албатта, фавран фармоиш медиҳем, – гуфт Даврон

хаёлолуд, – шояд дар як рӯз гап зада тавонем.

– Чанд сол дар ин шаҳр зиндагӣ мекунию ҳанӯз аниқашро намедонӣ?

– Медонам, амак, – Даврон хиҷолат кашид, – аниқаш, агар фаврӣ фармоиш диҳем, дар ду рӯз.

Мавҷҳои пешонаи Нусратамак бештар шуданду дақиқае хомӯш монд.

– Бачаҳо роҳамро мепоянд. Ба болои ин, ташвиши рӯзгор, – ҳасрат кард вай, – одами аёлманду солхӯрда серташвиш мешудааст, ҷиян. Ҳоло ту ҷавон. Бачаҳо калонтар шаванд, мебинӣ.

Гӯё ки дар ин дунё фақат Даврон беташвиш бошад. Кори илмиаш... Э, аслан чаро ин қадар хуноб мешавад? Барои чӣ худро аз ваҷҳи кори илмӣ азият медиҳад? Як сол пеш не, як сол сонитар буд мешудагист ҳамин кор...

Даврон аз рӯйи одат барвақт хесту чашмаш ба коғазҳои парешони рӯйи мизи кориаш афтид. «Хайр, – ба худ гуфт ӯ, – фардо, рӯзи якшанбе менависам. Як рӯз пеш не, як рӯз қафо. Албатта, менависам!». Ӯ ҳадаҳа қаламу коғази паҳну парешонро ғун карда ба ғалладон андохт.

Нусратамак, ки ҳар ҳаракати ӯро муоина мекард, пурсид:

– Ҳамон кори менавистагиатро кай тамом мекунӣ?

– Қариб! – гуфт Даврон ғалаёни дилашро базӯр фурӯ нишонда. – Баъди ягон ду-се моҳ тамом мекардагистам.

– Аҷоиб-ку! – китф дарҳам кашид ӯ. – Порсол айнан ҳамин гапро гуфта будӣ.

– Не-е, – Даврон дасту по хӯрд, – шумо ба кадом корам шамма мекунед?

– Чанд кор дорӣ? – Нусратамак ин дафъа овозашро як парда баландтар кард аз ҷавоби муғлақи* Даврон ранҷида. – Одам ки ба як кор часпид, дурусттар мечаспад-дия?

– Гапатон рост, амак! Кор бисёру фурсат кам.

– Э, масхарабоз будай-ку! Дар шаҳр фурсат танг мегӯйӣ? Ташвиши боғу молуҳол набошад, бачаҳоро ту аз дуто зиёд накунӣ. Не, ҷиянам, ин гапат хом. Ё олим шудан ягон сир дораду ақли ман намегирад?

– Не, ҳамааш айби худам. Рӯзҳои шанбею якшанбе, шабҳо шишта кор кардан лозим. Ман бошам...

– Ин гапат ҳам бемаънӣ! – Нусратамак сухани ӯро бурид. – Одам, ки ба як кор дил баст, аз баҳри баъзе корҳои майда-чуйда мегузарад. Дар идораат чӣ кор мекунӣ?

---

* **Муғлақ** – *маҷ.* норавшан, номафҳум, мубҳам

Даврон қариб буд, ки кафад. Аммо шайтонро бо як азоб аз сар дур андохт. «Чӣ даркор, – мегуфт ӯ оташи ғазабашро бо як азоб паст карда... – Модоме ки худаш дар тӯли чанд сол ба обу ҳавои шаҳр мос нашуд, пас аз амаки чӯпонаш чӣ гила? Амакаш аз куҷо медонад, ки дирӯз Набии ҳамдеҳааш омада, як шаб меҳмон шуда, илтимос карда буд, ки ба самолёт билет ёфта диҳад. Вай, Даврон, изои муъмин ҳаром гӯён, рӯзи дароз аз пайи билет шуд. Оқибат Набиакаи ҳамсояашон аз ин шаҳри пурмағал шоду қаноатбахш парида рафту кори Даврон боз ба як рӯз қафо монд. Амакаш аз куҷо донад, ки вай дафтарчаи «илтимоснома» дорад. Агар гӯяд, амакаш аз баҳри телефонкунӣ даргузашта, пӯстинашро чаппа пӯшида меравад. Ва яқин ҳамин тавр мегӯяд:

– Давронҷон, читӯ шуда остонаи хонаатро зер кардам, як илтимос пеш овардам, сад тавба... ».

Рӯзи шанбе Даврон бо амакаш ба шаҳр баромад. Дар бозгашт бояд нону намак, картошкаву сабзӣ биёрад. Дар кисааш коғази пули боғчаи ду писарчааш. Сари қадам бояд ба касса дарояд. Пули бачаҳоро ҳамин рӯз додан даркор, вагарна дер мешавад. Пули хонаву телефонро ҳам супурдан лозим.

Онҳо ба кӯчаи калон баромаданд. Селаи одамон, ғур-ғури мошинҳо. Кӯчаҳои росту равон. Хонаҳои рангоранг. Ҳавои серун... Аммо ӯ, Даврон, ҳеч чизро намебинад ва ҳис намекунад. Майнаашро илтимоси амакаш парма дорад. «Телефон фармоиш кардан даркор».

Оқибат ба идораи телефони байнишаҳрӣ расиданд. Даврон бо ходима гуфтугӯ кард. Ду рӯз сабр карданашон лозим омад.

– Ман аздусар ду рӯз сабр карда наметавонам, – дар роҳ гуфт Нусратамак. – Аз ту илтимос, баъди ду рӯз худат бо додарат гап мезанию баъд ба мо хабар медиҳӣ.

Даврон Нусратамакашро гуселонду ба бозор рафт.

Соатҳои яки рӯз ӯ дар даст ду тӯрхалта бор ба хонааш омад. Ҳамсараш хабар дод, ки Нозими ҳамдеҳаашон занг задаасту соатҳои сеи рӯз худаш меомадааст, як илтимос доштааст.

– Нагуфт чӣ хел илтимос?

– Не.

– Чаро намепурсӣ? – дӯғ зад Даврон ба ҳамсараш.

... Пардаи шом мефуромад. Даврон дар кӯчаҳои шаҳр шитоб мекард, то ҳарчи ба хонааш тезтар расида, баъди хӯроки шом ба сари мизи кориаш нишинад. Вай аз худ розӣ ва хурсанд буд. Чунки илтимоси

Нозимакаро ҳам буд кард. Акнун беташвиш ба сари кор мешинад...

Вале ӯ бехабар буд, ки аммаву аммабачаҳояш дар хона ӯро интизоранд ва баъди ҳолпурсиҳо мегӯянд:

– Шахратро фардо ба мо тамошо медиҳӣ, Давронҷон!...

## ВОСИТА

Меҳмонҳо гӯё дар як мижа задан ҳамроҳи анбӯҳи равуокунандагон аз назар ғоиб шуданд. Аммо Мунира ҳанӯз аз дамаш намегашт, почак мезаду Диловарро ба сӯйи дӯконҳои бари роҳи калон кашола мекард, на аз меҳмонҳо парвое дошт, на аз мардуми роҳакӣ.

– Ба куҷо? – мегуфт Диловар худро ба гӯлӣ андохта. – Яхмос хӯрӣ гулуят дард мекунад, охир.

– Дард наме-екунад, наме-екунад..., – мегуфт Мунира бадтар овозашро сар дода.

Кӯдак-дия! Дили кӯдакро фаҳмидан осон не. Ба болои ин Мунира ҳоло маънои пулро чӣ донад? Ба гумонаш, яхмосро бе пул медиҳанд.

Диловар ҳамин ки ба хонааш баргашт, барқасд кисаафшонӣ кард. Не, ба ғайр аз се-чор тангаи зард ҳеч чиз наёфту ба ошхона гузашт.

Ҳамсараш дегу табақ мешуст. То ҷое хурсанд менамуд.

– Пул-мул дорӣ? – гуфт ӯ аз осмон тароша афтидагӣ барин.

– Пул?! – китф дарҳам кашид Зарифа. – Дар ин бемаҳалӣ пулро чӣ мекунед?

– Аз болои нӯшокӣ яхмос хӯрам, мегӯям!

Зарифаи аз таҳи гап бехабар хандид. Дид, ки авзои Диловар беҷо барин, даст аз кор баргирифта, ба хонаи хоб гузашт. Ҳай кофт. Ҷомадон, сандуқ, даруни чойнику пиёлаҳоро ҳам тагурӯ кард, бефоида.

– Хайр, фардо маош мегиред-ку! – гуфт аз лабонаш табассуми маҳин гум шуда. – Як рӯз сад рӯз намешавад.

Диловар чизе нагуфта, се-чор тангаи зардро дар кафи дастонаш бозӣ доронда, ба диван чӯкид. Оре, вайро як зиёфати хурдакак чӯконд. Ӯ акнун маҷбур аст, ки то фардо ба кӯча набарояд, худро ба ягон кас нишон надиҳад, бо ягон кас муомила накунад. Ва аз ин рӯ ба хулосае омад, ки баъзан пул... чӣ гӯяд...

Ҳафтае қабл аз ин қарзашро аз ҳамкасбаш канда, дилаш ҷамъ шуда буд. Акнун боз аз кӣ қарз мебардорад?! Модараш ҳар замон-ҳар замон дуо мекард, ки ҳаргиз рӯйи камиро набинию ҳатто ба бародару ҷӯраи

ҷониат ҳам муҳтоҷ нашавӣ.

Аммо вай аз Носирзодаи ҳамкасбаш дар ҳузури рафиқон саду панҷоҳ сӯм қарз гирифту баъди як моҳ бешоҳид баргардонд. Аз миён се моҳ гузашт. Ҳамон рӯз Носирзода, вақте ки Диловар маош мегирифт, ба сараш омада, гӯё дар омади гап гуфт:

– Мулло Диловар, имрӯз-ку қарзатонро дода наметавонед?

– Кадом қарз? Дода будам-у? – то баногӯшаш сурх шуд Диловар. – Охир, як моҳ пеш дода будам-ку? Ҳазлро монед-чи?

– Эъ, бо пул ҳазл карда мешавад-чи, мулло Диловар? Пул-а?!

Диловар даступо хӯрд. Чӣ гуфтану чӣ кор карданашро надониста гуфт, ки аз рӯйи ваъда баъди як моҳ доданӣ буд...

– Дуруст, ҳамин хел қарор карда будед, – Носирзода пинакашро вайрон накарда (дастони ӯ хаёле меларзиданд) дар идомаи суханаш гуфт: – Аммо аз рӯйи ваъда баромада натавонистед. Як дил кардам, ки гӯям, аммо забонам нагашт. Димоғатон месӯзад гӯён...

– Шуд-шуд, ака, – дили Диловар фишурду рангаш парид, – ин гап байни худамон монад. Ман ҳозир...

Аҷабо, дастони Носирзода ҳам меларзиданду дастони Диловар ҳам. Табъи ҳар ду хира гашт. Ва дар як он Диловар дар ҳузури шоҳидон қарзашро баргардонда, аз Носирзода узр ҳам пурсид.

– Бахшидам, – мегуфт Носирзода даҳсӯмаҳоро бо дастони ларзонаш ба бағал зада, – мо – мард!

... Аҷабо, агар Диловар аз Носирзода ҳамин саду панҷоҳ сӯмро намегирифт, магар рӯзаш намегузашт? Мегузашт! Мегӯянд-ку, пул чирки даст. Бисёр бошад – меравад, кам бошад – мерасад.

Диловару Зарифа моҳе қариб чорсад сӯм маош мегиранд. Лекин, масалан, мисли Носирзода пасандоз карданро ҳеч ёд нагирифтанд.

– Як тин ҳам пулу як сӯм ҳам пул, – мегӯяд Носирзода дар суҳбатҳои хосса. – Пул забон надорад, ки маро ҳудаю беҳуда ба бод надеҳ, гӯяд. Ду кас кор мекунед, агар чашма пӯшида, моҳе саду панҷоҳсӯмӣ ба касса партоед, дар ду-се сол таги пул мемонед.

– Ин хел бошад, дар касса пул-мул намемонам, – гуфта буд Диловар бо оҳанги шӯхӣ.

– Чаро? Шумо аз таги дунё батамом бехабар будаед-ку?

– Метарсам, ки таги пул мемонам!

Ҳар ду ҳамкасбони «қиёматӣ» гӯё беғаш хандида буданд. Ва Носирзода бо ишораи чашму абрӯ «ихтиёр ба дасти бахтиёр» гуфта буд...

Носирзода-ку – шаҳрӣ. Аммо ҷӯраи Диловар – Абдусаломро чӣ бало зад? Дар ҳар қадам мегуфт: ҳама чизро бо пул харидан мумкин.

Диловар ҳанӯз дар хотир дорад. Дар як парта менишастанд. Мешуд, ки як бурда нонро баҳам бинанд. То даме, ки ҳар ду мактаби олиро тамом карданд, риштаи дӯстиашон маҳкам буд. Аммо баъди он, ки Диловарро ба донишгоҳ ба кор гирифтанду шаҳрӣ шуд, Абдусалом ҷомаашро чаппа пӯшид. Чаро? Ин барои Диловар торик. Абдусалом ба зодгоҳаш рафт. Ҳисобчӣ шуд. Аз миён панҷ-шаш сол нагузашта дар даромадгоҳи деҳа иморати боҳашаме сохт. Мошин харид. Танаш пӯшида, боғу роғаш обод. Аз боғаш ҳар сол як тонна-ду тонна помидору картошка ҳам мегираду ба шаҳрҳои дур бурда, ба қавли худаш, миёнашро бақувват карда меояд.

Мегӯянд, ки чанд соли охир аз боғаш ҳосили кирой бардошта наметавонистааcту аз ину он помидор харида, худро ба бозорҳои шаҳрҳои дур мезадааст. Гӯё «Волга»-ашро нав карданӣ будааст.

Аммо олами Диловар батамом дигар. Муаллими донишгоҳи хоҷагии халқ. Кори илмиашро ба ин қарибиҳо тахт карда наметавонистагӣ барин. Сабаб, роҳбари рисолаи номзадиаш, бадбахтона, дар ду сол як бор иваз шуда меистад. Ва ӯ, Диловар, маҷбур мешавад, ки рисолаи илмиашро бо салоҳдиди роҳбари наваш тағйиру такмил диҳад. Ҳатто аз он рисола чанд бобашро дар чанд маҷалла эълон карду ба бисёр ҳамкурсонаш писанд ҳам омад. Ҳамин Носирзода низ, ки муаллими калон аст, гуфт, ки «шумо як гӯшаи илми иқтисодиётро рӯзе обод мекунед. Ин гапро бе шӯхӣ мегӯям. Лекин то дами дифоъ намудани рисолаи номзадӣ ғами чархи зиндагиро ҳам хӯрда гаштан даркор. Ҳоло ки ҷавонед, аз ягон ҷойи дигар ним ставка дарс гиред, ҳарчидия!».

Дунёи ҳаводис, мегӯянд. Диловар ҳар бори ба деҳа рафтанаш, албатта, ба болои ягон маросим меравад. Аммо ҳаргиз аз қатори меҳмонони бегона ҷо намегирад. Ҳаракат мекунад, ки қатори ҷӯраҳои даврони бачагиаш нишинаду чорта дами беғам зада, овони бачагиро ба хотир оварда, дилхушиву шӯхӣ кунад. Аммо баръакси хоҳиши ӯ «ту меҳмон» гӯён вайро аз қатори ҷӯраҳояш канда мегиранд...

Сар мешавад базм... Савту суруди санъаткорону суханҳои нӯшбодӣ дар фазои деҳаи Чинорзори бағали кӯҳистон мепечад. Диловар бо таги чашм ба ҳозирон чашм медавонад ва нохост Абдусаломро мебинад, ки дар гӯшае чун одат косагулӣ мекунад. Ӯ ҳам гаҳу гоҳ ба Диловар чашм давонда, болои ҳам май менӯшад.

Аз миён фурсати зиёде нагузашта, дар болои сари Диловар боз ҳамон овози шиноси хирросӣ мебарояд.

– Ҷанг андозем, муаллим, – бе ҳеч муқаддима Абдусалом хам мешавад, – даста-даста пул мегирию мӯят то тахтапуштат фуромадагӣ?! Ё ки аз пулҳои помидорам камтар «газонам».

Диловар низ сархуш аст. Торро медиҳанд, то ки аз ҳамон сурудҳои овони бачагиаш сарояд. Беибо сарояд. Зодгоҳи худаш. Акнун ба тор нохун зада буд ҳам, Абдусалом ба сари ӯ дӯппӣ пӯшонда, намоишкорона пул часпонд. Баъди ин ба гӯши Диловар ҳеч чиз намедарояд. Аз ғояти ҳаяҷон дастонаш меларзанду аз сурудхонӣ бозмемонад, кисаҳояшро чаппа карда, як даста пулро ба пеши санъаткорон мемонад. Баъди ин пойҳои ӯ ҳам меларзанд. «Наход ман барои пул суруд хонда бошам?», мегӯяд аз кӣ домангир шуданашро надониста.

Аз миён чанд дақиқа мегузараду Абдусалом калавида-калавида боз дар шафати Диловар пайдо мешавад.

– Дӯппӣ канӣ, мулло Диловар? – ғур-ғур мекунад ӯ дар сари ду по базӯр истода. – Охир, кас бепул ҳам суруд мехонад?!

Диловар ба лаб муҳри хамӯшӣ мезанад. Оташи ғазабашро базӯр фурӯ нишонда, аз замин сар намебардорад. Гӯё ӯро дар сари гуноҳи авфнопазире дошта бошанд, пайкарашро араќи сард пахш мекунад. Гирди чашмонаш ба сӯзиш медарояд.

Базм давом мекунад. Аммо гапҳои заҳролуди Абдусалом дилу ҷигарашро сӯрох мекунанд. Ана гап, аз хаёл мегузаронад Диловар дасту пояш суст шуда, одам ҳам ба ин дараҷа бераҳму беор мешудааст. Диловар гӯё маҳз барои пул рисолаи илмӣ менавиштааст, барои пул суруд мехондааст. Магар ин гапҳои пасту баланди Абдусаломи ҷӯрааш ҳақ аст? Чаро ӯ чанд соли охир дар ҳар қадам аз пул гап мекушояд ва ҳама чизро бо пул бармекашидагӣ шудааст?!

– Бе пул суханат асар надорад, – мегӯяд ӯ бо ришханд ба пеши пояш туф карда ва ҳир-ҳир хандида, – акнун давомашро бе тор хон.

Диловар мисли гунаҳкорон лол мемонад.

– Ҳоле, ки ту дорӣ хар надорад, – гӯён чапак мезанад аз мағлубияти Диловар газ-газ гӯшт гирифта. – Читӯ, маъқул? Агар миёнат бақувват бошад, барор!

Абдусалом баъди ин луқмаи заҳрогин ба болои дастархон меғелад. Диловар зуд торро ба доирадаст дода, ӯро бардоштанӣ мешавад. Аммо кадоме Диловарро аз раъяш гардонда, ба болои кат мебарад.

– Ин зот, – мегӯяд яке аз ҷӯраҳояш, – пул гуфта мисли саг мурда

мераванд. Дастатро нарасон.

... Базм ба охир мерасад. Диловар низ ҳамроҳи издиҳоми мардум аз кӯчаҳои санглохи каҷмакаҷи зодгоҳаш хаёлолуд роҳ мепаймояду ҳаёти шаҳру деҳаро қиёс мекунад. Гапи муаллими ҷамъиятшиносиашон ҷон доштааст: овони мактабхониашон ӯ боре «пул воситаи муомилот аст» гуфта буд.

Аз худ раҳорах мепурсад: оё ягон рӯз ин восита гум мешавад? Кай? Ва оё бепул одамвор муомила кардан мумкин аст?

Диловар ба ин саволҳояш ҷавоби солим ёфта наметавонад. Кӣ медонад?!...

## БОРИ ДИЛ

– Аз ту як гилаи сабук дорам, Сабур!

– Ҳамон гилаи кухна?!

– Аз хотир набаровардаӣ, хайрият. Чаро чанд соли охир ба даҳонат об гирифта мегардӣ?

– Савдои хона ба бозор рост намеомадааст. То даме, ки ба идораи рӯзнома омадам, ба ҷуз сила ва зарбаҳои ҷонкоҳи ҳасудон, ба номаҳои боғаразӣ баъзе ҳамдеҳагон низ тоб овардан лозим омад... Хуллас, сабаби бисёр дорад кам навиштанам.

– Ту худатро мешиносӣ, Сабур?

– Қариб. Бо мадади дӯстон, бо кумаки ҳасудон. Лекин лак-лак нуқсон дорам.

– Одами бенуқс нест, вале чаро мисли солҳои аввали ба кор омаданат гоҳ-гоҳ ҳикоя ва очеркҳои бонамакатро намехонам?

– Раҳмон, аз будаш беш ситоиш накун.

– Ин ситоиш не, ҳақиқати ҳол. Ё ту корзада шудӣ, ё ягон сабаби ҷиддӣ ҳасту ба ман, ба ҷӯраи ягонаат маддаи дилатро намекафонӣ. Ба авзоят як назар парто. Ту саропо дардманд барин, дар лабони парсинбастаат ҳаргиз табассуми овони ҷавониатро намебинам. Рост, баъзан механдӣ. Вале ин хандаҳоят, чӣ гӯям, дардолуд.

– Ин гапро аз куҷо гирифтӣ?

– Чашм оинаи дил аст, мегуфтӣ, Сабур. Чашмонат ким-чи гуфтан мехоҳанд!

– Чашмонам?

– Бале, чаро ангушти ҳайрат мегазӣ? Ту ҳаргиз бо амри дил наменависӣ. Ба болои сӯхта намакоб, чанд соли охир ками кам

менависӣ. Ба ту чӣ бало зад? Ё ки ҳавсалаат пир шуд?

– Аслан ҳар дуи мо пир шудем.

– Даҳонатро пӯш, Сабур! Ваъдаҳои овони ҷавониро аз ёд набарор!

– Кадом ваъдаро мегӯйӣ? Мо бисёр ваъда карда будем.

– Худатро ба гӯлӣ наандоз. Ман намегӯям, ки алломаи замон шав. Қудрати туро медонам. Дар ёдат ҳаст, дар деҳа, дар гӯшаи боғам то субҳ овони бачагиамонро ба ёд оварда, гоҳ хандида гоҳ ғусса хӯрда будем.

– Аз он ки иншо намудани «заказ»-ҳои туро ба таъхир меандозам, бубахш, ғам дорам.

– Ғаматро медонам. Одам, ки ба дарёи ғаму ғусса ғарқ шуд, аз сабзидан мемонад, мегуфтӣ. Модоме ки ҳамин фалсафаи зиндагиро медонӣ, чаро ба ҷойи ғам хӯрдан аз пайи кор намешавӣ?

– Якум, ман истеъдоди фитрӣ надорам. Бештар андешаҳои мағшуш сараму диламро ба дард меоваранд, баъзан на мутолиа карда метавонаму на навишта.

– Ҳатто мисли солҳои аввали ба кор омаданат?!

– Ман намехоҳам обрӯи рӯзномаю обрӯи ҳамдеҳагонро бирезам. Дар истилоҳоти адабиёт образҳои манфӣ ва мусбӣ мешавад. Баъзе ҳамқаламон аз баъзе ҷиҳатҳои неки образи манфӣ ва аз баъзе ҷиҳатҳои манфии образи мусбӣ чашм мепӯшанд. Ба назарам, ин ғалат. Зеро одам бенуқс намешавад.

– Ақидаат дуруст, лекин чаро ба даҳонат мухри хамӯшӣ мезанӣ?

– Ту ягон бор ба аёдатам омада, боре пурсидӣ, ки чаро тез-тез бемор мешавам?

– Тани гарм бедард намешавад. Баъд, заҳмати кори рӯзноманигорӣ ҳам осон не.

– Ист, ки як ҳақиқати талхро медонӣ?

– Хӯш, гӯшам ба ту, ҷӯра!

– Чаро занҳо ками кам ба дарди дилу асаб мепечанд?

– Надонам?

– Чунки онҳо, ҳамин ки сояи ғам ба сарашон афтид, зӯрашонро ба гиря медиҳанду бори дилашонро сабук мекунанд... Гиряи табиӣ фоида дорад мисли дору. Аммо ба мард гиря кардан намезебад. Номаш мард, ғами дунёро дар дилаш бардошта мегардад. Магар ту ғам надорӣ?

– Мегуфтӣ, ки одамеро, ки дар ин дунё ғам нест, ё одам нест, ё аз ин олам нест.

– Боз чӣ мегуфтам, Раҳмон?

– Ҳамон гапи куҳнаро мегуфтӣ. Одам агар ҳалол кор кунад, кори рӯзномаро саҳл напиндошта заҳмат кашад, ягон матлаби хонданӣ иншо карданаш мумкин...

– Хулосаат ғалат. Ман, агар дардамро бе камукост, озод нависам, танҳо дар ҳамон сурат аз чанголи дард раҳо меёбам.

– Навис! Ба ту кӣ нанавис гуфтааст, Сабур?

– Нанавис нагуфтаанд-у...

– Чӣ забон мехоӣ? Гап зан!

– Ин сабаб дорад. Як воқиаи хунуки рӯзҳои авввали ба кор омаданамро мегӯям. Баъд шояд фаҳмӣ.

– Хӯш, гӯшам ба ту.

– Моҳи аввали ба идораи рӯзнома омаданам як ҳикояи хурдро навиштам. Ба аксари ҳамкасбонам писанд омад. Аммо як мӯйсафеди нуронӣ (ҷояшон ҷаннат бодо!) фардои ҳамон рӯз ба дафтари кориам даромада, «Сабураш ту?»-гӯён фиғонаш баромада, маро ба ҳузураш хонд. Рафтам. Дар рӯ ба рӯяш шинонда, газетаро ба пешам тела дод ва бо зарда: «Мақоларо худат бофтӣ?» – гуфт манаҳаш ларзида. «Бале, падар. Лекин ин ҳикоя». «Пас, беандеша будаӣ! «ҳикоя»-атро рафта ба ҳамдеҳагонат нақл кун!». «Аз газета мехонанд, устод». «Маро устод нагӯ! Мани мӯйсафедро мазаммат карда навиштӣ, фақат моли ҳаром мебарорад, аз субҳ то шом кораш чойхӯрӣ мегӯйӣ?». «О, ин ҳикоя-ку, устод?! Баъд, қаҳрамонҳо коргарони завод на рӯзноманигор. Ба замми ин, ҳанӯз ман шуморо намешиносам. Дар зиндагӣ ҳамин хел мешавад. Сардори корхона ба андешаи он ки коргари солхӯрдаи бекорхӯҷа наранҷад, ӯро ба нафақа гусел намекунад. Коргари ҷавони ягон корро сариշта карда наметавонистагиро низ бо андешаи он ки ҷавон асту дар оянда кор ёд мегирад, кафшашро пеш намемонад. Яъне дар ҳар ду ҳолат сардор андеша мекунад. Чора намеҷӯяд. Охир, чунин рафтори баъзе сардорҳо нодуруст-дия! Ғояи ҳикоя ҳамин». «Бас кун фалсафаатро, – гуфт мӯйсафед туфакҳои даҳонашро пош дода. Ва пурсид: – Кӣ бекорхӯҷа, ту ё ман?». «На шумо, на ман». «Дониста мон, агар минбаъд беандешагӣ карда, ман барин мӯйсафедро таъна мекардагӣ бошӣ, беҳтараш танҳо хабар навис, мақола-пақолаю ҳикоя-пикоя нанавис!». «Охир, ин ҳикоя мақола не-ку, устод. Заррае ба шумо дахл надорад». «Баро мегӯям, беандеша!»...

– Агар рӯзноманигор ба фарқи мақолаю ҳикоя наравад, аз дигарон чӣ гила? Хуллас, баъди ин воқиа силсилаи воқиаҳо рух дод. Агар ҳикоят кунам, як қисса мешавад, Раҳмонҷӯра.

– Навис, қисса навис.

– Вай мавзӯи ваъдагӣ чӣ мешавад?

– Рост, аввал ҳамонро навис, падари ҳар дуи мо иштирокчии ҷанг, бо амри тасодуф зинда баргаштанд. Аъзои баданашон ғалбер.

– Одати маро медонӣ-а, Раҳмон?

– Медонам. Зодгоҳамонро дӯст медорӣ. Агар ҳикоя ба деҳа дахл дошта бошад, ҳатман манзара ва номи кӯҳу кӯҳтал ва чашмаҳоямонро ба забон мегирӣ.

– Бар падарат раҳмат, ёфтӣ. Ҳар гоҳ ҳикоя ё ягон мақолаи ахлоқӣ менавиштам, маҳз аз деҳа, аз баъзе содаю калтафаҳмҳо номаҳои таҳқиромез мегирифтам. Гӯё ба онҳо ва ё ба ягон хешу таборашон шамма карда бошам.

– Аз деҳа номаи таҳқиромез гирифтӣ? Чаро то ба ҳол лаб намекушоӣ, Сабур?

– Ман нуқсони бисёр дорам, Раҳмончӯра. Бо андешаи он, ки ягон ҳамдеҳа ончунон эроди* таҳқиромез гирифта, маро маломат накунад, моҳҳо, ҳатто солҳо аз худам норизо шуда, мисли гунаҳкорон ботинан ғам хӯрда мегардам. Баъзан шабҳо хобам парида сари калобаи корро гум мекунам. Баъд ту аз ким-ки мефаҳмӣ, ки ҷӯраат дар шаҳри мусофирӣ бемор шудааст ва ҳадаҳа ба аёдатам меоӣ. Акнун худат бигӯ, агар ягон ҳамдеҳа навиштаҳои маро «ту маро ё хешу табори маро навиштаӣ» гӯён ҷигот андозад, ба деҳа рафта, ба чашмони ӯ чӣ хел нигоҳ карда метавонам?

Хуллас, бо чунин андешаҳои бесарунӯг он асари ваъдагиро то ба ҳол ба таъхир андохта меоям. Метарсам, ки боз ягон ҳамдеҳаам ба худ нам кашида, бародару хоҳаронамро дар раҳу рӯ, дар маъракаҳо таҳқиру маломат мекунад.

– Охир, ту умуман дар бораи оқибатҳои фалокати ҷанг менависам гуфта будӣ-ку? Ғояашро ба ман ҳикоят карда будӣ. Бароям писанд омада буд, дар ҳақиқат, ман ва худат ҳам, хуллас, фарзандони иштирокчии ҷанг дар шаҳру деҳаҳои ватанамон пур. Ҷанг хосият надорад. Агар хосият медошт, баракаи кору зиндагӣ намепарид, фарзандони иштирокчиёни ҷанг низ то ҳол азоби рӯҳӣ кашида намегаштанд. Магар ҳамин рӯҳияро талқин намоӣ, бад аст?

– Кӣ бад гуфт, вақте ки худам низ аз он фалокатҳои ҷанг то ҳол азият мекашам.

– Рост! Пас дар ҳамин хусус навис, ғам нахӯрда. Агар нависӣ паёпай

---

* **Эрод** – эътироз, нуктагирӣ, хурдагирӣ

бемор ҳам намешавӣ.

– Яъне гиря накардаву ғаму ғусса нахӯрда нависам? Гумонат ин кори осон аст?

– Мушкил, албатта. Агар нависӣ, бори дилат сабук шуда, беморӣ ба ту «меҳмон» намешавад.

– Якто-нимто ҳамдеҳагон нам кашида, боз маломат кунанд-чи? Ту ҳаминро мехоҳӣ?!

– Ба ту кадомаш маъқул?! Навишта бори дилатро сабук кардан ё ки нанавишта бо саду як андешаи шум дар ин хонаи оҳанбетониат пӯсида рафтан?

– Аввалан ин ки, ягон кас дар ин дунё сутун нашудааст. Албатта, ба ман бори диламро сабук кардан маъқул. Лекин...

– Чӣ лекин, Сабур. Боз андеша карда, ҷонатро дар азоб намон!

– Гиря кунам-чи? Ягон кас намебинад, ба ҷуз ту.

– Ба ҳоли ман наханд. Он кас гиря мекардаанд.

– Охир, дигар чора надошта бошам, чӣ кор кунам, сарамро ба куҷо занам? Ба эродгирандагон чӣ ҷавоб медиҳам, вақте ки мақсади маро намефаҳманд.

– Худам мефаҳмонам!

– Мебинам, агар тавонам, агар миёнаҳол барояд, баъд ба ту хабар мекунам. Аввал ту мехонӣ, баъд дигарон...

## МАҲСӢ

Дар дами давохона се-чор нафар бо навбат менишастанд, то ки сӯзандору бигиранд. Дар кӯча ҳаво сард. Аз ин рӯ, дар долони давохона сардии ҳаво ҳис карда нашавад ҳам, баъзеҳо пойафзолашонро монугир мекарданд. Дар харак мӯйсафеди дар назар ҳафтодсолаи маҳсидор баҳузур менишаст нигоҳҳояшро гаҳу гоҳ ба ину он дӯхта. Ором менишаст ӯ.

– Амак, ҳамин маҳсӣ, – лаб ба сухан кушод Одил ба мӯйсафед рӯ оварда, – ба одамизод ҷо ба ҷо даво. Аммо аз пӯшида ба идора рафтан кас шарм медорад.

– Барои чӣ шарм медорӣ? Охир, маҳсӣ, ба таъбири худат, «ба одамизод ҷо ба ҷо даво»-ку? Ту худаш аз куҷо? Шаҳрӣ барин не ту!

– Рост, ман аслан аз қишлоқ. Лекин чанд сол боз шаҳрӣ. Шумо аз куҷо?

– Ман? Ман ҳам аслан тошкандӣ не. Номат чӣ, додарам?

– Одилҷон.

– Номи ман Нормурод.

– Нормуродака, чанд сол боз маҳсӣ мепӯшед?

– Чил сол боз!

– Эҳ-ҳа, ба чанд даромадед?

– Чанд сол медиҳӣ?

– Ҳафтод сол.

– Э-ҳа, ман дар як кам ҳаштод. Тани гарм бе дард намешавад, Одилҷон. Лекин одам пою сарро агар гарм нигаҳ дорад, кам бемор мешавад.

– Рости гап, ба маҳсиатон ҳаваси кас меояд.

– Ҳа, чарми тоза. Лекин ман ният дорам, ки ҳусни маҳсиамро дигар кунам.

– Барои чӣ, худаш нағз-ку?

Ва ин дам мӯйсафедро ба давохона даъват карданду суоли Одил беҷавоб монд.

Баъди мӯйсафед Одил ҳадаҳа даромада баромад. Наменамуд мӯйсафед. Аҷабо, дар як нафас ба кадом тараф рафт ӯ...

Аз миён чанд ҳафта гузашт. Одил ба дӯкони кухнадӯзии шафати хонааш даромад, то ки пойафзоли зимистонаро таъмир кунад. Ин дам аз кучое ҳамон мӯйсафед пайдо шуд.

– Э, ин шумо? – Одил аз ҷо хеста саломуалейк кард. – Маро шинохтед?

– Ту – Одил.

– Хотиратон бақувват будааст.

– Ҳа. Ҳамон рӯз гапамон нотамом монда буд. Ман, Одилҷон, соли 1953 аз вилояти Уйғуристони Чин омадам. Намекашам, наменӯшам. Рост, овони ҷавонӣ гаҳу гоҳ нӯшида будам. Аз тарафи дигар, забони арабиро нағз надонам ҳам, Қуръони каримро ба ихлос ҳиҷҷа карда қироат мекунам, панҷ вақт намоз мегузорам, рӯза мегирам.

– Мебахшед, ҳусни маҳсиамро тағйир медиҳам гуфтагӣ барин шуда будед.

– Ҳа-а, маҳсиро мегӯйӣ? Ана ҳамин кухнадӯз занҷир шинонд.

– Дар маҳсӣ?

– Бале.

– О, вай дар ҳамон ҳолат маҳсӣ-ку?

– Одам солхӯрда шавад, сирру асрори зиндагиро хубтар дарк мекардааст ва ин мағзи сари овони пирӣ касро ба ҳар гуна андешаҳо

мебурдааст, – гуфт мӯйсафед пешониашро молида ва шимашро болотар бардошта маҳсиашро ба Одил нишон дод. – Занҷирро дидӣ?

– Дидам.

– Хунук менамояд?

– Он қадар хунук не, – ҷавоб дод Одил, то ки мӯйсафед озурда нашавад, – лекин...

– Ҳа, ту гуфтанӣ, ки барои чӣ занҷир гузарондам-а? Барои он ки маҳсиамро худам пӯшидаву кашида тавонам. Бе мадади дигарон...

## ТАНЗҲО

### НИШОЛЛО

Диёру Ҳушёр дар ин шаҳри мусофирӣ маҷоли роҳ гаштан надоштанд. Зеро дирӯз дар автобуси мусофиркашон кисабурҳо ҳамёни ҳардуро дуздида холӣ карда буданд.

Диёр ба Ҳушёр рӯ оварда илтиҷоомез лаб кушод:

– Дар умрат ягон маротиба гадоӣ карда будӣ? Бо ин аҳвол аз по меафтем.

– Гадоӣ?! Аз гушнагӣ мурам мемурам, лекин гадоӣ намекунам.

– Аз дасти ман ҳам ин кор намеояд, – лабханд кард Диёр, вақте ки дар бозори деҳқонӣ дар шафати нишоллофурӯш андак таваққуф карданд. Ва ин дам чашми Ҳушёр мош барин кушода шуд. Ӯ гӯё як кӯза тилло ёфта бошад, шоду бод ба Диёр рӯ оварда гуфт:

– Ҷӯра, дар ҳамин ҷо бардурӯғ даст ба гиребон мешавем ва ту бо «ҷаҳл» ба буни гарданам мефурорӣ... Лекин, зинҳор аз таги дил назан.

– Барои чӣ?

– Баъд мефаҳмӣ!

Ҳар ду ҷӯра даст ба гиребон шуданд, дашномҳои кӯчагиро ба забон оварданд ва ниҳоят, Диёр ба буни гардани Ҳушёр зад. Ва Ҳушёр ба болои тағораи нишолло афтид. Ду дасташ ба таги тағораи нишолло бархӯрду ду мушташро пур кард. Ба болои ин то бехи ду дасташ нишолло часпид. Ӯ бо азобе ду дасташро аз лаган кашида гирифту ба Диёр ало-ало нигоҳ карда:

– Гурез мегӯям, вагарна...

Диёр гурехт. Ҳушёр аз қафои ӯ давид. Ҳар ду ба як гӯшаи дуртар аз бозор расида, Диёр дасти росту Ҳушёр дасти чапашро бо иштиҳои

қозгир ба лесидан даромаданд.

– Диёр, – гуфт Ҳушёр лунҷаш пури нишолло, – ҷонам даромад.

– Маро ҳам. Саҳнаи аҷоиб шуд-а...

– Хайрият сахт назадӣ, – бо табассум гуфт Ҳушёр, – дар ноомади кор каллаам ҳам ба тағораи нишолло меғӯтид, нафастанг шуда мемурдам.

Соҳиби нишолло магар аз таги гап хабар ёфт, дар даст кафгир ҷониби Диёру Ҳушёр бошитоб меомад.

Ҳушёр ҳаросон ба Диёр рӯ оварда:

– Акнун қуввата ба ду по деҳ, – гуфт омирона ва ҳар ду ба тангкӯчаҳо гурехта, аз назари соҳиби нишолло ғайб заданд.

– Аз якуним кило нишолло ҷудо шудам, – зери лаб, вале бо ғазаб мегуфт нишоллофурӯш баъди пайи ҷангараҳоро гум кардан.

## ҲАЙФИ ИНСТИТУТХОНӢ

Соатҳои се-чори шаб мошини бензинкашони Ҷумъаака аз деҳа баромада, ҷониби маркази ноҳия мешитофт. Дар кабина ғайр аз ронанда боз се нафар донишҷӯ менишастанд.

Дар болои мошин, дар шафати баки бензин низ чор-панҷ кас ҷо гирифта буданд. Ҳавои сарди охирҳои моҳи декабр лабу лунҷи донишҷӯёнро бераҳмона мелесид. Гӯё сӯзан мезад ба афту андоми онҳо. Чӣ илоҷ, дигар наклиёт нест, ки то маркази ноҳия расанд. Ҷумъаака баъди соате ба китфи Толиб тап-тап зада гуфт:

– Ман понздаҳ-бист дақиқа хоб равам, кифоя. Ту дар паси рул шин. Ба ҳар ҳол мегӯянд, ки ту дар институти баобрӯ мехондаӣ. (Толиб дар факултаи таърих мехонд).

Азбаски Толиб гоҳ-гоҳ дар деҳа велосипед ва мототсикл ҳай мекард, илтимоси Ҷумъаакаро дар замин намонд. Ӯ дар паси рул нишаст. Мошин баъди дар роҳи пасту баланд чор-панҷ километр масофаро тай намудан дар яке аз хамгаштҳои роҳ нохост аз роҳ баромад ва баланд-баланд хез зада ба чуқурие афтиду нафасаш ба дарун зад.

– Ин чӣ кори кардагиат! – Ҷумъаака чашм кушод. – Чӣ, чашмат кӯр аст?!

Толиб гунаҳкорона сар хам кард.

– Фуро, аз кабина! – дод зад Ҷумъаака. – Шон дар институт мехондаанд-а?! Ҳайфи ин институтхонӣ, чиро ёд медиҳанд дар он ҷо, ҳеч намефаҳмӣ...

## ҚАЛАМФУР

Хошим ба анборхона даромада, аз ҷувол як табақ ғӯлинг гирифту бо оби хунук шуст ва аз рӯйи одат, ба болояш оби ҷӯш андохту боз ба анборхона баргашта, як пиёла қаланфур овард ва ба ғӯлунгоба омехт. Зеро дигар чора надошт. Охир, ду рӯз боз ғӯлунгобаи тайёркардаашро ким-кӣ, шояд зану писараш, ё худ набераю келинаш мехӯранд. Duздро бояд ёбад.

Боз ба нова равон шуд. Дар ду-се соат аз бодом ва хори хушк як хар ҳезум тайёр кард. Пешонаи арақшорашро бо кафи даст пок карда, аз дунболи хар ба роҳ даромад, кадом як ғазали куҳнаро зери лаб месароид...

– Ҳезумро фурор! – ба хона ки расид амр дод ба ҳамсараш Мастура. Ва нохост ба рӯйи занаш чашмаш афтида: – Барои чӣ лабу лунҷат варам, ду бари рӯят монанди арақхӯрҳо суп-сурх? – гуфт ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифта.

– Не-е.

– Рав, худатро дар оина бин. Аз афту ангорат саг ҳам ҳазар мекунад.

– Тамоми аъзои баданам дармегирад. Соате пеш аз он ғӯлингобаатон хӯрда будам. Кадоме ба он заҳр андохтагӣ барин... Метарсам, ки мурда монам.

– Дузд ёфт шуд, муттаҳам! Лекин, натарс, намемурӣ, аз қаламфурхӯрӣ пойи ягон кас дароз нашудааст.

– Худатон қаламфур андохта будаед-дия?!

– Ду рӯз пайи ҳам ғӯлингобаро хӯрдӣ ва боз бо нияти ба чашмам хок пошидан, барои чӣ ба тағора об рехтӣ?! Гум шав, аз назарам!..





## ПАЙМОН
## (1955)

Зодгоҳи аҷдодии Паймон деҳаи Синтоб (Синтаб) аст. Падари ӯ Давлат Тӯхтаев дар канори садҳо сокини деҳоти кӯҳистонӣ, ки пеш ва пас аз итмоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба хотири обод кардани даштҳои бекорхобида иҷборан кӯчонида шудаанд, бо оилааш ба ноҳияи Верхневолинскийи (ҳоло Сайҳунобод) вилояти Сирдарё нақли макон мекунад. Паймон (Тӯхтамиш Тӯхтаев) 24-уми феврали соли 1955 дар ҳамин манзили нави падар, дар хоҷагии ҷамоавии он замон ба номи Максим Горкий (ҳоло Шариф Раҳимов)-и ноҳияи Сайҳунобод ба дунё меояд.

Падари Паймон дар айёми ҷавонӣ ба ҷанг меравад. Соли 1944 пас аз захмӣ шудан дар набардҳои зиддифашистӣ дар Украин ба диёр бармегардад. Ӯ сараввал дар Синтоб, деҳаҳои ҳамсояи Порашту Ӯхми ноҳияи Фориш ва сипас дар мактабҳои тоҷикии ноҳияи Сайҳунобод аз фанҳои таъриху ҷуғрофиё дарс гуфта, чархи рӯзгорро бо пешаи омӯзгорӣ мегардонад. Дертар, бо сабаби тез-тез диққи нафас шудан, моҳи апрели соли 1964 аз Сайҳунобод ба зодгоҳи бобоӣ – деҳаи Синтоб бармегардад. Аз ин пас Паймони нӯҳсола овони бачагии худро дар гузари Козбони деҳаи хушманзари кӯҳӣ таҳти мувозибати падари бузургвораш Давлатака ва модари меҳрубонаш Суратмомо мегузаронад ва таҳсили худро дар мактаби миёнаи зодбуми бобоӣ идома медиҳад. Аз ин пас ӯ дар симою намои шигифтангези Синтоб миҳани аслии худро пайдо мекунад:

*Ватанро ёфтам аз санги Синтоб,*
*Зи оби рӯди хушоҳанги Синтоб.*
*Ба рӯйи каф ҳамам гиранд, охир*
*Бимонам боз андар чанги Синтоб.*

Паймон пас аз таҳсилоти миёна солҳои 1973 – 1977 дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории ба номи Садриддин Айнии Самарқанд таҳсил мегирад ва онро бо дипломи сурх хатм мекунад. Сипас ба назди падару модар баргашта, дар мактабҳои

миёнаи деҳаҳои Моҷарм ва Синтоб аз фанҳои забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ дарс медиҳад.

Соли 1982, интишори очерки Паймон таҳти унвони «Панди падар» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») боис гардида, ӯ аз сӯйи мудирияти рӯзнома ба кор даъват мешавад. Ҳамин тавр, баробари хотима ёфтани соли таҳсили 1981 – 1982 бо фотиҳаи падар роҳи Тошкандро пеш мегирад ва баъд аз суҳбату шиносоӣ бо сармуҳаррири рӯзнома Шавкат Ниёзов ба кори рӯзноманигорӣ мепардозад. Аз соли 1986 инҷониб мудири бахши фарҳанги «Овози тоҷик» аст. Ӯ хонаводаи обод ва фарзандони солеҳ дорад. Ҳамсараш Идигул, писаронаш Хусраву Манучеҳр, духтараш Муниса ва наберагон ғамхору меҳрубони ҳамдигаранд.

Паймон дар тӯли зиндагии худ ҳар гуна кору вазифаро аз сидқи дил ва эҷодкорона, бо саъю талоши фавқулода баланд анҷом додааст. Ин фидокориҳо буда, ки пайи ҳам ба чунин муваффақиятҳо ноил мегардад: соли 1985 – шомил шудан ба узвияти Иттифоқи журналистони Иттиҳоди Шӯравии собиқ; соли 1995 – пазируфта шудан ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон; соли 1996 – дарёфти унвони «Журналисти беҳтарини сол» ва медали «Шуҳрат»; соли 1997 – сазовор шудан ба унвони ифтихории «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон»; соли 2010 – пазируфта шудан ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва муфтахар гардидан ба унвони «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон»; соли 2018 – комёб гаштан ба нишони «Дӯстӣ» аз сӯйи Раисҷумҳури Тоҷикистон; соли 2020 – дарёфти нишони «Дӯстлик» (Дӯстӣ) аз ҷониби Раисҷумҳури Ӯзбекистон.

Қаламиҳои Паймон ҳанӯз дар солҳои донишҷӯйӣ тавассути рӯзномаю маҷаллаҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ба дасти хонандагон расидаанд. Дертар маҷмӯаи шеърҳои ӯ дар баёзҳои дастаҷамъии чопшуда дар Душанбе – «Чакомаи пирӯзӣ» (1990), «Чил қалам» (1991), «Боли парвоз» (1991) ва Тошканд – «Каҳкашони орзу», «Гулистони адаб», «Чароғи маърифат» рӯнамоӣ шудаанд. Мухлисони каломи ноби шоир китобҳои ҷудогонаи ашъори ӯро бо номҳои «Санги навишта» (Душанбе: «Адиб», 1991), «Шабовез» (Тошканд: «Ёзувчи», 2000) ва «Шабоҳанг» (Тошканд: «Шарқ», 2012), «Даҳ пурсишу даҳ посух» (Тошканд: «Ноширлик ёғдуси», 2019) дастрас намудаанд. Ҳоло зиндагинома ва эҷодиёти шоир дар мактабҳои тоҷикии таҳсили ҳамагонии Ӯзбекистон омӯзонида мешавад.

Паймон дар тарҷумаи бадеӣ низ дасти тамом дорад. Ӯ ашъори

шоирони классику муосири ӯзбек Алишер Навоӣ, Заҳириддин Бобур, Нодирабегим, Ғафур Ғулом, Абдулло Орипов, Эркин Воҳидов, Назармат, Азим Суюн, Сироҷиддин Саййид, Умида Абдуазимова, Фарида Афрӯз, Искандар Раҳмон ва дигаронро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тарҷума кардааст. Ҳамчунин тарҷумаҳое аз шоирони рус дорад.

Осори Паймон дар кишварҳои хориҷа, ба вижа, чандин бор дар баёзу китобҳои шеърии мунташиршуда дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Фаронса ба табъ расидаанд. Аз ин ҷумла, китобу маҷмӯаҳои «Боғи бисёрдарахт» (гузидаи шеъри муосири форсии Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. Теҳрон, 2004), «Аз Самарқанди чу қанд» (Гузидаи шеъри муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон. Теҳрон, 2005), «Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон. Қарни бистум то кунун» (Теҳрон, 2005), «Намунаҳои шеъри Ӯзбекистон» (Порис, 2006), «Форсисароёни Ӯзбекистон» (Теҳрон, 2010) исботи ин гуфта буда метавонанд.

Дар осори манзуми Паймон навъи ғаноии шеър ҷойгоҳи хос дорад ва дар жанрҳои мухталиф, ба мисли дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, маснавӣ, ғазал, мусаммат, тарҷеот, мустазод ва шеъри нав тавони шоиронаи худро санҷидааст. Комилтарин китоби илмию омӯзишӣ дар бораи зиндагинома ва осори шоир Паймон асари доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъақул Ҳамро бо номи «Асрори шеъри шоир» ба шумор меравад, ки соли 2017 аз тариқи муассисаи табъу нашри «Муҳаррир» дар матбааи «Paradigma» чоп шудааст. Дар ин китоб адабиётшинос гузашта аз шарҳи муфассали ҳаёти шоир, дар хусуси анвои шеърӣ ва хусусиятҳои шаклии он, дарунмояи шеъри Паймон, мавзӯъ ва хусусиятҳои жанрии рубоиёт ва тафсири ишқ дар осори Паймон ба таври васеъ фикру мулоҳизаҳои илмию пажӯҳишии худро ироа кардааст.

## ВАТАН

Қадамгаҳи хаёлҳои ман,
Ватан!
Қаламраҳи мақолҳои ман,
Ватан!

Намозгоҳи меҳр бастаам,
Ватан!
Ниёзгоҳи ҷони хастаам,
Ватан!

Замини кишти бору ҳосилам,
Ватан!
Ҳавову обу оташу гилам,
Ватан!

Баҳори боғи бехазони дил,
Ватан!
Диёри ҷовидон ҷавони дил,
Ватан!

Фасонаи аладдавоми ҷон,
Ватан!
Таронаи азалмақоми ҷон,
Ватан!

Зи моҳӣ то ба моҳи кишварам,
Ватан!
Зи кӯҳ то ба коҳи кишварам,
Ватан!

Чаҳор табъи аслхези ман,
Ватан!

Чу панҷ ҳисси ман азизи ман,
Ватан!

Зи шаш ҷиҳат мудом рӯйи ман,
Ватан!
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан!!!

**ҲАЙРАТ**

Мани шоир,
Мани шоир агар не, ошиқи шеър,
Ки умре шеър мехонам,
Ки чандон шеър медонам,
Ки дар субҳи сухан мӯйи сияҳро кардаам испед,
Ки шуд дар шоми он камнур чашмонам.

Барои дарки шеъри ҳамзабони хеш,
Пайи тафсири байти ҳамзамононам.
Чунон оҷиз, чунон ношуд, чунон ночору ҳайронам,
Ки гаҳ шак мебарам бар худ:
– Худоё, ман магар он шеърнӯшу шеърпарвардам?
Ман, оё чист шеъру кист шоир нек медонам?
Магар ман шоири шеъру ғазалхонам?
Ман, оё ростӣ, он бар сухан хӯ карда Паймонам?

Чу гоҳе ҳамзабони ман,
Бигӯяд шеър андар сатрҳои бешу кам, ёрон.
Гаҳе чун ҳамзамони ман,
Нависад «шеър»-и маснӯи тиҳӣ аз санъату авзон.
Билошак, аз аҷаб,
Аз ғояти ҳайрат,
Биёзад дасти ман сӯйи гираҳбонам:
– Ки охир чист ин иллат?!
Агарчи Рӯдакии қарни нуҳро мекунам идрок,
Шигифто, шоирони ҳамзамонамро намефаҳмам.
Мани андар забони модарии худ балад, акнун
Зи «фазл»-и ин суханбозон забонамро намефаҳмам...

Агар шоир ҳам аз фарзандҳои ин ҷаҳон бошад,
Агар шеър аз барои шеър не,
Баҳри замон бошад,
Барои ҳолиёну зубдаи фардоиён бошад.
Бубояд баҳри фарзандони ин дунё сухан гӯяд,
Ва шеъраш бояд аз имрӯзу аз фардо ватан ҷӯяд,
Ки мушк он аст худ бӯяд...

**СИНТОБИ МАН**

Пуштбони ҳафт пушти асли ман, Синтоби ман,
Чор унсури ман андар як сухан, Синтоби ман.

Даҳ азизи* ту чу даҳ арвоҳи бедори туанд,
Ҳар кадом аз сарнавиште ройзан, Синтоби ман.

Хондам аз Санги навишта**, дидам андар Қӯрғон***,
Қисмататро чун насиби хештан, Синтоби ман.

Аз Даҳона то ба Дарвозат бароям суфта аст,
Бо раҳу пайроҳаҳои пуршикан, Синтоби ман.

Оби Хизру Оби ҳайвон пеши ман афсона нест,
Ҳаст яъне нӯши Аккову Туфан****, Синтоби ман.

Бо дарахтистони Кадбон, боғзорони Ҷавак,
Ҷаннати рӯҳиву хулдистони тан, Синтоби ман.

Осмонат завраqи уммедҳоямро муҳит,
Осмонат мурғи табъамро чаман, Синтоби ман.

Кӯҳсоронат аз ошӯби ғам оғӯши наҷот,
Обшорат покшӯям аз фитан, Синтоби ман.

---

* Даҳ азиз – номи умумии даҳ қабристон дар Синтоб (зодгоҳи шоир)

** Санги навишта – пуштаи сангӣ, ки пур аз катиба аст

*** Қӯрғон (ҳамчунин дар ин шеър: Даҳона, Дарвоз, Кадбон, Ҷавак) – номи гузарҳо ва мавзеъҳо

**** Акко, Туфан – номи чашмаҳо

Чун ту маъвое, ки бошад дилбар афзун аст, лек
Нест чунат ошёнеам ҳасан, Синтоби ман.

Боз аз авранги сангини ту хоҳам кард ёд,
Гарчи бар тахтам нишонанд анҷуман, Синтоби ман.

Шукри Яздон дар забонам тоза гардад ҷовидон,
З-он ки дорам чун ту ганҷури куҳан, Синтоби ман.

Зодагони сангпухтат мисли Сайҳуну Зафар*,
Кардаанд обод бас дашту даман, Синтоби ман.

Бар ту қабл аз Ҳаҷҷи акбар Ҳаҷҷи асғар мекунанд,
Мардуми дур аз канорат, марду зан, Синтоби ман.

Ҳусни оғоз аз ту бурдам, боли парвоз аз ту, кош,
Ҳусни анҷомам диҳӣ – гӯру кафан, Синтоби ман.

Мехурам бар Ҳазрати Мулло** қасам, то зиндаам,
Н-афканам номи шарифат аз даҳан, Синтоби ман.

Ҳамчу андар сина дил бошӣ ту Паймонро азиз,
Ай аниси ман, Ватан андар Ватан, Синтоби ман.

## САФЕДКАФТАРОНИ БАРФ

Сафедкафтарони барф,
Гузидаҳамсарони барф.
Зи айшгоҳи осмон,
Висолгоҳи бекарон***.
Танида гӯйӣ тан ба тан.
Ватан биҷуста аз ватан,
Ба ҳам чу ошиқони пок,
Барӣ зи шарму тарсу бок,
Ба қитъаҳо шаванд кишт,

* Сайҳуну Зафар – макони зисти ҳамдиёрони шоир дар вилоятҳои Сирдарё ва Дизах
** Ҳазрати Мулло – номи қабристон
*** **Бекарон** – беканор, аз ҳад зиёд васеъ, бепоён

Чӣ қисмате?
Чӣ сарнавишт?

Сафедкафтарони барф,
Навиддафтарони барф.
Чу селаи қувони шод,
Ба итифоқу иттиҳод.
Сабуку нарму нозанин,
Хушу пазираву маҳин.
Анису ошнои ҳам
Равои муддаои ҳам.
Расанд то бари замин,
Чӣ марғзор?
Чӣ камин?

Сафедкафтарони барф,
Ҳамидадухтарони барф.
Фариштагони ғуслгоҳ,
Сариштагони бегуноҳ,
Тиҳӣ зи бими чашми дузд,
Тиҳӣ зи кину хашми дузд,
Пур аз назокату итоб,
Тамом об андар об.
Ниҳанд по ба соҳиле?
Чӣ соҳиле?
Чӣ ҳосиле?

Сафедкафтарони барф,
Паридаахтарони барф,
Чу фавҷи обшорҳо,
Нигор аз нигорҳо.
Чакида аз раги саҳоб,
Бараҳна чун зи гул гулоб.
Фузуда аз майи ҷунун,
Раванд аз худӣ бурун.
Дар орзуи ҷовидон,
Чӣ орзу?
Чӣ ормон?

Сафедкафтарони барф,
Такидаахгарони* барф.
Чу хокаи ситорагон,
Зи дасти бод беамон.
Зи сӯйҳо ба сӯйҳо,
Зи кӯйҳо ба кӯйҳо.
Парешу беватан шаванд,
Ба асли хештан шаванд.
Чӣ асл?
Фасли борҳо,
Баҳорҳо...
Баҳорҳо...

## ДАР ҚАБЗАИ ҲИҶОИ ТУ...

Ҳарчанд буд душмани бегонаам фузун,
Ҳарчанд хасми обхури ман зиёд буд.
Ҷонсахтии мудоми ту дар гирудорҳо,
Ибрат ба рағми ҷумла маро дар ҷиҳод буд.

Аз он ки ту намурдаӣ, ман низ зиндаам,
Дар қабзаи ҳиҷои ту овардаам паноҳ.
Оре, фақат ту будаӣ дар ҳифзи ҷони ман,
Алҳақ, фақат ту будаӣ манро паноҳгоҳ.

Ҷавре, ки з-ину он ба ту рафтаст, ростӣ,
Гар худ бар ину он бирасидӣ, фано шудӣ.
Овози соз сеҳр зи нохун барад, чунон
Аз зарби кинахоҳи худ афсунғино шудӣ.

Оваҳ, забони модарии шаҳдрези ман,
Дар даҳр ҳеч ганҷ маро аз ту беш нест.
Андар намози панҷгаҳи ман дуои туст,
З-он рӯ, ки беҳтарам зи ту пайванду хеш нест.

Тоҷик агар кунун чу ниёкони хеш боз,
Миллат бувад, Масеҳи равонбахши он туӣ.

---

* **Такидаахгар** – *маҷ.* оташпораҳои дар давутоз буда (лахтаҳои барф)

Тоҷик агар кунун чу бузургони хеш боз,
Дар зини давлат аст, яқин Рахши он туӣ.

Бар сояҳои ҳарфу ҳиҷоят, забони ман,
Чун пеши пойи миллати худ мебарам суҷуд.
Бар ҳазрати баарҷи* ғиноят, забони ман,
Чун бар Худои миллати худ мебарам суҷуд.

Кам мешавам барои туву кам намешавам,
Ғам мекашам барои туву мекунам ҳузур.
Умрам ҳама фидои камолу фари ту бод,
Ай манбаи сурури ман, ай маншаи ғурур.

**«ОБҶАҲИ ҒАЗАЛ»**

Аз даҳр ба ҷуз хуни ҷигар ҳеч нахӯрдем,
Ҷуз хуни ҷигар чизи дигар ҳеч нахӯрдем.

З-он боғ, ки гӯянд канораш ҳама бор аст,
Мо бор начидему самар ҳеч нахӯрдем.

Аз базми шаҳаншоҳӣ набурдем пиёла,
Ғамбода ба ҷуз ҷоми басар ҳеч нахӯрдем.

Гаҳ Қайс ҳам аз шарбати дидор фараҳ дошт,
Мо ҷуз намаки ҳаҷр шакар ҳеч нахӯрдем.

Шуд кини Зулайхо сабаби иззати Юсуф,
Кишти ғазабаш чист, ки бар ҳеч нахӯрдем?!

Бурдем ниёз арчи ба зеру забар охир,
Ғайр аз алами зеру забар ҳеч нахӯрдем.

Паймон, кӣ тавонад барад аз мо дами ҷовид?
Ҷуз аз қадаҳи шеър агар ҳеч нахӯрдем.

* **Баарҷ** – боарҷ, боқадр, боэътибор

***

Ай сабо, арзи салом аз мо ба ёрон боз гӯ,
Аз сари лутф ин калом аз мо ба ёрон боз гӯ.

То замон боқист морову ҷаҳон боқист, ҳаст
Миннату шукри мудом аз мо ба ёрон, боз гӯ.

Умрашон ҷовид боду бахташон испед бод,
Ин дуои субҳу шом аз мо ба ёрон боз гӯ.

Баъд аз эшон ҳамчу об аз соҳили дарё гусаст,
Меҳру лутфи бардавом аз мо ба ёрон боз гӯ.

Ёд бодо рӯзгороне, ки з-онон мефузуд,
Баргу бори нангу ном аз мо ба ёрон боз гӯ.

Чун тиҳӣ мондем з-эшон, гӯйӣ монд ин сон тиҳӣ,
Аз гулоби ноб ҷом аз мо ба ёрон боз гӯ.

З-он даме, ки рӯзгори ҳаҷр бигрифт ибтидо,
Мунтаҳо гардид ком аз мо ба ёрон боз гӯ.

Интизори муждаи васл аст Паймон, ай сабо,
Ин умеду ин паём аз мо ба ёрон боз гӯ.

***

Ба ҳар як субҳу шоми бахши мо шукрона бояд гуфт,
Ба ҳар рӯзу шаби доди Худо шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар бисмиллаҳу омин сазад алҳамди Ҳақ, яъне
Ба ҳар як ибтидову интиҳо шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар фурсат, ки баҳри зиндагонӣ медиҳад фурсат,
Ба ҳар дам, к-он бувад пайки бақо, шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар гоҳе, ки қубҳу ҷурми моро мекунад татҳир,
Ба ҳар ҳине, ки ҳаст он ҳуснзо, шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар соат, ки аз он соати умр аст тӯлонӣ,
Ба ҳар вақте, ки бошад ҷонфизо, шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар як лаҳза, к-аз вай лаҳзаи хуш мешавад афзун,
Ба ҳар ҳангом, к-омад ғамзудо, шукрона бояд гуфт.

Ба ҳар оне, ки гардад модари они дигар, Паймон,
Ба ҳар аҳде, ки зояд аҳдҳо, шукрона бояд гуфт.

***

Баҳори фарвадин омад, хуш омад,
Нигори нозанин омад, хуш омад.

Гул андар рӯву сунбул дар хами мӯ,
Узоре дар ҷабин омад, хуш омад.

Ҳама беғаш, ҳама дилкаш, ҳама хуш,
Чу ёри дилнишин омад, хуш омад.

Ситурд аз боғҳо овои нохуш,
Ҳазори хуштанин омад, хуш омад.

Ба ҷони хастаи ушшоқи муштоқ,
Мадори ростин омад, хуш омад.

Барад аз пеши дай то гӯйи бозӣ,
Савори аспу зин омад, хуш омад.

Шуд аршу фарш, Паймон, пок, гӯйӣ
Ба кори ону ин омад, хуш омад.

***

Биё, биё, ки кунун шодмонӣ мехоҳам,
Зи кини оламу одам амонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки надорам дигар таҳаммули қаҳр,
Муҳаббату караму меҳрубонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки савор аст марги ман имрӯз,
Паёми зиндагӣ деҳ, зиндагонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки хазонрези пирӣ мешӯрад
Ба баргу бори вуҷудам, ҷавонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки ба дорулбақо ниёзам нест,
Гарам сазост бо ту дайри фонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки наям дилгазони ишқу умед,
Ҳанӯз дилбариву дилситонӣ мехоҳам.

Биё, биё, ки зи ёри забонӣ, чун Паймон
Шикастааст дилам, ёри ҷонӣ мехоҳам.

***

Забон чун аз дурушту аз дағал пур шуд, ғазал гуфтем,
Баёзу дафтар аз ҳарфи илал пур шуд, ғазал гуфтем.

Китоби шоирони давр не аз дурру н-аз гавҳар,
Бадо, чун ҷумла аз сангу шағал пур шуд, ғазал гуфтем.

Тиҳӣ шуд аз парии завқу илҳом оғуши ёрон,
Ҳама аз деву дад гар ин бағал пур шуд, ғазал гуфтем.

На як дарбору даргоҳи сиёсат, балки санъат низ
Зи бозори сухан бахри амал пур шуд, ғазал гуфтем.

Намонд, инак зи бас як маснавиву достонгӯе
Рубоиву дубайтӣ, филмасал пур шуд, ғазал гуфтем.

Дил аз ғам ҳам агар лабрез шуд гоҳе ғазал хондем,
Ҳам аз шодӣ агар он ҳар маҳал пур шуд, ғазал гуфтем.

Ғазал гуфтем, Паймон, гаҳ ба рағми шеъри кас, гоҳе
Алайҳи шеъри худ чун аз мағал пур шуд, ғазал гуфтем.

***

Наврӯз ҷаҳонӣ шуд[*], то бод чунин бодо!
Ҷашни ҳамагонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Ин суннати неки Ҷам, бар халқи ҳама олам,
Навбоваи сонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Оне, ки фаромуш буд, дар хонаи худ хуш буд,
Маншуру забонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Аз дӯст ба номи дӯст, овард паёми дӯст,
Пайке зи амонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Авранги баландаш бин, Аржанги писандаш бин,
Доро шуду Монӣ шуд, то бод чунин бодо!

Бар рӯҳу равон яксар, пайдову ниҳон яксар,
Пайғоми ҷавонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Соҳибсухано, имрӯз, андар сифати Наврӯз,
Паймон натавонӣ шуд, то бод чунин бодо!

***

Омад бари ман омад, он симбадан имшаб,
То бишканадам тавба, он тавбашикан имшаб.

---

[*] Соли 2010 аз сӯйи Маҷмаи умумии СММ Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид

Шайдову хумор омад, ҷоме ба канор омад,
Гӯйӣ ба шикор омад, он сайдфикан имшаб.

Бебок бари мо шуд, ҷону ҷигари мо шуд,
Шамъу қамари мо шуд, он ёри ҳасан имшаб.

Бишшаст чи мастона, дар баст ба бегона,
Чун маст, чу девона, он ҳури фитан имшаб.

Озодаву зебо буд, аз кишвари руъё буд,
То субҳ чӣ гӯё буд, он тӯтисухан имшаб.

Ғамро ҳама барҳам зад, дамро ҳама дарҳам зад,
Дилро ҳама марҳам зад, он норзақан имшаб.

Чун олиҳаи армон, сар то қадами Паймон,
Бинмуд фараҳманд он африштаи ман имшаб.

***

Ту як бағал гулӣ, ки дар бағал наметавон гирифт,
Ки ҷонбадал ба сад ҷаҳонбадал наметавон гирифт.

Ҳама вуҷуд шаккарӣ, ҳама тан ангубину нӯш,
Ки ҳамчу аз ту лаззат аз асал наметавон гирифт.

Фузун зи ҳури ҷаннатӣ, зиёда аз фариштаӣ,
Туро шабеҳи ҳар ду филмасал наметавон гирифт.

Ту як парӣ зи олами фасонаҳоӣ, к-аш яқин
Ба ҳеч чора, бо ягон амал наметавон гирифт.

Ниҳоли сабзу хуррами назокату нафосатӣ,
Ки чунат аз баҳору аз ҳамал наметавон гирифт.

Чунон зи ҳусн ком бурдаӣ, азизи ман, туро
Дигар ба хубталъате бадал наметавон гирифт.

Ҳақорати лаби туро наметавон дурушт гуфт,
Нақорати гапи туро дағал наметавон гирифт.

Хушӣ зи дурри Ҳофизу зи гавҳари Камол беҳ,
Ки баъд аз ин қалам пайи ғазал наметавон гирифт.

***

Чӣ табу чӣ тоб дорам?
Аламу азоб дорам.

Зи сиришки дида бар лаб,
Чӣ май? Оташоб дорам!

Фари суратам фиребост,
Ҷигари хароб дорам.

Набарам даме ба роҳат,
На шабу на хоб дорам.

Тиҳибаҳраам ман аз даҳр,
Ҳама чо сароб дорам.

Чу набуд нарм ҳечам,
Ба ҷаҳон итоб дорам.

Ба ҳама гудоз, Паймон
Зи сухан гулоб дорам.

## «МАВҶҲО»

***(рубоиёт)***

Ай дӯст, дили азизи ёрон машикан,
Армон бишикан зиёду як ҷон машикан.
Дар базми тараб нишинӣ ё базми адаб,
Паймона шикан ҳазор, паймон машикан.
***
Андар сари шеъри тар лабам хушк мабод,
Таҳтони давотам тиҳӣ аз мушк мабод.
Дар танзи ману булбули нутқам, ай кош
Бадхоҳи маро лисони гунҷишк мабод!
***
Бархезу баҳорони тараб барпо кун,
Мурғони таронагӯйро ово кун.
Афсӯс махӯр, ки рафт овони шубоб,
Онро зи дигар соз, зи сар эҳё кун.
***
Бархезу биё, ки фурсати мост ҳанӯз,
Таъхир макун, ки навбати мост ҳанӯз.
Ин умр, ки ҷуз давлати фонӣ набувад,
Дар панҷаи мост, давлати мост ҳанӯз.
***
Бошед мудом анису маҳрам, ёрон,
Бар доғи равони хеш марҳам, ёрон.
То навбати буду зист доред, чунон,
Бошед ба ҳам, зиед бо ҳам, ёрон.
***
Дар баҳсу талоши мо замон мегузарад,
Чун рӯди равон умри равон мегузарад.
Бар кори замона доман афшону биё,
К-ингуна расидасту чунон мегузарад.
***
Дар кавну макон аз туву мо авло нест,
Ҷуз мову ту дар кавну макон мавло нест.
Ҳам ину ҳам онем дар ин зеру забар,
Моем ҳама ҷаҳон, ҷаҳон ҷуз мо нест.

***
Ин даҳр сириштаи савобу гунаҳ аст,
Яъне ба рухе сафед, рӯе сияҳ аст.
Ҳам манзили ғам, ҳам ошёни фараҳ аст,
Гаҳ дасти кушод, гоҳ мушти гираҳ аст.
***
Ин чарх мудом дархури мо нарасад,
В-ин дам, ки зи мост, балки фардо нарасад.
Бар ҳиммати соқӣ шукр мебояд гуфт,
К-ин коса аз ӯ боз расад, ё нарасад?
***
Ман не зи ғироми ошно метарсам,
Н-аз душмани берӯву риё метарсам.
Аз мардуми воқиф аз худӣ бокам нест,
Аз ғофили хеш, бахудо, метарсам.
***
Мафтуни баҳор будаму хоҳам буд,
Дилбанди нигор будаму хоҳам буд.
Бар файзи баҳорону бар афсуни нигор,
Як умр хумор будаму хоҳам буд.
***
Мо омадаем, шод бодо, гӯем,
Шодии ҷаҳон зиёд бодо, гӯем.
Ҳар хона, ки бар рӯйи азизон боз аст,
Даргоҳи пур аз мурод бодо, гӯем.
***
Моро на камон, на ҳалқаи дор кушад,
Не кину ҳасад, на ғадри ғаддор кушад.
Моро натавонад аҷале кушт, вале
Тафриқаи байни кору гуфтор кушад.
***
Морост зи давр доғҳо дар сина,
Дуди сияҳи чароғҳо дар сина.
Ку қумриву ку ҳазор? Манзил доранд,
Як села калоғу зоғҳо дар сина.
***
Омад ба барам баҳор бо ҷомаи сабз,
Бо розу ниёзи сабз, бо номаи сабз.

Овард ба ин шоири дилдодаи худ,
Илҳоми наву табъи тару хомаи сабз.
***
Онон, ки на дарданд, на дармон, чӣ касанд?
Не аз пайи коранд, на армон, чӣ касанд?
Не ҳиммату не ғайрату ҷуръат доранд,
Ин қавми фарогӯш ба фармон, чӣ касанд?
***
Суде набувад баъди гунаҳ оҳ кашем,
Фарёд зи дасти ақли кӯтоҳ кашем.
То гум назанем роҳи ҳақ мебояд,
Ёрон, ёрон, ба сӯйи Ҳақ роҳ кашем.
***
То чанд миёни пухтагон хом шавем,
Ҷое, ки наво равост, ором шавем.
Бо ҳам дигарон раванду хушком шаванд,
То чанд ҷудо равему ноком шавем.
***
Туҳмат занад аз пешу қафо бар тоҷик,
Гаҳ ину гаҳ они бенаво бар тоҷик.
Сад шукр ба рағми ин тиҳимағзе чанд,
Дода хираду сабр Худо бар тоҷик.
***
Худро чу шинохт қавм миллат бишавад,
Миллат чу ба худ расид, давлат бишавад.
Қавм ар нашавад миллату миллат давлат,
Шак нест заъифу пур зи иллат бишавад.
***
Ҳамсуҳбати некам аз китобе пайдост,
Ҳамдарди ман аз ҷоми шаробе пайдост.
Завқи дигарон аз зару давлатёбист,
Шодии ман аз нуктаи нобе пайдост.
***
Ҳарчанд, ки масту майгусорем мудом,
Шӯридаи ишқи гулузорем мудом.
Бо ин ҳама аз хаёлат озод наем,
Мо даст ба кору дил ба ёрем мудом.
***

Шаб то ба саҳар нам-нами борон омад,
Аз арши барин пайки баҳорон омад.
Дар синаи мо ғунчаи уммед шукуфт,
Аҳди сабаби висоли ёрон омад.
***
Як қитъаи сабзи ин замин деҳи ман аст,
Гӯйӣ, раги набзи ин замин деҳи ман аст.
Ҷо нест чунин сабзу чунин набзомез,
Оре, оре, беҳин замин деҳи ман аст.

**«ЧАҲОРДАРА»**
***(дубайтиҳо)***

Азизон, ҷойи баҳси мову ман нест,
Сухан аз ҳар даҳан дурри Адан нест.
На ҳар соҳибрақам соҳибкалом аст,
Ҳама соҳибқалам соҳибсухан нест.
***
Баду неки касон дидему рафтем,
Каму беши ҷаҳон дидему рафтем.
Замон гаҳ соз, гаҳ носози мо буд,
Ғаму шодии он дидему рафтем.
***
Баҳори рафта боз ояд гули ман,
Ҳазори рафта боз ояд, гули ман.
Марав аз мо, марав аз маҳфили мо,
Хумори рафта боз ояд, гули ман.
***
Биё, бо ҳам ҷаҳони худ кушоем,
Ҷаҳони ҷовидони худ кушоем.
Алайҳи аршу фарши пиру ноҷӯр,
Замину осмони худ кушоем.
***
Вуҷуди бастаи Наврӯз моем,
Дили вобастаи Наврӯз моем.
Ба мо ранҷе фузун аз ҳаҷри ӯ нест,
Ҳама пайвастаи Наврӯз моем.
***

Дареғо, вожгунам хеш аз хеш,
Мани ман карда манро реш аз хеш.
Дар ин дунё, ки хеше нест пайдо,
Мабодо, кас чу ман дарвеш аз хеш.
***
Дар ин дунё, ки ду дар дорад, ай дӯст,
Чӣ қадре мансабу зар дорад, ай дӯст?!
Тиҳӣ бош аз балои нафс, к-ин чарх
Ба қонеъ чашми дигар дорад, ай дӯст.
***
Забони мо зи суданҳо насудаст,
Алорағми ҳасудонаш фузудаст.
Агар тоҷик гаҳ мағлуб ҳам буд,
Забонаш ҷовидон пирӯз будаст!
***
Лаби дарё лаби рози дили мо,
Шаби дарё шаби нози дили мо.
Бинозам мадду ҷазрашро, ки будаст,
Таби дарё таби сози дили мо.
***
Маро пур ҳамзабон, ҳамдил яке не,
Басо ҳамҷому ҳаммаҳфил яке не.
Сарам саршори панду пандгӯ, лек
Ҳакиму ҳикмати қобил яке не.
***
Муродам кайди ишқ аст, аз дубайтӣ,
Шикори сайди ишқ аст, аз дубайтӣ.
Замоне ҷуста Паймонро биёбанд,
Ки сайди кайди ишқ аст, аз дубайтӣ.
***
Нигоро, давлати камҳои ман бош,
Шарики шодиву ғамҳои ман бош.
Дар он соат, ки бо олам насозам,
Ту сози сози оламҳои ман бош.
***
Чаман шуд гулфишон аз чеҳри Наврӯз,
Ватан шуд гулситон аз меҳри Наврӯз.
Ғалат гуфтам, ки кам гуфтам, азизон,
Ҳасан шуд ин ҷаҳон аз чеҳри Наврӯз.



## АБДУЛЛО СУБҲОН
## (1955)

Абдулло Субҳон 2-юми марти соли 1955 дар хоҷагии ҷамоавии «Ғалаба»-и ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё ба дунё меояд. Деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато (вилояти Навоии Ӯзбекистон), ки дар ашъораш аз он бисёр ёд кардааст, зодгоҳи падару бобоии ӯст. Падару модараш бобои Амонуллоҳ ва момои Таскина инсонҳои одии зиндагидӯст буданд ва бо шуғли хоксоронаи деҳқонӣ фарзандони худро дар рӯҳияи қаноату кордӯстӣ ба камол расондаанд.

Абдулло Субҳон соли 1972 мактаби миёнаи шумораи дуюми ба номи Садриддин Айниро дар зодгоҳи худ хатм мекунад. Сипас ба муддати чаҳор сол дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнии шаҳри Самарқанд илм меомӯзад. Бо фаро гирифтани таҳсилоти олӣ чанд сол дар мактаби миёнаи рақами 9-и хоҷагии ҷамоавии Карл Маркси (ҳоло ҷамоати шаҳрвандони «Пахтаобод») ноҳияи Сайҳунобод аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс медиҳад.

Азбаски қаламиҳои Абдулло Субҳон пайваста дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон ба табъ мерасиданд, маҳораташро ба инобат гирифта, соли 1989 маъмурияти рӯзномаи «Овози тоҷик» ӯро ба кор даъват мекунад. Шоир то ба имрӯз дар ҳамин идора фаъолият дорад ва дар айни ҳол муҳаррири бахши адабиёт ва ҳунари рӯзнома аст.

Дӯстдорони каломи ноби порсӣ, шоирон ва аҳли адаб хуб медонанд, ки дар байни форсисароёни Ӯзбекистон Абдулло Субҳон мақоми шоиста дорад. Ӯ бар замми корҳои идоравӣ ва эҷод бори устодӣ бар қаламкашони ҷавонро низ мекашад. Аз чашмаи устодии ӯ чандин шоиру адиби ҷавон об хӯрдаанд. Суханаш ҷаззоб, рангин, пур аз тамсил ва тозапардозӣ, ошиқона ва то ҷое орифона аст.

Ҳоло шеъри форсии тоҷикӣ ҳам дар шаклҳои суннатӣ ва ҳам бо усули нав (мисли «шеъри сафед») гуфта мешавад. Агарчи Абдулло Субҳон шефтаи шакли ҷадиди шеърофаринӣ аст, ӯ дар қолабҳои қадима, аз қабили дубайтӣ, рубоӣ ва ғазал низ ҳадафи худро ба курсӣ

нишондааст. Аз навиштаҳояш пайдост, ки ҳеч гуна шакли шеърӣ дар баёни фикру андешаҳояш банд намеандозад. Ба хусус, дубайтиҳои шоир, ки таҳти рукни «Гарди анҷум» гирд омадаанд, бо лаҳни дилпазир ва дар мавзӯъҳои мухталифи ҳаётӣ суруда шудаанд.

Адабиётшинос Султонмурод Олим дар мақолаи илмӣ-интиқодии худ «Дунёи дили шоир» («Овози тоҷик», 02.03.2005) роҷеъ ба ашъори Абдулло Субҳон сухан ронда, аз ҷумла, менависад: «Дар шеърҳояш колорити миллӣ ҳаст, дилаш аз ишқи ватан ҷӯш мезанад. Мисол, дар бораи абру то имрӯз бисёр шоирон навиштаанд, шояд дар ғарб низ чунин бошад. Вале дар шеъри «Бо абру имоям кунӣ» шоир аввал абруи моҳи нави болои масҷидро ба қалам мегирад, сипас ба маъшуқа арз мекунад, ки «бар боми масҷиди сухан ман моҳи абруят задам»... Шоир дар ин ҷо орзуеро баён мекунад, ки ба хаёли ҳеч кас намеояд:

*Бар гӯри муслим мезананд абруи маҳро баъди марг,*
*Абруи ту оро диҳад хоҳам сари гӯри маро.*
*Шабҳо тамошояш кунам, бо абру имояш кунам,*
*Бо абру имоям кунӣ, шояд ки бархезам зи ҷо...*

Ин гуна сатрҳоро касе рӯйи коғаз рехта метавонад, ки аз сеҳри сухани шоирони классик огоҳӣ дошта бошад».

Абдулло Субҳон, гузашта аз шоирӣ, ҳамчун рӯзноманигори серпаҳлу фаъолияти пурсамар дорад. Дар мавзӯъҳои муҳими рӯз мақолаҳои зиёд навиштааст. Осори назмӣ ва насрии эҷодкорони рус ва ӯзбекро ба тоҷикӣ тарҷума мекунад. Ба ғайр аз ашъори парокандае, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳои мухталиф ба табъ расидаанд, маҳсули хоманигории шоир Абдулло Субҳон тавассути китобҳои «Мушки субҳ» (Душанбе: «Адиб», 1988), «Нидои сарбадор» (бо алифбои форсӣ – Тошканд: «Ҳоҷӣ Сотимхон», 1992), «Уфуқи пиндор» (Тошканд: «Меҳнат», 2000), «Гарди анҷум» (Тошканд: «Ӯзбекистон», 2007) ва «Марзи хуршед» (Тошканд: «Turon zamin ziyo», 2015) ба дасти хонандагон расидааст.

Осори Абдулло Субҳон дар кишварҳои хориҷа, аз ҷумла, чандин бор дар баёзу китобҳои шеърии мунташира дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба табъ расидаанд. Чунончи: «Боғи бисёрдарахт» (гузидаи шеъри муосири форсии Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. Теҳрон, 2004), «Аз Самарқанди чу қанд» (гузидаи шеъри муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон. Теҳрон, 2005), «Донишномаи забон ва

адабиёти форсии Ӯзбекистон. Қарни бистум то кунун» (Теҳрон, 2005), «Форсисароёни Ӯзбекистон» (Теҳрон, 2010).

Андар баррасӣ ва интиқоди адабии ашъори шоир мақолаҳои «Дармони дил» (М.Шодӣ. «Овози тоҷик», 24.06.2000), «Хони замин» (Б. Тӯйназар. «Овози тоҷик», 24.06.2000), «Дар оинаи пиндорҳо» (Ҷ. Ҳамроев. «Овози тоҷик», 05.09.2001), «Баъзе мулоҳизаҳо перомуни ашъори як нафар форсисарои Варорӯд» (Ш. Шукуров. «Овози тоҷик», 03.03.2007), «Дунёи дили шоир» (С. Олим. «Овози тоҷик», 02.03.2005), «Мо дарунро бингарему ҳолро» (Ю. Имомназар. «Овози тоҷик», 05.11.2008), «Ману мурғи чаман як нола дорем» (М. Шодӣ. «Овози тоҷик», 08.07.2015), «Ба савту сози бегона набозем» (Н. Муродов. «Ховар», 01.12 – 15.12.2017) ба табъ расидаанд.

Абдулло Субҳон аз соли 1994 инҷониб узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст. Соли 2005 дар Ҳамоиши байналмилалии шеъри муосири форсӣ, ки дар Теҳрон баргузор шуда буд, ширкат ҷустааст.

Ҳоло шоир бо хонаводааш дар шаҳри Тошканд умр ба сар мебарад. Дар зиндагии муштарак бо ҳамсари худ, бонуи хоксору дидадаро – Қурбонгул се писару як духтарро тарбият дода бузург кардаанд.

## ШЕЪРҲО

### АСПИ ҶАҲОНБУНЁД

Аспе зи дуриҳои дур шиҳа мекашад,
Акси садои ӯ
аз марғзори пуралафи пушти кӯҳи роз
бар гӯш мерасад.

Ин асб аз азал,
бе зину бе лаҷом,
дар шебу дар фарози абад медавад чу бод.
Дар оинаи чашми обияш мунъакис ҷаҳон:
моҳу ситораҳо,
дарёву кӯҳҳо,
мурғони осмон...
Ёлаш бануртар бувад аз ёли Офтоб,
Шабҳо дар авҷи Каҳкашон на коҳ, гарди ӯст.

Дар рӯди рӯдаҳош равон оби зиндагӣ,
Боде, ки мевазад нафаси гарму сарди ӯст...

Ин сурхпӯст
дорад чу бодпои падар пешонаи сапед,
Пое дарозтар аз сутуни кӯшкҳои аср,
Монанди Рахши Рустами Зол аст муқтадир.
Бе болу пар,
аз ҷӯву рӯду вартаҳои махуф мепарад сабук...
Рӯ бар макони сабзу хуррами беном карда рост,
ӯ шиҳа мекашад,
аз дурҳо ва ё
аз марғзори пуралафи деҳа мекашад?

**МУРҒИ САБЗ**

Баъди борон,
Баъди бороне, ки борид аз сари шаб то саҳар беист,
Пар кушуд рӯ-рӯйи ҷангалҳои меғолуд,
Кӯҳу дарёҳо, дашту саҳроҳо
мурғи сабзе.
Аз нафасҳояш қабои сабз пӯшиданд
кӯҳҳову бешаҳо, андешаҳои лухт...
Накҳати болаш
бар димоғи бод биншасту бизад атса,
Аз дами бод атса печид дар димоғи ғунчаҳо як-як...
Бонги ӯ то дурҳо мерафт,
Дурҳоро бо паёме ошно мекард:
Мужда медод аз сафову растагориҳо...
Зери пояш боз мешуд оламе зебо.
Оламе, ки аз миёни боғҳояш обҳои пок ҷорӣ буд,
Дар ҳама кунҷу канораш
Ишқ буду Дӯст буду дӯстдорӣ буд...
Ин қадар бо ноз
аз куҷо меояд ин мурғи сабукпарвоз?
Аз канори Дӯст,
ё канори боғи сабзе, ки биҳишти ҷовидон хонанд?

## ДУ НИМА

Сафеду пок,
сафеду пок,
сафеду пок,
Дар деги посгонаи* афлок
Медамад шири субҳ.
Шири субҳро рӯзи дароз
мехӯранд ҷамоду набот,
Парандаю чаранда,
Сағиру кабир...
Баъд
сиёҳу намнок,
сиёҳу намнок,
сиёҳу намнок,
Мефурояд пардаи шом,
Ҳастӣ рӯйи бистари хоб паҳлу мезанад
то дамидани шири субҳ дар деги посгонаи афлок...
Оре, ҳар он чӣ ҳаст дар дунё ду нима аст,
Ман низ ду нимаам:
Нимаам сафед асту нимаам сиёҳ,
Нимаам обод, нимаам вайрон.
Нимаам нур асту нимаам соя,
Нимаам раҳмон, нимаам шайтон...
Вале чун аз машраби сӯфиён хушам меояд,
Умрест даргурезам
аз нимаи сиёҳ ба нимаи сафед,
Аз нимаи соя ба нимаи нур,
Аз нимаи шайтон ба нимаи раҳмон...
Танҳо рӯзи растохез хоҳӣ дид,
Маро як нима:
Ё сиёҳ, ё сафед...

---

* **Посгона** – вожгун, таҳ ба боло

## НАҚҚОШИ АЗАЛ

Руйи сафҳаи албоми ҳастӣ
мо ҳама нақшем:
Нақшҳои зиндаи Наққоши азал.
Вақте Ӯ мехост нақшамон биофарад,
Молид ба чашмамон қири шаб,
Гавҳараке  аз кабуди осмон.
Сипас ситореро бигдохту рехт дар ин ҳалқа.
Пайи тасвири пайкарамон
аз хоку оби моҳ ранге тоза биофарид.
Ба гул нигаристу рӯйи лабамон ханда ниҳод,
Чу дид даҳонамон холист,
Пушти ҳам чид донаҳои садафу гуҳар...
Дар ин албоми зинда дарахту алафҳо
Мерақсанд аз боде беранг.
Ба чашм мерасад
кӯҳҳои  баланд,  баҳрҳои шаффоф,
шеру оҳуву паланг...
Дилат мехоҳад бо кабӯтару парастуҳо
ва дигар мурғони  берун аз дому қафас,
ки дар осмони ин албоманд
то уфуқҳои дур парвоз бикунӣ.
Ва ҳар субҳ аз фарози абрҳои сафед
хуршедро овоз бикунӣ.
Нақшҳои Ӯ нотакроранд,
аммо нопойдоранд.
Аз тобиши Офтобу бодҳои  сарду гарм
мисли  нақшҳое, ки мову шумо
ҳар рӯз рӯйи таблуву албомҳои коғазӣ
барои худу дигарон мекашем,
рангҳояшон мепарад – ҷомаҳояшон медарад...

**ПАЁМИ ПАСИ АҒБА**

*(Ба устод Гулназар Келдӣ)*

Намегӯям, аё устоди мушфиқ,
Ба ман омӯз асрори суханро.
Агар дар дил набошад сӯзу дарде,
Наметонам кашам бори суханро.

Ба ман омӯз покӣ, устуворӣ,
Ба баҳри синаҳо «Лангар» ниҳодан.
Ба роҳи сӯхтанҳо, сохтанҳо,
Чу оташ мушти хокистар ниҳодан.

Ба ман омӯз дарси сарбаландӣ,
Чу ҳар кӯҳи баланди Тоҷикистон.
Биёмӯзам давидан дар раҳи умр,
Чу Варзоби шитобону шитобон.

Давидам бас ба паҳноҳои кӯям,
Ба паҳнои сухан аммо чӣ душвор.
Ба дидан гарчи ҳамвор асту осон,
Вале шебу фарози он чӣ бисёр.

Биёмӯзам тариқи кӯҳгардӣ,
Мани даштӣ чӣ донам ағбааш чист?
Замини мо фақат водию саҳрост,
Дар ин ҷо тоҷикон ҳастанду кӯҳ нест.

Биёмӯзам, аё марди фидоӣ,
Нанолидан ба зери бори тақдир.
Бихоҳам аз камони миллати хеш,
Парам сӯйи ҳадаф чун бехато тир.

## РӮЗАТОН ХУШ БОД!

Пуштаҳоро сабз бинам,
Сабз бинам нахлҳоро.
Чашмасорон сабзгунанд,
Сабзгунанд орзуҳо,

Нағмаҳои сабз хезанд,
Аз дили най, аз дили тор.
Нағмаҳоро мебарад бод,
То ба гӯши булбулу сор.

Ҳафтсину ҳафтшин аст,
Рӯйи хони сабзи мардум.
Дар табақҳо мезанад неш
Майсаҳои сабзи гандум.

Абрувони бонувон сабз,
Гесувони духтарон сабз.
Сабзгун аст оташи дег,
Ормони модарон сабз.

Ришта – ришта борад аз чарх,
Риштаҳои сабзи борон.
Бофад аз он дасти хуршед,
Қолии сабзи баҳорон.

Дар самои нилгун бин
Ресмони турнаҳоро.
Аз садои дилкушошон
Укдаи дил мешавад во...

Боз омад, боз Наврӯз,
Рӯзатон хуш бод мардум.
Қалбатон пурорзу бод,
Хонаҳотон пур зи гандум!

## МЕҲМОН
(Суруд)

Меҳмони ман, меҳмони ман,
Нури дилу чашмони ман,
Гулҳои дастархони ман,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Як лаҳза меҳмон омадӣ,
Бо лутфи Яздон омадӣ,
Дар пайкарам ҷон омадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Манзилгаҳам вайрона буд,
Аз мақдамат кошона шуд,
Шоистаи садҳо суҷуд,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Худ ин Замин бошад чу хон,
Меҳмон ҳама дар гирди он,
Дар гӯшаи хони ҷаҳон,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

## БО АБРУ ИМОЯМ КУНӢ...

Моҳи фалак абруи ту, абруи ту моҳи фалак,
Абруи маҳ дар рӯйи арш, абруи ту дар рӯйи моҳ.
Рӯшан дили шом аз маҳу з-абруи ту шоми дилам,
Шоми дилам рӯшантар аст аз торики абруи моҳ.

Ғам нест нанмояд ба чашм абруи моҳи нав, вале
Бе дидани абруи ту андӯҳ бар ман чира аст.
Гулгуни чашмам хӯ гирифт бар марғзори абруят,
Рӯзе начаррад сабзае дунё ба чашмаш тира аст.

Гар усма молад, воаҷаб, бенур гардад моҳи арш,
Бар абру молӣ усма ту, ҳуснат дучандон мешавад.

Бар моҳи абру усма каш, бар моҳи абру усма каш,
Аз оби сабзи усмаат олам гулистон мешавад.

Абруи маҳро дидӣ гар болои боми масҷиде,
Ҷоно, мабар асло ҳасад, ҷоно, мабар асло ҳасад.
Бар боми масҷиди сухан ман моҳи абруят задам,
Дар манзалат абруи маҳ то моҳи абру кай расад...

Бар гӯри муслим мезананд абруи маҳро баъди марг,
Абруи ту оро диҳад хоҳам сари гӯри маро.
Шабҳо тамошояш кунам, бо абру имояш кунам,
Бо абру имоям кунӣ, шояд ки бархезам зи ҷо.

**ШАҲРИИ ДЕҲОТӢ**

Хонаам дар гӯшаи шаҳр,
Шаҳрии деҳотӣ ҳастам.
Ояд аз ман бӯйи деҳа,
Деҳқони зотӣ ҳастам.

Дар ҳама кунҷу канори
Шаҳр бинам нақши деҳа.
Мекашад таксии кӯча,
Гӯиё чун асп шиҳа.

Хонаҳои осмонбӯс,
Кӯҳҳои сарбурида.
Ошёни кафтаронанд,
Ҳуҷраҳои сафкашида.

Фавҷи мошин дар қади раҳ,
Подаи Рустамтағояст.
Дуди мошин – чанги пода,
Чанги заҳр андар ҳавояст.

Рӯйи мардум заъфаронӣ,
Балки аз ин чанги пода.

Мекунад шаҳрӣ нафас рост,
Аз ҳавои заҳрдода.

Кӯчаҳо аз сели одам,
Ҳар яке бозори Олой.
Не саломат медиҳанду
Не алек гиранд, ай вой!

Шаҳрии деҳотӣ ҳастам,
Хонаам дар гӯшаи шаҳр.
Меравам бар деҳа, аз шаҳр
Мешавад гаҳ, мекунам қаҳр.

## ҒАЗАЛИЁТ

Ай даригӯён, дариро дар ба дар кардан хато,
Хештанро гумраҳу оқипадар кардан хато.

Гавҳаре бошад забон инъоми Аллоҳи бузург,
Носипосӣ ҳар қадам бо ин гуҳар кардан хато.

Аз забон рӯ тофтан, рӯ тофтан аз модар аст,
Хоинӣ бо модари ҷон ин қадар кардан хато.

Бо вуҷуди он ки дасти давр тангаш мекунад,
Танг бар фардои он оне назар кардан хато.

Ин шакарро рӯзгоре ними дунё хӯрдааст,
Комҳоро ин замон бе ин шакар кардан хато.

Мояи фарҳанги дунё – дурри ашъори дарӣ,
Аз чунин ганҷи равон моро ҳазар кардан хато.

Як назар бар чор сӯ субҳи Хуросон медамад,
Чашми дилро бенасиб аз ин саҳар кардан хато.

***

Беғаму шод бизӣ, давраи ғам мегузарад,
Моли дунё чӣ фузун аст, чӣ кам, мегузарад.

Ин ҷаҳон кухнаву нав нест, ба ҷуз навбати умр,
Корвони азалӣ аз паси ҳам мегузарад.

Бигзарад гар яке аз ҷодаи пурвартаи ҷон,
Дигаре аз раҳи ҳамвори шикам мегузарад.

Боғи дил аз нафаси боди фараҳ бикшояд,
Ғам аз ин фосила бо теғи дудам мегузарад.

Дил бипечид ба худ, ҳалқаи гесӯт чу дид,
Ин чӣ рӯдест, ки бо печишу хам мегузарад?

З-оташи рашк чу мӯ тоб хурад ҷони ҳасуд,
Пеш аз ӯ гар нафаре чанд қадам мегузарад.

Аз адам омада бар саҳни вуҷуд одамизод,
Воаҷаб, боз раҳаш сӯйи адам мегузарад.

***

Зодрӯзам як шаби фасли баҳорон будааст,
Вақти эҳёи табиат, баъди борон будааст.

Фурсати лабрезии дарёи ҷонафзои Сир,
З-оби рӯду чашмаҳои кӯҳсорон будааст.

Лаҳзае, ки аз нафасҳои насими рӯҳбахш,
Муғҷабандӣ дар хаёли шохсорон будааст.

Айни вақти вошуданҳои гули бодоми кӯҳ,
Соати хамёзаҳои обшорон будааст.

Даврае ки дар дили гарми Замин набзи дигар,
Манзили бобои деҳқон киштзорон будааст.

В-он даме ки ҷоми лола дар кафи кӯҳу камар,
Мисли ҷоми май ба дасти майгусорон будааст.

Боғҳои истироҳат, соҳили анҳори сабз,
Хилвату меодгоҳи дӯстдорон будааст.

Орзуи дидани Наврӯз – арӯси нозанин,
Дар дили муштоқи садҳо интизорон будааст.

***

Сукут дар мо ба фарёд аст, медонӣ, намедонӣ?
Раҳашро сурма бикшодаст, медонӣ, намедонӣ?

Ҷафоҳое зи худ дидам, ситамҳое зи бегона,
Саропоям ҳама дод аст, медонӣ, намедонӣ?

Бимурдам аз хиёнатҳо, қабоҳатҳо, разолатҳо,
Азодорам вале бод аст, медонӣ, намедонӣ?

Хаси зардор кас бошад, каси безар хасу хошок,
Ҷаҳон аз хас на обод аст, медонӣ, намедонӣ?

Мис андар садр биншинад, гуҳар поённишин бошад,
Дар ин манзар чӣ бедод аст, медонӣ, намедонӣ?

Надонистам асоси умр мазмун аст ё сурат,
Ба ин хона чӣ бунёд аст, медонӣ, намедонӣ?

***

Сухани пиёдаи мо ба куҷо расида бошад,
Ба ниёзи дардмандон – ба даво расида бошад?

Ҳама қавмҳои дунё ба худӣ расанд, ай кош,
Ба худӣ расида зеро, ба Худо расида бошад.

Дари розҳо кушояд, ба Худои худ хуш ояд,
Нафаре, ки аз раҳи дил ба сафо расида бошад.

Ба Хито расад ҳар он кӣ биниҳод пойи худ рост,
Ба куҷо расад касе, ки ба хато расида бошад?

Чу расем бар касе мо, биравем бар дигарҳо,
Наравад вале ҳар он кас, ки ба мо расида бошад.

Накунем тавре бояд, ки зи по фитад маризе,
Бикунем ончунон ки, ба даво расида бошад.

Назар одаме биҷӯяд, ки зи ишқи Ҳақ бигӯяд,
Ва нарафта берун аз худ ҳама ҷо расида бошад.

Дили мост кону дар он биниҳуфта махзани роз,
Биравад касе ба умқаш, ба тило расида бошад.

***

Хори андӯҳ аз дили афгор мебояд кашид,
Баҳри айши дигарон озор мебояд кашид.

Хоҳӣ н-афтад чашми номаҳрам ба хилватгоҳи дил,
З-огаҳӣ перомунаш девор мебояд кашид.

Дил кашад, по меравад бар хонаи мардум, вале
Пойро аз хонаи ғаддор мебояд кашид.

То ғами дунё наафтонад зи поят нозамон,
Ҳар замон паймонаи саршор мебояд кашид.

Гӯшмоли дигарон бар тифл бошад судманд,
Суст хезад нағма, гӯши тор мебояд кашид.

Гуфтаанду боз мегӯем ин панди куҳан:
«Баҳри роҳат меҳнати бисёр мебояд кашид».

Зиндагӣ борест ноҳинҷор, мерос аз Падар*,
Омадӣ, то манзиле ин бор мебояд кашид.

***

Шоҳбози фикрро болу паре даркор нест,
Дил ба хониш ояд ар, хунёгаре даркор нест.

Душмани хона диловартар зи хасми берунист,
Ӯ ба по хезад, ҳуҷуми лашкаре даркор нест.

Болину бистар барои хомфарбеҳон бувад,
Баҳри хоби роҳати мо бистаре даркор нест.

Марг ояд, давлати дунё намеояд ба кор,
Дар биёбон ташнаро симу заре даркор нест.

Мерасанд аҳли вафо то манзили уммед зуд,
Ҳамҷиҳат, ҳаммаслаконро раҳбаре даркор нест.

Ҳар қадар пинҳон кунӣ, бӯйи хушаш ифшо кунад,
Нагҳати гулро ягон ифшогаре даркор нест.

Борҳо санҷидаам дар умри кӯтоҳи сарам,
Шеър агар аз дил бароят, минбаре даркор нест.

* Ишора ба Одамато

***

Як диле дар ин ҷаҳон пур аз ҳавас бошад маро,
Меравам дунболи дил, то як нафас бошад маро.

Мурғи фикрам мепарад то аршҳои дури дур,
Гарчи ҷисми нотавон андар қафас бошад маро.

Бори худро бурдаам як умр рӯйи шонаам,
Як сиришти саркашу бемултамас бошад маро.

Дӯстони беғараз, нодӯстонам будаанд,
Ағбаҳову вартаҳо дар пешу пас бошад маро.

Офарид аввал Худо, пас волидайнам халқ кард,
Баъди Ҳақ аз ҷон азиз умре ду кас бошад маро.

Давлати дунё нахоҳам, зиндагӣ худ давлат аст,
Гӯшаеву махзани ашъор бас бошад маро.

## «ГАРДИ АНҶУМ»

### ДУБАЙТИҲО

Агар тоҷик дасти ҳам бигирад,
Зи домони хирад маҳкам бигирад.
Шукӯҳи шуҳрату овозаи ӯ,
Як олам чист, сад олам бигирад!
***
Аё дар байни хубон беназирам,
Чароғӣ дар шабистони замирам.
Аҷал кӯбад агар рӯзе даратро,
Дилам хоҳад ба ҷойи ту бимирам.
***
Ба дарди ман зи бегона даво нест,
Ба ҷуз дил ғамшарику ошно нест.
Вале ман аз дили худ норизоям,
Ки ҳеч аз кардаи ман вай ризо нест.

***
Бияфзуда ба бешу кам, чӣ дидем?
Ба ҷуз озору дарду ғам, чӣ дидем?
Зи модар зодани мо ё ғалат буд,
Кушода чашм дар олам, чӣ дидем?
***
Ватан, мегуфт бобоям, дигар аст,
Ҳамеша Синтабам пеши назар аст.
Ба чашми туст шояд тӯдасанге,
Маро ҳар резасанги он гуҳар аст.
***
Давоми рафтагони форсиям,
Нишони бенишони форсиям.
Бисӯзад то чароғаш ҷовидона,
Нигаҳбони забони форсиям.
***
Дар ин дарё, ки мавҷаш пурнаҳанг аст,
Раҳи моҳӣ барои сайр танг аст.
Дарад дар соҳилаш бузғоларо гург,
Ғизоли маст дар чанги паланг аст.
***
Замин сабзу замон сабзу само сабз,
Ду абруи бути нозукадо сабз.
Баҳор асту бихоҳам, ай азизон,
Шавад кулли ниятҳои шумо сабз.
***
Зи пастиҳои мо боло бигардӣ,
Фаротар аз ғаву ғавғо бигардӣ,
Чӣ хушбахтӣ, аё мурғи ҷаҳонгард,
Ки бе «виза» ҳама дунё бигардӣ.
***
Касе як умр дунёбон намонад,
Ягон доно, ягон нодон намонад.
Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ,
Ки ҷуз ин ганҷ аз инсон намонад.
***
Ману мурғи чаман як нола дорем,
Ту гӯйӣ, дарди чандинсола дорем?

Ба зоҳир сабзтар аз шохи гул, лек
Диле хунрезтар аз лола дорем.
***
На аз Синтаб, на аз Сайҳунам, ай дӯст,
Ман аз ин хиттаҳо берунам, ай дӯст.
Маро аз Ваҳдатободи ҷаҳон ҷӯй,
Ки бо ҳар зодааш ҳамхунам, ай дӯст.
***
Пайи Ҳофиз, пайи Хайём рафтем,
Ба дасте хома, дасте ҷом рафтем.
Вале як байти хотирмон нагуфтем,
Зи дунёи сухан ноком рафтем.
***
Пас аз мо завқу оҳи мо бимонад,
Савоби мо, гуноҳи мо бимонад.
Дар он паҳно, ки унвонаш Сухан аст,
Уфуқҳои нигоҳи мо бимонад.
***
Сафедему сиёҳу сурхрангем,
Баланду паст, зиштему қашангем.
На инсонем, гоҳо дар раҳи нафс
Наҳангу шер, гургему палангем.
***
Чаро оқил дар ин дунё забун аст,
Дарахти орзуяш сарнагун аст?
Хӯрад ҷоҳил май аз хумхонаи давр,
Вале пур ҷоми оқил з-ашку хун аст.
***
Чунин як миллати оҷиз набудем,
Ба чашми дигарон ночиз набудем.
Ба мо буд амри Ҳақ воҷиб, валекин
Мутеи дигарон ҳаргиз набудем.
***
Шукуфтӣ ғунчаосо дар бари ман,
Зи боди ҳарфам, ай хушпайкари ман.
Чӣ сеҳре дар ниҳон дорад муҳаббат,
К-аз он гул мекунад бому дари ман.
***

Яке айвон, яке ҳайвон фурӯшад,
Яке дар раста обу нон фурӯшад.
Дар ин дунё, ки бозор аст, дидем
Гурӯҳе номусу имон фурӯшад.

## РУБОИЁТ

Бегона наӣ, азизи ман, хеши манӣ,
Дар ҷодаи зиндагӣ ҳамандеши манӣ.
Ҷойи дигарон агар бувад дар дида,
Умрест, ки ту дар дили садреши манӣ.
***
Дар арш чу баҳр абри гардун ҷорист,
Дар шоҳраги лолаи тар хун ҷорист.
Шодоб зи муждаи баҳору Наврӯз,
Дарёи дилам чу рӯди Сайҳун ҷорист.
***
Дар кӯраи ҳар сина дили сӯзон нест,
Ҳар ахтари тоқи арш нурафшон нест.
Имрӯз чӣ бисёр китобу шоир,
Дар пайкари ҳар шеър валекин ҷон нест.
***
Дорем ғами зиёду ғамхоре нест,
Дар шохи умеду орзу боре нест.
Ҳарчанд ба ҳар сӯ нигарӣ бозор аст,
Бар шеъру ҳунар вале харидоре нест.
***
Ин кухначаҳон сарои аҷдоди ман аст,
Маъвои ману хонаи авлоди ман аст.
Ман дар пайи ободии ин хона, вале
Ин хона пайи кандани бунёди ман аст.
***
Ин шом зани ҳомиларо мемонад,
Нармак-нармак пой ба раҳ мемонад.
То субҳ чӣ таволид кунад: ғам ё завқ?
Инро на ману на ту, Худо медонад.
***

Ман мераваму хонаву дар мемонад,
Ҳар қадр ки ҳаст симу зар, мемонад.
Аммо зи бисоте, ки бувад шеър ба ном.
Як байт ба мерос магар мемонад?
***
Наврӯз расиду ҷумларо рӯз омад,
Бар торикиҳо рӯшанӣ пирӯз омад.
Бо сӯзани нуру риштабороне баҳор,
Ин духтари пурҳунар чакандӯз омад.
***
Одам ба ҷаҳон омадаву пас наравад,
Бо хас нишинад, валек чун хас наравад.
Аз гулшани зиндагӣ, ки хораш кам нест,
Ночида гули мурод як кас наравад.
***
То Сир мусофирон на кам омадаанд,
Аз Синтабу Эҷу Ӯхм ҳам омадаанд.
Як тӯда ба дашт шод аз кӯҳи баланд,
Як тӯда ба зери бори ғам омадаанд.
***
Файзу тараби замини аҷдод дигар,
Он ҷо нафаси обу дами бод дигар.
Мегуфт падар бар мани саҳрозода:
«Синтаб дигар асту Сайҳунобод дигар».





## ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОДЗОДА
## (1956 – 2013)

Пайванди Гулмуродзода 20-уми июли соли 1956 дар деҳаи Ӯхми ноҳияи Фориш, ки воқеъ дар вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, чашм ба олами ҳастӣ мекушояд. Давраи кӯдакӣ ва наврасии худро дар зодгоҳ мегузаронад. Солҳои 1963 – 1973 дар мактаби рақами 14, ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Фориш таҳсил мегирад. Ба хотири идомаи донишомӯзӣ бо роҳнамоии падар соли 1973 ба шаҳри Душанбе раҳсипор мешавад ва ҳамон сол донишҷӯйи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мегардад.

Исми аслии Пайванд Улашбой аст. Ӯ дертар, бо расидан ба синни камолот номашро тоҷикӣ мекунад. Мавсуф соли 1978 донишгоҳро дар риштаи рӯзноманигорӣ хатм намуда, бо роҳхат ба Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон ба кор меравад ва то соли 1980 дар идораи барномаҳои ахбор ҳамчун муҳаррир фаъолият мекунад. Аз соли 1980 то охири умр дар ДМТ ба унвони устодёр (аспирант), муаллими калон, дотсент, декани факултаи журналистика ва тарҷумонӣ ифои вазифа кардааст.

Пайванди Гулмуродзода соли 1989 рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Ташаккули публитсистикаи шӯравии тоҷик (1917–1929)» таҳти роҳбарии профессор В. М. Асрорӣ ва дотсенти Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносови Маскав Л. И. Калаликова дифоъ ва мушарраф ба дараҷаи илмии номзади илми филологӣ мегардад. Гузашта аз корҳои устодӣ дар донишгоҳ, ӯ узви Ҷамъияти «Дониш», таҳририяти ҳафтаномаи «Баҳори аҷам», сардабири нашрияи омӯзишии факултаи журналистика ва тарҷумонии ДМТ («Қалам»), бунёдгузор ва сардабири фаслномаи илмӣ-адабӣ ва фарҳангии «Гули мурод», муҳаррири масъули ҳафтаномаи ҷамъиятӣ ва таҳлили иқтисодиву сиёсии «Таҳлил», яке аз кормандони масъули маҷаллаҳои «Неру» ва «Фарҳанг», узви раёсати Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон, дабири илмии фаслномаи Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон («Рӯдакӣ»), мудири шуъбаи санъатшиносӣ ва эҷодиёти мардумии муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию

тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Пайванди Гулмуродзода ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (1986), Иттифоқи журналистони ИҶШС (давлати шӯравии собиқ, 1988), Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1998) пазируфта шудааст. Ӯ бар ивази хидматҳои шоиста ва осори пурарзиши худ сазовор ба чандин унвону ҷоизаҳо мегардад, чунончи, барандаи Ҷоизаи Созмони ҷавонони Тоҷикистон (1990), Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), дорандаи медали «Хидмати шоиста», Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007), Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон (2009) ва соҳиби чандин ифтихорнома аст.

Пайванди Гулмуродзода дар самтҳои гуногун кору фаъолият менамояд, ки рӯзноманигорӣ, олимиву омӯзгорӣ, мураттибӣ, муҳаррирӣ, созмондиҳиву роҳбарӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳанӯз дар айёми донишҷӯйӣ бо рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»-и имрӯз), «Ҷавонони Тоҷикистон» ва баъдан бо тамоми нашрияҳои Тоҷикистон ҳамкориҳои ногусастанӣ дошт. Пажӯҳишҳои илмӣ ва нигоштаҳои ӯ дар бораи зиндагӣ ва осори бузургони тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Воҳид Асрорӣ, Мукаррама Қосимова, Расул Ҳодизода, Баҳроми Шермуҳаммадиён, Султон Воҳидов, Ҳабиб Сафаров, Равшани Раҳмонӣ, Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Қувноқ, Баҳром Бердиев, Валӣ Самад, Миср Эшниёзов, Бобохон Маҳмадов, Анвар Исомиддинов дорои аҳамияти омӯзишӣ, маърифатӣ ва таърихӣ мебошанд.

Пайванди Гулмуродзода ҳамчун пажӯҳишгари таърихи матбуот нахустин нашрияи тоҷикии «Бухорои шариф», нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – «Самарқанд»-у «Оина», ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб», маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро тавассути мақолаҳои худ («Маснади тараққихоҳон», «Дур будан аз илму ирфон то ба кай?», «Як сабаби баста шудани «Шуълаи инқилоб» аз назари устод Айнӣ», «Қаламу алам», «Донишу биниши тоҷикон») таҳқиқу баррасӣ намудааст. Маҳз бо ибтикори ӯ 11-уми март, ки оғози нашри шумораи аввалини рӯзномаи «Бухорои шариф» буд, ба унвони Рӯзи матбуоти тоҷик эълон ва ба тасвиб расид.

Пайванди Гулмуродзода ҳамчун олим ва омӯзгор барои донишандӯзони ихтисосҳои журналистика воситаҳои таълимӣ, дастуроти методӣ ва барномаҳои намунавӣ таҳия намудааст, ки то имрӯз дар ҷараёни омӯзиш ба кор меравад. Аз ҷумла, китобҳои

«Жанрҳои таҳлилии матбуот» (1994), «Ҳамосаи инсони кор» (1995, бо ҳаммуаллифии А. Саъдуллоев), «Матбуоти тоҷик ва масоили гендерӣ» (2007, бо ҳаммуаллифии М. Муқимов) ҳарчанд ба сифати воситаи таълимӣ муаррифӣ мешаванд, аммо аз ковишҳои илмӣ орӣ нестанд.

Паҳлуи дигари фаъолияти Гулмуродзода бозгардонӣ, таҳия ва ба табъ расонидани асарҳои маорифпарварони тоҷики ибтидои садаи XX ва маҷмӯаҳои илмӣ, адабиву публитсистӣ аст. Ӯ қариб тамоми адабиёти мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додааш, аз ҷумла, асарҳои Абдурraуфи Фитрат «Мунозара» (1992), «Шӯриши Восеъ» (1992), «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ» (2007), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (2009), маҷмӯаи нигоштаҳои публитсистии С. Ализода «Маслаки мо ҳақ» (2007), намунаҳоро аз мубоҳисаҳои матбуоти солҳои 20-ум ва ибтидои даҳаи 30-юм доир ба масъалаи забони тоҷикӣ ва тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна таҳти унвони «Забон ва худшиносии миллӣ» (2007) на танҳо гирдоварӣ намудааст, балки аз ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ ба алифбои сирилик баргардонида, бо пешгуфторҳои муфассал манзури доираи васеи хонандагон, хосса, донишҷӯён гардонидааст.

Пайванди Гулмуродзода муаллифи зиёда аз 110 мақолаи илмӣ, 220 очерку мақолаи публитсистӣ, чандин дастуру воситаҳои таълимӣ аст. Дар бораи худи ӯ мақолаю очеркҳои фаровон ба табъ расидаанд. Чунончи, беҳтарин манбаи шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти Пайванди Гулмуродзода китоби «Пайванди дилҳо» аст, ки бо эҳтимоми Мурод Муродӣ мураттаб ва аз сӯйи рӯзноманигори шинохта Қироншоҳ Шарифзода таҳрир ва бо дастёрии Ардашери Пайванд гирдоварӣ шуда, соли 2016 дар матбааи «Истеъдод»-и Душанбе ба чоп расидааст.

Фарзанди барӯманди тоҷик, зодаи деҳаи хушманзари Ӯхми риштакӯҳҳои Нурато, рӯзноманигор, пажӯҳишгар ва адабиётшиноси шинохта Пайванди Гулмуродзода хеле зуд, 8-уми апрели соли 2013 дар синни 57 бар асари бемории сактаи қалб аз олам чашм пӯшид. Мутаассифона, ба иллати мушкилоти зиёди онвақта пайвандонаш натавонистанд тобути вайро ба зодгоҳаш биёваранд. Ӯро дар оромгоҳи деҳаи Нишони Ленини ноҳияи Рӯдакӣ дар Тоҷикистон ба хок супурданд.

Пайванди Гулмуродзода шаш фарзанд – панҷ писар ва як духтарро тарбия ва ба камол расондааст.

# МАҚОЛАҲО

## ПАЁМГАРИ ФАРДО БУДУ БИГЗАШТ...

*Аз марг амон кӣ ёфт, то ман ёбам,*
*Боз умри ҷавон кӣ ёфт, то ман ёбам.*
*Шеърам ҳамагӣ паёми фардои ман аст,*
*З-ин беш ҷаҳон кӣ ёфт, то ман ёбам?*

Бале, дар зиндагӣ ҳар кас ба қадри ҳиммату тавоноӣ аз пайи кореву касбе меравад ва бо часпу талоши зиёде рӯзҳоро ба шаб, шабҳоро ба саҳар мебарад. Яке дар ғами имрӯз асту маишату истироҳат ва фароғати лаҳзаинаи худро аз ҳама чиз боло мегузорад ва маънии зиндагиро ҳам дар хӯрдану хуфтан мебинад. Дигаре заҳмат мекашад, шабҳоро бедор рӯз мекунад, бо умеди осоиши ҳамзамонону ҳамдиёронаш кору пайкор дорад.

Аҳли эҷод дунёи дигаре доранд, ки он дирӯзу имрӯзро ба оянда мепайвандад, ки бад-ин васила номи эҷодкор ҳам абадият пайдо мекунад.

Баҳроми Фирӯз – адиби маъруфи тоҷик ба майдони адабиёт чун шоири умедбахш ворид ва дар муддати кӯтоҳ чун шоири нуктасанҷ эътироф гардид. Шеъру таронаҳояшро мардуми шеърдӯсту шоирпарвари тоҷик замзама мекарданд, ҳаводорони ашъораш бархе аз шеърҳояшро чун суруди дилангез дар маҳфилу шабнишиниҳо, дар тӯю сурҳо месароиданд, ошиқон дар гулгашту хиёбонҳо ба маъшуқаҳояшон чун рози дил қироат менамуданд.

Ду китоби ашъори ба табъ расидааш – «Розҳои маҳтобшаб»-у «Силсила» ҳамчун силсиладори дирӯзиён ба фардоиён, ҳалқаи пайванди аҷдод ва авлод саршори меҳру вафо ва сидқу сафо буданд. Устодони ғамхору серталаб Мирзои Турсунзода, Мирсаиди Миршакар, Боқии Раҳимзода фотиҳаи некаш доданд, ки ба шоири ҷавон қувваю илҳоми тоза бахшид. Ӯ дар ашъораш кӯҳистону оби равон, сабзаи навхези кӯҳсорону гулу хори онро тараннум мекард ва аз он ифтихор дошт, ки кӯҳҳо гаҳвораю аввалин ҷавлонгоҳ, ибтидои роҳи умру зиндагиашанд:

*Кӯҳҳо – гаҳвораи ман, аввалин ҷавлонгаҳам,*
*Аз ҳамин ҷо роҳи умри зиндагӣ сар кардаам.*
*Аз ҳамин ҷо бори аввал чашми ҳайрат дӯхта,*
*Ман ба паҳнои олам низ бовар кардаам...*

Баҳроми Фирӯз зодаи яке аз шаҳракҳои дурдасти тоҷикнишини Нуратои Самарқанди бостонӣ, айёми бачагиашро дар деҳаи кӯҳистони бобояш – Устук гузаронида, дар ҳамон ҷо мактаби ҳафтсоларо хатм намуд. Шавқи касбу ҳунар ӯро хеле барвақт, пас аз ба итмом расонидани мактаби ҳафтсола ба маркази куҳани илму фарҳанг – Самарқанд бурд, дар омӯзишгоҳи тоҷикии омӯзгорӣ бо устоди дилсӯз Мария Афанасовна, Наимӣ рӯ ба рӯ карда, аз лутфу марҳамат ва ғамхориашон бархурдор намуд ва баъдтар тақдиру қисмат ба Хуҷанду Душанбе овард. Ӯ ба шоҳасарҳои адибони ҷаҳон ошно шуд, ба каломи бадеъ дил баст. Нахустин таронаҳояшро эҷод кард, аз устодони сахтгиру меҳрубон, аз қабили Раҳим Ҷалил, ҳусну қубҳи ашъори шогирдонаашро шунид.

Ҳамешаву дар ҳама ҷо бо ёди айёми хуши кӯдакию хаёлҳои рангини бачагӣ мезист. Аз кӯҳсорону оби равони он худро ҷудо тасаввур карда наметавонист. Ҳамин хаёлҳои ширину рангини даврони кӯдакию бачагӣ буд, ки ҳар саҳар ба лаби дарё мерафт. Ҳар гоҳе ки фурсату имконият даст медод, бе ҳеч тааммулу андеша роҳи дараи Варзоб ё Теппаи Самарқандро пеш мегирифт. Барояш тафовуте надошт, ки айёми гармои тобистон аст ё ҳукмронии сармои зимистон. Муҳим он буд, ки даме, лаҳзае ба талу теппаҳо баромада, ба оби равон, шаху санги кӯҳсорон рози дил гӯяд, сафҳаи хотираҳои гуворояшро варақгардон кунад.

Ба ҷаҳони орзуҳо мепайваст ва гумкардаҳои худро аз нав меёфт:

*Гузашта аз баланду пасти дунё*
*Ба оғӯши ту оям боз фардо.*
*Равам аз маҷлису ғавғои бисёр,*
*Бипечам дар ҷаҳони орзуҳо...*
*Ду чашмам бор мебардорад аз бахт,*
*Маро, кӯҳсор, шоир мекунӣ боз.*

Навбаҳорон, вақти дамидани сабзаҳову шукуфтани гулҳои рангоранг бо қуттиҳои занбӯрҳои асалаш роҳи дараи сергулеро пеш

мегирифт ва ба ҳосилҷамъкунии занбӯрҳо зеҳн мемонд. Аз гул ба гуле, аз бутта ба буттае нишастану шира гирифтан чӣ қадар заҳмат, сабр ва ҳаракатро талаб мекунад.

Аҷаб кайфияте, ҳикмате, панде дорад тамошои ин манзараҳо. Одамиро лозим аст, ки аз ҳар ҷонвараке ибрат гирад...

Олами ҳар як эҷодкор олами афсунгарест, ки на ҳамаву на ҳамеша ба дарку фаҳмиданаш қодир мебошем, ба қадру қиматаш мерасем. Ҳар эҷодкор оламе дораду бо оламе моро тарк мегӯяд, ки мутаассифона, сирру асрори оламаш накшода мемонад. Дареғо, ҳангоми зиндагиаш кӯшише барои ифшояш намекунем...

Чӣ илоҷ, ки ҳама шири хом хӯрдаем ва гармию сардии зиндагӣ ҳам пухтаву суфтаамон накарда. Агар чунон набудӣ, ба таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи эҷодиёти адибону олимон, ҳофизону оҳангсозони маъруфамон ҷиддитар машғул мешудем, ба қадри заҳматашон мерасидем ва қадрдониашон мекардем. Аз ҳама муҳимаш озорашон намедодем. Худбину кӯри дигарон намешудем...

Баҳром Фирӯзи шоир ба наср рӯ овард ва аввалин ҳикояи худро бо номи «Бобо» соли 1972 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расонд, ки дар назари бисёриҳо санҷиши қалам ва ҳаваси нависандагӣ намуд. Вале насри шоир таваҷҷуҳи адибони маъруфу мунаққидони нуктасанҷро, аз қабили Мирзои Турсунзода, Мирсаиди Миршакар, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалики Баҳорӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ ба худ кашид ва маслиҳат доданд, ки «Баҳром, шеърат хуб аст, аммо насрат хубтар омад, домани ин шуғлро сидқан сахт бигир».

Аз маслиҳати дилсӯзонаю суханони ғамхорона адиб рӯҳ гирифт ва ба насрнависӣ ҷиддӣ машғул шуд.

Сабаби аз назм ба наср рӯ оварданашро ӯ дар пешгуфтори яке аз китобҳояш чунин маънидод карда буд:

«Чӣ шуд, ки ман ҳамчун шоир ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаму ба ин тариқа зуд дастгоҳи шеърро бастам ва гӯё аз шоирӣ истеъфо намудам ва рӯи ихлосу иродат ба ҷониби наср овардам? Ин матлабро бисёр китобхонон ва ҳаводорони адабиёт аз ман савол мекунанд, баъзан суханони устод Айниро аз ваҷҳи тангии чорчӯбаи назм ба ман хотирнишон мекунанд. Аз ин хусус хеле андешидаам ва ҳақиқати кори ман ин аст, ки мавзӯъ, матлаб ва мадорики шеър дигар аст ва пояи наср бар мадорики дигаре асос барниҳодааст. Шеър ҳикмат аст, сӯз аст, оҳанг аст, панди рӯзгор аст, хулосаест аз зиндагӣ, вале он ба ҳеч ваҷҳ тасвири комил ва возеҳи зиндагӣ нест ва инчунин тасвирро аз

шеър чашм доштан натавон. Агар дар замони Рӯдакӣ таълифи қиссаву романҳои воқеӣ расм мебуд, мо имрӯз ҳаёту зиндагӣ, андешаву омоли ниёгонамонро нисбат ба ахбори ҷамъи китобҳои дигар равшантар қиёс мекардем...».

Адиби маъруф Абдумалик Баҳорӣ дар охирсухани яке аз маҷмӯаҳои аввалини қиссаву ҳикояҳои ӯ навишта буд, ки «аз ҳама муҳимаш, қаҳрамонони повесту ҳикояҳои Баҳроми Фирӯз бофтаи хаёлии адиб не, балки одамони зиндаю заминианд. Муаллиф аз масъалаҳои сарпеч ва мушкили ҳаёт ҳаргиз рӯ натофтааст. Ӯ хуб медонад, ки сӯҳон кардани теғаҳои сартези ҳаёт дар адабиёт худфиребӣ аст, зеро инсон хоҳ-нохоҳ, бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад ва он гоҳ нохушии андаке ба сари ҷавони ширинхаёл фоҷеаи азиме хоҳад буд. Бинобар он ҳам, адиб қаҳрамонони худро ҳамеша дар умқи зиндагӣ тасвир мекунад ва бо ҷузъияти ҳаёт қонеъ намемонад.

Баҳроми Фирӯз ба ҷодаи адабиёт бо кӯлвори вазнину таассуроти рангин қадам ниҳодааст».

Мушаххасу саҳеҳии хулосаи адибро эҷоди солҳои минбаъдаи Баҳром Фирӯз собит сохт. Ӯ хонандаро ба тасвирҳои дилангезу ҷаззоб ва сеҳри суханаш ҳам ба воситаи ҳикояҳояш, ҳам ба туфайли қиссаҳои «Рухсора», «Тарма», «Ситораи думдор», «Ту танҳо не», «Тору пуд», «Агар вай мард мебуд» ба ишқу муҳаббати софу беолоиш, одаму одамгарӣ, накукориву хайрандешӣ даъват менамуд.

Бино ба таъкиди академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, «арзишҳои маънавии ҷовид бунёди одамиятро ташкил менамоянд. Онҳоро бодиққат омӯхтан, дар рафти дигаргуниҳои пурсуръати замони тӯфонии мо муҳимтарин падидаҳои онҳоро аз даст надода, бо худ эҳтиёткорона ба оянда бурдан ва барои фардои башарият маҳфуз доштан вазифаи бузурги гуманистӣ мебошад. Адабиёт ҳам дар ин роҳ хидмат мекунад. Аҳамияти аксарияти асарҳои Баҳроми Фирӯз низ дар ҳамин аст».

Баҳром Фирӯз бо орзую умеди ояндаи неки ҳамдиёрону ҳаммиллатонаш эҷод мекард, ба воситаи асарҳояш дар дили онҳо тухми некӣ мепошид, барояшон накукорӣ меомӯхт.

Ӯ дар эҷодиёт ба дараҷаи устодӣ расида, дастгиру мададгори ҷавонон буд. Андешаву мулоҳизаҳояшро дар хусуси чи будани ҳикояту чи тавр навишта шудани он, мафҳуми шеъри нав, дар бораи эҷоди адибони ҷавон бе пардаву ошкоро иброз медошт, ки на ҳамеша ва на ба ҳама писанд меомад, гоҳо боиси малулии хотири бархе мешуд.

Ба сараш бороні маломат мерехт, вале ӯ фош мегуфту аз гуфтаи худ дилшод буд...

Вақте ки эҷоди ҷавонони соҳибзавқу ҳунармандро мехонд, меболид, бе ҳеч дудилагӣ дастгириашон мекард, дигаронро даъват мекард, ки ибрат гиранд: «Ҳоло аз бепарвоӣ ё бевуқуфии баъзе роҳбарони матбуот тарғиби китоб хеле суст гаштааст. Агар ба китобе тақризе ба нашр расад ҳам, он холисона нест, ҷӯра ва ё аксар ҳамдиёри адиб китоби ӯро зӯр мезанад, то таъриф кунад. Баъд адиби камҳунар бо он ҳама чормағзи пуч доман пур мекунаду худро паёмбар метарошад.

Борҳо хондаем, ки ҳамдиёрон аксаран халтураи ҳечу пучи якдигарро ситоиш мекунанду мардуми камхирад ва содалавҳро бовар кунондани мешаванд. Аммо ин навъ мунаққидон фақат адиби хушбоварро мефиребанду бас. Бо хеле адибони ҷавон ҳамин ҳолат рух дод. Фарзона аз ин миён истисност. Мусаввадаи китоби ашъори тозаи ӯро барои ба нақша гирифтан дар нашриёт ман хондам.

Шоире расидааст, ки бе муболиға, бо Симину Фурӯғ паҳлу мезанад. Ба қавли шоира бовар накардан натвон:

*Ватан, рӯзи фирӯзи ту мерасад,*
*Ватанхоҳи дилсӯзи ту мерасад,*
*Ватан, офтоби ту мебишкуфад,*
*Ватан, боз наврӯзи ту мерасад*

Ба гумонам, шеъри Фарзонаро аз ҳамдиёронаш касе ситоиш накардааст. Шеъри ӯ ҳамон мушкест, ки худ мебӯяду ба фарёди аттор эҳтиёҷ надорад.

Чаро дар ҳунар ва хоксорӣ аз ӯ ибрате намегиред, дӯстони ҷавон!».

Баҳром Фирӯз, аз сӯйи дигар, устодони худро фаромӯш намекард ва ҳамеша дар бораи ҳар кадоме аз онҳо бо самимияту эҳтироми вижа сухан мегуфт, аз некиву сабақашон, ёриву дастгириашон ёдовар мешуд.

Устодони шодравонаш Мирзо Турсунзодаю Мирсаиди Миршакар, Боқӣ Раҳимзодаву Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзиву Фазлиддин Муҳаммадиев, дӯсти соҳибҳунараш Ҷумъаи Одинаро дар ҳар давраю маҳфил ба хотир меовард. Дар хусуси адибони забардаст Сотим Улуғзода, Абдумалики Баҳорӣ, мунаққиди нуктасанҷ Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дӯстони ҳамқаламаш бо меҳри беандоза сухан мегуфт.

Ростӣ, ба қадри дигарон расидану некии дигаронро пос доштан ҳам ҳунар аст, ҳунари волову ҳавасангез.

Баҳром Фирӯз бо дили пур аз орзуву умед, бо мақсадҳои аҷибу наҷиб умр ба сар мебурд, вале марги нобаҳангом нагузошт, ки он орзую умед ва мақсадҳояшро амалӣ созад...

Боиси тасаллӣ аст, ки аз шоири ширинхаёлу адиби нуктапардоз ёд монда, шеър монда, ҳикояту қисса монда, андешаву мулоҳиза монда. Барои ҳамдиёрону ҳамзамонон ва ояндагон номи нек монда:

*Хоҳам ба мисли оби дарё бошӣ,*
*Гаҳ гулшану гаҳ бодияпаймо бошӣ,*
*Ҷӯшиву хурӯшиву ситезӣ, аммо,*
*Дар тирамаҳи умр мусаффо бошӣ.*

## МАКТАБИ ҶОНИБЕК

*Ҳаргиз намешавад сафари аҳли дил тамом,*
*Дар хок ҳам ба гард бувад осиёи дил,*
*Чандон ки меравӣ, ба ниҳоят намерасад,*
*Беинтиҳост олами беинтиҳои дил.*

Шиносоии бандаву шодравон Ҷонибек тавассути мактуб ба вуқӯъ пайваст ва сабабгори ин шиносоӣ адиби маъруф Баҳроми Фирӯз буданд. Он вақт Баҳромако дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ифои вазифа мекарданд ва барои тарғибу ташвиқи обуна ба маҳалҳои тоҷикнишини Форишу Нурато сафар намуда буданд. Дар мактаби мо – мактаби миёнаи рақами 14 ба номи устод Айнӣ, ки яке аз мактабҳои калони тоҷикии ноҳия буд, бо шоир Баҳром Фирӯз вохӯрӣ доир гардид ва аввалин маротиба ба рӯзномаи тоҷикии «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») дар ин хусус хабар равон кардам. Баъди чанде аз идораи рӯзнома мактуб омад, ки хабарро барои чоп омода сохтаанд ва хоҳиш кардаанд, ки доир ба навигариҳои мактабу деҳа ба рӯзнома мунтазам хабарҳо нависам. Дар поёни нома ному фамилияи корманди идора сабт шуда буд: Ҷонибек Қувқонов. Ва аз ҳамин давра шиносоии ману шодравон Ҷонибекако оғоз ёфт.

Ман гаҳу гоҳ хабару лавҳа ва шеърҳои навмашқонаи худро ба идораи рӯзнома мефиристодам ва аз Ҷонибек Қувқонов номаи ҷавобӣ

мегирифтам. Маслиҳат медоданд, ки адабиёти бадеиву ашъори шоиронро бештар мутолиа кунам. Як «шеърам»-ро ҳам чоп карданд. Аслан шеър ба номи ман буду аз шеъри ман чанд сатре боқӣ монда. Фахр мекардам, ки шеърам чоп шуд. Чанд хабару лавҳаам низ дарҷ гардид, ки сабаби дилгармиам ба кори эҷодиву рӯзноманигорӣ шуд.

Баъди он ки донишҷӯйи бахши рӯзноманигории факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон гардидам ва аз устодони сахтгиру мушфиқ Шарифҷони Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табарову Набиҷон Сатторӣ, Додоҷон Тоҷиеву Саъдоншоҳ Имронов, Султон Воҳидову Субҳон Амирқулов, Абдунабӣ Сатторову Раҳим Мусулмонқулов, Худоӣ Шарифову Мукаррама Қосимова, Баҳриддин Камолиддинову Саид Ҳалимов сирру асрори каломи бадеъро омӯхта, ба адабиёти ғаниву оламшумули тоҷик дурусттар ошно шудам, аз устодони дигарам – А. Нуралиев, Х. Зулфиқоров ва И. Усмонов махсусияти жанрҳои матбуотро фаҳмидам, дарк кардам, ки шеъру нигоштаҳои шогирдонаам чӣ қимате доштаанд. Ба сабру тоқати Ҷонибеки шоиру рӯзноманигор ҳавасам омад. Ӯ бад-ин васила дар дили ман (ва на танҳо ман) шуълае ба кори эҷодӣ афрӯхта буд...

Сонитар, ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар идораи рӯзнома бо устоди ғоибонаи худ Ҷонибекако шинос шудам ва меҳмони хонадонашон ҳам будам. Хонаи Ҷонибеки шоир хонаи умед, маҳфили гарми бисёр навқаламону шоирони маъруф, адибону ҳофизон ва олимони шинохтаи тоҷик буд. Борҳо шоҳид будам, ки баҳсу шеърхониҳо дар идораи рӯзнома – дар утоқи кори Ҷонибекако оғоз ёфта, тамоми шаб дар хонааш давом мекард. Базми шеъру суруд метафсид. Маҳфили гарме дошт Ҷонибеки шоир.

Ман дар ҳайрат мемондам, ки ӯ тамоми рӯз бо таҳриру ба нашр омода сохтани нигоштаҳои навқаламон банд буд ва қариб ҳар шаб дар хонааш меҳмон дошт, боз барои эҷоди шеъру ҳикоя, очерку мақола вақт меёфт, ашъору қисса ва ҳикояҳои адибони тоҷикро ба ӯзбекӣ мегардонду адибони ӯзбекро ба тоҷикӣ тарҷума мекард...

Бехабар будам, ки истеъдод худодод аст ва аҳли эҷод хобу хуфтро орзу мекунанд...

Ӯ бунёдгузори барномаи тоҷикии телевизиони Ӯзбекистон, масъули бахши тоҷикии нашриёт ва Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон буд. Дар тарбияву ба камол расондани бисёр адибони тоҷикзабони Ӯзбекистон саҳми муносибе дорад.

Ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки дар маҷмӯаи нахустинаш фармуда буд:

*Навсафар ҳастам агар дар роҳи шеър,*
*Шеър сар кардам, Ватан, бо номи ту.*
*Бехабар аз мушкилоти роҳи шеър,*
*Ман сафар кардам, Ватан, бо номи ту...*

*Меҳри модар кӯдаки гаҳвораро*
*Тоб бахшад, ҳамраҳи мардум кунад.*
*Зикри номат, эй Ватан, рӯзе маро,*
*Дар ҷаҳони шоирӣ маълум кунад.*

Аз Ҷонибеки шоир номи нек, маҷмӯаҳои «Қарз», «Арзи дил», «Ифтихор», «Розҳо», китобҳои қиссаву тарҷума монда. Ҳоло кӯдакону бачагон дар мактаби Ҷонибек таҳсил доранд ва то даме ки мактаби Ҷонибек барҷост, бӯйи умеди Ҷонибекҳои дигар ҳаст:

*Баъди мурдан нишони мо сухан аст,*
*Оташи корвони мо сухан аст.*

## САРОБИ ИЛМ

Расо 32 сол муқаддам, дар аввалҳои моҳи май аз Тошканд ба хонаамон академики АИ Ӯзбекистон, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Ленини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, доктори илми геология, профессор Иброҳим Ҳамробоев бо рӯзноманигор ва нависандаи маъруф Саъдулло Кароматов ташриф оварданд, ки олими соҳаи геология 15-16 сол пеш – замоне, ки ман ду-сесола будаам, бо мақсади гузарондани ҷустуҷӯйи геологӣ ба деҳаи мо омада, чанд муддат дар ҳавлии мо истиқомат ва бо падарам риштаи дӯстӣ пайдо карда будаанд. Мақсади сафарашон ҷамъоварии мавод ба китоби нави нависанда Саъдулло Кароматов буд, ки ба ҳаёту фаъолияти ин олими маъруф бахшида мешуд.

Меҳмонон суҳбати гарме доштанд аз диду боздидҳояшон ва қаҳрамони китоби оянда аз ҷустуҷӯҳои худ дар ин мавзеи кӯҳистонии дурдаст ва назарногир бо шавқ нақл мекард, ки вазифаи ман хидмат ба онҳо буд. Дар омади гап пурсид, ки мактабро кай тамом мекунам. Ба ҷойи ман падарам посух доданд, ки ҳамин сол.

– О, мо дар вақташ омадаем-ку! – нидо кард И. Ҳамробоев. – Ҳамин ки имтиҳонҳо тамом шуд, ба Тошканд назди ман фиристонед,

аз ҳамин деҳа ҳам як геолог бароад. Ҳамроҳи бачаҳо дар хонаи мо меистад, забонро дурусттар меомӯзад ва ба ҳамкорамон Қӯшмурод вобаста мекунем, тахти назораташ мегирад, ки оянда ба кори илмӣ машғул шавад. Ҳамин мавзеъҳое, ки мо дар кӯҳистони шумо кофтуков гузарондем, кори тайёр аст, – илова кард олими номдор.

– Бо як ҳамсинфаш нияти ба Душанбе рафтан дорад. Ба Донишгоҳи Тоҷикистон ба номи Ленин дохил шуданист. Ман мехоҳам, ҳуқуқшинос шавад, ӯ орзуи журналистӣ дорад.

– Хуб аст, ҳамкасби мо мешудааст, – ба сухан ҳамроҳ шуда маро ҷонибдорӣ кард Кароматов.

– Мехостам як фарзандатонро ҳамкасби худ кунам, ки рафтуомадамон зиёд шавад. Бо баҳонаи фарзандатон ба хонаи мо ҳам меомадед. Чанд сол боз ҳамдигарро надидем, то ман наоям, Шумо намеравед, – гилагузорӣ кард олими маъруф.

– Тарзе гап мезанед, ки гӯё аҳли оилаатон шуморо серӣ медида бошад, – шӯхӣ кард нависанда. – Шояд набераҳояшон ҳам дуруст нашиносанд ин касро. Чанд сол боз аз қафояшон гашта, базӯр ба даст даровардему боз ин кас аз дигарҳо гилагузорӣ мекунанд.

Ҳама бо завқ хандиданд.

Ман он вақт дуруст сарфаҳм намерафтам, ки барои чӣ аҳли оилаашон серӣ надида, набераҳояшон дуруст намешинохтаанд?!

Баъди гузашти солҳо ва ошноӣ бо кору бори геологҳо, мутолиаи асарҳои гуногун оид ба ҳаёту фаъолияти соҳибони ин пешаи наҷиб дарёфтам, ки қисми зиёди умри ин тоифаи мардум дар кӯҳу дара, дашту даман гузашта, дар маҳалу манотиқ, кишвару мамлакатҳои гуногун паси сар мешуда...

Бо ҳукми тақдир дар миёнаи моҳи майи соли 1973 бобои Азиз – падари бузургвори дӯсту ҳамсинфам Ҳомид моро бо мақсади шиносоӣ ба Душанбе – ба хонаи Муҳаммадӣ Юнусов оварданд. Шаҳрро тамошо карда, бо донишгоҳҳо ошно шуда, ба хулосаи қатъии таҳсил дар донишгоҳҳои Душанбе – ман дар ДДТ ва Ҳомид дар донишгоҳи омӯзгорӣ омадем. Ба деҳа баргашта аз сафари нахустинамон бо поезд ва диду боздидҳоямон бо шӯру шарар, завқу шавқ ба ҳамсинфҳоямон нақл мекардем, ки шарикдарсонамон гӯшу ҳуши нақли мо буданд. Аҷаб лаззате дорад тамошои макони нав ва таассуроти рангини бачагӣ...

Қисса кӯтоҳ, баъди хатми мактаб боз роҳи Душанберо пеш гирифтем, ки ин дафъа роҳбаладҳои мо падарам ва тағоям Шодибой буданд. Дили падарам кашол ба факултаи ҳуқуқшиносӣ буд ва мехостанд, ки ман

чун ҳуқуқшинос бар зидди ҳаннотон, мардумфиребон, беинсофҳову қаллобон мубориза бурда, барои адлу инсоф, ҳақиқату адолат талош кунам. Ба дигар кормандони ҳифзи ҳуқуқ намунаи ибрат бошам, ки ин ҳама аз бор кардани туҳмат ба падари бегуноҳам ва эълон кардани ҳукми бист соли зиндон маншаъ мегирифт. Дар натиҷаи муборизаи беисти дусола, навиштани аризаву шикояти пайиҳам ба номи роҳбарони мақомоти болоии ҳуқуқ ва роҳбарони ҳизби коммунисту ҳукумати шӯрой, ки ҳеч намехостанд ҳақро ба ҳақдор расонанд, оқибат соли 1953 аз маҳбас озод мешаванд, ки он воқеа дар дилашон нақши якумра дошт. Мехостанд, ки дигарон ба чунин ҳол наафтанд. Пиндору ҳадафашон хайрхоҳона ва олиҷаноб буд. Вале шояд амиқ дарк намекарданд, ки як нафар аз уҳдаи барҳам задани тамоми беадолативу ноҳаққӣ баромада наметавонад ва бояд теша ба реша зад. Ин қиссаи талхи зиндагии падари бузургворам мавзӯи ҷудогона аст, ки бо даст додани имконият ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида хоҳад шуд...

Тасодуфан ҳамнишинӣ бо мӯсафеде дар чойхона ва як сухани ӯ – падар писарро бо умеди шунидани раҳмат тарбият мекунад, шумо лаънат мехостаед, падарамро аз райъашон баргардонд. Ҳарчанд кормандони ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи қонуну адолат ба гунаҳкорон ҷазо муайян мекунанд, боз дар ҳаққашон носазо мегӯянд, ки ишораи мӯйсафед ба ҳамон буд.

Баъди бомуваффақият супурдани имтиҳонҳо, вале нарасидани ним хол дар комиссия ва бо давутози зиёде сазовори номи донишҷӯ шудан ба деҳа баргаштам, ки шиносномаву ҳуҷҷати ҳарбиро аз қайд бароварда ба Душанбе биёям. Чанд рӯз дар деҳа мондам ва ҳангоми гусел амакам – акои Мӯсобой хоҳиш карданд, ки ба Баҳром Шермуҳаммадов, Рӯзӣ Аҳмадов, Фарруха Зеҳнӣ ва Маҳвашхон Ҳодизода – кормандони Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон, ки 15-16 сол пеш барои ҷамъоварии эҷодиёти шифоҳии мардум ба деҳаҳои кӯҳистони Фориш сафар карда, чанд рӯз дар ҳавлии онҳо монда, бо мошини боркаши он кас деҳа ба деҳа гашта, намунаи эҷодиёти шифоҳии мардуми ин маконро гирд оварда буданд, ҳатман саломи паём расонам.

Баъди чанд рӯзи оғози дарсҳо ба Институти забон ва адабиёт рафтам, ки онҳоро бинам. Гуфтанд, ки ҳуҷраи кории онҳо дар қафои бинои Раёсати Академия аст. Соат тахминан аз се гузашта буд, ки дари ҳуҷраи дуюмро беҷуръатона кушода салом додам ва бо овози паст муаллим Шермуҳаммадов дар куҷо бошанд, гуфтам. Марде, ки рӯ ба сӯйи тиреза саргарми мутолиа буд, сарашро аз рӯйи коғазҳо бардошта

ба сӯйи дар нигоҳ дӯхта, ман Шермуҳаммадов гуфт. Аз дар даромада, бо азоб худро шинос кардам:

– Ман аз Фориш, ба шумо акои Мӯсобой салом гуфтанд.

– Эҳ, эҳ, шумо кай омадед, – айнакашро аз чашм гирифта аз ҷой баланд шуд ҳамсуҳбати ман ва ба сӯям даст дароз кард.

– Ман ҳамин ҷо механам, дар университет, – бо овози паст гуфтам.

Ба нишастан даъват карда:

– Аз Ӯхм мешавам, гӯед. Бобо чӣ туранд, бобо. Бобои Ризвон?

Тахмин кардам, ки амакам бобои Рӯзмонро дар назар доранд, ки дар «Таронаҳои Самарқанд» сурату чанд шеъру рубоиро аз забони он кас ба нашр расонда буданд.

– Хубанд, салом гуфтанд.

Баъди пурсуҷӯйи зиёде ва шинос кардан бо чанде аз ҳамкоронашон қаламу коғаз ва айнакашонро ба портфели ҷигарранг андохта, аз ҷой хестанд ва хона меравем, гуфтанд.

– Ягон рӯзи дигар, ман ҳоло кор дорам, – хиҷолатомез баҳона пеш овардам.

– Хонаи мо он қадар дур нест, роҳи хонаро нишон диҳам, ки гоҳ-гоҳ моро хабар гиред.

Аз дар берун шуда, аз тарафи чапи бинои Академия ба кӯчаи калон баромадем ва аз паҳлуи бинои филармония то ба назди мағозае расидем. «Ҳозир, як дақиқа»-гуфта, ба магазин даромаданд ва дар дасташон коғазпече берун шуданд. Ба тарафи рост гаштем ва дар назди даромадгоҳ: «хонаи мо ана ҳамин ҷо» – гуфтанд. Аз зинапоя ба ошёнаи сеюм баромадем, ки дар дари тарафи рост рақами 11 сабт шуда буд. Тугмаро зер карданд, ки садои занг баланд ва дарро зани миёнақадди хандонрӯе кушод.

– Меҳринисо, як хеши форишиамро ёфта овардам, – бо табассум ба ҳамсарашон шинос карданд. Ду духтарча – яке зардинаи чашмкабуд, дигаре мӯсиёҳ ба пешвози мо давиданд.

– Инҳо Рухшонаву Фарзона, – онҳоро ба навбат бӯсида шинос карданд Шермуҳаммадов. – Ин амакатон аз Фориши Самарқанд, дар университет механанд, – маро ба он духтараконі хурд шинос карданд. Ман аз ин муносибати самимонаи муаллим ба кӯдаконашон, ки бо онҳо чун ба калонсолон муносибат мекарданд, бо ҳайрат наззора менамудам. Чунин муносибатро бори аввал дар хонаи Муҳаммадӣ Юнусов бо духтарчаҳои дӯстрӯякашон Фирӯзаву Нодира дида будам.

Ба ҳуҷраи тарафи чап даромадем. Янгамулло дар як дам дастурхон

густурда чой оварданд. Шириниву мева гузоштанд. Баъди каме тановул Баҳром Шермуҳаммадов аз қиссаҳои сафари аввалу дуюмашон ба деҳаҳои тоҷикнишини Порашт, Ӯхм, Моҷарм, Синтоб, Эҷ наклҳои шавқоваре карда, китобҳои «Афсонаҳои Самарқанд»-у «Таронаҳои Самарқанд», сурату дафтарҳои хотираашонро нишон доданд, ки ҳар кадоме ёди неке аз он айём буд.

Шиносоии нахустини банда бо фолклоршиноси маъруф, инсони шариф ва хоксору хайрхоҳ Баҳром Шермуҳаммадов ҳамин тавр сурат гирифта, баъдан ба муносибати бародарона табдил ёфт, ки худашон чун бародар ва ҳамсарашон чун хоҳари калонӣ ҳамеша маслиҳатгару роҳбаладам буданд. Бе ҳеч истиҳолаву андеша ба хонаашон мерафтам ва дар ҳалли ҳар мушкилот ёриву мадад мепурсидам. Маҳз бо мададу роҳбаладии он кас дар радиои тоҷик ба кор шурӯъ кардам. Дар лаҳзаҳои вазнинтарини ҳаётам нагузоштанд, ки танҳоиву дурии падару модар, хешу таборамро эҳсос кунам. Онҳо дар қатори дигар дӯстону бародарон ва хоҳарони душанбегиам дар паҳлуям буданд, ғами маро ба ҳам диданд. Бо маслиҳату насиҳатҳояшон диламро ба зиндагӣ гарм карда, нагузоштанд, ки ба вартаи яъсу ноумедӣ афтам. Дар ҳамон лаҳзаҳои тақдирсоз нагузоштанд, ки аз раъям – сафари Маскав ва таҳсил дар аспирантура баргардам. Ҳар чӣ ояд бар сари фарзанди одам бигзарад, мегуфтанд.

Шукри Худо, ки тақдир маро дар зиндагӣ бо чунин одамони одиву сода, ростқавлу меҳрубон, якрӯву якзабон ва дурандешу некухислат рӯ ба рӯ, ҳамнишину ҳамсуҳбат кард. Маҳз аз баракати онҳо дар зиндагӣ роҳи худро ёфтам, одаму оламро шинохтам ва аз рӯйи тавон накукориву пос доштани нону намакро омӯхтам...

Муаллим Баҳром Шермуҳаммадов хислати аҷибе доштанд: бо ҳар кас тез унс мегирифтанд ва ба зудӣ забон меёфтанд. Бо кӯдак ба забони кӯдакона, бо мӯсафедон бо лабони пурханда ва мулоимии ба худ хос суҳбат меоростанд. Дар чанд соли рафтуомад ба хонаашон ва ҳамнишинӣ боре ҳам овози баландашонро нашунидаам. Дар иншои мақола, таҳияи матни фолклорӣ, рисолаву асари тадқиқотӣ саросема намешуданд ва бафурҷа гаштаву баргашта ҳар як нигоштаашонро аз назар мегузаронданд. Ҳамин дақиқсанҷиву мулоҳизаи амиқ намегузошт, ки рисолаи доктории кайҳо омодаашонро ба ҳимоя пешниҳод кунанд. Борҳо янгамулловy дӯстонашон муаллимро барои зудтар ба ҳимоя пешниҳод кардани рисолаашон талқин мекарданд, вале ҳамеша як ҷавобро мешуниданд:

– Ками дигар монда, рӯзҳои наздик ислоҳ мекунам.

Ҳар гоҳе ба хонаашон меомадам, янгамулло бо оҳанги хоси худ ба ман мегуфтанд:

– Кори муаллиматон намак хӯрд, гӯед, ба муҳокима пешниҳод кунанд.

Ин лаҳзаҳо суханони аз забони муаллим чанд сол пеш, ҳангоми ҳамсафариам дар деҳаи Ӯхми Фориш шунидаам, ба хотирам мерасид...

Он рӯз дар ҷустуҷӯйи момои Бозоргул, ба ибораи Баҳром Шермуҳаммадов, кони афсона, аз дараи серобу хушбоду ҳавои кӯҳистон роҳ ба сӯйи биёбон – юртаҳои чӯпонӣ пеш гирифтем, ки дар масофаи 10-12 километри поёни деҳа ҷойгир буданд. Кампири Бозоргул барои хабаргирии набераҳояшон ба он ҷо рафта буд ва муаллим баъди 20 соли вохӯрии аввалину охиринашон мехостанд, ки бори дигар кони афсонаву таронаро бубинанд ва овозашро дар фитаи магнитофон сабт кунанд.

Мошини боркаш дар дашти бепоён ба пеш медавид. Ҳавои тафсони тобистонро реги биёбон боз ҳам метафсонд. Шамоли мошин сару рӯйи мо се нафар мусофирро табъи дили хеш мелесид. Аз дур ҳар ҷо-ҳар ҷойи биёбон давраҳои гулобӣ ба назар мерасид, ки ба гумони ғолиб кӯли пур аз обро мемонд.

– Саробро дидаед, – бо овози баланд пурсиданд ҳамсафарам.

– Аз забони калонсолон бисёр шунидаам ва аз асарҳои адибон борҳо хондаам, вале надидаам, – иқрор шудам бо овози баланд, ки ба гӯши ҳамсафарам расад гуфтаҳоям ва садои мошинро пахш кунад.

– Ана ҳамон давраҳо саробанд, ки дар гузашта чандин корвонро фиреб дода, ба ҳалокат расонида, – тавзеҳ доданд ҳамсафарам. – Шумо, ки унвонҷӯ ҳастед, аз сароби илм эҳтиёт кунед. Дар хулосаву натиҷа саросема нашавед, ки он ҳам одамро мисли ҳамин саробҳо ба роҳи нодуруст ва ғалат мебарад, фиреб медиҳад.

Он замон ба моҳияти гуфтаҳои ҳамсафарам, ки чун фолклоршинос ва муҳаққиқи ин соҳа соҳибном буд, чандон сарфаҳм нарафтам. Ин муқоисаашонро дуруст дарк накардам. Вале баъдтар, вақте ки аз рӯйи зарурат ба кофтукови адабиёт ба рисолаи номзадиам машғул шудам, мақсаду ҳадафи ҳамсафарамро хуб фаҳмидам.

Ва ҳар боре ки олими нуктасанҷ ва муҳаққиқи нозукбинро бо кашолкорӣ мазаммат мекарданд, он суҳбат ба хотирам мерасид ва амиқ дарк мекардам, ки муаллим Баҳром Шермуҳаммадов аз сароби илм худро нигоҳ доштан мехостанд. Ҳар сатру саҳифаи рисолаашонро аз

нав бо диққат мехонданд, тасҳеҳу илова мекарданд, такмил медоданд. Ҳарчанд дар илм шахси баркамол ва маъруф буданд, боз бо устодону ҳамкорон маслиҳату машварат мекарданд. Шиори зиндагиашон «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» буд, ки дарвоқеъ, рисолаи пухтаву мукаммалеро ба баррасии олимони маъруф пешниҳод карданд. Муҳокимаву баррасии он тӯлонӣ буд. Ҳам муқарризони расмӣ: Арбоби илми ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои филология, профессор Б. Валихӯҷаев, профессор Р. Мусулмонқулов ва доктори улуми филология А. Афсаҳзод ва ҳам муқарризони ғайрирасмӣ профессорон В. Асрорӣ, В. Капранов, Б. Тилавов, У. Каримов, муассисаи пешбар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба рисолаи доктории Баҳром Шермуҳаммадов баҳои баланд доданд. Дар тақриз ба фишурдаи рисола олимони маъруф Иржи Бечка, академики АИ Афғонистон Аҳмад Ҷовид, корманди Маркази забону адабиёти АИ Афғонистон Асадуллои Шуур, профессорон Д. Комиссаров, А. Гвехари, М. Муродов, Т. Мирзоев, Б. Саримсоқов, О. Собиров ва бисёр олимони маъруфу чеҳраҳои шинохтаи тоҷику халқҳои дигар ба заҳмату меҳнати чандинсолаи олими баркамол баҳои баланд доданд, ки бор овардани самараи ҷустуҷӯҳои чандсолаашон ба ҳисоб мерафт. Ва дарвоқеъ, рисолаи доктории Баҳроми Шермуҳаммадиён як соҳаи муҳими илми филологияи тоҷикро пурра мекард ва тадқиқоти мукаммали илмӣ ба шумор мерафт. Муаллиф бо меҳнату заҳмати пурмашаққат солиёни зиёд илми худро аз сароб ҳифз намуда буд ва хушбахтона, касеро ҳам ба саробi илм ҳидоят накард. Ба заҳмати ҳамкорону шогирдон низ аз рӯйи имону виҷдон баҳо медод ва ҳеҷ гоҳ саҳлангориву тадқиқи рӯякиро қабул надошт.

Баҳроми Шермуҳаммадиён дар сабту забт, таҳияву омода намудани эҷодиёти шифоҳии мардум низ хеле дақиқкор буд. Дар муддати кӯтоҳ «Таронаҳои Самарқанд»-у «Афсонаҳои Самарқанд» ва афсонаҳои зиёди халқӣ барои кӯдакону наврасон ва ривояту ҳикоятҳои халқӣ дар бораи бузургони илму адаб ва фарҳанги тоҷикон дар байни мардум маҳбубият пайдо кард. Силсилагуфторҳояш дар радиои ҷумҳурӣ дар бораи Гӯрӯғлӣ ва силсиланамоишҳояш дар телевизиони Тоҷикистон «Чашма» оид ба анъанаву суннатҳои мардумӣ вирди забонҳо гардида буд.

Воқеае ҳеч аз хотирам намеравад, ки мӯсафеди анорфурӯш бепул анорҳоро ба борхалтаи олим партофта: «Ҳамаи ин ба хотири талқини анъанаву суннатҳои гузаштагонамон. Бигир, бачам, дар ҳамин солу

замон ин корро Шумо барин ҷавонмардон ба сомон нарасонед, дигар ҳеч кас намекунад ва он ҳама санъати мардум аз байн меравад, фано мешавад. Бигир, аз боғи худам, ҳамин корро идома бидеҳ. Барака ёбӣ, бачам» – мегуфт дар бозори Шоҳмансур.

Аз ин ҷоизаи баланду меҳрубонии зиёде мешавад магар? Мардум заршинос аст ва сараро аз носара хуб фарқ мекунад. Хуб медонад, ки заҳмату меҳнати олим чӣ қимате дорад ва илми ҳақиқӣ кадом асту саробаш кадом?!

Вале гоҳо чунин гумони ботил ҳукмронӣ мекунад, ки гӯё мардум сараро аз сақат ва илми ҳақиқиро аз сароби илм фарқ намекунад. Асару мақола ва тадқиқоти хому хаталаро ба табъ расонида, ба воситаи ҳамдиёрону рафиқон, дӯстону хешон ба тарғибу ташвиқаш машғул мешавем. Зӯри беҳуда мезанем, ки аз ҳеч чиз ҳар чӣ созем. Фаромӯш мекунем, ки ҳубобро ҳамеша мавҷ фурӯ мебарад. Таърих беҳтарин довар аст ва зиндагӣ муаллими сахтгир. Дер ё зуд ҳамаро дар ҷойи худ мегузорад, ки бо гузашти солҳо ба таъкиду талқини олими нуктасанҷ ва заҳматкаш Баҳроми Шермуҳаммадиён бовар ҳосил кардам: сароби илм бақое надорад ва умри тӯлонӣ намебинад. На ба соҳибаш обрӯе меоварад ва на барои пешрафти соҳае хидмат мекунад...

Кош, ин ҳақиқати бебаҳсро илмҷӯёну номхоҳон ҳамеша дар хотир медоштанд ва умри хешро беҳуда намегузарониданд...

## ШЕВАИ ОМӮЗИШ

Дарс ба баҳси гарм мубаддал шуда, муаллим назоратчии бетарафи мунозирачиён гардида буд ва хомӯшона ба суханони шогирдон гӯш медод. Дар назари аввал чунин менамуд, ки гӯё муаллим аз ин баҳсу мунозира дар канор аст, зеро ин баҳсу мунозира аз бозе, ки машғулиятҳои семинарӣ сар шудаанд, давом дошт ва аз дарс ба дарс боз ҳам гармтару тафсонтар мешуд. Шиори муаллим чунин аст: «Бигузор ҳар кас фикрашро гӯяд ва агар тавонад, бо бурҳонҳои қотеъ исбот намояд, вале одоби баҳсу мунозираро нигаҳ дорад». Ин шартро ӯ дар дарси нахустин ба миён гузошта буд ва ҳоло намемонд, ки он вайрон шавад...

Аслан, сабабгори баҳсу мунозираи доманадор худи муаллим буд. Чун анъана вориди синф мешаваду аз шеваҳои гуногун, ки намояндагонаш дар ин курс таҳсил доранд, чанд калима, ибора ва

ҷумлае мегӯяд ва бо дигар шева муқоиса мекунад. Дар омади гап аз адабиёти бою ғании классикиамон чанд мисол меоварад, ки дар онҳо ин калимаю ибораҳо вомехӯранд. Баъзе калимаҳое, ки муаллиф аз ин ё он шева чун мисол мегӯяд, ба назари намояндагони дигар шеваҳо то андозае хандаовар менамояд.

Рӯзҳои аввал донишҷӯён гуфтаҳои муаллимро бо диққат гӯш мекарданд ва мухри хомӯшӣ ба лаб зада буданд. Вале оҳиста-оҳиста аз шеваҳояшон мисолҳои ҷолиби диққат пайдо намуданд, ки онҳо дар адабиёти классикиамон дучор меоянду ҳоло дар истеъмол нестанд. Ва ҳамин тавр баҳсу мунозираҳо сар шуданд.

Аввалҳо музокирачиён се-чор нафар буданд, тадриҷан шумораи онҳо ба даҳ нафар расид ва ҳоло бошад, аҳли аудитория – ҳама иштирокчиёни ин баҳсу мунозираанд. Аз ин баҳсу мунозираи кӯтоҳмуддат муаллим фаҳмид, ки дар шеваҳои гуногун калимаву ибораҳои на танҳо классикӣ, балки суғдӣ низ хеле фаровон истифода мешаванд. Ӯ аз шогирде калимаи меғро, ки дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ба ҷойи туман истифода шудааст, шунида дар ҳайрат монд. Шубҳа ҳам кард, зеро дар рисолаи номзадие, ки доир ба ин шева иншо шуда буд, ҳеч суханеву ишорае ба чашм намерасид.

Ҳар як баҳс барои ӯ материали фаровоне медод ва дар айни замон дили шогирдонро ба ин соҳаи забоншиносӣ гармтар мекард. Ана ҳамин баҳсҳо сабаб шуданд, ки шогирдонаш адабиёти зиёди илмӣ, асарҳои гаронбаҳои шоирони классикиамонро мутолиа намуда, аз шеваашон калимаву ибораҳои марғуберо, ки дар мероси адабии классикони адабиётамон дучор мешаванд, пайдо карда тавонистанд. Дар натиҷаи ҳамин баҳсу мунозираҳо ӯ фаҳмид: ба кадом масъалаҳои диалектологияи тоҷик бештар диққат додан лозим аст, кадом корҳо бояд анҷом гиранд, ба тадқиқу таҳлили маводи кадом шеваҳо донишҷӯёнро ҷалб намояд. Вай харитае сохт, ки дар он маҳалҳо барои гирд овардани маводи зарурӣ ишора шудаанд. Ҳоло ҳар сол донишҷӯёни факултаи филологияи ДДТ таҳти роҳбарии муаллим ба шеваомӯзӣ мераванд.

Шогирдони имрӯзааш низ чун шогирдони пешинааш бо ҷӯшу хурӯш баҳс доранд. Шояд аз байни онҳо дар оянда муҳаққиқоне ба камол расанд, ки ба омӯзиши диалектология ҷиддан машғул шаванд.

Бигузор, онҳо ба маҳалҳояшон раванд ва аз фанни дӯстдоштаашон – забону адабиёти тоҷик ба талабагони мактаб дарс гӯянд, вале дар дили онҳо нисбат ба ин фан рағбат ангезанд. Бигузор, шогирдони онҳо ба омӯхтани шеваи худ завқ пайдо кунанд.

Муаллим аз ин хусус андеша меронду беихтиёр солҳои ҷавониашро ба хотир меовард. Вақте ки ӯ ба муаллимӣ сар карда буд, аз ин шогирдонаш ҷавонтар буд. Он солҳо ба таърихи мамлакатамон чун солҳои инқилоби маданӣ дохил шудааст. Бинобар ин, ӯро баробари хатми мактаби ҷавонони колхоз ба кори муаллимӣ ҷалб карданд. Муаллими ҷавон ҳам дар мактаби ҳафтсола ва ҳам дар мактаби маҳви бесаводӣ дарс мегуфт.

Ӯ субҳи содиқ ба мактаб мерафту шомгоҳ бармегашт. Шогирдонаш касбу кор ва синну соли гуногун доштанд. Дили муаллими ҷавонро бо ҳавсалаи том ва шавқу завқи беандоза ба саводомӯзӣ машғул шудани шогирдони гуногунсолаш ба пешааш гармтар мекард. Вай аз онҳо дил канда наметавонист. Аз ҳамин ҷост, ки ҳангоми кор омӯзишгоҳи тоҷикии педагогии шаҳри Самарқандро ғоибона хатм намуд ва дар муддати 20 соли фаъолияти муаллимиаш ҳамагӣ ду ҷойи кор дошт. Он ҳам мактаб буд. Яке – мактабе, ки худи ӯ хатм кардаасту чанд сол дар он ҷо дарс гуфтааст ва дигаре – бо тавсияи роҳбарияти шуъбаи маорифи ноҳия чанд сол директории мактаберо дар маркази ноҳия ба уҳда дошт. Муаллими ҷӯянда тавонист дар ин муддат институти педагогии шаҳри Душанберо хатм кунад. Ҳамаи шогирдонаш низ мактабҳои олии Тоҷикистону Ӯзбекистонро хатм намуда, дар ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ сарбаландона ифои вазифа мекунанд. Бархе аз онҳо номзаду доктории илманд: С. Амирқулов – профессори кафедраи адабиёти классики ДДМТ, Т. Пӯлодов – дотсенти Институти кишоварзии шаҳри Самарқанд...

Бояд гуфт, ки шавқи омӯзиши хусусиятҳои забони тоҷикӣ, алалхусус, қисмати кам омӯхтаи он – диалектология ӯро ҳеч ором намегузошт. Аз ин рӯ, ӯ ба Душанбе омад ва корро дар Университети давлатии Тоҷикистон давом дод. Инак, 30 сол мешавад, ки Миср Эшниёзов дар ин даргоҳи илму маърифат муаллим аст. Дар бадали ин солҳо ӯ тавонист дар мавзӯи «Шеваи Ҳардурӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кунад, монографияашро бо ҳамин ном соли 1967 чоп намояд, зиёда аз 20 мақолаи илмӣ, васоити таълимии «Машғулиятҳои амалӣ аз шевашиносии тоҷик» (1969), «Программаи шевашиносии тоҷик» (1970), қисми якуму дуюми дастури таълимии «Диалектологияи тоҷик» (1979)-ро ба табъ расонад.

Монографияи «Шеваи Ҳардурӣ»-и Миср Эшниёзов аз тарафи олимони маъруф, аз ҷумла, академик Бобоҷон Ғафуров баҳои баланд гирифт. Муаллиф шеваи тоҷикони ҳардуриро аз ҷиҳати

фонетикӣ, лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ ҳамаҷониба омӯхта, онро бо шеваҳои дигар муқоиса кард ва ба ҳамин васила кори ниҳоят пурарзишеро анҷом дод.

Дастури таълимии «Диалектологияи тоҷик» (қисми якуму дуюм), ки дар зери таҳрири доктори илмҳои филология, профессор Д. Тоҷиев ба табъ расидааст, чун дастури муҳимми таълимӣ барои толибилмони донишкадаҳои филологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ эътироф гардидааст. Ҳоло қисми сеюми он, ки ба синтаксиси шеваҳои тоҷикӣ бахшида шудааст, барои чоп тайёр аст.

Дар ин муддат таҳти роҳбарии дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДТ Миср Эшниёзов донишҷӯёни зиёде корҳои курсӣ ва рисолаҳои дипломӣ навиштанд, таълими диалектологияи тоҷик дар факултетҳои филология ва забонҳои Шарқ ба системаи муайян даромад.

– Омӯзиши хусусиятҳои шеваҳои тоҷикӣ вазифаи масъулиятнок аст, – мегӯяд ӯ, – истифодаи калимаю ибора, тарзи талаффузи онҳо дар ҳар кадом шева хусусияти худро дорад. Мо бисёр вақт гумон мекунем, ки ин ё он калима танҳо дар адабиёти классикиамон мавҷуд асту бас ва ҳоло дар истеъмол нест. Вақте ки ба омӯзиши шеваи ҷудогона машғул мешавем, мебинем: дар он ҳамон калима бо маънои қадимияш истифода мешавад. Дар ин бобат тадқиқоти зиёдеро анҷом додан лозим аст...

Муаллими пуртаҷриба ва олими нуктасанҷ Миср Эшниёзов тадқиқи ариалию регионалии лексикаи шеваҳои тоҷикиро чун кори илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, аввалин бозёфтҳои худро дар дарсҳои лексионию амалӣ барои толибилмон баён месозад. Аз рӯйи гуфтаҳои муаллим боз шогирдон ба баҳсу мунозира машғул мешаванд ва устод аз он баҳсҳо рӯҳи тоза мегираду бо қувваи дучанд ба тадқиқ мепардозад. Ин аст дарси муаллим, ин аст шеваи омӯзиши як нафар олими нуктасанҷ...



# ҚИРОНШОҲ ШАРИФЗОДА
# (1958)

Қироншоҳ Шарифзода 10-уми январи соли 1958 дар деҳаи Пораштиноҳияи Фориш, ки марбут ба вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, таваллуд меёбад. Соли 1974 мактаби миёнаи рақами 13, ба номи Рӯдакии зодгоҳашро хатм мекунад. Соли 1975 ба Душанбе меояд ва ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад. Донишгоҳро соли 1980 бо ихтисоси филолог-журналист хатм мекунад. Дертар, то соли 2008 ба шакли ғоибона дар риштаи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон низ таҳсил мегирад.

Қироншоҳ Шарифзода баъд аз хатми донишгоҳ фаъолияти кории худро дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») оғоз менамояд. Дар ин ҷо то соли 1990 ба унвони хабарнигор ва мудири шуъба кор мекунад.

Соли 1982 дар ҳайати мушовирони КМ ВЛКСМ (Иттифоқи ҷавонони Иттиҳоди Шӯравии собиқ) ба Афғонистон меравад ва ҳамчун мутарҷим ифои вазифа менамояд.

Соли 1990 дар нашрияи парлумонии «Садои мардум» корашро бо муҳарририи шуъбаи иҷтимоиёт сар карда, баъдан мудири шуъба мешавад. Ва аз соли 1996 то соли 2008 ҳамчун шореҳи нашрия фаъолият мекунад.

Аз соли 1995 дар факултаи журналистӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шакли соатбайъ ба кори муаллимӣ пардохта, аз соли 1996 инҷониб муаллими калони кафедраи матбуоти факултаи журналистикаи ДМТ мебошад.

Қироншоҳ Шарифзода соли 2012 раёсати Шӯрои расонаҳои гурӯҳии (васоити ахбори оммавӣ – ВАО) Тоҷикистонро ба уҳда мегирад. Дар замони роҳбарии ӯ расонаҳои гурӯҳӣ дар Тоҷикистон хеле фаъол мешаванд. Нахустин бор бо ҳаракату ибтикори рӯзноманигори варзида нашрияҳо аз лиҳози садоқат ва мизонҳои ахлоқӣ ба гурӯҳҳои солим, носолим ва калаванда тақсимбандӣ мешаванд. Ин гуна меъёри арзёбӣ, албатта, на ба ҳама масъулини рӯзномаю маҷаллаҳо хуш омада буд. Ба вижа, расонаҳои заифу сусткор саъй мекарданд ба ӯ ва ҳамкоронаш

пешпо зананд. Агарчи дар поёни соли 2014 муҳлати роҳбариаш дар Шӯрои ВАО ба итмом мерасад, ӯ ҳамоно аз хушномтарин коршиносони расонаии тоҷик аст ва пайваста аз рӯзноманигорони мустақил пуштибонӣ мекунад.

Қироншоҳ Шарифзода соҳиби чанд китоб, муаллифи дастурҳои илмию методӣ, бештар аз 700 очерк, мақола, гузориш ва мусоҳибаҳои матбуотӣ мебошад. Номгӯйи китобҳои ӯ ба шарҳи зер аст: «Асосҳои ҳамкории иҷтимоӣ» (Душанбе: «Шарқи озод», 2002), «Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ» (Душанбе: «Ирфон», 2006), «Мушкилоти озодии сухан» (Душанбе: «Деваштич», 2009), «Экспертизаи лингвистӣ» (бо ҳаммуаллифии Бринев К., Душанбе: «Интишор», 2011), «Озодӣ ва масъулияти сухан» (Душанбе: «Ирфон», 2014), ««Бухорои шариф»: Назаре пас аз 100 сол» (Душанбе: «Ирфон», 2012), «Дар ҷустуҷӯи шахсият» (Душанбе: «Ирфон», 2017), «Чаҳор мақола: аз таъриху осори нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф»» мебошанд.

Қироншоҳ Шарифзода донандаи хуби забонҳои русӣ, узбекӣ ва олмонӣ аст. Ӯ аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ мебошад. Ҳамроҳ бо ҳамсари азизу меҳрубонаш панҷ нафар фарзандро поку ороста ва дар ниҳояти одобу хислатҳои ҳамида ба камол расондаанд. Ӯ инсони наҷиб, мухбири содиқ, ватандӯсти ҳақиқӣ ва яке аз маъруфтарин чеҳраҳо дар муҳити расонаии Тоҷикистон мебошад. Дар се самт: ҳуқуқи журналист, одоби журналист ва таърихи журналистика пурсамар фаъолият мекунад. Баррасӣ ва таҳқиқи таърихи нахустнашрияи тоҷикии «Бухорои Шариф» аз ҷумлаи шуғлҳои асосии ӯст.

Қироншоҳ Шарифзода Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000), барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ (2008) аст.

## МАҚОЛАҲО

### ПАЙВАНДИ ДИЛУ ДИДА

***Чанд сухани ошноӣ аз зиндагиномаву корномаи ҳамкасбу ҳамнишини солорманди ҷавонрафта Пайванди Гулмуродзода***

Аҳли назар дар бораи хӯю хислат ва сифатҳои олимию одамии Пайванди Гулмуродзода бисёр гуфтаанду навиштаанд. Дар тақвияти

он катибаҳо, бо нияти порае чанд аз паҳлуҳои камтар зикршудаи зиндагиномаи Пайванди шодравон қалам ситурданием.

Пайванд дар оғӯши деҳаи дурдаст ва хушманзари Ӯхм, яке аз рустоҳои тоҷикнишини доманаи қаторкӯҳҳои Нурато ба дунё омада, айёми тифливу наврасиро чун дигар ҳамсолон, ҷузвдони дафтару китоб дар даст, досу табару арғамчин дар китф, сипарӣ намуд. Рӯзгори бачагии деҳистон аслан чунин ду ранги ҷилодор дорад: яке бо олами беташвиши пуртахайюли мактабхонаву дигарӣ бо дунёи ташвишу гирумони хонаводагӣ оганда*. Вале вазъи оилавӣ овони бачагии Пайвандро аз дигар ҳамсолон тафовут мебахшид. Падар, амаки Гулмурод хаткашони минтақа, аз саҳари солеҳон то шом аспсавору харсавор ба ҳар бунаи Ӯхму дигар 5-6 деҳи ҳамсоя рӯзномаву маҷалла, номаву пули нафақа мерасонд, гоҳо нимашаб ё дами субҳ ба хона бармегашт. Дар ин гуна ҳолат Пайванд – писари калонӣ, аълохони мактабу сардори синфро мебоист қисме аз бори рӯзгор – нигоҳубини чорпо, долу дарахти боғ, шикастурехти дару девори ҳавлиро ба дӯш бигирад, мактабравию дарсхонии ду додару чор хоҳари хурдашро низ назорат карда бошад.

Обутоби рӯзгори бачагӣ Пайванди мактабхонро «барвақт ба воя расонд». Дар маъракаҳои мардумии Ӯхму деҳаҳои атроф Пайвандро, ки бинобар аксар расидагӣ карда натавонистани падар ширкат медошт, дар қатори калонсолон мепазируфтанд, балки дар ғайбаш тавсиф ҳам мекарданд: «Писари Гулмурод ҷавони бамаънӣ аст», «Улашбойи амаки Гулмурод бачаи одамшаванда аст». Дар воқеъ, номи айёми тифлию навҷавонии Пайванд Улашбой буд, ки қиссаашро поёнтар хоҳем гуфт.

«Ҷавони бамаънӣ» будани Пайванд боре дар қувваозмоии варзишии байни мактабҳо, ки дар доираи Спартакиадаи мактаббачагони ноҳияи Фориш баргузор мешуд, мо – варзишгарони мактаби деҳаи ҳамсояро аз сангборону калтакборони бачаҳои соҳибони майдон раҳонид. Мо танҳо бозии волейболро бохта, дар дигар намудҳо (варзиши сабук) ғолиб омадем, пас аз истироҳати нимрӯзӣ бозии асосӣ – футбол дар пеш буд.

Бозигарони дастаи футболи мактаби мо дар се бозӣ бар дигар мактабҳои минтақа ғолиб омада, дар вохӯрии охирин низ пирӯзиро аз даст доданӣ набуданд. Чун интизор мерафт, мизбононро бо ҳисоби калон мағлуб сохтем ва бо рӯҳи болида роҳи деҳаро пеш гирифтем.

---

* **Оганда** – пур, мамлу

Пас аз каме роҳ паймудан дарёфтем, ки дар хамгашти паси теппа мухлисони «ранҷида»-и соҳибони майдон бо чӯбдаставу сангмайдаҳо дар бағал роҳи моро мепоидаанд, то «аламибохтро бароранд». На танҳо мухлисони соҳибмайдон, ки аз мову мухлисони мо бамаротиб зиёд буданд, ҳамчунин чанд тан аз футболбозоне, ки соате пештар бозиро бой дода, бо мо хайрухуш карда буданд, онҳоро шӯр меандохтанд. Табиати мухлисон чунин аст, ки ба якдигар сар хам кардан намехоҳанд, дар баҳсу моҷарои онҳо шумораву мусаллаҳӣ бо «асбоби ҷанг» камтар нақшу аҳамият дорад. Яъне, бархурди мухлисон ногузир менамуд. Дар ҳамин лаҳзаи барои мо ногувор аз куҷое Пайванд ва ду ҳамсинфаш, бачаҳои тануманд, пайдо шуданду аввал чӯбдастаҳои мухлисонро барчида, «одоби баъзеашонро дода», ба қафо гардониданд ва он чанд тан футболбозбачаи нисбатан калонсолро хеле гӯшмол ҳам доданд.

– Бозиро бой дода, зӯрии рақибро тан гирифтан ҳам ҳунару ҷавонмардӣ аст! – ба ҷойи хулоса гуфт Пайванд ва бо табассум сӯйи мо рӯй овард: – Мо бозиро бой додем, лекин одамгариро не-ку. Гардед, ҳамакаса дар хонаи мо меҳмон мешавед, парво накунед, ҳавлиамон калон аст.

Ҳарчанд медонистем, ки ӯ на аз рӯйи сипоҳигарӣ, балки самимона даъват дорад ва ҳавлии калони амаки Гулмурод дар саргаҳи деҳаи Ӯхм ҷойгир асту дару дарвозааш барои раҳгузарон ҳамеша боз, вале бо пеш овардани сабаби «бегоҳирӯзӣ шудаву торикӣ нафуромада, ба манзил расем», даъвати меҳмониро напазируфтем.

Дар воқеъ, пас аз ду ҳафта, дар қувваозмоиҳои қисмати финалии футбол, ки дар маркази ноҳия баргузор шуд, мактаббачаҳои Ӯхм бо сардории Пайванд дастаи то бозии нимниҳоӣ расидаи моро мухлисӣ карданд.

– Шумо, пораштиҳо, аз панҷ мактаби тоҷикии ноҳия намояндагӣ доред, бурди шумо обрӯйи мо ҳам ҳаст, – мегуфт Пайванд ва ин гуфтаи ӯ дар рафти мусобиқа ба шиори мактаббачагони деҳоти ҳамсоя табдил ёфта буд.

### Дар талоши илму маърифат

Барои хатмкунандагони солҳои ҳафтод интихоби касби оянда ва мактаби олӣ ба мисли имрӯза кори мушкил ва «дарди сар» набуд, ҳангоми хатми мактаб ҳар нафар барои худ равшан медонист, ки аз пайи кадом касбу пеша, куҷо хонданӣ меравад ва ё хизмати аскарӣ. Аз

ҳамсинфон чанд нафар озими донишгоҳу донишкадаҳои Самарқанд шуда, Пайвандро низ ташвиқ ба ҳамроҳӣ доштанд, лекин ӯ аз раъяш гаштанӣ набуд, мегуфт журналист шуданӣ асту Душанбе меравад. Падари хаткашон аз азми писар кайҳо огоҳ буд, дар дил таҳсинаш мехонд, ки писар дар қавлаш устувор аст. Ӯ аз номафиристониҳои писар унвони нашрияҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Пионери Тоҷикистон»-у «Машъал» огоҳ буду хабару мақолаҳои чопшудаи ӯро пештар аз дигарон мехонд. Ба ҳар ҳол, рӯзе пас аз шомхӯрӣ дар ҳалқаи фарзандон, барои озмуд буд магар, сӯйи Пайванд гуфт:

– Беҳтар намешавад, ки ҳамроҳи ҳамсинфон Самарқанд хонданӣ равӣ, мактабҳои олии он ҷо ҳам факултети забон ва адабиёти тоҷик доранд, роҳаш ҳам наздиктар аст. Самарқанд маркази фарҳангӣ аст, навис-нависро дар он ҷо ҳам ёд мегирӣ, баъди донишгоҳ метавонӣ ба Тошканд равӣ, ба «Ҳақиқати Ӯзбекистон», назди Ҷонибек. Ҷонибек дар ҳар дидор такрор мекунад, ки «аз Улашбой умеди зиёд дорем, қаламкаши хуб мешавад».

– Дуруст мегӯед, додо, лекин ҳоло Душанбе пойтахти илму маърифати тоҷик аст, дар он ҷо таҳсили касбу илм кардан беҳтар нест магар? – ба саволи падар саволомез гуфт Пайванд. – Дигар, ваъдаи ба ҷӯраҳои душанбегӣ додаатонро фаромӯш кардед магар?

Амаки Гулмурод лабханде карду сар ҷунбонд:

– Ҳа, ҳа, албатта.

Модар ва додару хоҳарон ба маънои ин муколама дуруст сарфаҳм нарафтанд, вале падарро ваъдаи 13-14 сол пештар ба «ҷӯраҳои душанбегӣ» додааш ба ёд омад.

Охирҳои солҳои 50-ум муҳаққиқони фолклоршинос Баҳром Шермуҳаммад, Рӯзӣ Аҳмад, Фарруха Зеҳниева, Маҳвашхон Ҳодизода аз Душанбе ба деҳоти тоҷикнишини Форишу Нурато омада, тӯли чанд моҳ аз мӯйсафедон намунаҳои эҷодиёти даҳонии мардумро ҷамъоварӣ карданд. Азбаски Ӯхм дар миёнароҳи рустоҳои тоҷикнишин мавқеъ гирифтааст, амаки Гулмурод ба хотири осонии рафтуомад ва бароҳатии будубош меҳмонхона ва як хонаи ҳавлии дарунро ба ихтиёри ҳайати фолклоршиносон вогузошт ва додару ҷиянҳояшро, ки дар ҳамсоягӣ мезистанд, мувazzaф сохт, то ба навбат аз ҳолу аҳволи меҳмонон хабар гиранд, зарур ояд, улов барояшон пайдо кунанду онҳоро ҳамроҳӣ намоянд.

Амаки Гулмурод фурсат ёфта, аксаран шомгоҳон, аз таассуроти меҳмонон мепурсид, ба пурсишҳои пайдошудаи муҳаққиқон посух

медод, худ донандаи хуби таъриху фарҳанги диёр ки буд, қиссаву ривоят, байту ҳикматҳои ҷолиб мегуфту нақл мекард. Пайванди хурдсол рӯйи зонуи падар, гӯш ба суҳбати омехта бо байту суруди калонсолон медод, мазмуни суҳбатро бо фаҳми кӯдаконаи худ қабул мекард ва он замон як пора гуфтумони меҳмонон дар ёдаш нақш баста буд.

– Ако, худатон ин қадар тоҷикпарасту номи писарро ғайритоҷикӣ мондаед-дия, – ба номи Улашбой ишора намуда, хушгӯйӣ кард Баҳроми Шермуҳаммад.

– Ҳа, аввалписар ки буд, бибию холаҳояш бо нияти боз писар таваллуд ёфтан гузоштанд номи ӯро, вале баҳс накардам, Худо хоҳад, калон шавад, худаш ислоҳ мекунад-дия, – ором ҷавоб дод падар.

– Илоҳо, ҳамин тавр шавад, лекин мактабро тамом кунад, писарро ба Душанбе хонданӣ мебаред, бо ҳамин баҳона аз намаки мо ҳам мечашед.

– Саломат бошед, мактабро нағз хонад, бачаи хуб шавад, албатта, мебарем, бо шумоён робитаро канданӣ нестем.

Амаки Гулмурод марди соҳиблафз буд, дар ҳақиқат, то дами вопасини умр аз «ҷӯраҳои душанбегиаш» алоқаро наканд, дар арафаи ҳар иду айём тавассути мактубу телефон ҳолу аҳвол мепурсиду табрику таҳният арз медошт. Дар воқеъ, Баҳроми Шермуҳаммад низ дар рафти сафару дидорбиниҳо ба Самарқанду атрофи он, сари роҳ ба дидори амаки Гулмурод мешитофт.

Амаки Гулмурод ниҳоят, тобистони соли 1973 номаи камол ва дигар ҳуҷҷатҳои Улашбойро ҷузвбандӣ карда, ҳамроҳи писар ба Душанбе омад. Ҳафтае, ба гуфти худаш, «пойтахтро тамошо карда, армон шикаста», аз дидори «ҷӯраҳои душанбегиаш» баҳраманд гардида, ба писари довталаби донишҷӯяш дар кӯчаи Чехов иҷорахонае ёфтаву дуои кушоиши кор дода, ба деҳа баргашт.

Дар азми худҷӯйиву худшиносӣ Пайванд чор имтиҳони дохилшавиро бо баҳои «4» супорида, ба сафи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) пайваст. Ин гӯё як сатри хушк аз ҳолномаи ӯст, вале дар асл, моломоли ташвишу ҳаяҷон, умедвориву дудилагиҳоест, ки даҳ соли пурорзуи мактабиро бо марҳилаи бачагию наврасӣ гӯё ҷамъбаст карда, ба марҳилаи нави умри одамӣ – навҷавониву ҷавонӣ навбат медиҳад.

«Писари амаки Гулмурод ба Университети давлатии Тоҷикистон дохил шудааст». Ин гап он шабонарӯз гӯё сархатти хабару навигариҳои

деҳоти атрофи Ӯхм буд, ки дар ҷамъомаду маъракаҳои хурду калон садо медод. Дану ҳамсинфам Тӯймурод Ибодов (равонаш шод бод!) низ дар қатори чанд тан аз муаллимони мактабамон, ба табрики Пайванд, ки як синф пеш аз мо мехонд ва «аввалин донишҷӯйи Душанбе аз ҳамсоядеҳа» гардид, рафта будем. Лек он эҳсоси воқеии фараҳмандиву ифтихори Пайвандро пас аз ду соли дигар, бо дохилшавӣ ба факултети филологияи тоҷики УДТ дар ҷисму ҷони худ санҷидам. Ҳамакнун мо ду тан аз хатмкардагони мактабҳои тоҷикии ду деҳаи дурдасти кӯҳистони Фориш ҳамфакултет шудему дар баробари часпу талоши илму маърифатомӯзӣ, масъулияти дигареро низ ба унвони «роҳкушоёни макотиби олии Душанбе», ихтиёран ба дӯш гирифтем. Дар омади гап, бояд гуфт, ки то ба ҳамин 15-16 соли охир аз хатмкардагони мактабҳои деҳаҳои зодгоҳамон ҳудуди 12-15 нафарӣ таълиму тарбияи муассисоти таҳсилоти олии шаҳри Душанберо гирифта, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳияву вилоят кору фаъолият доранд.

Дар соли аввали таҳсил мо як гурӯҳ навдонишҷӯён Пайванд ва чанд тан аз ёрони ӯро ба сифати донишҷӯёни серҳаракати ташаббускор, собитқадаму толибилм шинохтаву ба онҳо пайравӣ мекардем. Гӯё инро пай бурда бошанд, яке аз рӯзҳои охири сентябр Пайванд ва ҳамдарсонаш Олимҷон Салимзода, Отамуроди Бекмурод, Бобоҷон Икромов ва Обидҷон Шукурзода, ки ангуштнамои факултет буданд, мани шарикдарсони ҳамнишинам Назар Одинаев, Латиф Ҳадяев, Абдуманнон Маллаев ва Умариддин Холовро дар чойхонаи бозори «Шоҳмансур» меҳмондорӣ карда, ба қавлашон, дарси кушоди «рафтору гуфтор, муошırату муносибати донишҷӯйӣ» гузаштанд. Хулосаи суҳбати кушодашон ин буд, ки мо айёми донишҷӯйиро бо ҳадафу мақсади муайян гузаронем ва худро аз тадобиру чорабиниҳои сиёсию фарҳангии факултету донишгоҳ канор накашем.

Мо то донишгоҳро хатм кардани онҳо то куҷо пайравашон шудем, қазоват аз дигарҳост, вале охирҳои моҳи апрели соли 1980, Пайванди аспирант ва мани донишҷӯйи соли охир, ҳамчун ғолибони конфронси илмии апрелии донишгоҳ, ба конфронси умумииттифоқии илмии аспирантон ва донишҷӯён ба шаҳри Киев роҳхат гирифтем ва бо пофишориҳои устоди равоншод Воҳид Асрорӣ сафари хидматии панҷрӯза насибамон гардид. Баъди бозгашт аз сафар Пайванд дар ҳузури Олимҷону Отамурод, ки дар редаксияҳои «Тоҷикистони Советӣ» ва «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекарданд, аз таассуроти

сафар нақл кардаву бо ишора ба банда, бо оҳанги виқору қаноатмандӣ гуфт: «Дар панҷумкурсиаш Киевро тасхир кард, насиҳатҳои мо барҳадар нарафта будааст».

Ростӣ, ҳамон вақт напурсидам, ки «мо-ку дар донишҷӯйӣ кӯшидем пайрави шумо бошем, оё шумо низ ба касоне пайравӣ доштед?». Шояд ҳоҷат ба пурсидан ҳам набуд, чун афкору андешаи ӯву ёронаш солҳои донишҷӯйӣ дар рафтору амалашон тавассути саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ, радиову телевизион худ аз пайравӣ ба устодони пиру ҷавон Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табаров, Додоҷон Тоҷиев, Мукаррама Қосимова, Султон Воҳидов, Абдусаттор Нуралиев, Иброҳим Усмонов бозгӯйӣ мекард.

Худи Пайванд тамоми умр аз сабақҳои илмию таълимӣ, накукорию накурафтории ин устодон ҳамеша мегуфту менавишт.

Солҳои баъд бо зумрае аз шарикдарсони Пайванд ба шарофати ҳамкору ҳамкасбӣ, ҳамнишину ҳамсафар шудаву риштаҳои рафоқат бастаем, вале ҳамоно хубгӯйиву самимигӯйиҳои Пайванд дар ҳаққи шарикдарсонаш, ба мисли «Сафари Абдулло аз ҳама сермутолиа буду ҳаст», «Олимҷон қаламкаши ҷиддинавис аст», «Отамурод марди хушилҳому хушкорест», «Бобоҷон табиатан барои телевизион офарида шуда», «Обидҷон орифи замонавист», «Қиёмиддини Саттор кошифи шахсиятҳои таърихист»…, баҳри шинохти ёрони айёми донишҷӯйӣ калиди муаррифист.

Аз шинохти имрӯзаи Пайванди Гулмуродзода метавон хулосаи дигаре ҳосил намуд, ки донишгоҳ ба ӯ на танҳо маълумоти олӣ, роҳхат ба фаъолияти касбӣ дод, балки эҳсоси фардии худҷӯйиву худшиносии донишҷӯйи ташнакомро то ба Шахсияти худшиносу Худошиносу миллатшинос тарбия намуд. Ин тарбия дар марҳилаҳои навбатии илмомӯзию пажӯҳандагии ӯ бо гомҳову ибтикороти ибратангезаш аз худ дарак дод. Ӯ бо мададу дастгирии устодон аввал дар Душанбе, сипас дар Маскав таҳсили аспирантӣ дошт ва дар раванди пажӯҳиши илмӣ, ки соли 1989 бо дифои рисолаи номзадии «Ташаккули публитсистикаи шӯравии тоҷик» анҷомид, самти ковишу пажӯҳиши илмию тадқиқотиро ба сарчашмаи падидаи миллатсозӣ – ҷараёни маорифпарварӣ мушаххас намуд.

Дар солҳои таҳсили аспирантура Пайванд бо истифода аз имконоти фароҳамовардаи даврони бозсозии горбачёвӣ, ки демократисозии давлату ҷомеаро ҳадаф дошт, талоши чандинсолааш дар мавриди тағйири ному насаб ба равиши миллиро амалӣ намуд.

Ниҳоят, тобистони соли 1989, дар таътили тобистонаи пеш аз ҳимояи рисола, дар шуъбаи сабти санадҳои шаҳрвандии зодгоҳаш шаҳодатномаи табдили ному насаби Улашбой Гулмуродовро ба Гулмуродзода Пайванди Гулмурод ба даст овард.

## Дар ҳалқаи устодон

Меҳру эҳтиром ва қадршиносиву гиромидошти ёди устодон Воҳид Асрорӣ, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Баҳроми Шермуҳаммад ва Баҳром Фирӯз аз ҷониби Пайванди Гулмуродзода метавонад як намунаи олии муносибати устодиву шогирдӣ, робитаву қадршиносии самимонаи тарафайн ба мисли падари маънавию фарзанд буда бошад.

Аз ин хислати ибратбахши Пайванд низ на кам гуфтаанд, бинобар ин, дар мисоли муносибати шогирдии ӯ ба устод Асрорӣ бо чанд ишора иктифо намуданием.

Аслан, пас аз ду соли хатми донишгоҳ аз журналистикаи амалӣ ба таҳқиқоти касбӣ баргаштани Пайванди Гулмуродзодаро маслиҳату дархости боисрори профессор Воҳид Асрорӣ сабаб гардида буд ва маҳсули пажӯҳиши илмии аспирант Гулмуродзода доир ба масъалаҳои таърих ва ташаккули матбуоти шӯравии тоҷик, дифои рисолаи номзадӣ дар ҳузури донишмандони Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов гардид.

Роҳнамоии устод Асрорӣ Гулмуродзодаи муҳаққиқро ба дунёи пажӯҳишу тадриси журналистика ворид сохт ва устоду шогирд аввал дар шуъба ва минбаъд дар факултети таъсисёфтаи журналистикаи ДМТ паҳлуи ҳам буданд. Пас аз сари устод Асрорӣ Гулмуродзода буд, ки дар баробари мунтазам ба ҷо овардани суннатҳои миллию динии ёди устод Асрорӣ, дар факултет «Ганҷинаи профессор Асрорӣ»-ро таъсис дода, бо ризоияти завҷаву фарзандон китобхонаи шахсии устодро ба ихтиёри китобхонаи факултет вогузошт. Бо кӯшишу талошҳои Гулмуродзода ва ҳамкорони ҳамақидааш дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Ҷоизаи ба номи профессор Асрорӣ барои донишҷӯёни факултет ва шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ таъсис ёфта, ҳамасола ба ғолибони озмуни ҳамном тақдим мегардад. Талошу заҳматҳои Гулмуродзода буд, ки дастнависҳои устод Асрорӣ дар бораи моҳият ва нақши журналистика дар ҷомеа, роҳу усулҳои таълиму тарбияи кадрҳои журналист дар донишгоҳ,

аввал бо номи «Роҳнамо» ҳамчун дастури методӣ (соли 1997) ва пас аз чанд соли дигар бо иловаи хотироти ҳамкорону ҳамкасбон аз устоди равоншод, дар шакли маҷмӯае бо номи «Гуфтугӯ бо худ» (соли 2007) ба табъ расид. Баргузории конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии ихтисосӣ ба ифтихори зодрӯзи устод Асрорӣ дар ҳар панҷ сол, ки дар факултети журналистикаи ДМТ ҳукми анъанаро гирифтааст, маҳсули ташаббус ва талошу қадршиносии Пайванди Гулмуродзода буд.

Барҳақ гуфта шоир:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд…*

## «АЙНӢ ПЕШВОИ МАЪНАВИИ ТОҶИКОН АСТ»

***Дар суҳбати донишсолор Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, ки зодаи хокдону парвардаи мактаби устод Айнӣ аст****

**– Шумо, ки устод Айниро беҳтар мешиносед, суҳбатро аз баҳси сари соли таваллуди устод Айнӣ шурӯъ намудаием. Оё соли 1875 эълон намудани соли таваллуди эшон зарурат дорад?**

– Бояд бигӯям, ки худи устод Айнӣ медонистанд, ки таваллудашон 1875 аст, вале дар ин бора чизеننавиштаанд, балки бо сабти соли таваллуди 1878 ҳуҷҷатҳо хонапурӣ кардаанду шиноснома гирифтаанд. Пас, барои тағйир додан ё баҳс намудани соли таваллуди устод Айнӣ ҳоҷате нест. Чӣ хеле ки мегӯянд, дар ин бобат «ихтиёр дар дасти бахтиёр аст». Синни банда ҳам, масалан, аз ҳуҷҷатҳои расмӣ 3 сол зиёд аст.

**– Вақтҳои охир дар бораи Инқилоби октябрро бо чӣ рӯҳия пешвоз гирифтани устод Айнӣ ақидаҳои мухталиф пайдо шудааст. Аз асарҳои худи устод ва ҳамзамононаш хондаем, ки Айнӣ ҳамчун маорифпарвар, ҳатто зидди намоишҳои оммавии ислоҳотхоҳон будааст. Пас, чӣ шуд, ки устод Айнӣ ба Самарқанд омаданду ба маслаки сиёсӣ рӯ оварданд, инқилобро бисёр ситоиш карданд?**

– Домулло Айнӣ солҳои аввали фаъолияти маорифпарвариашон ба масоили сиёсӣ чандон таваҷҷуҳ надоштанд, фикру андешаи эшон ба чӣ роҳе ба саводомӯзию мактабхонӣ ҷалб намудани мардум, ба хусус

* Бо ҳаммуаллифии шодравон Пайванд Гулмуродзода. (Наврӯзи с. 2008)

ҷавонон, яъне ба таҳаввулоти афкор бештар банд будааст. Вале раванди ислоҳотхоҳии рӯшанфикрони Бухоро ва муносибати беэътиноёнаи аморат ба талабу дархости аҳли ҷомеа, ниҳоят, дар ин роҳ кушта шудани бародарашон Сироҷиддин ва гурӯҳе аз ҳаммаслаконашон, ба фикрам, дар андешаҳои Домулло Айнӣ тағйирот ба амал овард. Дар ҳамин ҳол низ, Домулло Айнӣ ба инқилобхоҳони Бухоро, масалан, бо сарварони Ҳизби ҷавонбухориён Ф. Хоҷаев, Ҳамдӣ, Мунзим, ки шиносоии хуб доштанд, наздикӣ наҷустанд, шояд бо сабаби ҳамақида набудан дар мавриди шеваҳои мубориза. Аз навиштаҳояшон, Домулло Айнӣ инқилоби февралу инқилоби октябрро нағз пешвоз гирифтанд, ҳол он ки на ҳамаи равшанфикрони Бухорову Самарқанд чунин ақида доштанд. Масалан, Беҳбудӣ инқилоби октябрро напазируфтааст.

Домулло Айнӣ баъд аз инқилоб дигар ба Бухоро барнагаштанд, дар Самарқанд бо корҳои мактабдорию маорифпарварӣ машғул шуданд, ягон мансаби расмӣ низ қабул накарданд, ғайр аз Абдулқодир Муҳиддинов дигар бо ягон нафаре аз сарварони ҳам инқилоби Бухоро ва ҳам ҳукумати нав, муносибати дӯстонаи наздик надоштанд.

**– Устод Айнӣ бо падари Абдулқодир Муҳиддинов – Мирзо Муҳиддин Мансурзода чӣ гуна муносибат доштанд?**

– Дар нисбати Мансурзода эҳтироми зиёд доштанд, Мансурзода низ Домуллоро ҳурмат мекард.

**– Пас чаро вақте Мирзомуҳиддин Мансурзода рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро таъсис дод, устод Айнӣ бо «Бухорои шариф» ҳамкорӣ накарданд?**

– Мансурзода ба Домулло Айнӣ ва ҳаммаслаконаш дар таъсиси макотиби нав ва баровардани хараҷоти мактабҳо бевосита ёрдам мекард. Лекин дар мавриди ҳамкориашон бо Мансурзода дар «Бухорои шариф» Домулло Айнӣ ишораи хаттӣ надоранд. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин ду сабаб дошта бошад. Аввал, шояд муассисону муҳаррирони «Бухорои шариф» барои кумак ё ҳамкорӣ муроҷиат накарда бошанд. Дигар, Домулло Айнӣ шахси бисёр эҳтиёткор буданд, ҳарчанд мактаби нав кушодану муаллимӣ кардан дар он шароит худ ҷасорат тақозо менамуд. Замона бисёр танг буд.

Агар таваҷҷуҳ дошта бошед, дар шеърҳои пеш аз инқилобии Айнии шоир танқиди иҷтимоӣ, ҳамон гунае, ки ҷанбаи танқидии эҷодиёти Аҳмади Дониш ё ин ки дигаронро ташкил менамояд, дида намешавад. Танқиди иҷтимоӣ дар ашъори Айнӣ асосан баъди ҳодисаҳои сахти ба сарашон омада, аз ҷумла, баъди кушта шудани бародар ва маҳбусии

худашон рӯй задааст.

**– Дар ин байн устод Айнӣ аз Бухоро ба Самарқанд кӯчида, аз дӯстонашон Мунзим, Ҳамдӣ, Меҳрӣ… дур афтода, ҳамроҳи кӣ буданд?**

– Домулло Айнӣ дар Самарқанд бо дӯстони самарқандӣ ҳамкорӣ доштанд. Масалан, бо Шакурии Самарқандӣ, ки аз асосгузорони мактаби нав буд, муаллимӣ карданд, дар рӯзномаю маҷаллаҳои давр – «Ҳуррият», «Шуълаи инқилоб» ва матбуоти ӯзбекӣ иштирок доштанд. Аз дӯстони ҳамнабарди пешазинқилоб, ки дар Бухоро буданд, на бо ҳамаашон муомилаю муносибати ҳасана доштанд.

Ба Домулло Айнӣ муносибати пурихтилофи сарварони маҳаллии ҳизби болшевикону ҳизби ҷавонбухориён маъқул набуд. Ҳатто, баъде, ки комиссиони махсус бо роҳбарии Куйбишев дар Тошканд болшевикону ҷавонбухориёнро оштӣ дод, Домулло Айнӣ ба самимияти «ҳамдигарфаҳмии» ҳизбиён чандон бовар накарда, «онҳо гургоштӣ шуданд», навиштанд.

**– То ҷое, ки огаҳӣ дорем, устод Айнӣ ба ягон ҷараёни сиёсӣ ҳамроҳ набуданд?**

– Домулло Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» менависанд, ки моҳи июни соли 20-ум, бо даъвати коммунистони Бухоро ба Тошканд рафтаанд ва муддати як моҳ шиору даъватнома, баёнияву дигар навиштаҷоти онҳоро таҳия намудаанд. Аз ин мебароянд, ки Домулло Айнӣ хоҳишу илтимоси дӯстону шиносҳои қаринро рад намекарданд, ҳарчанд ба ягон ҳизб ё ҳаракати сиёсӣ ҳамроҳ набуданд.

**– Устод Айнӣ то шумораи 23-юми ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб», ки бо маслиҳату машварати аҳли зиёи Самарқанд таъсис шуда буд, иштироки фаъол надоштанд, яъне ба ғайр аз шеъри «Самарқанду Бухоро» чизи дигар нанавиштаанд. Сабаби ин дар чӣ бошад?**

– Ба фикрам, дар ин ягон сабаби маслакие, ки гуфтаниед, набудагист. Боз ҳам шояд кумаки Домулло Айнӣ лозим нашудааст, пас, Домулло аз пеши худ ба ҳамкорӣ нашитофтанд. Дар шурӯи фаъолияти «Шуълаи инқилоб» кумаки Домулло Айнӣ зарур набудааст, вале дар «Ҳуррият», «Оина», «Самарқанд» шеърҳои зиёд ба табъ расонидаанд. Дуруст дарёфтед, ки фаъолияти рӯзноманигории Домулло Айнӣ аз шумораи 23-юми «Шуълаи инқилоб» оғоз меёбад ва новобаста аз напайвастан ба ҳаракати сиёсие, мақолаҳову нигоришоти сиёсии ҷиддӣ навиштанд. Барҳақ, бедории сиёсии Домулло Айнӣ дар ҳамон «Шуълаи инқилоб»

сар зад.

**– Баъд аз инқилоб устод Айнӣ дар Самарқанд мезистанд. Оё бо Бухоро робитаю рафтуомади мунтазам доштанд?**

– Албатта, рафту омади доимӣ набошад ҳам, робита доштанд. Бино ба маълумоти Тӯрақул Зеҳнӣ, барои навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» Домулло Айнӣ аз китобхонаи Садри Зиё 6 китоб гирифтаанд. Бори дигар барои навиштани мақола дар бораи Китобхонаи Садри Зиё ва аккосии он барои маҷаллае Домулло Айнӣ ва Тӯрақул Зеҳнӣ ҳамроҳи фотографе ба Бухоро омадаанд. Зимистон будааст (ба сурати нодире, ки охирҳои соли 1925 дар хонаи Садри Зиё аксбардорӣ шуда, дар девори хонааш овезон аст, ишора намуда), дар мобайн сандалӣ ҷойгир аст, гирдогирд рафҳои китоб. Мақола ба табъ расида бошад ё не, намедонам, лек ҳамин сурати ягона бо Қиблагоҳ ба ёдгор мондааст. Дар воқеъ, асли сурат дар дасти Камол Айнӣ аст, ки нусхабардорӣ кардам. Худораҳматӣ Муҳиддин Олимпур аз рӯйи он чанд нусха негатив сохта, ба ҳамин шакл чоп кард.

**– Шумо дар ин сурат чандсола ҳастед?**

– Ҳанӯз яксола ҳам набудам. Чун ман моҳи феврали соли 1925 таваллуд шудаам, ин ҳолат моҳи декабри соли 1925 аксбардорӣ шудааст.

– Баъди ба воя расидан, вохӯрии нахустинатонро бо устод Айнӣ ёд доред?

– Албатта. Дар як мақолача ҳам навишта будам, он вохӯрии фаромӯшношуданӣ аст. Дар Донишкадаи педагогии Душанбе таҳсил мекардем. Як рӯзи баҳор буд. Саидмурод ном додари Мирзо Турсунзода, ки бо мо мехонд (аз тақдири минбаъдааш огоҳ нестам), гуфт, ки Домулло Айнӣ омадаанд, дар дачаи ҳукуматӣ ҷойгир шудаанд, биёед, ба зиёраташ равем.

Дачаи ҳукуматӣ ҳамин бӯстонсарои имрӯзаи ҳукуматӣ буд, он вақт фақат ду бинои рӯбарӯйи якошёна ва миёни боғ фаввора дошт. Он солҳо меҳмонони олиқадр, ба мисли Брагинский, Павловский ҳангоми сафар ба Сталинобод дар ҳамин бӯстонсаро мезистанд.

Пас аз чанде баҳсу мунозира, ки оё ба назди Айнӣ барин шахси бузург рафтани мо, донишҷӯён, густохӣ намешавад, ману Саидмурод, се-чор шарикдарсон ва муаллими ҷавон Набиҷон Сатторӣ ба зиёрати Домулло рафтем.

**– Донишҷӯёни курсҳои гуногун будед?**

– Бале, аз курсҳои сеюму чорум. Моро ба як толори начандон калон

даровარданд, ки курсиҳо гузошта шудааст. Ман дар курсии аз ҳама охир нишастам. Домулло Айнӣ дар курсии рӯ ба рӯйи мо нишастанд. Чун фаҳмиданд, ки мо шогирдони Донишкадаи педагогием, як-як аз кадом шаҳру ноҳия ба таҳсил омаданамонро пурсиданд. Навбати шиносоӣ ба ман расид, гуфтам аз Бухоро ҳастам. Гуфтанд: «Э, аз кучои Бухоро?». Ҷавоб додам, ки аз гузари Чорхалоқсой. Пурсиданд: «Фарзанди кӣ ҳастӣ?». Гуфтам: «Фарзанди Садри Зиё». Ҳамон лаҳза чашмонашон гӯё барқ заду бисёр хурсанд шуданд. Пурсиданд: «Номат чӣ?». «Муҳаммадҷон». Суол карданд: «Муҳаммадҷон, падаратон чӣ хел вафот карданд?». «Гӯё ки намедониста бошанд, албатта медонанд, хабарашон будагист», – аз дил гузаронидам, вале инро вонамуд накарда, ҷавоб додам, ки соли 32 ҳабс шуданд, барои тилло, маъракаи аз халқ тилло ҷамъ кардани ҳукумат. Модарам баъд озод шуданд, лекин падарам дар ҳамон ҷо вафот карданд.

Домулло Айнӣ бодиққат гӯш карданду баъд гуфтанд, ки «Муҳаммадҷон, фаромӯш накунед, ки падаратон бо айби сиёсӣ нарафтаанд, ана ҳаминро фаромӯш накунед».

Он вақт албатта, сарфаҳм нарафтам, ки ин гап чӣ маънӣ дорад. Лекин баъдтар маълум шуд, ки падарам гуноҳи сиёсӣ надоштаанд, зидди давлати Шӯравӣ ягон кор накардаанд, фақат барои мусодираи тилловорӣ, яъне, сармояашон, ба ҳабс маҳкум гардидаанд. Инро баъд фаҳмидам, ман дар ягон ҳолат, ҳангоми дохилшавӣ ба комсомол, дигар маҳфилу маҷлисҳо, пинҳон накардаам, ки падарам дар зиндони Шӯравӣ вафот кардааст. Лекин ҳама вақт ҳамин гапи Домулло Айнӣ дар гӯшам садо медод.

Баъди ҷараёни ҳамон муколамаи мо дигар ҳамроҳон гӯё фаромӯш шуданд, Домулло фақат бо ман ҳамсуҳбат шуданд. Аз ину он хешу табори мо мепурсиданд, чун ман намешинохтам, худ нақл мекарданд, ки ин хел одам буду он хел кор мекард, бо фалонӣ он ҷо рафта будему фалонӣ ба шеъру шоирӣ ин хел муносибат дошт…

Хуллас, ҳамин хел хеле пурсиданд. Охир диданд, ки аз ман ҳеч гап намерӯяд, худашон ҳам монда шуданд. Афсӯс, ки он вақт магнитофон гуфтагӣ чиз набуд, аз саросемагӣ бо худ қаламу коғаз ҳам нагирифта будаем, ки он суҳбати муфассали Домулло Айниро сабт намоем.

**– Ба мулоқот ё суҳбати устод Айнӣ боз кай мушарраф гардидед?**

– Агар мулоқоти якумамон соли 1945 бошад, дидори навбатӣ бо Домулло Айнӣ соли 1948 ба вуқӯъ пайваст. Ба аспирантура дохил шуда будам, доир ба осори Саидаҳмадхоҷаи Аҷзӣ мавзӯи тадқиқоти илмӣ

интихоб намуда, бо ҳидояти роҳбари илмиам Холиқ Мирзозода озими Самарқанд шудам. Мирзозода маслиҳат доданд, ки дар Самарқанд шахсоне ҳастанд Аҷзиро хуб мешинохтанд, баъзеашон зинда, баъзеашон зиндон шудаанд, вале устод Айниро ҳатман бояд бубинам.

Пештар аз ин, ман ба Домуло Айнӣ як нома навишта, дар бораи Аҷзӣ баъзе чизҳоро пурсида будам. Он кас ба мактуби ман ҷавоб доданд, ҳамон номаи Домулло Айниро баъдтар дар китоб ҳам ба табъ расонидам. Ҳамту гирем, дар Самарқанд ба ҷуз Домулло Айнӣ касеро намешинохтам, бинобар ин, рост хонаашон рафтам. Ҳамон ҳавлие, ки ҳоло Хона-музейи Айнӣ аст. Дар мобайни хонаи калон, як мизи калон буд, паси ҳамон миз нишастем. Камолиддин – писарашон дар паҳлуям шишту чой дароз кард. Ҳамон вақт дидам, ки ҳангоми чой дароз кардан дасти Камолиддин андак меларзид. Баъд Домулло Айнӣ берун баромаданд. Чашмам ба доруҳои қатору шишапеч афтод, ки рӯйи ҳар кадом бо хати форсӣ чизе навишта. Яктоашро синча карда, «доруи нафас», «доруи нафаскашӣ» хондам. Яъне, Домулло касалии диққинафас доштаанд.

Баъд суҳбатамон асосан дар бораи Аҷзӣ шуд. Илова ба ҳамон номаашон, ҳеҷ чӣ иловагӣ гап назаданд, фақат гуфтанд, ки фалон ҷой, пеши фалон кас меравӣ. Як ҳамкорамон, ки худ зодаи Самарқанд буд, маро роҳбаладӣ мекард. Ӯ маро ба назди як нафар бурд, ки мувофиқи гуфтаи Домулло Айнӣ, дар бораи Аҷзӣ маълумоти зиёд дода метавонист. Вале саволҳои мо беҷавоб монд. Гапи он шахс фақат «ман намедонам», «дар ин бора чизе гуфтан наметавонам» буд. Баъд фаҳмидем, ки ӯ аз ҳабс нав озод шуда будааст, бо таъсири руҳияи ҳамон солҳо ба шахси барояш ношинос бо шубҳа нигоҳ мекардааст.

**– Устод Айнӣ ба мушкилоти мавзӯи кори илмии шумо мароқ зоҳир накарданд?**

– Дар ҳамон мактуби ёдрасшуда навишта будам, ки барои таҳқиқ ҳамин хел мавзӯъро интихоб намуданиям, оё дар «Ёддоштҳо» доир ба Аҷзӣ чизе менависед? Умуман, дар бораи Аҷзӣ чӣ фикр доред, ӯ аз адибони ҳамзамонаш бо кӣ, чӣ гуна муносибат дошт?

Домулло Айнӣ аз нақли каси дигар нақл карданд, ки Аҷзӣ дар зиндагӣ шахси фаъолу шоири нағз буд, лекин бо Беҳбудӣ муносибаташ чандон хуб набудааст. Он вақтҳо Беҳбудӣ бо тамғаи «душмани халқ» бадном гардида буд, шояд барои сафед кардани Аҷзӣ инро махсус таъкид карда бошанд. Вале ин гап ҳақиқат ҳам дорад. Зеро Аҷзӣ шахси ҳам бо хешону дӯстон, ҳам бо ҳамкасбонаш, сахтгап будааст. Шояд

ба ҳамин сабаб, Беҳбудӣ ҳам ки одами доно, кордону забондон буд, мағрурӣ низ доштааст, аз Аҷзӣ паст омадан нахостааст.

Домулло Айнӣ аз мавзӯи кори илмиам пурсида буданд. Ман дар мавридаш боз пурсидам, ки оё Аҷзӣ ба «Ёддоштҳо» дохил мешавад? Гуфтанд ҳанӯз намедонам, ба ҳамон давра, ки омадам, шояд ба ягон муносибат чизе қайд намоям, лекин махсус дар бораи вай ҳеҷ чӣ наменависам.

**– Устод Айнӣ бо Аҷзӣ шиносоии наздик доштанд?**

– Аз рӯйи оҳанги гапҳояш шиносоии он қадар наздик надоштаанд.

**– Дар мавриди тақдири минбаъдаи ҳуҷраи барои устод Айнӣ харидаи Садри Зиё – падаратон, ки гӯё дар даврони Шӯравӣ вайрон карданӣ шудаанду баъди мактуб навиштани шумо нигоҳ доштаанд, метавонед равшанӣ андозед?**

– Домулло Айнӣ дар ошёнаи дуюми мадрасаи Кӯкалтош як ҳуҷра доштаанд, вале ориятӣ. Баъде, ки аз он ҷо Домуллоро пеш мекунанд, чанд вақт бехонаву беҷо мемонанд. Он вақт падарам дар Қаршӣ қозӣ будаанд, ҳамон ҷо мефаҳманд, ки Айнӣ дар кӯча мондааст, аз ҳамон Кӯкалтош як ҳуҷра харида медиҳанд. Домулло Айнӣ аз ҳамон вақт – соли 1917, яъне, аз зиндонӣ шудану 75 даррачӯб хӯрдан, дар ҳамон ҳуҷра будубош доштаанд.

Ҳар дафъа Бухоро рафта медидем, ки дари ҳамон ҳуҷра доим бо қуфл баста аст. Боре ҳангоми сафари Бухоро, хостам ҳуҷраи Домулло Айниро даромада бинем. Раҳимҷон (профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Р. Воҳидов), ки моро роҳбаладӣ мекард, ҳар бор иҷрои хоҳиши моро ба рӯзи дигар мегузошт. Рӯзи сеюм ноилоҷ моро сӯйи ҳуҷрае, ки директори музей менишастааст, роҳбаладӣ намуд. Баъди шиносонидани мо ба директори музей, гуфт, ки ин кас ҷойгиршавии ҳуҷраи Домулло Айниро аниқ медонанд. Ман гуфтам ҳамон, вай гуфт, ки не, ана ҳо, дар ошёнаи дуюм. Китоби «Ёддоштҳо»-ро, ки дасташ буд, кушода, саҳифаҳои ба тасвири ҳуҷраҳои мадрасаи Кӯкалтош бахшидаашро қироат намудем. Баъд гуфтем, ки «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ва ҷилди якуми Куллиёти Домулло Айниро низ як назар кунем. «Лозим не, шарт не, ин кас фаҳмиданд», – безобита* шуд Раҳимҷон.

Баъд фаҳмам, ҳуҷраи аслии Домулло Айниро канда…, ташноб сохтаанд, бинобар ин, Раҳимҷон ин қадар кӯшиш доштааст, ки меҳмонони душанбегӣ нафаҳманд, ин аҳволро набинанд…

* **Безобита** – баташвишафтода, бесаранҷом

Ҳангоми дафъаи дигар ба Бухоро рафтанамон, дидем, ки ҳамаро тоза карда, баъзе чизҳои ҳуҷраи Домулло Айниро, ба мисли офтобаву коса, чойнику пиёла, ёфта мондаанд. Ҳамон ҳуҷраи Домулло Айнӣ чун музей, ба фикрам, ҳоло ҳам ҳаст. Дар паҳлуяш як ҳуҷраи дигар, ҳуҷраи Икромӣ буд, баъди вафоти Икромӣ чӣ ҳол дошта бошад, намедонам.

**– Чӣ хел, ҳуҷраи Ҷалол Икромӣ дар он ҷо?**

– Баъд аз инқилоб мадрасаи Кӯкалтош як гуна мактаби ҳунаромӯзӣ шуда будааст, ба мисли омӯзишгоҳ. Ҷалол Икромӣ чанд вақт дар Бухоро таҳсил ва дар яке аз ҳамон ҳуҷраҳо чун донишҷӯ зиндагӣ кардаанд.

**– Оё он ҳуҷраҳо навиштаҷоти унвонӣ доранд?**

– Ҳамааш не, дар ҳуҷраи Домулло Айнӣ ҳасту дар дигарҳояш не. Вале дар ҳамон музей суратҳову акси Садри Зиё ҳаст. Дар бораи Домулло Айнӣ, дар бораи таърихи мадраса навиштаҷоту аксҳо ҳастанд.

**– Вале оё шарҳи чӣ тавр соҳиби ҳуҷра гардидани устод Айнӣ дар он навиштаҷот ҳаст?**

– Не, ин гапҳо нест, танҳо навиштаанд, ки Садриддин Айнӣ аз фалон сол то фалон сол дар ин ҷо таҳсил дошт.

**– Баъде, ки устод Айнӣ аз Самарқанд ба Душанбе омаданд, оё шуморо суроғ кардаанд?**

– Ҳа, як бор худашон ҷеғ заданд маро.

**– Ин мулоқотатон бо устод Айнӣ кадом сол буд?**

– Соли 1946 рисолаи Домулло Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар якчанд шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расид. Вале аз байн қариб ду сол гузашту ҳеч не ки ба шакли китоб чоп шавад.

Тахминан тирамоҳи соли 1951 – 1952 буд. Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор мекардем. Аз ҷониби маъмурият эълон карданд, ки китоби ба чоп омодаи Домулло Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» муҳокима мешавад ва мо, кормандони Институт, мусаввадаи онро бояд хонем, то ки дар маҷлис фикру мулоҳизаҳоямонро баён дорем.

Мулоҷонови Шаҳристонӣ (падари Масъуд Муллоҷонов), ки аз идораи Главлит ба нафақа баромада, ба Институти забон ва адабиёт ба кор омада буд, ба дастнависи китоби мазкури Айнӣ тақризи манфӣ навишта будааст, бинобар ин, моро бисёр ташвиқ мекард, ки дар рӯзи муҳокимаи китоби Айнӣ камбудиҳои онро бигӯем. Муллоҷонов ба мо мегуфт, ки шумо, ҷавонҳо марксизмро медонед, реализми сотсиалистиро мефаҳмед, ин муйсафедони мо гапҳои замони навро дуруст сарфаҳм намераванд, масалан, ҳамин китоби Айнӣ дар фалон

саҳифааш гапи нодуруст дорад, дар фалон саҳифааш ғалат рафтагӣ.

Баъди чунин суханони Шаҳристонӣ, ки дар як утоқи корӣ менишастем, мо ҷавононро таърифу мӯйсафедонро танқид кардани ӯ моро шердил сохт, ё кунҷковии ҷавонӣ боло гирифт, ҳаройина, бо қасди камбудӣ ёфтан, ба мутолиаи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» пардохтем.

Дар муқаддимаи ин китоби Домулло Айнӣ дар бораи Ҳиндустон ҳамчун ватани афсонаҳои Шарқ, сарзамини парвардаи намояндагони бузурги адабу фарҳанги дунё сухан меравад. Ман «камбудӣ ёфта», дар рӯзи муҳокима гуфтам, ки Домулло Айнӣ Ҳиндустонро ватани афсонаҳо номидаанд, ҳол он ки Ҳиндустон кишвари озоду мустақил шуд, акнун Ҳиндустон фақат ватани афсонаҳо нест.

**– Дар маҷлис китоби устод Айниро танқид кардед?**

– Ҳа-дия. Домулло Айнӣ дар Сталинобод буданд, вале ба маҷлис наомаданд. Дар маҷлис Абдусалом Деҳотӣ, ки муҳаррири ҳамон китоб буданд, маъруза хонданд. Хуллас, он рӯз Деҳотӣ китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро бисёр таъриф карданд. Дар қатори бисёриҳо, ки аксаран китобро ҳамчун як асари арзишманд баҳо доданд, банда ҳам чанд сухан гуфтам, ба маъное, ки замона дигар шудаасту устод Айнӣ ҳануз аз Ҳиндустон фақат афсона мекобанд.

**– Ба ин эроди шумо Абдусалом Деҳотӣ чӣ вокуниш доштанд?**

– Аз сухани ҷамъбастии Деҳотӣ фаҳмидам, ки ин гап ба Деҳотӣ маъқул нашудааст. Ҳангоми ҷамъбасти маҷлис, ки барои чопи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» қарор шуд, ҳамчунин фаҳмидем, ки Шаҳристонӣ тақризи манфие навишта, муқобили чопи китоб будааст.

**– Баъд китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» чоп шуд?**

– Албатта, эроду хурдагириҳои тақризро як-як дар ҳамон маҷлис рад карданд. Бо қарори ҳамон маҷлис китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-и Домулло Айнӣ бо тиражи калон ба чоп расид. Лекин афсӯс, ки шояд бо сабаби эроди камина, сарсухани ин китоб партофта шудааст. Сарсухан бисёр муҳим буд, банда бисёр афсӯс мехӯрам, ки ба сабаби эроди ман ин сарсухан дар китоб чоп нашуд (аммо дар маҷаллаи «Шарқи сурх», соли 1946 чоп шуда буд).

**– Пас аз танқидатон устод Айниро надидед?**

– Э, танқиди чӣ? Он вақт мо бача будаем, одамҳоро намефаҳмидаем… Баъди чанд рӯзи ҳамон маҷлис Холида Айнӣ, ки дар Институт ҳамкор будем, ба ман гуфтанд, ки «Домулло мехоҳанд шуморо бинанд».

Бо худ гуфтам, бисёр хуб шуд, ки худи Домулло даъват мекунанд,

зеро ба чанд савол мехостам аз Домулло Айнӣ ҷавоб пайдо намоям. Аз тарафи дигар, дилам хиҷил буд, ки ҳамон гапҳои маҷлис то Домулло расида бошад, чӣ мегӯянд?

Хуб, дар вақти таъйин намудаашон, қаламу дафтарамро гирифта, ба ҳузури Домулло Айнӣ рафтам. Домулло дар паси мизи барқади миёни хона, рӯйи диван дароз кашида буданд. Нимхез шуда гуфтанд, ки «нотоб ҳастам, мебахшед, аз ҷой намехезам» ва баъди аҳволпурсӣ ба курсии рӯ ба рӯ ишора намуданд. Дар курсӣ нишаста, дафтарамро кушодаму суолҳоямро додан гирифтам, Домулло ба суолҳо бисёр батафсил ҷавоб доданд. Гарчанд дафтар дар пешам буд, аз тарси он ки суҳбати Домулло халал наёбад, ба навиштан ҷуръат накардам, гӯшу ҳуш шуда нишастам.

Баъд пурсиданд, ки ҷавоби ин суолҳо ба Шумо чӣ даркор? Ман гуфтам, ки барои кори илмие, ки аз пасаш ҳастам. «Дар чӣ мавзӯъ кор карда истодаед?» – боз пурсиданд. Номи мавзӯъро гуфтам. Гуфтанд, ки ҳа, ҳа, нағз, вале мавзӯи хурд аст ин, худро бо мавзӯъҳои хурд овора накунед, мавзӯъҳои калони ҷиддӣ гирифтан даркор, ҷиддӣ шишта кор кардан даркор, масъалаҳои калонро ҳал кардан даркор.

**– Устод Айнӣ аз танқиди шумо гила накарданд?**

– Рӯйирост гила накарданд. Аз ину он пурсиданду дар поёни суҳбат гуфтанд, ки «фақат*, бо асобағал гаштанро ёд нагиред». Он лаҳза, албатта, сарфаҳм нарафтам, ки ин гап чӣ маъно дорад. Баъдтар фаҳмидам, ки ҳикмати ин сухан ба гапи ҳар кас даромада, фаҳмидаю нофаҳмида, ба ҳар кор даст назаданро доштааст.

**– Дар мавриди як масъалаи дигар низ андешаи шуморо фаҳмиданӣ будем. Чаро устод Айнӣ дар нисбати забони модариамон ду истилоҳ – «забони форсӣ» ва «забони тоҷикӣ»-ро истифода бурдаанд?**

– Албатта, то оғози солҳои 20-ум истилоҳи «адаби форсӣ», «забони форсӣ» маъмул буд. Бинобар ин, Домулло Айнӣ ҳам дар навиштаҳояшон ин истилоҳҳоро истифода мебурданд. Баъде ки Ҳукумати Шӯро барқарор шуд, барои халқҳои Осиёи Миёна масъалаи тақсими ҳудуди миллӣ пеш омад ва пантуркистон соҳиби ҳудуди худ ва давлати худ гардидани тоҷиконро намехостанд. Даъвои онҳо ин буд, ки аз Рӯдакӣ то имрӯз, пештар дар ин ҷо забони форсӣ буд, ин моли эрониён аст, тоҷикон ба ин ҳақ надоранд, тоҷикон ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадраса забони худро гум кардаанд.

---

* **Фақат** – танҳо, дар ҳар сурат

Домулло Айнӣ вақте ба таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохтанд, бинобар зарурати сиёсии масъала, дидаву диниста, истилоҳи «забони тоҷикӣ»-ро истифода бурданд, ҳарчанд чун донандаи закии забону адаб медонистанд ва то ҳамин солҳо «забони форсӣ» мегуфтанду менавиштанд. Ҳамчунин, ба тазкира танҳо адибони Мовароуннаҳрро дохил намуданд. Домулло Айнӣ бо ин таъкид намуданӣ буданд, ки тоҷикон мардуми бумии ин сарзамин ва соҳиби забону адабиёти худ ҳастанд.

Яъне, дар нисбати забони модарӣ истилоҳи «забони тоҷикӣ»-ро таъкидан истифода бурдани Домулло Айнӣ сирф* ғарази сиёсӣ дошт.

**– Дар рӯзҳои вопасини умри устод Айнӣ, ки бемор буданд, дидор надоштед?**

– Рӯзҳои охирини ҳаёти Домулло Айнӣ, ки дарҳақиқат, бемори вазнин буданд, ростӣ, ба аёдаташон нарафтаам, намехостем, ки эшонро ташвиш диҳем.

**– Оё устод Айнӣ васият накардаанд, ки эшонро дар зодгоҳашон ба хок супоранд?**

– Дар бораи васияташон аз Камолиддин (Камол Айнӣ, писари устод Айнӣ – П.Г., Қ.Ш.) пурсидан даркор. Соли 1949 Домулло Айнӣ сафари Бухоро пеш гирифта буданд. Дар ин сафар Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Борис Кимёгаров ва чанд нафари дигар ҳамроҳи Домулло Айнӣ буданд. Сотим Улуғзода дар очерки сафарномаи худ ҳикоя мекунад, ки устод Айнӣ чун ба Ғиждувон, ба деҳаи худ деҳаи Соктаре омаданд, манзараҳои зебои он ҷоро аз назар гузаронида, бо нимовоз гуфтанд, ки «кас хок шавад, дар ин гуна ҷойҳо хок шавад». Ин сухани устод, албатта, васият набуд, лекин ба ҳар ҳол, хоҳиши хок шудан дар зодгоҳи худро дар дил доштаанд. Вале дар Боғи марказии пойтахти Тоҷикистон, ки он солҳо Сталинобод мегуфтанд, ба хок мондан ва минбаъд ба мақбараи алоҳидае дар Боғи имрӯзаи Айнӣ интиқол додани ҷасади Домулло Айнӣ ташаббуси Бобоҷон Ғафуров буд. Аслан Домулло Айниро аз Самарқанд ба Душанбе, ба сифати президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон овардан ҳам кори Бобоҷон Ғафуров буд. Домулло Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба ҳамдигар чунон ҳурмату эҳтиром доштаанд, ки яке гапи дигарро намегардонидаанд.

**– Қабри устод Айниро чӣ хел интиқол доданд?**

– Домулло Айнӣ 16-уми июли соли 1954, дар як гӯшаи Боғи марказии пойтахт, ки «Қабристони қаҳрамонон» мегуфтанд, дафн шуданд. Ҷойи

* **Сирф** – холис, соф

ин қабристон ҳоло ба маҷмааи Боғи Рӯдакӣ дохил шудааст.

Тибқи қарори ҳукумати ҷумҳурӣ, маросими ба Боғи ҳозираи Айнӣ интиқол додани ҷасади Айнӣ 3-юми октябри соли 1960 баргузор гардид. Фарзандону хешу табори Домулло Айниро даъват карданд, ёдам ҳаст, ки Камолиддин ҳузур надошт, дар сафари хидматӣ буд, ду духтари Домулло Айнӣ буданд. Намояндагони расмӣ, котибони обкому райком, раиси шаҳр, роҳбарони Академияи илмҳо омаданд. Маросим шабона, баъди соатҳои 12, бо камодам шудани кӯчаҳову рафтуомади мошинҳо шурӯъ гардид.

Маро вазифадор карданд, ки протоколро нависам. Боғ чароғон буд. Қабрро кушода, тобутро бароварданд. Ҷасади Домулло Айнӣ то сари сина аз шишаи тобут метофт. Дар сар тоқӣ, дар тан кител, гӯё ки Домулло Айнӣ зинда бошанд. Доктор Мансуров, ҳамин Ҳомид Мансуров, барои якчанд сол балзам кардагӣ будаанд. Ҳамон ҷо фаҳмидем, ки Мансуров майнаи Домулло Айниро низ баркашида будааст, гуфтанд, ки аз майнаи Ленин вазнинтар аст. Лекин баъд бо расидани ҳаво, шишаи тобут арақ карду дида натавонистем. Акт тартиб дода, ба даруни як лӯлаи филизӣ гузоштанд. Баъд Вадуд Маҳмудӣ омаданду гуфтанд, ки як шеър навистам, таърихи вафоту таърихи ана ҳамин воқеаро. Он шеърро ҳам ба даруни лӯлаи филизӣ монданд.

Сипас тобути Домулло Айниро ба Боғи имрӯзаи Айнӣ бурда, зери мақбара, ки ҷойи калон будааст, гузоштанд. Лӯлаи филизиро низ дар паҳлуи тобут ҷой доданд. То қарибиҳои саҳар дар ҳамон ҷо будем.

Камолиддин ки набуданд, хоҳиш намуданд, интиқоли қабри Домулло Айниро батафсил нависам. Ман ҳамон вақт, ки ҳануз таассурот тоза буд, тафсилоти воқеаро навишта, баъд ба Камолиддин дода будам.

**– Дар маросими интиқоли қабри устод Айнӣ аз роҳбарони ҷумҳурӣ киҳо буданд?**

– Котиби Сека (ЦК – центральный комитет) албатта, будагист, калоншавандаҳои бисёр буданд, ман он вақт калонҳоро намешинохтам.

**– Дар кадом ҷашнатон Камолиддин Айнӣ ба шумо ҷома пӯшонданд ва шӯхиомез гуфтанд, ки ҷомаи қарзро бармегардонам. Ин ишора ба ҳамон ҷомае буд, ки дар вақташ падаратон ба устод Айнӣ дода буданд?**

– Ҳамун-дия. Лекин Домулло Айнӣ ҷомаи туҳфакардаи Садри Зиёро азиз медонистанд. Ҳар баҳор он ҷомаро аз сандуқ бароварда, офтоб медодаанду боз ба таги сандуқ мегузоштаанд. Камолиддин

Айнӣ ба ман гуфта буданд, ки дар солҳои душворӣ устод Айнӣ маҷбур шуда буданд баъзе чизҳоро аз хона бароварда фурӯшанд, аммо ҳар бор таъкид мекардаанд, ки он ҷома тасодуфан ба бозор наравад. Домулло Айнӣ он ҷомаро хеле азиз медонистанд. Ҳангоми кушода шудани музейи Домулло Айнӣ он ҷома чун нигораи таърихӣ овезон буд, ҳоло намедонам, дар чӣ ҳол бошад...

**– Ба фикратон, аз устод Айнӣ ягон чизи чоп нашуда монда аст ё ҳама дастхатҳои устод чоп шуд?**

– Фикр мекунам, ки то имрӯз на ҳамаи дастхатҳои Домулло Айнӣ чоп шудаву ба хонандагон дастрас гардидааст. Барои мисол. Шунида будам, ки Домулло Айнӣ дар бораи Садри Зиё ба таври маълумотнома чанд саҳифа чизе навишта доранд. Аз музейи Айнӣ, пинҳонӣ аз Камолиддин, онро ба ман оварданд. Навишта ба забони ӯзбекӣ буд ва маълум мешавад, ки Домулло Айнӣ ҷавобан ба саволҳои идораи ягон нашрия, дар бораи Садри Зиёву падарашу худашу китобхонаашон, якта-якта сарлавҳача монда ҷавоб гуфтагӣ.

Онро тарҷума карда, дар ҳамон китоби «Садри Бухоро» чоп кардам. Лекин матни ӯзбекиаш, ба фикрам, чоп нашудааст. Чунин дастхатҳои Домулло Айнӣ ҳоло боз будагист.

Мисоли дигар. Домулло Айнӣ солҳои ҷанги Олмон мақолаи калоне ба мисли «Маънои калимаи тоҷик», барои Бобоҷон Ғафуров навиштаанд. Дар ин мақола фикру андешаҳои Домулло Айнӣ дар бораи таърихи халқи тоҷик ва муҳимтарин рӯйдодҳои он баён шуда буд. Ин мақолаи Домулло Айнӣ ҳанӯз чоп нашудааст. Чун Бобоҷон Ғафуров соли 1947 «Мухтасари таърихи халқи тоҷик» ном китобе чоп кард, Домулло Айнӣ тақриз навиштанд. Тахмин меравад, ки Домулло Айнӣ консепсияи таърихи иҷтимоии халқи тоҷикро дар он баён карда бошанд.

Банда навиштаам, ки консепсияи таърихи фарҳанги тоҷикро Айнӣ ба вуҷуд оварда бошад, назарияи таърихи иҷтимоиро Бобоҷон Ғафуров ба вуҷуд овард. Лекин дар он навиштаи Домулло Айнӣ гӯё ки асосҳои консепсияи таърихи иҷтимоӣ низ ҳаст. Ҳамон чизро ман аз Камолиддин пурсида будам, гуфт, ки ҳа, ҳаст. Ман гуфтам, ки агар бошад, чаро хоб кардааст, онро тайёр намуда, чоп кардан даркор. Лекин ҳанӯз натиҷа нест.

**– Омӯзиш ва интишори дастхатҳои устод Айнӣ танҳо ба писарашон – Камолиддин Айнӣ вобаста аст?**

– Бойгонии шахсии Домулло Айнӣ дар дасти Камолиддин аст.

Эшон, мутаассифона, ба дигарон роҳ надод, ки ба он бойгонӣ дохил шаванд. Ман метарсам, ки бисёр дастхатҳои Домулло Айнӣ бо мурури замон нохоно нашуда бошад. Масалан, Домулло Айнӣ одате доштанд, ки рӯзномаю маҷаллаҳои давриро дароз кашида мехонданд ва бо қалам дар ҳошия шеър ё мақоларо ислоҳ мекарданд ё мулоҳизаашонро бо хати форсиашон, ба қавли худашон, хати безеби форсиашон, менавиштанд. Бар замми он, ки хати Домулло Айниро на ҳар кас дуруст хонда метавонад, он бо қалам навишта шудаасту имкон дорад, рангаш дар ин чанд даҳсола парида бошад.

**– Магар ҳоло барои ба чоп омода намудани осори ба табъ нарасидаи устод Айнӣ зарурат нест?**

– Албатта, зарурат ҳаст. Институти забон ва адабиёт вазифадор шуда буд ба муносибати 130-солагии Домулло Айнӣ китоби дуҷилдаи мақолаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносии Айниро омода ва чоп кунад.

**– Ба фикри шумо, мо устод Айниро пурра шинохтаем ва ба таври зарурӣ қадршиносӣ намудаем?**

– Аз куҷо? Агар гӯем, одамони бо Домулло Айнӣ ҳамроҳ кор кардаю ӯро аз наздик мешинохта кам мондаанд, дар нисбат ба дигар бузургони миллат низ муносибат самимӣ нест. Масалан, дар бораи Бобоҷон Ғафуров, ки имсол дарвоқеъ, 100-сола мешаванд. Кори арзанда шуд, ки бо унвони Қаҳрамони Тоҷикистон қадр кардем. Бисёранд онҳое, ки бо Бобоҷон Ғафуров ҳамроҳ кор кардаанд, вале чаро аз хизматҳои бесобиқаи ин шахсияти фарзона намегӯянду наменависанд? Ҳол он ки Бобоҷон Ғафуров бар замми навиштани шоҳкитоби «Тоҷикон», халқи моро дар ҳамон замони нозуки шӯравӣ аз парокандагию хавфи нестӣ наҷот доданд.

Як воқеаи шунидаамро, ки бофта нест, шояд дар архивҳои ҳизбӣ бошад, нақл кунам. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, соли 1948 буд ба хаёлам, қарори Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Шӯравӣ дар бораи сохтмонҳои бузурги коммунизм баромад. Дар он қарор баробари бунёди Канали калони Волгаю Дон, якчанд ГЭС, сохтмони иншооти азими Канали калони Туркманистон низ дар назар дошта шуда буд. Мақсад, бо роҳи қадимии рӯди Ому то резишгоҳаш ба баҳри Каспий канали калон ва тавассути оби канал обёрӣ намудани заминҳои дашт ва ба заминҳои пахтакорӣ табдил додани он будааст. Рӯзе вазири умури дохилаи Тоҷикистон, як марди рус, назди Бобоҷон Ғафуров – котиби якуми КМ Ҳизби коммунист, яъне роҳбари Тоҷикистон,

даромада, супориши Берия дар бораи ба даштҳои Туркманистон сафарбар намудани қисми аҳолии Тоҷикистонро мерасонад. Гап сари кӯчонидани хешу табор ва авлодони онҳое, ки солҳои бистуму сиюм дар ҳаракати босмачигарӣ иштирок доштанд, мерафтааст. Мазмун, Қарори КМ ҲК Тоҷикистонро бароварда, аз пайи супориши Маскав бояд шуд.

Бобоҷон Ғафуров ба вазири корҳои дохила мегӯянд, ки мо ин корро намекунем. Вазир низ ин гапро ба Берия мерасонад. Рӯзи дигараш вазир ба қабули Берия даъват мешаваду аз Маскав барнамегардад. Пас аз 3-4 рӯзи ин воқеа Бобоҷон Ғафуровро Сталин ҷеғ мезанад. Бобоҷон Ғафуров ба пойтахти Шӯравӣ рафта, дар меҳмонхонаи «Москва» мунтазири даъвати Сталин мешаванд. Рӯзи сеюм ҷавоне омада, Бобоҷон Ғафуровро пиёда аз Майдони Сурх гузаронида, ба кабинети Сталин мебарад. Бобоҷон Ғафуров ба кабинети Сталин ворид мешаванду салом медиҳанд. Сталин, ки сари миз нишаста, чизе менавиштааст, сӯйи Ғафуров нигоҳ ҳам намекунад. Пас аз чанд дақиқа сарашро бардошта, як дашноми русӣ мекунаду мегӯяд:

– Это с каких пор, ты не стал выполнять решение Политбюро?

– Товарищ Сталин, разрешите объяснить.

– Валяй!

Бобоҷон Ғафуров ба Сталин мефаҳмонад, ки дар бораи авфи босмачиҳои собиқ қарор баромада буд. Онҳое, ки дар Тоҷикистон ба ҳаракати босмачигарӣ алоқаманд буданд, ҳама ба ҳаёти осоиштаи созандагӣ пайвастанд, аз миёни онҳо бисёриҳо дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ диловарӣ нишон дода, соҳиби ордену медалҳо гардиданд, бисёриҳо дар роҳи озодии Ватанамон қаҳрамонона ҳалок гардиданд. Акнун мо чӣ хел ҳамон иштирокчиёни ҷанг ва хешу табори онҳоро бо тамғаи босмачӣ аз макону манзилашон кӯчонем? Дигар ин, ки ҳар касе ки босмачӣ шуда буд, чанд бародару хоҳар, амаку тағо ва чанд хешованди дигар дошт ва ҳар яке аз ин хешовандон чандин фарзанду набераву абера доштанд. Агар ҳамаи онҳоро аз Тоҷикистон бадарға кунем, дар Тоҷикистон кам одам мемонад ва ман нақшаи пахтаро бо кӣ иҷро мекунам?

Сталин гӯш кардаасту гӯшаки телефона бардошта, ба Берия фармудааст:

– Лаврентий Павлович, кажется, Гафуров прав, надо отменить данный пункт решения Политбюро.

**– Бобоҷон Ғафуров ҳамон корҳои устод Айниро, ки дар солҳои**

**20-ум анҷом доданд, дар солҳои 40-ум идома додаанд…**

– Домулло Айнӣ пешвои маънавӣ буданд, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум пешвои сиёсии халқи мо гардиданд, афсӯс, ки умрашон вафо накард, бо туҳмат ҳабс шуда, нобуд шуданд, аммо Бобоҷон Ғафуров даҳ сол котиби Сека буданд, боз беш аз 20 сол дар Маскав, барои Тоҷикистону халқи тоҷик хизмат карданд.

**– Агар тамоми дигар хизматҳои устод Айниро як сӯ ҳам гузорем, дар шароити солҳои 20-ум навишта шудани «Намунаи адабиёти тоҷик» магар кофӣ нест устод Айнӣ дар сархати фарзонафарзандони миллат қарор дошта бошанд?**

– Бе шакку шубҳа. Ҳамин хизмати Домулло Айнӣ ва Абдулқодир Муҳиддинов, ки таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро маҳз ба Домулло Айнӣ фармуда буд.

Имрӯз, дар ин шароити мусоиди худшиносӣ, воқеаву ҳодисаҳои гузаштаро баррасӣ намудан, ба онҳо баҳо додан, гоҳо ноҳақ танқид кардан, осон шудааст. Лекин солҳои бистум, ки замони хеле ҳассос, айёми тақдирсози халқу миллатамон буд, барои Домулло Айнӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемур, Чинор Имомов осон набуд, ки ҷонашонро ба каф гирифта, ба корҳои таърихгардонӣ ва миллатсозӣ даст зананд.

## БОЗГӮЙИИ СУХАНҲОИ БИКР

### (аз муҳтавои суҳбату муколамаҳои мунташира дар китоби «Дар ҷустуҷӯи шахсият»: Душанбе, «Ирфон», 2017)

**Воҳид Асрорӣ:**

« – Исто, ҳар дуи ту! Шумоён-ку журналист шудани, пас чаро ин қадар беҷуръатед?! Бо ман, ки муаллими худатон ҳастам, ин хел хоида-хоида гап мезанед, пагоҳ журналист шуда аз котиби райкому вазир чӣ тавр интервю мегиред?» («Муттакои шогирдон»).

**Маҳмадшо Илолов:**

« – Қонун таҳия намудан ҳам илм аст. Агар математика барои тамоми илмҳо забони таҳқиқ бошад, пас, ба Илолов осон аст, вале аз ҷиҳати дигар, чун илм охир надорад, ба қонуни таҳиянамуда нуқта

гузоштан мушкил аст...» («Зиёҷӯву маърифатбахш»).

**Иброҳим Усмонов:**

«... Вақте ки мо дар бораи ваҳдату эҳёи миллӣ сухан мегӯем, бояд сарнавиштиояндаи тоҷикони Осиёи Миёнаро дар назар бигирем» («Чун қалам ба фармони дил аст»).

**Намоз Бердиев:**

« – Фаъолияти ҷамъиятӣ – бемузд аз ҳисоби сарфаи вақт, ба кори асосӣ халал нарасонида, иҷро намудани амале аст, ки ба манфиати дигарон бошад. Яъне, ин фаъолияти муайянкунандаи муносибати шахс бо атрофиён аст» («Нони ҳалол ва номи баланд»).

**Неъматуллоҳи Солеҳ:**

« – Аслан, дар кадом нашрия кор кардани журналист аҳамият надорад. Сухани журналист зери паспорти чӣ гуна нашрияе, ки ба табъ расад, қудрату тавони баланд дорад, ба хонанда таъсир мерасонад, фақат росту воқеӣ ва беғараз гуфтани он сухан муҳим аст» («Ҷияни худӣ»).

**Мурод Муродӣ:**

« – Падар, охир худатон талқин мекардед, ки ҷавонмард бояд сари калобаи кору амалашро худаш дарёбад, пас, ҳоло ки имкону неру дорам, чаро шумо кумак мекардаед? Ёрдам лозим шавад, муроҷиат хоҳам кард» («Профессор Муродӣ»).

**Фаридуни Ҷунайдӣ:**

« – Баъд, гавҳари дурахшон, ҳамворатобон, тоҷи ифтихори адабиёти мо «Шоҳнома» дар ихтиёри мост. «Шоҳнома»-ро бояд хонем, бо дили ибратбин бояд омӯзем, ба таъбири аврупоиён гӯш фаро надиҳем, ки ин асотиру афсона аст. Беҳтарин таърихи ҷаҳон «Шоҳнома» аст. Аҷабо аз мардуми мо, ки дурӯғҳои Ҳеродотро дар бораи таърих мехонанд, вале бо «Шоҳнома» бепарво ҳастанд. Масалан, Ҳеродот гуфта, ки дар Ҳиндустон мӯрчае ҳаст ба андозаи гов. Хандовар аст, вале хондаем» («Эрон маркази ҷаҳон аст, Тоҷикистон қалби Эрон»).

**Ӯлмас Ҷамол:**

« – ... Мо дар байни ду чашмаи соф зиндагӣ дорем, пас чӣ хел

мешудааст, ки аз оби яке нӯшиву аз дигар бебаҳра монӣ. Орзу дорам, ки на танҳо аҳли адаб, балки тамоми мардумонамон аз оби мусаффои ин чашмаҳо доим баҳрабардор бошанд» («Дар сари ду чашма»).

**Лоиқ Шералӣ:**

« – ... Тӯли бештар аз се ҳазор сол аз гирудорҳои шадиди таърих гузашта, ҳамин забони модарӣ моро то ватандорӣ расонд ва месазад эҳтиромашро чун шири поки модар пос дорем. Мо набояд ҳамасола як ё ду рӯз ҷашни забон дошта бошем, балки ҳама рӯзамон бо эҳтироми худ, бо дилсӯзиву ғамхории худ нисбат ба лафзи модарӣ, нисбат ба тақсиру тақдири он, иди забон бошад!» («Бе хайрия кори хайр натавон кард»).

**Мусо Диноршоев:**

« – Ман қимати умри инсонҳоро пеш аз ҳама дар хидмати онҳо ба мардум, баҷоовардии ниёзмандиҳои аҳли ҷомеа медонам ва мавқеи инсонро низ аз ҳамин меъёр арзёбӣ мекунам. Як тан аз шоирони охири қарни нуздаҳ (Асирӣ – Ю.И.) ба ин маъно хуб фармудааст:

*Одамият чист? Худро дур аз шар доштан,*
*Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан*» («Илм чароғи роҳ аст»).

**Аскар Ҳаким:**

« – Дар шеър ғаму шодии замон ҷудо аз шоир асар надорад. Мо ғаму шодии шоирро ғаму шодии замон мешиносем, зеро мо ба шоир рӯй меоварем, ки замонро аз аҳволи дили ӯ дарёбем, на ба рӯзноманигор ва ё ба таърихнавис, ки танҳо бо ахбор аз авзои замон қаноат бикунем. Мо гӯши дил мекушоему садои дил шунидан мехоҳем» («Дарди замон аз дили шоир бигзарад»).

**Қироншоҳ Шарифзода:**

«Бепарвотар бош, ки каме фарбеҳ шавӣ, – маслиҳат медиҳанд баъзе ҳамкасбони «дилсӯз». – Чӣ бигӯям охир, бепарвоӣ роҳ сӯйи бетарафист, аз бетарафӣ то бешарафӣ – чанд қадами башумори дигар» («Аз гуфтаву навиштаҳо»).



## ПАЙҒОМ
## (1958)

Пайғом номи мустаори омӯзгор, рӯзноманигор ва адиби зуллисонайни ӯзбекистонӣ – Тӯхтамиши Боқӣ аст. Ӯ соли 1958 дар деҳаи Ҳисори ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё ба дунё омадааст. Фориғуттаҳсили факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад (1976 – 1981).

Пайғом пас аз хатми донишгоҳ чанде дар мактаби 19-уми зодгоҳаш омӯзгорӣ мекунад. Дар идома фаъолияти худро ҳамчун хабарнигори шуъбаи тоҷикии радиои вилояти Сирдарё, сармуҳаррири рӯзномаи «Сиҳат саломатлик», хабарнигори махсуси «Овози тоҷик» дар вилояти Сирдарё, ҷонишини сармуҳаррир ва мудири шуъба дар рӯзномаҳои «Шифо-инфо» ва «Адолат кӯзгуси» (Оинаи адолат), омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик дар мактаби миёнаи рақами 25-уми ноҳияи Сайҳунобод давом медиҳад. Алҳол танҳо бо кори эҷодӣ машғул аст.

Пайғом соли 2018 беҳтарин намунаҳои ашъор, ҳикояю эссеҳо, таронаҳо ва очерку мақолаҳои дар айёми мухталиф иншокардаи хешро гирдиҳам оварда, китоби «Шеваи пойиз»-ро ба табъ мерасонад. Сарсухани китоби мазкур ба қалами доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъақул Ҳамро мансуб аст, муҳаррири масъули он шоир Паймон мебошад. Ҳамон сол китоби ашъори ба забони ӯзбекӣ таълифкардаи Пайғом таҳти унвони «Олтин кузим» (Тирамоҳи заррини ман) низ ба табъ мерасад.

Пайғом аз соли 2020 узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст.

## АЁ, ЭЙ МАРД!
**(*Барои Паймон)***

Аё, эй мард!
Аё шоир!
Ғаматро ҷуз қалам як кас намедонад,
Дилатро ҷуз қарибони қарибат кас намехонад.
Дилатро дар раҳи шеъру шарафмандӣ қалам кардӣ,
Аламҳои ниҳонатро ниҳон дар шеър алам кардӣ.

Аё, эй мард!
Аё шоир!
Заданд арчи ба ҷони ҷони ту сӯҳон,
Сабур будӣ ба ҳар дарду ба ҳар буҳтон.
Ҷафои даҳрро танҳо ту бо лаҳни қалам гуфтӣ,
Ҳама доғи дили абгори худро бо сухан шустӣ.

Аё, эй мард!
Аё шоир!
На ҳар шоир шавад хуш андар ин назм,
На ҳар шеъре барад ҷо андар ин базм.
Агар дар сина дарде нест пурсӯз,
Куҷо ояд зи шоир байти пирӯз?

Аё, эй мард!
Аё шоир!
Гаҳе будӣ ба гармӣ, гоҳ ба сардӣ,
Мақоме то барӣ дар кӯйи мардӣ,
Ба килкат бас гуҳарро суфта кардӣ,
Басо ногуфтаҳоро гуфта кардӣ.

Аё, эй мард!
Аё шоир!
Ту ҳам шоир, ту ҳам мардӣ!
Саломат бош! Зиҳӣ бо шеъри волову ҷавонмардӣ!

## ТИРАМОҲ

Тирамоҳ барбаста рахташ аз замин,
Ҷойи худро бар зимистон медиҳад.
Хуб медонад, ки фасли дай чунин
Тахти худро бар гулистон медиҳад.

Зиндагӣ бо навбату чархи фалак –
Ҳеч аз гардиш намонад, кошкӣ.
Зинда будан худ аҷаб як неъмат аст,
Кулли ношукр ин бидонад, кошкӣ.

Шукр гуфтан бар баду неки замон,
Аз азал, охир, фазилат будааст.
Дасти хайр афрозу некӣ кун, ки он
Ҷавҳари ҳар панду ҳикмат будааст.

Зиндагӣ навбат, туро ҳам навбатест,
Даргузар он ҳамчу пойиз аз ҷаҳон.
Некномӣ, кош, мероси ту бод,
То бимонӣ решапайванди замон.

## ВАСИЯТИ ОШИҚ

«Чанд рӯзе бо хумори ошиқӣ»*,
Бо ҷаҳони рози ман ҳамроз шав.
Васли мо гарчи хаёле беш нест,
Фурсате бо ошиқат дамсоз шав.

«Дар фазои абрҳои нуқрафом»,
Пар кушо аз орзу парвоз кун.
Нозбардоре наёбӣ дар фазо,
Бар мазори ишқи мо овоз кун.

«Шомгоҳон дар ғуруби абрсӯз»,
Хандаи талхе ба хуршед ҳадя кун.

* Мисраъҳои аввали ҳар банд моли устод Лоиқ аст.

Нақдҳои хеш бас гум кардаем,
Орзуи ишқу бахти нася кун.

«Ҳарчи оташ дорӣ афрӯзаш баланд»,
Аз дили бирён кабобе мондааст.
Сӯхтему сохтем аз мо кунун –
Сад дареғо! Чун хитобе мондааст.

«Баъд... баъди рӯзгори ишқу шеър»,
Мушти хоке бар сари сарвода рез.
Гар мазори ман зиёрат мекунӣ,
Ояти ишқе ба ҷоми бода рез.

## МЕҲМОН ОЯД ҲАМЕ

Шоират чун меҳмон ояд ҳаме,
Муниси пиру ҷавон ояд ҳаме.
Қад-қади рӯди Зарафшон ашкбор,
Шодипири ғамҷавон ояд ҳаме.
Аз Бухоро кӯлвори ғам ба дӯш,
Гӯиё соҳибқирон ояд ҳаме.
Зодгоҳи ҷадди ман – Синтоби ман,
Сӯят, инак, корвон ояд ҳаме.
Корвони шеъру дастону ғазал,
Бо дарои рӯҳу ҷон ояд ҳаме.
Пеш-пеши қофила Паймони* ту,
Ин сафар чун сорбон ояд ҳаме.
То ба Сайҳун як қадам Пайғом, лек
Сӯйи Акко** ташнаҷон ояд ҳаме.

---

* Паймон – шоири синтабӣ, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон
** Акко – номи чашма дар зодгоҳи аҷдодии шоир (Синтоб)

## ОЛИҶАНОБ АФТОДААСТ

Бехудиҳоям, дареғ, дур аз савоб афтодааст,
Ҳар гуноҳам ҳамчу доғе бар шубоб афтодааст.

Дар ситеза бо фалак дасту гиребон гаштаам,
Ҳар саволи хом ин ҷо беҷавоб афтодааст.

Нармгуфторӣ ба мо буд ҳамчу ёрӣ бевафо,
Хотире озурда бошам, аз итоб афтодааст.

Манзиле ҷустам мувофиқ ин дили шӯридаро,
Ҳар сафар раҳгумзаниҳо аз шитоб афтодааст.

Сар ба девори надомат мезанам имрӯз агар,
Ин ҷазо худ баҳри мо олиҷаноб афтодааст.

Ҷустуҷӯ кардам агар умре чизе пайдо нашуд,
Дарки асрори худиям аз китоб афтодааст.

Мавлавию Носиру Иқбол ёри дилкашам,
Ишқи ман дар зери бори ин хитоб афтодааст.

Номаи Пайғом чӣ хуш гар боиси хушнудиҳост,
В-арна гавҳаррезии мо чун ҳубоб афтодааст.

## НАЗИРА
***(бар ғазали Камол)***

Чун бод сари зулфат бо шӯхӣ парешон кард,
Ин шӯхии шаҳрошӯб ақли ҳама ҳайрон кард.

Гуфтам, ки кунам чора бар ҳоли дили хаста,
Дил гуфт: «Чӣ мехоҳӣ?», аз гуфта пушаймон кард.

Аз наваки мижгонаш пайкон пайи пайкон зад,
Дил ҷаст бурун, тарки он синаи бирён кард.

Бо қофилаи ушшоқ дил рафт чу сӯйи ёр,
Ҷон ҳам зи пайи ӯ шуд, чашми ҳама гирён кард.

Селоби сиришки ман чун аз пайи дил омад,
Ҳар хона, ки дар раҳ буд афкандаву вайрон кард.

Чун чашми ҳилоли маҳ ногаҳ ба рухат афтод,
Дар чаҳ чу маҳи Нахшаб рӯ аз ҳама пинҳон кард.

Ғам тавбаи мо бишкаст, во кун дари майхона,
Пайғом чу соқӣ дид, аз тавба пушаймон кард.

## ДУБАЙТИҲО

Бубахшо, ҳазрати Лоиқ, гуноҳам,
Ки набвад иштибоҳ ин иштибоҳам.
На сармо ишқро гирад, на гармо,
Мани дилбанди ту бар ин гувоҳам.
***
Ду-се рӯзе қаринам буд пойиз,
Нигори нозанинам буд пойиз.
Ба мисли панҷ ҳисси зотии ман,
Аниси беҳтаринам буд пойиз.
***
Адолатро гаҳе кар офариданд,
Гаҳе кӯру муҳаққар офариданд.
Гаҳе бар рағму майли зӯрдастон,
Яли зӯру музаффар офариданд.
***
Чу Лоиқ синаи афгор дорам,
Ба дардаш аз сухан тӯмор дорам.
Чу Паймон содиқам бар миллати хеш,
Ки Пайғомам, паёми ёр дорам.
***
Замин рози ба мо ногуфта дорад,
Ҳам ӯ дарди зи мо нашнуфта дорад.
Чу Хайёмаш қадам оҳиста бигзор,
Басо захми зи мо бинҳуфта дорад.

***
Агар мо худшиносу дилшиносем,
Агар ҳам Ҳофизу Бедилшиносем.
Самарқандо, туӣ устоди аввал,
Ки мо аз ту худ обу гил шиносем.
***
Ало дарё, чаро ту бемадорӣ,
Чу ман оё ғами бисёр дорӣ?
Биё, ҳасрат кунем имрӯз, азбас
Дигар дарёдиле чун ман надорӣ.
***
Баҳор омад, ҳама хубу гуворост,
Ҳазорон ин чаманро базморост.
Ало, эй килк, собир бош, собир,
Ки донӣ, баҳри мо пойиз авлост.
***
Вафодорам, азизам, дилбари ман,
Парастори ману бому дари ман.
Агар дарё будам ҳамчу ду соҳил,
Ҳамеша будаӣ ту дар бари ман.
***
Дилам гарчи савобандеш бошад,
Гуноҳам аз савобам беш бошад.
Барам шарм аз савобе, ки накардам,
Зи ҷурми кардаам дил реш бошад.
***
Ҳанӯз аз гиру мон н-осудаам ман,
Худиро бар тама н-олудаам ман.
Барои халқ то нӯше бибошам,
Дили худро ҳаме полудаам ман.

## ҲИКОЯҲО

### БОЗ МЕОЯМ...

***...Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам...***
***(Садриддин Айнӣ)***

Хоб кардаӣ, усто? Хоб кун, хотирҷамъ бошу хавотир машав. Дунё тинҷ. Бачагону наберагонат ҳам сиҳату саломат, аз пайи зиндагӣ дору гир карда гаштаанд. Мана, ман боз омадам наздат. Ин дафъа дер омадӣ, мегӯйӣ? Рост мегӯйӣ. Як моҳи расо наздат наомадам. Хурдиамро медонӣ, дар Фарғона кор мекунад. Кори дунё тамом мешуд, усто Носир тамом мекард, гуфтаму кампирро гирифта Фарғона рафтам. Он тарафҳо обод, усто. Ҳама ҷо гулу гулзор. Боғҳояш чашми касро мебаранд, мардумаш ҳам босаховату меҳмондӯст. Дар воқеъ, ту он тарафҳоро аз ман беҳтар медонӣ. Дару дарвозаи кандакорӣ, пештоқу равоқсозиро ёд мегирам гуфта Фарғонаю Қӯқандравиҳоятро дар хотир дорам. Ғарази ман аз таърифи Фарғона дигар буд. Боғҳои он ҷоро дида оби даҳонам рафт. Рости гап, ман аз ҷавонҳоямон андак гиламанд, усто. Ба дарахт меҳр надоранд гӯям, дигар корҳояшон ҳам он қадар таърифӣ не. Ҳамаашон не, албатта, аммо дар боғ як дарахти бесамар бошад ҳам, кайфи боғбон мепарад. Беҳавсалаҳо ҳастанд дар байнашон, ба зиндагӣ каммеҳранд. Ин гапҳоро фақат ба ту мегӯям. Зеро ҳоло худам ҳам намедонам, ки айб дар ош аст, ё дар мош. Яъне намедонам, ки ин ҷурми фарзандон аст, ё гуноҳи насли ману ту – падарони онҳо.

Ҳамин тобистон беваи Шоҳмурод гузашт. Хонаи писари калонаш Шоҳназарро медонӣ, дар маҳаллаи нав. То намози ҷаноза мардум як ҷойи нишаст наёфт-е. Офтоб мағзи сари ҳамаро ҷӯшонд. Ҳавливу дараш ҳам як аҳвол. Пас аз чанд вақт як фурсати қулай ёфтаму пурсидам:

– Шоҳназар, ба маҳаллаи нав кӯчиданатро чанд сол шуд?

– Чордаҳ сол, – ҷавоб дод ӯ.

– Чордаҳ сол-а! О, халачӯби ҳамсояат Раҳими даллолро гирифта ба лаби ҷӯй мехалондӣ, дар чордаҳ сол як беди азим мешуд. Медонӣ, халачӯби ӯ доим аз навдаи тари бед аст.

Гапам нафорид ба Шоҳназар, ғулдуросзанон аз наздам дур шуд, бадбахт. Дар чиллаи зимистон чор ниҳоли тути балхӣ, чор гелоси самарқандӣ ва чил сафедор бурда додам. Дилам пур нашуда, то чиллаи тобистон хабар гирифта истодам. Ақлаш даромадагӣ барин, нигоҳубин мекунад, бадбахт. Писари Салими беғамро медонӣ, усто. Ҳа, аз маҳаллаи боло. Ба ҳавлиаш дарвозаи дутабақаи кандакорӣ сохта будӣ. Ҳамон бадбахт ҳавлиашро фурӯхта, ба пулаш аз шаҳр хона ва як мошин харид. Ҳафтаи гузашта дар бозори шаҳр дидам, ба бачагонаш тут мехарид. Хонаи вая Раҳмати носфурӯш харида буд. Тирамоҳи гузашта ҳафтод дарахти мевадори боғи Салими беғам бунёдкардаро бурида, ба самбӯсапазҳои шаҳр фурӯхт. Ҳоло ба ҷойи дарахт тамоку мекорад, бадбахт. Намедонам Салими беғам дар гӯраш чӣ тавр осуда хобидааст. Ба ҷойи ӯ ман мебудам кафанамро кашола карда мебаромадам аз гӯр ва гиребони носфурӯши даюсро мегирифтам-е. Асрори пулмаст аз тарафи офтоббарои ҳавлиаш як иморати нав сохт. Не, писари ту насохтааст, аз шаҳр усто овард. Иморати куҳнаашро ҳам таъмир кард. Дару тирезаҳои ту сохтаро канда, ба ҷояш дару тирезаҳои сунъии замонавӣ шинонд. Ойнаҳои тирезааш каб-кабуд, тавба кардам. Дару тирезаҳои ман сохтагӣ чӣ шуд, мегӯйӣ? Парво накун, ман онҳоро аз пулмаст харидам. Ба фикри мани мӯйсафед аз чӯб беҳтар маҳсулоте нест барои дару дарвозасозӣ. Набераам аз фазои маҷозии нав, ки интернет ном дорад, дида гуфт, ки кас агар тани дарахтҳоро бо ихлос оғӯш кунад, ба чанд дардаш даво меёфтааст. Э, бар падари ҳамон навиштагӣ раҳмат, гуфтам. Кошкӣ дар деҳа як устои табақу чумчатарош ҳам мешуд...

Иморати нави Асрори пулмаст ҳанӯз буд нашуда, модараш даргузашт. Ҳа, усто, ҳамон Орифаи ҳамсинну соли ману ту, ҳамон муштипари аз шавҳару аз писар наосуда даргузашт. Пеш аз намози ҷаноза писари пулмасташ ба мардум ҳазорсумӣ хайрот дод. Ман гумон карда будам, ки мулло Ҳикматуллои соҳиби мурдаю зиндаи деҳа ӯро аз ин раъяш мегардонад. Аммо ин тавр нашуд. Сухани мулло ҳам ба замин монд. Суннати бобоӣ вайрон шуд, усто.

Аз ҷавонҳоямон андак озурдахотир будани ман бесабаб нест, усто. Ҳафтаи гузашта писари калони Ғайбуллои агроном келин гирифт. Ба тӯяш падараш Ғайбулло нарафт. Аз рӯйи гапи ҳолдонҳо дар вақти маслиҳати тӯй писар падарро ранҷондааст. Намедонам Ғайбуллои агроном чӣ гуфта бошад, ки писараш набурда наоварда «додо, шумо хап шинед» гуфтааст. Рӯзи тӯй пири маҳалла бо ду-се мӯйсафед

тӯйдорро маломат карданд, ки «хез, назди падарат равем, аз вай узр пурс». Не гуфт, нарафт писари бадбахт. Хуллас, тӯйи писар бе падар гузашт. Боз як суннати бобоӣ поймол шуд, усто. Ашрафи бемалолро дар хотир дорӣ? Ҳа, як солҳо подабони деҳа буд. Ҳамун наберадор шуд. Муборак шавад, мегӯйӣ? Садқаи муборак шавад-е. Вай, охир, духтарашро ҳоло ба шавҳар надода буд, бадбахт.

Аз ғайбату шикоятҳои ман ба танг омадӣ, усто? Чӣ кор кунам, ошно, дардамро ба кӣ гӯям? Дарунам, ки пур мешавад, дуд карда пеши ту меоям. Гуноҳи худат, маро танҳо партофта омадӣ. Танҳо нестӣ, мегӯйӣ? Шукри Парвардигор, ки танҳо нестам. Кампирам, фарзандонам, наберагонам, аҳли деҳа..., аммо ҷойи ту дигар буд, холӣ монд ҷоят, усто!

Акнун ба ман рухсат. Ҳа ана Низоми лаққӣ, як хар алаф гирифта мегузараду ду чашмаш ба ман. Дар деҳа боз як ҳангомаи тоза паҳн мешавад. Эҳтимол гӯянд, ки ақли Оқили боғбон кебидааст. Ҳар рӯз дар қабристон бо мурдаҳо суҳбат мекунад. Ҳар чӣ гӯянд, ихтиёрашон. Аммо ақлу ҳуши ман ҳоло дар ҷояш. Фақат туро пазмон мешавам, ошно. Ҳа, сабил монад пиригарӣ, қариб фаромӯш карда будам. Дар тарафи офтобшинами мактаби нави деҳа як гектар барин замини бекор буд. Ҳа, майдони подаҷойи пештара. Хуллас, дар ҳамон замин як боғ ташкил кардам. Ҳоло ба нигоҳубини он мактаббачагон ёрдам медиҳанд. Ба ивази корашон ман ба онҳо пайвандкунӣ ва дигар асрори боғбониро меомӯзонам. Ҳозир ба ҳамон ҷо меравам. Бо бачагон ба боғ об монданӣ будам. Ту хотирҷамъ хоб кун, усто. Ман боз меоям...

## БОЗ ОМАДАМ

***Чаро мо ин қадар дардошноем?***
***Куҷо дард аст дарди худ бидонем.***
***Ғами дунё ҳама андар дили мо,***
***Ҷаҳон дар мост ё мо дар ҷаҳонем?***
***(Лоиқ)***

– Хоб кардаӣ, усто? Илоҳо, хобат бароҳат шавад. Мана, ман боз омадам. Хуш омадӣ, мегӯйӣ? Сабр кун, ошно, андакак сабр кун. Боз Парвардигор медонад, аммо дур нест он рӯз, ки ту моро «хуш омадӣ» гӯйӣ. Ин омаданҳоям ҳисоб не, усто. Зиндагӣ, албатта, ширин аст, чашми кас сер намешавад. Бо ҳама неку бадаш, бо хушкомию

нокомиҳояш дилкаш аст ин саройи дудара. Ин гапи нав не, усто, ту ҳам медонӣ. Аммо зиндагиро ҳар кас ҳар хел, яъне ба таври худ дарк карда, паси сар менамудааст. Дар он дунё чӣ хел намедонаму аммо дар зиндагӣ танҳоӣ бадтар аз марг аст. Ту сабр кун, охир. Маро медонӣ-ку, беҳуда дилхун намешавам. Медонӣ, ҳар рӯз баъд аз намози бомдод мо – мӯйсафедон дар подаҷои деҳа ҷамъ мешавем. Ҳамин пагоҳӣ низ дар он ҷо аз ин тарафу он тарафи дунё суҳбат мекардем. Ман навбати гап мепоидам, мехостам масъалаи ба маҳаллаи нав ҷӯйи об баров617ро ба миён гузорам. Ба ман навбат нарасида, Низоми лаққӣ аз бом тароша афтидагӣ барин пӯкид: «Боғбон, шуморо тез-тез дар қабристон мебинам, усто Носир чиҳо мегӯяд?». «Усто Носир мегӯяд, ки лаққиҳо дар он дунё ҳам ҳурмату обрӯ надоранд».

Ба ош паша афтид. Суҳбат хунук шуд. Кошки ин ҳангома бо ҳамин анҷом мееёфт. Не, ин тавр нашуд. Ба хона оям додари хурдиам омадааст. Мани сода гумон кардам, ки додарам маро пазмон шудааст, аммо баъди ба дастархон фотиҳа кардан ӯ кафид:

– Ака, шумо калон, ба ҷойи падарамон моро сару сарваред. Ҳамин... чӣ гӯям, баъзе корҳоятонро кас намефаҳмад. Охир, дар қабристон чӣ кор мекунед?

– Худамро меҷӯям, – гуфтам ба ӯ ва гапро кӯтоҳ кардам. Ман, албатта, фаҳмидам, ки додарамро писарам даъват кардааст, то маро «насиҳат» кунад. Ба онҳо ман чӣ гӯям, усто? Ҷигаронам бошанд ҳам, ба назарам тору пудашон аз дигар калоба... мани мӯйсафед гӯё дар байни мардумаму боз танҳоям.

Ба наздикӣ аз боғи навбунёди пушти мактаб меомадам. Чашмам ба ҳавлии Талъатмуаллим афтод. Рӯйи ҳавлиаш пури китоб буд. Китобҳоро дар саҳни ҳавлӣ паҳлуи ҳамдигар қатор-қатор пай чидааст. Рости гап, ҳайрон шудам ба ин кори муаллими мӯйсафед ва аз дарвозааш ба ҳавлӣ даромадам. Муаллим дар айвон рӯйи як қабат кӯрпача каҷпаҳлу зада буд. Маро дида аз ҷояш ҳам нахест.

– Биё, Оқил, узр, ба истиқболат аз ҷой хеста наметавонам. Пойҳо ба гапам намедароянд. Хайр, аз пойҳо чӣ ҷойи гила, ба ман ҳаштоду панҷ сол хизмат карданд. Ҳоло ба гапи ман гӯш мекардагӣ инсон ҳам кам монд. Зимистони гузашта ҳама хонаҳоро гарм карда натавонистем, – ба ман як пиёла чой дода боз ба гап даромад Талъатмуаллим, – китобҳо нам кашидаанд. Ҳоло ҳеҷ кас китоб нахонад ҳам, нобуд нашаванд гуфта як офтоб додам-дия.

Дилам хун шуд, усто. Китобҳои ту ба хотирам омад. Охир, ту

ҳам чанд сандуқ китоб доштӣ. Боз хиҷолат шудам, ки шину хези Талъатмуаллим душвор шудаасту мани бадбахт бехабар. Аз ҳолаш хабар нагирифтаам. Бо муаллим хайру хуш карда, рост ба ҳавлиат омадаму фаҳмидам, ки писарат пас аз як соли ту китобҳоятро ба китобхонаи мактаб супорида будааст. Ҳоло дар китобхонаи мактаб гӯшаи «Мероси усто Носир» вуҷуд доштааст. Э, раҳмат бар падарат, гуфтам ба писарат.

Пеш аз чилаи тобистон ҳаво як вайрон мешавад, медонӣ. Ду-се рӯз даму дили ҳаво мекафид. Ниҳоят, дина баъд аз хуфтан як борони сара борид. Чоштгоҳ аз боғ биёям, дар ҳавлии ҳамсоям Наими биргад* қиёмат-қоим. Гӯш ба карӣ заданро эб надидаму ба ҳавлиаш даромадам. Наими биргад дар даст пишанги гуппӣ занашро пеш карда мезад. Занак фарёду фиғон дошт. Маро дида аз шасташ фаромад Наим. Таги гапро фаҳмам, биргад як халта шакар оварда ба ҳавлӣ партофта будааст. Борон кори шакарро кардааст.

– Наим, – гуфтам ба ӯ, ту як умр бо замин сару кор дорӣ. Чӣ мешавад, ки дар ҳавлиат ду бех ток, ду-се ниҳоли тут, се-чор дарахти зардолу кабуд кунӣ.

– Як халта шакар ҳайф шуд, Оқилбобо, туту зардолу доштану надоштани ман ба шакар чӣ дахл дорад?

Аз беандеша гап заданаш қаҳрам омад.

– Ту, бадбахт, намедонӣ, ки як замонҳо ба тутпазӣ расидан як шарти зинда мондан, мавизу ғулинг бошад, хӯроки шоҳона буд. Охир, тутмавизу шиннӣ, кишмишу ғулинг бошанд, шакар чӣ лозим?

Нафаҳмид маро, бадбахт. Ҳамчунон ки ман ҳам ӯро ва бисёр ҳамдеҳагонамро намефаҳмам, танҳоӣ мекашам. Ба ростӣ, ошно, намефаҳмам. Зеҳнат кунд шудааст, мегӯйӣ? Не, усто, зеҳнам ҳоло дар ҷояш. Ман фақат «кач дору марез»-ҳоро намефаҳмам. Масалан, аз нисф зиёди деҳа аз беобӣ азият мекашад, аммо ҳеҷ кас намехоҳад, ки ҷӯй тоза кунад. Кишти дубора қариб ки аз байн рафт. Пас аз гандумдарав барои як ароба коҳ шӯру ғавғое, ки мехезад. Дилам мешавад, ки пас аз дарав ду-се таноб замин гираму мош корам, лӯпаку ҷуворӣ, харбуза корам... Не, намешавад, шасти пештараам нест, усто. Ҷавонон ҳама ба шаҳр метозанд, ба шаҳрҳои дуру наздик.

Ҷумъаи гузашта ба шаҳр рафта будам. Баъди намоз як сари қадам ба бозор даромадам. Ҳозир бозори шаҳрамон се-чор ҳисса калону обод шудагӣ. Аммо боз ҷой намерасад. Зану марди деҳотӣ

* **Биргад** – бригадир, саркоргар

картошкаву сабзиашонро дар раҳравҳо шишта мефурӯшанд. Ба растаи қандалотфурӯшӣ наздик рафта намешавад, занбӯри асал зер кардааст. Э, қоил гуфтам-е. Ҳамин занбӯри асал барин ҷонвари заҳматкаш ҳам роҳи осони зиндагиро, ҷойи ширадорро ёфтааст. Ба набераҳо бозича хариданӣ будам, ба яке аз дӯконҳои қатор даромадаму ҳавсалаам пир шуд. Дӯкон пури милтиқу таппонча, автомату танк. Ин дӯкондор ошиқи аслиҳа будааст гуфтаму ба дигараш сар халондам. Тавба кардам, дар ин дӯкон ҳам аҳвол ҳамон. Қисми зиёди бозичаҳои бачагона шамшеру туфангу боз, номҳояшонро намедонам, чӣ бало силоҳҳои оташфишонӣ. Боз нархи якхелаш аз як халта орд ҳам қимат-а. Охир, мо ба набераҳоямон чиро меомӯзонем?!

Хуллас, кайфам парид, усто. Ман-ку саводи казоӣ надорам, ғайр аз боғу боғбонӣ ба дигар корҳои дунё ақлам намерасад, аммо дар шаҳр аздусар олимони калон-калон ҳастанд. Бисёр чизро дарк мекунанд. Онҳо бояд гӯянд, ки «ҳой бадбахт, бардор ин ашғол-дашғолата, фикри бачаҳоро вайрон накун...»

Хуб лаққида туро ҳам дилтанг кардам, усто. Не, дилгир нашав. Охир, фақат ту мефаҳмӣ, ки мақсади ман чист. Бисёрҳо гумон доранд, ки Оқил бандаи ношукр асту аз ҳама норозӣ. Ту медонӣ, ки ман ношукр нестам. Ман шабу рӯз шукри зиндагии имрӯзаро мекунам, ки замона тинҷу дастурхони ҳама пури нон аст. Ман боз ҳам обод шудани деҳаамон, боз ҳам меҳнатдӯсттар шудани ҷавононамон, ба инсоф омадани баъзе танпарварони худхӯрро мехоҳам. Кошки мегӯям дар ҳавлии ҳама чор-панҷ бех дарахт бошад. мехоҳам, ки ҳама «ман» неву «мо» гӯянд ва бо ҳамин мақсад дасту оринҷ барзада кор кунанд. Боз мехоҳам, ки ҳама ту барин яккавлу якрӯ бошанд...

Хайр, ошно, суҳбат боқӣ, бароҳат хоб кун. Кори мекардагиам бисёру ғайрати пештара нест. Ба наздикӣ наздат меоям...

Оқил-боғбон дигар ба қабристон, ба аёдати дӯсташ омада натавонист. Пас аз як моҳи бори охир ба қабристон омаданаш бемор шуд ӯ. Аҳли деҳа боғбони мӯйсафедро як ҳафта бемордорӣ кард.

Пеш аз намози ҷаноза ду васияти боғбонро эълон карданд. Васияти аввалаш ин буд, ки маблағи пасандози ӯро барои ба маҳаллаи нави деҳа ҷӯйи об овардан харҷ кунанд. Васияти охиринаш ба ӯ дар қабристон аз паҳлуи дӯсташ – усто Носир ҷой диҳанд.

Оқил-боғбони пурдидаву гӯшкашида гумон дошт, ки бо маслиҳату насиҳатҳояш ба дили ҳама задааст, ҳамдеҳагон ӯро дӯст намедоранд. Вале гумони ӯ хато буд. Хурду калони деҳа боғбонро дӯст медоштанд.

# ТОРИКӢ

***Ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст...***
***(Бедил)***

Пирамард ба тарафи офтобнишин як нигоҳ карду носи дар кафаш бударо ба таҳи забон партофт. Офтоби тирамоҳи саховатманд рӯ ба ғуруб ниҳода буд. «Пас аз як соат офтоб мешинад, – аз дил гузаронд пирамард, – бигзор шинад. Аздусар қалби маро равшан карда наметавонад. Торикӣ афзал аст аз рӯзи равшан, модоме ки оқибати кор гӯри торик аст. Бигзор шинад офтоб».

Деҳа чандон дур не, пиёда равад яксоата роҳ. Аммо шитоб надошт пирамард. Аз борхалтааш ҷомаи нимдоштеро бароварда рӯйи хараки бетонии истгоҳ паҳн карду болои он нишаст. Борхалтаро, ки дар он як шиша шаробу самбӯсаи хунук монда буд, бо эҳтиёт ба замин гузошт. Ба шиша чашмаш афтиду боз димоғи пирамард сӯхт. Тиратар гашт рӯйи гандумгунаш. «Ноинсоф», – зери лаб пичиррос зад. Беҳуда ранҷонд духтарашро. Сари ҷаҳл аз хонаи духтараш қаҳр карданаш ҳам беҳуда...

Офаридгор тору пуди пирамардро аз бадкирдориву дилозорӣ сиришта буд магар, беҳудакориҳои зиёде кард дар давоми умр. Балки тамоми умраш бо беҳудакорӣ гузашт. Ҳабс шуд, тавба накард, радди маърака гашт, ибрате нагирифт. Нишемангоҳи шайтон буд ҳар ду китфи ӯ, роҳи раҳмонӣ наҷуст. Ва бо ҷаҳли мураккаб мегузашт зиндагиаш. Ҳамсараш ҳам, он зани фурӯтану ботамкин (оҳ, чӣ тамкине дошт ӯ!) қурбони ҷоҳилии ӯ гашт. Модараш низ агарчи як умр аз Худои бокарам ба писари ягонааш инсоф талабид, аз ноинсофиҳои писар ғуссамарг шуд оқибат. Фарзандон чӣ? Беоқибат баромаданд фарзандон ба пиндори ӯ. Ба ҳар ҳол, омада мерафтанд то марги модарашон. Аммо пас аз модар... танҳо ҳамин духтари хурдиаш ҳар сол ду-се бор меояд ба аёдати пирамард. Аз роҳи дур меояд. Гоҳ ду-се рӯз, гоҳе як ҳафта истода, либосу бистари падарро мешӯяд, хонаҳоро аз гарду ғубор тоза мекунад. Дафъаи охир ҳамроҳаш бурд падарро. Гуфт, ки зимистонро бо мо мегузаронед. Наберагонатон ҳам шодӣ мекунанд. Домод хуш пазируфт ӯро. Меҳрубонии наберагон, шодиву хурсандии онҳо ҳадду канор надошт. Дар курта намеғунҷид он рӯзҳо пирамард. Фаромӯш карда буд гӯё хӯйи бади худро, дафтари аъмоли нанговару умри бар абас рафтаро...

Чор моҳ – як моҳи тирамоҳу се моҳи зимистон зистанӣ буд дар хонаи духтараш. Ният дошт, ки бо фаро расидани баҳор меравад ба хона. Ҳамон боғи рӯ ба харобӣ ниҳодаи мактаби деҳаро нигоҳубин мекунад. Пул лозим не, барои савоб хоҳад кард ин корро. Мерасад нафақааш, агар нанӯшад. Қатори ҳамсолон ба масҷид меравад. Шояд бубахшад Худо гуноҳҳояшро, шояд ба саломат бимонад имонаш, аммо...

Аммо сароб буданд ин орзуҳо. Рӯзи чорум феълаш вайрон шуд. Пас аз ба кор рафтани домод духтарашро маҷбур кард, ки пул диҳад бар ӯ.

– Дадаҷон, охир...

– Охири моҳ рафта нафақаамро меорам, мегирӣ пулатро.

– Гап дар сари пул не, дадаҷон, охир боз нӯшед ҳаққу ҳамсояҳо, домодатон...

– Ту маро насиҳат мекунӣ? – дод зад ба духтараш. – Туф кардам ба насиҳатат, туф кардам ба хонаву дарат... – ва дигар зориву таваллои духтарашро гӯш накард ӯ. Ҷомаашро ба борхалта андохту ба роҳ баромад.

Дар истгоҳ набераи калонӣ расид аз қафояш, дар даст як қабза пул.

– Бобоҷон, ман пул овардам, гардед, – зорӣ мекард ӯ бо чашмони ашкбор.

Пулро гирифт пирамард, аммо қафо нагашт. Ашки чашмони духтару наберагон асар накард ба ӯ. Чун ашки модару ҳамсараш, чун ашки дигар фарзандон беасар монд...

Офтоб кайҳо аз хонаи мағрибии худ ҷой гирифта буд. Вақти говгум ҳам гузашту торикии ҳақиқӣ фаро расид.

«Ноинсоф, – ин дафъа баландтар баромад овози пирамард, – чӣ мешуд ба раъям менигашт, то баҳор меистодам...».

Ӯ аз ҷо хеста ҷомаро пӯшиду борхалтаро ба даст гирифт ва ба роҳ баромад. Акнун шитоб дошт ӯ. Мешитобид сӯйи деҳа, сӯйи хонаи торики бекас. Сӯйи торикӣ...



# ЮНУСИ ИМОМНАЗАР
## (1964)

Юнуси Имомназар (Нурназаров) якуми декабри соли 1964 дар деҳаи Эҷи шаҳристони Нурато, ки он вақт мутааллиқ ба вилояти Самарқанд буд (ҳоло Навоӣ), дар оилаи зиёӣ зода шудааст. Ӯ таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро аз соли 1972 то соли 1982 дар мактаби миёнаи рақами 43-и зодгоҳ фаро мегирад. Пас аз хатми мактаб ба шуъбаи форсии бахши Забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад. Дар соли дуюми донишҷӯйӣ ба сафи Неруҳои мусаллаҳи Иттифоқи Шӯравии собиқ даъват ва хидмати сарбозиро то соли 1986 дар Олмони шарқӣ дар воҳиди низомии ҳавонавардӣ адо мекунад. Сипас таҳсили донишгоҳиро идома медиҳад ва соли 1989 бо ихтисоси филолог – муаллими забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ соҳиби диплом мешавад.

Фаъолияти кории Юнуси Имомназар аз соли 1989 оғоз меёбад. Ӯ як сол дар мактаби миёнаи деҳаи Қандак, ки марбут ба шуъбаи маорифи шаҳри Роғун (Тоҷикистон) аст, аз фанҳои забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ дарс медиҳад. Айнан ҳамин фаъолият аз соли 1990 то соли 1996 дар мактаби миёнаи зодгоҳаш идома меёбад.

Моҳи апрели соли 1996 бо даъвати раёсати шуъбаи тоҷикии Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон ба Тошкандшаҳр меояд ва то соли 2000 дар шуъбаи тоҷикӣ ҳамчун муҳаррири калон ва ҳамзамон дар бахши форсии барномаҳои берунмарзии муассисаи ёдшуда ба унвони муҳаррир ва мутарҷим ифои вазифа мекунад.

Вақте ки ширкати байналмилалии «Шимбор»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъолияти густурдаи худро дар бахши эҳдосу навсозии шабакаҳои обрасонии Ӯзбекистон оғоз менамояд, Юнуси Имомназар моҳи апрели соли 2000 ба унвони мутарҷим ва коргузори идорӣ ба он ҷалб мегардад. Ӯ то ба ҳол дар ин ширкат, ки аллакай чандин воҳиди истгоҳи обкашӣ, махзану манбаъҳои заминӣ ва ҳавоии об, хлорзанӣ, таҳнишиниҳо ва созаҳои обгир, тасфияхонаи об, хатҳои лӯла ва дигар кору шабакаҳои системи обрасониро дар шаҳристонҳои ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои Хоразм, Сурхондарё, Ҷиззах, Бухоро анҷом додааст, фаъолият дорад.

Юнуси Имомназар ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ба шеър гуфтану мақола ва ҳикоянависӣ шавқу майл дошт. Ин ангезаи фикрии ӯ дар солҳои омӯзгорӣ, ба хусус, ҳангоми фаъолияти рӯзноманигорӣ дар Тошканд ба авҷ мерасад. Навиштаҳои худро аксаран дар рӯзномаҳои ҷумҳурии «Овози тоҷик», «Фарҳанги Осиёи Марказӣ», рӯзномаҳои «Овози Самарқанд», «Омӯзгор», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва саҳифаи тоҷикии «Рангинкамон»-и рӯзномаи ноҳиявии «Илғор чорводор» (ҳоло «Нурнома») ба дасти чоп мерасонад ва ин ҳамкорӣ бо рӯзномаҳои фавқуззикр ва ҳамчунин ба таври васеъ бо ҳафтаномаи «Ховар» то кунун идома дорад.

Юнуси Имомназар бори аввал соли 2008 ёддоштҳои худро аз сафари анҷомдодааш ба шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва Теҳрони Эрон ба шакли китоб бо номи «Аз Гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон» аз тариқи нашриёти давлатии «Ўзбекистон» дастраси хонандагон гардонид. Соли 2010 китоби дувуми ӯ бо номи «Аз санг сахт, аз гул нозук» тавассути нашриёти «Ўзбекистон» дар матбааи «Extremum press» чоп шуд. Ин нахустин китоби адиб аст, ки ба таври интихобӣ осори дар солҳои мухталиф эҷодкардаи ӯро, ки иборат аз достонҳои кӯтоҳ, қиссаҳо, мақолаҳои публитсистӣ, таҳлилӣ ва фарҳангӣ аст, фаро мегирад. Китоби навбатии мавсуф соли 2014 бо номи «Ҷоми саргардон» аз сӯйи нашриёти «Tamaddun» дар матбааи «Тӯрон» ба чоп мерасад, ки аз қиссаҳои «Гурез аз худ», «Равзанаи умед» ва дувоздаҳ достони кӯтоҳ (ҳикоя) иборат мебошад. Сипас, соли 2016 китоби навбатии адиб бо номи «Деҳаи зархез» аз тариқи нашриёти «Муҳаррир» дар муассисаи табъу нашри «Turon zamin ziyo» чоп мешавад, ки нигоштаҳои пажӯҳишии муаллифро роҷеъ ба таърих, гӯйиши мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ ва аҳли сухану адаби деҳаи бостонии Эҷ (ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ) фаро мегирад.

Ҷойи зикр аст, ки чанд намуна аз ҳикояҳои Юнуси Имомназар дар китобҳои дастҷамъӣ низ гирд омадаанд. Чунончи, дар китобҳои «Се барги сабз» (Тошканд: «Noshirlik yog'dusi», 2019) ва «Суғдиёна» (Нидерлонд: «Ақли Сурх», 2020), ки шомили достонҳои кӯтоҳу баланди нависандагони форсизабони Ўзбекистон мебошанд.

Юнуси Имомназар ҳамчунин ба таври густурда ба тарҷумаи осори нависандагони маъруфи ӯзбек камари ҳиммат бастааст. Нахустин китоби ӯ бо номи «Хирмани сухан» (Тошканд: «Noshirlik yog'dusi», 2019) аллакай ба чоп расидааст, ки аз шарҳи ҳоли мухтасар ва намунаҳои осори понздаҳ нафар нависандаи шинохтаи ӯзбек иборат

аст.

Қобили зикр аст, ки дар моҳҳои аввали соли равон (2021) нахустин романи адиб Юнуси Имомназар бо номи «Сабзу сурх» аз тариқи нашриёти «Tamaddun» ба чоп расид. Ин асар муҳтавои фарох дошта, мавзӯи он асосан воқеаҳои замони гузариш аз сохти аморатдориро ба давраи нави шӯроиҳо фаро мегирад ва моломоли рӯйдоду тасвирҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва фарҳангӣ аст. Муҳаррири китоби мазкур доктори фалсафа доир ба илмҳои филология Олим Давлатов мебошад.

Тахаллуси адабии адиб – Юнуси Имомназар. Дар хусуси китобҳои ӯ аз тариқи рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Ховар» мақолаҳои таҳлилию интиқодӣ, чунончи, аз тарафи профессор Ҷумъа Ҳамроҳ, шоирон Абдулло Субҳон ва Паймон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдуҷамол Ҳасанзода, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Зоҳид Қӯрғонов, нависанда ва шоир Муҳаммад Шодӣ, омӯзгор Нурулло Солеҳ, нависанда Шариф Халил ба таваҷҷуҳи хонандагон ироа шудаанд. Юнуси Имомназар узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст (2020).

Адиб бо ҳамсараш Истадхон Ҳакимзода чор фарзанд – ду писар ва ду духтарро тарбият дода ба камол расондаанд. Роёномаи Юнуси Имомназар дар интернет: «Yunus-Imomnazar@mail.ru» ва торнамои интернетии ӯ: «Yunus.okis.ru» аст. Дар сомонаи «Фейсбук» саҳифаи хос дорад ва ба гурӯҳи фарҳангию маърифатии «Эҷи зархез» мудирият мекунад.

## ҲИКОЯҲО

### РАФИҚИ МУНОФИҚ

– Духтарам, кай аз шаҳр омадӣ?

– Дина.

– Барои чӣ рӯята бо рӯмол бастаӣ?

Ҳусния, гӯё ки сухани падарро нашунид, дам назада аз даҳлези ошхона гуппию пушаки[*] модарашро бароварда дар канори айвон гузошт. Худро сахт машғули кор вонамуд карда, барои овардани тағораи ҷурғот ба пас гашт. Ҳангоми дар гуппӣ рехтани ҷурғот пай бурд, ки падар воиши токро якка мекунаду ҳанӯз аз зери чашм

[*] **Пушак** – гуппичӯб

мунтазири ҷавоби ӯст. Бо овози кам гуфт:

– Аз дарди дандон азият мекашам, бехаш бод кардааст.

Некрӯз дурӯғ бастани духтарашро донист. Чун дид, Ҳусния бо сохтани ҷурғот худро андармон карда аз гап мегурезад, ӯро хиҷолат додан нахост. Машғули кори худ шуд, ҳар шохаки навдаҳои токро, ки ба назараш барзиёд менамуд, қайчӣ зада, дар канори дарвозаи ҳавлӣ ғарам кардан гирифт. Хомтоккунон перомуни духтар ба андеша рафт, як сухани ҳамсараш Нозияро ба ёд овард: «Додош, мо Ҳуснияра ба ҳоли худ партофтаем, – андӯҳомез мегуфт вай, – аз рӯйи шунидам, мудом зери мушту лагад будааст». Ба дилаш ғулғула афтод. Корро то поён нарасонида даст шуст ва ба хона даромад. Ба рӯйи гирдихона* нишаста, чойи дамкардаи Нозияро чойгардон кард. Ҳамсарро хомӯш дид, пай бурд, ки зери коса нимкосае ҳаст.

– Чӣ гап, малул менамоӣ?

Зан озурдахотир ба сухан пардохт:

– Ин домодатон ҳеч одам нашуд! Шумо ҳар қадар ба ӯ расед, вай бештар ҷоҳил мешавад.

Некрӯз ошуфт. Ошӯбомез гуфт:

– Рӯмол бастани Ҳуснияра дидаму фаҳмидам. Баҳонааш чӣ будааст ин дафъа?

– Пиёдаравӣ ба ҷонаш задааст, аз дурии роҳи корашон, – бо зарда ба гап идома дод Нозия. – Аз духтарамон хоста, ки мо қарз диҳему вай мошин харад. Медонед, Ҳусния асло намехоҳад ба шавҳараш ёрӣ расонем. Вале, «агар пул овардан нахоҳӣ, ту ҳам дафъ шав» гӯён, задаю кӯфта шабошаб аз хона берун рондааст.

– Эҳ номард, зани дуҷона-я?!

– Оре, бар замми ин ду бачаша ҳам буроварда ҳай кардааст. Вақте ки одам мазахӯрак шуд, аз вай боз чира интизор мешавед?

Беихтиёр дастҳои Некрӯз мушт шуданд, дандон ба ҳам фишурд. Нозия ёзида чойникро гирифту дар пиёла чой рехт ва ба шавҳар дароз карда афзуд:

– Ба асабонӣ шудан намеарзад, додош, чой хӯред.

– Рост мегӯйӣ, ин одам намешавад, ба назарам.

Зан гуфт:

– Пагоҳ Шаҳрия ва писаронаша бо худам мебарам, бо домоди зӯр гап мезанам. Бубинем, нияташ чӣ аст...

Он шаб Некрӯз мижа таҳ накард. То субҳ аз як паҳлу ба паҳлуи

---

* **Гирдихона** – кӯрпача

дигар гашта, фақат перомуни духтар андеша ронд. «Охир, мард шуда наход ба рӯйи зан мушт фарорӣ? Зиндагиата кунад, ба гарму хунукат расад, фарзандонат бошанд... боз чӣ мехоҳӣ? Яъне, то ин ҳад ҷоҳилу бефаҳмӣ, ки дарк намекунӣ маъюбу маслуқ шудани занат ба зиёни худи туст?». Ба маҳзи даромадани субҳ хаёлоти мубҳамро як сӯ ғундошта, бо охирин фикре, ки ба сараш зада буд, аз ҷо хест. Ба берун баромада таҳорат гирифт. Дасту рӯ поккунон ба Нозия, ки аз саҳархезии ӯ ноором шуда ба ҳавлӣ мебаромад, гуфт:

– Гӯ, Ҳусния бӯғчааша бандад, набераҳо ҳам омода шаванд. Ту не, ман мебарам!

– Яку якбора ба ин қарор омадед, чӣ хабар?

– Меравам, бо ҷаноби шаҳ мардвор суҳбат мекунам. Боз як шанси дигар медиҳам, агар ба қадрамон расид чӣ хуб, агар не, гила аз худаш. Бастаи пулата ҳам барор.

– Пул? Чиҳо мегӯед, арӯсии Маҳрия чӣ мешавад? Баҳои сад гӯсфанд-а?!

– Худо пошшост, то соли дигар боз ҷамъ мекунем.

– Хубтар фикр кунед, додош, меҳнати сесолара ба бод надиҳед.

Некрӯз ба назди ҳамсараш омад. Даст ба рӯйи шонаҳои ӯ гузошта бо меҳр пахш кард ва бо садои нарм гуфт:

– Мо ки барои ҳамин фарзандон зиндаем, дилтанг нашав. Аввал зиндагии якеаш роҳ афтад, баъд меравем аз пайи дигараш. Ин охирин ҳимматам бошад, Худо хоҳад,ислоҳ мешавад...

Вақте ки Некрӯз бо духтару набераҳо ба шаҳр расид, офтоб рост дар болои сар қарор дошт. Ҳаво гарм, бар замми он, дуду ғуборолуд буд. Дарҳол ҳис мешуд, ки касрати мошину корхонаҳо назофату покии табиатро костааст. Ба хусус, одамони аз шаҳраку деҳаҳои хушбоду ҳаво баромада ин ҷавви дудаолудро тез пай мебурданд. Некрӯз худрави таксиро дар назди бозори мошинҳо нигаҳ дошта ба Ҳусния рӯ овард:

– Духтарам, ту бо бачаҳо ба хонаат рав. Ман ба домод телефон карда мегӯям, ки ба бозор биёяд.

– Додоҷон, аз ин раъятон гардед, чӣ лозим?

– Корат набошад, ҳамааш хуб мешавад.

– Кошки ин нағзиҳора мефаҳмид...

– Дар боло Худо ҳам ҳаст. Агар коре кунам барои фарзанду набераҳоям мекунам, – Некрӯз аз мошин пиёда шуда бо таъкид афзуд: – Вақта талаф надиҳем, ту раву аз пайи зиндагиат шав. Худо хоҳад, торикӣ надаромада корамона ба сомон мерасонем.

Агарчи рӯзи якшанбе буд, даробарои одамон дар мошинбозор тунук ба назар мерасид. «Гавҷуми бозор то нисфирӯз аст, – аз дил гузаронд Некрӯз дар роҳравҳои миёни растаҳо қадамзанон, – шояд талабгорон хости дилашона ёфта аз пайи хаттучак ба қабули нотариус рафта бошанд. Ҳеч гап не, ҳанӯз вақт ҳаст, то бегоҳ пайдо мекунам». Ӯ ба назди як дастгоҳ «Спарк»-и ширранг омада истод. Худрав ба назараш хеле гарм тофт, гӯё қаблан онро дар ҷое дида буд. Капоти мошин боз меистод, гардонаи* онро бо тамоми аҷзояш чунон тоза шустаанд, ки ҷило медод. Ба рӯйи як барг коғази ба даҳонаи бози капот наворчаспшуда соли сохта шудани худрави саворӣ ва шумораи телефоне ба чашм мехӯрд. Некрӯз гӯшии ҳамроҳашро аз киса бароварда рақами рӯйи коғазро чид. Садои фосиладори гӯшӣ қатъ нашуда, аз паси сараш овозе омад:

– Бародар, шумо занг мезанед?

Некрӯз тоб хӯрда ба қафо рӯ гардонд. Ба пас гашту бо дидани чеҳраи ошно беихтиёр хурсанд шуд. Дар муқобилаш марди болобаланди сиёҳгуна, ки аз сокинони деҳаи ҳамсояашон буд, лабханд зада меистод. Ба сар кулоҳи сабуки баҳорӣ дошт, домани пероҳани сапеди остинкӯтаҳаш аз болои шими тирафом қариб то зону мефаромад. Некрӯз бо ҳаяҷон гуфт:

– Парвиз, ин худатӣ?!

Ҳар ду бо ҳам бағал кушода вохӯрӣ карданд. Пас аз дуруду ҳолпурсии кӯтоҳ Некрӯз ба сари мақсад гузашт.

– Ба бачаҳо як саворӣ хариданӣ будам, – гуфт ӯ, – растаҳора ду бор давр задам, лекин ҳеч мошине ба дилам нанишаст. Ин ҷо расидаму «Спарк»-и ту ба назарам гарм тофт.

Парвиз бо завқ изҳор намуд:

– Бифармо, ин мошини худат аст! Медонӣ, ду сол пеш харида будам, ҳоло маҷбур шудам ба бозор барорам, – ӯ каме тааммул кард, вале нигоҳҳои суоломези Некрӯзро, ки зудтар идомаи суханашро шунидан мехост, пай бурда афзуд: – Пардохтани пули донишгоҳи писарам мушкил шуд, дигар ҷойи даромад надорам. Ду соли аввал аз молҳоям фурӯхтам, акнун мошина пул накунам намешавад.

– Қарордодӣ мехонад?

– Оре.

– Дар кадом ришта?

– Пешаи интихобкардааш нағз, Худо хоҳад, ҳуқуқдон мешавад.

---

* **Гардона** – муҳаррик, мотор

– Гап нест! Фардо кор кунад бармегардонад. Бачаҳои имрӯз диплом гиранд шуд, тез роҳ меёбанд, зарангу доноянд ҳамаашон.

– Ман ҳам бо ҳамин умед ҳар чӣ дорам харҷ мекунам, дунё ба умед!

Телефони ҳамроҳи Некрӯз занг хӯрд. Вақте ки гӯширо бардошт, аз он сӯйи хат садои домодашро шунид:

– Амакҷон, ин хабари хуша аз духтаратон шунидаму сарам ба осмон расид, раҳмат! – мегуфт ӯ бо ҳаяҷон. – Худам рафта наметавонам, бо ҳамкоронам шинак дорам, лекин додарам Хумсара фиристодам. Бемалол ба номи вай харидан гиред, бе он ҳам доимо бо ман аст, бароям ваколати рондан медиҳад.

Телефон қатъ шуд. Некрӯз гӯшии ҳамроҳашро, ки кӯтоҳ-кӯтоҳ садо медод, дар даст дошта, бо нигоҳи ҳайратзада ба Парвиз чашм дӯхта монд. Ҳамин дам дар сари роҳрави растае, ки онҳо меистоданд, танутӯши лоғари Хумсар намудор шуд.

– Чаро ранги рӯят канд, дӯстам, бо кӣ суҳбат кардӣ? – пурсид Парвиз малул мондани ӯро пай бурда.

– Домод додараша фиристодааст, ана меояд, – ба самти даромадгоҳ ишора карда гуфт Некрӯз, – ту чӣ мегӯйӣ, мошина ба номи ӯ гузаронам?

Парвиз дарҳол ба асли қазия воқиф шуд. Ба пушт сар гардонда, омада истодани ҷавони ношиносро зери чашм хонда, андешаманд баён кард:

– Агар ба домодат бовар дорӣ, дудила нашав. Боз худат медонӣ. Намешавад ба исми духтарат номнавис кунем?

– Вайро ҳам ташвиш надиҳам гуфтам... Э, ҳар чӣ бодо бод, биё, беҳтар ин ки ба корамон бирасем!

***

Охирин айёми офтобии тамуз* аз замину замон доман ҷамъ карда, ба ҳавою бодҳои сарди поизӣ бағал мекушоданд. Аз он рӯзе, ки падари Ҳусния ба шавҳараш худрави саворӣ харида, ду-се насиҳат гуфта рафт, се моҳ мегузашт. Тайи ин муддат худро каме осуда ҳис кард, шавҳари дам дар дарун, ки аз чеҳраи гирифтаи ӯ ботинашро хондан амри муҳол буд, чизе намегуфт. Ҳатто як бор ба хотири калтак заданҳояш изҳори пушаймонӣ накард-е, шаҳбоз!

Дар ин миён фарзанди сеюм ба дунё омад. Ҳусния хеле умед дошт бо дидани тифли навзод шавҳар шир мефарорад. Аммо куҷо?!

* **Тамуз** – фасли гармо, тобистон

Ҳамон се-чаҳор рӯзи дар бемористон будан донист, ки об дар ҳован кӯфтааст. Шавҳари худбин ҳадди ақал як бор ба остонаи зойишгоҳ қадам нагузошт, шодиёна доданро ба худ муносиб надид. Хумсари даҳонбоз, ки аз фарти мошинсаворӣ наметавонист башараи инҷашро ҷамъ кунад, ӯро бо духтараш ба хона овард. Дар воқеъ, худрави саворӣ пурра дар ихтиёри додаршӯ буд, ба гӯшаи хаёл намеовард, ки бояд ба бародар ваколати ронандагӣ диҳад...

Дар ҳоле ки шавҳараш аз субҳ то шом бо баҳонаи кор дар берунҳо мегашт, Хумсар ҳамеша дар гирду бари ӯ тор метанид. Гӯё ба шаҳр аз пайи кор омада буд, вале шаш моҳ мегузашту аз кор дараке не. Мошин харидани падар ба ӯ айни муддао гардид, барои кайфу сафоҳои беохир дастёри беминнат дар ихтиёр дошт. Он чиз ба Ҳусния алам мекард, ки ҳатто ба бензини худрав пулро аз ҷайби бародар мегирифт.

Ғайри интизор, шавҳар одати ноҷӯре пайдо кард. Ду-се рӯз дар миён шабҳо ба хона наомада, дар куҷоҳое то субҳ мемонд. Аҳёнан сару думаш дар манзил намудор мешуд, он ҳам бо қавоқҳои афтода ва то ҳадде пакар*. На фақат дасту рӯ, балки химаҳои** чашмашро низ нашуста ба ҷойи хоб медаромад ва худро ба кӯрпа печонида то нисфу нимаҳои рӯз қусури камхобиро мешикаст. Чӣ вақте бедор мешуду дубора ғайб мезад, ки ҳатто Ҳусния пай намебурд. На бо зан коре дошт, на бо бачаҳо.

Ин рафтори бародар ба Хумсар расани озодиро дарозтар дод. Ҳар гоҳ дилаш мехост аз зану бачаҳои бародар кор мекашид, баъзан ба сарашон дод мезад, тааддӣ*** мекард. Ҳусния намедонист бо ӯ чӣ гуна канор ояд, аз тарси ҷаҳлу муштзӯрии шавҳар дар изои бадгӯйиву зӯриҳояш лом-мим намегуфт. Вале, бо вуҷуди ин тааддиҳо Хумсар чунон хурсанд мегашт, ки фикр мекунӣ, банги девона хӯрдааст. Аҳёнан бо даҳону симои паҳн вориди хона шуда, аз дасту руху тани бачаҳо пучида-пучида онҳоро ба рақс меандохт ва гоҳе худаш низ бо оҳангҳои дурушти зерилабӣ даст меафшонд. Ҳар замон «шӯхӣ»-ҳояш аз доира мегузашту даст ба китфу бозувони зани бародар мебурд, худро хеле ҳазлкаш вонамуд карда, ӯро низ ба бозӣ даровардонӣ мешуд...

... Саҳрои бекарон сип-сиёҳ торик аст. Ҳусния пеш-пеши худ танҳо пайроҳаеро мебинад, ки аз куҷое равшан мешаваду охираш нопайдост.

---

* **Пакар** – беҳол, суст, бемадор

** **Хима** – тарашшуҳот (моеъи таровида)-и зардранг дар гӯшаҳои чашм

*** **Тааддӣ** – *маҷ.* зулм, дароздастӣ

Бо тамоми ҷон ба пойҳояш фишор овард, саъй кард аз ҷаҳаннами торикӣ раҳоӣ ёбад, тез-тез қадам зад. Дар ҳоле ки аз ҳавлу ҳаросонӣ нафасаш мегирифт, пай бурд, ки деве аз қафои ӯ меояд. Аз тарс ба пушт нигоҳ накард, бо шитоби бештар роҳ гашт. Тори равшаниро зери чашм хонда то хеле ҷо рафт, вале дар вуҷудаш қувват намонд, поҳояш суст шуданд. Ҳамин дам панҷаи кулуфти дев аз паси гиребонаш дошт. «Очаҷон!!!» – аз таҳи дил дод зад Ҳусния...

Зан парида аз ҷо хест. Ҳанӯз ба худ наомада ва хоби дидаашро аз мағз нашуста буд, ки дар фазои ниматорики хона суроби хираи чизе ғӯлмонанд ба назараш намуд. Тарсиду дубора аз по даррафт. Марди «ғӯл» дар паҳлуяш нишаст. Наздиктар лағжида аз банди дасти ӯ гирифт ва бо овози кам гуфт:

– Натарс, янга, манам, – Хумсар дасти росташро аз зери гардани зан гузаронд ва бардошта ӯро ба бағал кашид, – ҳеч ҷойи воҳима нест, худатро ба даст гир.

Мисли ин ки ба хоби амиқ рафта, зан ба ҳеч чиз аксуламал нишон надод. Хумсар аз ҳол рафтани янгаро пай бурд, дар зери гӯшпонааш «Ҳусния!» гӯён садо баланд кард ва ҷуссаи ӯро дар бағал чанд бор такон дод. Як лаҳза ором гирифт, бо андешае гӯшашро ба сари дили зан гузошт. Дук-дук зарабони* қалбро ҳис кард. Ҳамзамон чунон роиҳаи хуш ба машомаш зад, ки беихтиёр нафаси амиқ кашида, гунаи худро ба рӯйи синаи зан часпонида истод. Дасту тани Ҳусния ҷунбид. Ногоҳ ларзиду сулфа кард. Хумсар ӯро сахттар дар бағал кашид, дар ҳоле ки аз накҳату тафти занона маст шуда буд, лабу лунҷи бадбӯйи худро ба лабони беҳиси янга наздик бурд. Ҳамин лаҳза ришҳои расидаи ҷавони фосиқ муштипари беҳолро ба худ овард. Зан чашм кушоду дар фазои гургумеши хона, ки аз ҳавои маҳтобии берун ҳосил мешуд, худро фишурда дар зери дастони чун чӯби қоқ хушк ва часпида ба фуки бадбӯйи хукона дид. Хотираҳо дар ҳушу зеҳнаш зинда шуданд, аз сиёҳчоли тасаввурӣ раҳоӣ ёфт ва бо ҷаҳд дасту по зада ҷуссаи хабиси таҷовузкорро аз болои худ ба канор тела дод.

– Мурдор, чиҳо мекунӣ?! – бо хашм садо баланд кард Ҳусния. – Ба кӣ даст меёзонӣ, номард?!

Ҷавон ба худ омад. Баробари хестани янга сари по баланд шуда бо садои кам, вале гиро гуфт:

– Дод назан, бачаҳо бедор мешаванд...

– Бериёи касиф, баро аз хона!

---

* **Зарабон** – тапиш (-и дил)

Хумсар кам наомад:

– Хафа шав, аз ин кулба ту меравӣ, на ман. Бародарам кайҳост ки ба пушти ту лагад задааст. Нафасата кашу ба гапам даро.

Ҳусния ба шигифт омад. Намедонист ба ин лаини пуррӯ чӣ гӯяд. Сарбандашро аз болои болиш гирифта ба сар баст. Нимчаи ба рӯйи курсӣ кашида мондаашро аз рӯйи курта пӯшид. Ҳамин ки хост ба сӯйи дар қадам ниҳад, Хумсар маҳкам аз бозуяш дошт ва ба саъйи раҳоӣ ҷустани ӯ таваҷҷуҳ накарда гуфт:

– Аз баҳри бародарам баро, бо ман бош. Ӯ зани дигар дорад.

Чашмони Ҳусния мисли пиёла боз шуданд. Хост аз таҳи дил дод зада дашном диҳад, вале ба рӯйи бистари хоб сари ҷо ҷунбидани бачаҳояшро диду худро нигаҳ дошт. Фарёд назад, аммо бо тамоми неру аз синаи додаршӯ ба пушт тела дода, ҳавломез аз дар ба даҳлез баромад. Чун ҳис кард Хумсар аз қафо меояд, ба рост печида ба ошхона гузашт. Ҳанӯз даст ба кашуи чанголу кордчаҳо набурда, дубора дар чанголи ҷавони мадҳуш монд. Хумсар як қабза мӯяшро ғиҷим карда ба пас кашид, ҷуссаи сабукашро давр занонда пуштнокӣ ба девор танба кард. Ба маҳзи рӯ ба рӯ қарор гирифтан, марди сархуш маҳкам ӯро ба оғӯш гирифт ва бо чашмони нимапӯш хирросзанон чонаи бадбӯйи худро ба ғабғабу баногӯшаш молида, мисли хари маст ба нашъа кашидан даромад. Ҳусния ҳарчанд дасту по мезад, сарашро тез-тез ба ду самт гардонида аз комҷӯйии ноҷинс раҳоӣ ёфтанӣ мешуд, бефоида буд. Ҳамин дам як гӯшаи нигоҳ ба рӯйи мизи зарфҳо афтод ва дасташ ба як чойники чойхӯрӣ. Барқосо хаёле аз зеҳн гузаронд ва чойникро бардошта сахт ба гиҷгоҳи ҷонвари ҳашарӣ фаровард. Чойник шикасту реза-реза шуда ба каф рехт. Дастаки он дар дасти Ҳусния монд. Зан бо нӯки тези дастак дубора ба зери гӯшпонаи мулӯҳ* зад...

Ҳар талае ҳалқаи нозук ва ҳар сиёҳчоле сӯрохии наҷот дорад. Дар бунбаст ноумед шудан нашояд, зеро то ҷон дар рамақ аст, умед ба рӯзи сапед мемонад. Ҳусния дар доми гирифторӣ охирин илоҷашро ба кор бурд. Ҳамин ки аз зарби ӯ каллаи хуншори Хумсар калавида, ҷуссааш аз по даррафт, оҳи сабук кашид, сарутани худро афшонда ба хонаи бачаҳо гузашт. Ҳар се бехабар аз корҳои олам орому беғам хоб мерафтанд. «Ҳоло бихобед, азизонам, рӯз шавад... », аз дил гузаронд ӯ ва ба пас гашт. Агарчи равшании субҳи содиқ ба дохили хона мезад, боз чароғи даҳлезро равшан кард. Дар кунҷи роҳрав даричаи мадонро кушода, ашё ва лавозими дохили онро тагурӯ намуд. Он чӣ мехост

* **Мулӯҳ** – хӯса

дарёфт, ресмони абрешимини аз ангушти калон дуруштарро, ки замоне худаш таҳ карда гузошта буд, аз зери чизучора кашида ба рӯ гирифт. Ба ошхона гузашт. Додаршӯйи палид аз ҳуш рафта, беовоз дароз мекашид. Гиҷу беҳуш шудани ӯ як сари мӯ Ҳуснияро нороҳат намекард, аммо аз хунравии бисёр нигарон шуд. Ҳарчанд аз ғояти нафрат ба рӯйи касифаш туф андохта, онро бештар мачола кардан* мехост, боз ҳам ҳисси тараҳҳум пирӯз омад. Ресмонро ба замин монда, нахуст бо як порча докаи нам ҷойи кафидаро пок кард. Дар зери дасташ Хумсар такон хӯрд, абрӯ боло-поин кашид, аз димоғ «инг-инг» садое ба мисли овози сагбача баровард. Ӯ бо як порча докаи хушки дигар маҳкам аз рӯйи захм баста, бо зарда гуфт:

– Мур, аз ин рӯзат бадтар шав!

Сипас ресмонро боз карда, як сарашро бо зӯр аз таҳи бағали Хумсар гузаронд. Онро ҳалқавор гиреҳ зад ва аз идомаи банд маҳкам дошта ба самти айвон кашид. Агарчи сахт буд, аз уҳдаи кор баромад, ҷуссаи лоғар, вале вазнинро каш-кашон то назди лӯлаҳои филизии гармкуни деворӣ оварда нишонд. Ресмонро як бор дар атрофи шонаҳои гармкун печонида, дубора ҳар як дасти Хумсарро зич карда ба лӯлаҳои идомаи гармкун баст. Ҷавон дигар наметавонист такон хӯрад. Сари мӯйҷингилаи ӯ ба поён овезон меистод, аз чакакаш шиёрҳои хун то гардан шорида, нақше рангин ба ҷо мегузоштанд.

Ҳуснияя оғушта дар гирдоби қаҳр, бо ҳоле, ки гӯё теғи ғаму ноумедӣ ҷигарашро мешикофт, ба назди бачаҳо гузашт ва чун халтаи коҳ ҷуссаи бедармонашро ба рӯйи бистар ҳаво дод.

***

Пинак бурд ё не, Ҳусния бо садоҳои берабти гумс-гумс бедор шуд. Рӯз фаро расида буд. Нозанинаш сари хурдаки худро дар миёни синаҳои ӯ часпонида бо ноз, гӯё лабони нозуки барги пиёзиаш ба табассум моил буданд, хоб мерафт. Надонист, ки чӣ вақте духтарро ба бағал гирифта макондааст. Оҳиста кӯдакро ба рӯйи болину кӯрпачаи худаш хобонид.

Ба маҳзи дари хонаро кушода ба даҳлез баромадан, овози хирросии Хумсар аз самти айвон омад:

– Чаро дасту поямро бастӣ, нокас! Биё, боз кун, биё!!

Ҳусния боз ҳам дар дил «мур, аз ин бадтар шав!» гӯён бепарво

---
* **Мачола кардан** – дастмолаю маҷақ кардан

ба ҳаммом даромад. Дасту рӯ шуста мӯйҳояшро ба тартиб даровард, гӯшаҳои сарбандашро дар зери гулу гиреҳ зад, як лаҳза ба оина нигоҳ карда истод. Қарнияи чашмонаш бо хат-хатиҳои қирмизранг, пӯсти пешониаш бо каме чурукӣ ба поин кашида, ранги рухсораш паридаю бенур менамуданд. «Худоё шукр, ба нияташ нарасид, – ба акси худ нигоҳ карда аз хаёл гузаронд ӯ, – хост тани покамро олуда кунад, номард...».

Дар ҳамин асно садои тақ-тақи дар баланд шуд. Ҳусния, ки бо умедвории шадид мунтазири шавҳар меистод ва дар тӯли умри ҳамсарӣ боре ҳам ин гуна иштиёқро ҳис накарда буд, ҳаросон ба даҳлез баромаду беист занҷири дарро боз кард. Дилаш мехост баробари дидани марди хона худро ба оғӯши ӯ партояд, дар бағалаш ҷо шуда ҳама тарсу ваҳму ларзаҳои танашро фаромӯш кунад. Дигар сабр аз даст рафта буд, бадтинатӣ ва қилиқҳои ноҷӯри додаршӯ ӯро билкул ба танг оварда, охирин чора – аз хона рондани Хумсарро аз лавҳи хотир мегузаронд. Аммо...

Ҳусния дари даромадро боз карду ҳавсалааш пир шуд. Бо дидани симои махмуру гирифта, лабу даҳони кафолуду чашмони аз ғояти карахтию мастӣ базӯр боз ва сарутани овезони дар хоку гил андуда хунаш ба сар давид. Ҷойи ин ки дарди дил гӯяд, бо ҷаҳл исён бардошт:

– Садқаи одам шавӣ! Масту аласт аз кадом гӯр меойӣ?! Ту ҳам хонаи киро месӯзӣ, нобакор?!

Аз лабҳои каҷукулаи мард базӯр шунида шуд:

– Нафа... са... та каш-ш...

– Ту дар берун, додари касифат дар хона, ба ғайр аз рафтори каҷу чиркин кори дигарро намедонед! Ба шумоён фақат муфтхӯрӣ бошад, нӯшу ишрат бошад... – Дар ҳоле ки ҳама умедаш ба бод рафта буд, Ҳусния бо хашм дарро баста, ба қафо гаштанӣ шуд, ки домани куртааш дар миёни чанголи шавҳар дармонд. Мард мисли саги ба ҷанг омода дандонҳои нимазарди сахт газидаи худро аз байни лабҳои ба ду самт кашида нишон дода, чашмонашро калон кушода, бо ғуррос садо баровард:

– Қан-ҷиқи но-шуд.., ба кӣ дод ме-за-нӣ!..

Ҳамин дам овози Ҳуснияро, ки мехост ғазабашро бештар ба сари шавҳар резад, ғиреви додаршӯ аз самти айвон, ки омадани бародарашро шунида «ака, ака» гӯён садо дармедод ва гиряи чирросии кӯдаки ширмакаш Нозанин дар гулу хафа кард. Зан доманашро бо зарб кашида аз панҷаи шавҳар канд ва бе истиҳола ба самти тифли гирён

давид. Марди сархуш бо шунидани садои имдодҷӯёнаи Хумсар калав-калавон, дасту панҷа ба девор такя дода, ба айвон гузашт. Ҳанӯз ӯ чизе нагуфта, дар сурате ки ёрои гап задан ҳам надошт, Хумсар бо иддао ба дарду ҳасрат даромад:

– Ака, дар куҷоҳо гаштаӣ? Бубин занат ба чӣ ҳол овард мана, лаънатӣ девона шудааст. Хоб дида аноӣ мегуфт, хостам ҳолпурсӣ кунам... – бародар бо як азоб банди дастҳояшро аз лӯлаи гармкун кушод, Хумсар худро сабук ҳис карда аз ҷо хест ва бо нӯги ангуштон пешониашро молида ба дурӯғаш афзуд: – Ногоҳ доду бедод кард, худаша ба ҷиннигӣ заду ба тарафи ошхона давид. Ҳайрон шудам, тарсида аз пасаш омадам. Мана диду гурги ваҳшӣ барин ба сарутанам дарафтод. Ин кам буд магар, чойники чойро гирифту ба сарам зад. Гаранг шудам, пеши чашмама сиёҳӣ гирифт, дигар намедонам чӣ шуд... Ба ҳуш омада бинам, аз ҳама ҷоям ба батарию турба баста мондас...

Бародар бо сари хам, дар ҳоле ки калавида сари по меистод, ангушти ишора ба осмон тик карду нимғурма, канда-канда гуфт:

– Ҳо-ло ист.., и.. қан-ҷи-қа ҷаз-з-оша ме-те-ям...

Ҳусния дар назди тиреза нишаста Нозанинро мемаконд. Ҳарчанд пешонии духтаракро масҳкунон, аз ширмакии ӯ роҳат мебурд, як гӯшаи хаёлаш мушавваш буд. Эҳтимол дошт ҳар сония доду фарёди шавҳар ё додаршӯ баланд шавад. Аммо намедонист чӣ иттифоқе рух медиҳад. Ниҳоят, шишаи интизорӣ дар қоби хаёл шикаст. Дари хонааш тақаррос зада кушода шуд. Шавҳар чун сарбозҳои ба набард омода бо ниҳеб ба дохил қадам ниҳод. Аз чашмони алояш, ки каме пештар базӯр боз мешуданд, гӯё дуди оташ мебаромад. Дар ниҳояти ғазаб рагу пайи дастҳову рухсораш ба рӯ зада буданд. Ба маҳзи аз остона гузаштан канда-канда ба сари зан дод зад:

– Падар-саг, ту-ра... се тало-оқ кар-дам! – мард ин дафъа хеле ҳушёр менамуд, ҳоли абгори додар мисли ин ки ӯро ба худ оварда буд. – Гум шав, буро-о! Дафъ шав аз назарам!

Ҳусния дар анг монд, гӯё аз сараш як сатл оби ях рехта бошанд, тамоми вуҷудаш сард шуд. Беихтиёр Нозанинро маҳкам ба сари дил пахш карда ба по хест. Мехост ҳарфе гӯяд, аммо аз симои ваҳшатзада ва хашмогини шавҳар нафас дар дарун монд, сари ҷо шах шуда истод. Марди хунгирифта аз ин ҳолати ӯ бештар ба ғазаб омад, худро дошта натавониста наздик шуду ба китфи зан чангол зад ва бо зарб ба самти дар тела дод. Чун дид Ҳусния аз баромадан худдорӣ мекунад, кашидаю кушода як мушти обдор ба буни гарданаш фаровард. Зан бо зарби

мушт ба девор бархӯрд, аммо чун кӯдак дар бағалаш буд, бо тамоми қувват худро сари по нигаҳ дошт. Ин дафъа овози шавҳар баландтар дар фазои хона печид:

– Буро, соята гум кун! Дигар ба ман ҳалол нестӣ... ту палашт*!

Аз пайи такон хӯрдану садои гӯшхарош як он кӯдак дар бағали модар дасту по зада баланд гиря кард. Аз тарсидани ӯ Ҳусния бештар ба ваҳм омад, бехаёл худро аз дар ба берун зад...

***

*Фалак дар қасди озорам чароӣ?*
*Гулам гар нестӣ, хорам чароӣ?*
*Ту ки боре зи дӯшам барнадорӣ,*
*Миёни бор сарборам чароӣ? –*

Ҳусния маҳзун канори гаҳвора нишаста бо садои кам шеър мегуфт. Бо якзайл ҷунбидан гаҳвора низ беист «ғиж-ғиж» овози якмаром бароварда ба сурудхонии соҳибаш ҳамоҳанг мешуд.

Ҳамин дам Нозия омад, ду гӯшаи рӯмолашро аз зери гулу боз карда ба пеш сар дод ва дар паҳлуи духтар нишаст. Бо меҳр кафи даст ба рӯйи шонаи ӯ гузошта гуфт:

– Азизам, бисёр зиқ нашав. Бубин, ба писаронат нигарон будӣ, ҳар дуро овардем. Худоё шукр, ману додоят ҳастем, ҳама корат дуруст мешавад.

Хӯрии Ҳусния омад, дидаҳои пури ашк ба модар дӯхта гунаҳкорона изҳор намуд:

– Маро бубахшед, очаҷон, одами ношуд баромадам, ҷуз зарару дарди сар чизе ба шумоён надодам.

– Нагӯ ин хел, ту фарзанди мои, ҷону ҷигарӣ мои...

Ногаҳон аз дами остона сару сурати Некрӯз намудор шуд. Ҳар ду баробар ба по хестанд. Некрӯз «шинед, шинед» гӯён бо даст ишора карду худаш низ дар канори хонтахта ҷо хуш кард. Ӯ чеҳраи афсурда ва чашмони сурхи Ҳуснияро дида гуфт:

– Боз гиря кардӣ, духтарам? Охир, чаро ба гап гӯш намекунӣ?

Ҳусния бо кафи даст рӯяшро пӯшонда сар хам кард. Як лаҳза хомӯшӣ ба миён омад. Нозия барои аз хиҷолат раҳондани ӯ мавзӯи суҳбатро тоб дод:

---

* **Палашт** – нопок, олуда

– Маҳалла чӣ гуфт?

– Ҳамааш афсӯс мехӯранд. Ҳуҷҷатора ба додгоҳ фиристоданд, то як моҳ ба муҳокима даъват мекардаанд.

– Одами паст баромад, кӯрнамак!

– Ҷони духтарамон дар амон бошад, – афзуд Некрӯз, – ҳоло ист, чор анҷомаша фароҳам меоварам, бо бачаҳояш хушбахт зиндагӣ мекунад.

Нозия сухане нагуфта Ҳусния ба суҳбат ҳамроҳ шуд. Ба падар рӯ оварда бо ҳисси ноумедӣ гуфт:

– Додоҷон, ба саратон ташвиш бор кардам, сад бор афсӯс мехӯрам, ки он қадар заҳматҳоятон бар абас рафт. Вақте ки дар донишгоҳ мехонд, пули шартномаша супурдед, кор наёфта бо мардикорӣ овора мегашт, барояш ҷойи кор ёфта додед, қадр накард он ноодам! Акнун хонаю мошин чӣ мешавад? Якера ба номи очааш, дуюмира ба номи додари палидаш гузаронда буд...

– Духтарам, маро хафа мекунӣ! – бо оҳанги норизо омирона гуфт падар. – Тани сиҳату осоиши ҳар яки шумо орзуи ман аст, молу чиза асло фикр накун! Дар оилае, ки саробон нест, ин гуна пешомадҳо амри табиист. «Падармурдаро соя бар сар фикан...», гуфтаанд, ман ҳам ба хотири ин ки ӯ ятим аст, ҳамаро мебахшам. Ҳоло ки ҷудо мешавед, агар ба инсоф ояду аз пеши худ чизе диҳад, чи хуб, агар не, садқаи сар! Барои ман тую бачаҳоят бебаҳотарин сармояву неъмат ҳастед, духтарам, ин ҳеч гоҳ аз ёдат наравад.

– Моли муфт насиб намекунад, дар боло Худо ҳаст, – ба сухан ҳамроҳ шуд Нозия ва аз шавҳар пурсид: – Баъд чиҳо кардед, бо домулло ҳам вохӯрдед?

Некрӯз каме шумханд зада гуфт:

– Оре, аз маҳалла баромада ба пеши Ризомахсум рафтам. Ҳама гапу кора муфассал нақл кардам. Дамашон гарм, домулло мақсади мана фаҳмиданд ва бо таъкид гуфтанд: «Вақте ки доманат олуда шуд, бурида парто! Аз ин тоифа мардҳои сифла, ки рафиқи мунофиқ ҳастанд, бояд даст шуст. Касе, ки зани худро аз дастдарозии дигарон ҳимоят намекунад, кӯдакони маъсумро ба амри сарнавишт вогузошта ба кайфу сафо дода мешавад, даюс аст. Муҷозоти ин разилон аз сӯйи Худованд муқаррар мебошад, ғам махӯр»...

Дар ҳавои суханони падар Ҳусния бо ноз ба модар наздиктар шуда, худро ҷафстар дар бағали ӯ ҷо кард.

***

Ҳарчанд дар берун ҳавои сарди зимистонӣ ҳуштак мекашид, дохили хона гарм буд. Бухории чӯянӣ мисли анор сурх шуда, вар-вар садо дармедод. Дар болои сӯрохи кӯчаки он як чойҷӯш ва бар рӯйи сӯрохии бузургаш дегчаи чаҳоргӯша қул-қул ҷӯшида меистод. Бӯйи лазизи обгӯшт хонаро пур мекард, кадбону ҳар замон кашидадӯзиашро канор гузошта аз ҷо мехест ва дегчаи обгӯштро кофта мемонд. Ҳама машғули кори худ: писари калонӣ, ки аллакай мӯйи лаб бароварда китфу бозувонашро сар дода буд, дар гӯшаи ҳамешагии худ, пушти мизи қироат ба рӯйи курсӣ нишаста, китоберо бодиққат мутолиа мекард; дар канори ӯ додараш аз роёна* сар намебардошт, ҳар замон ангушт ба рӯйи сафҳакалид зада аз пайи матлаби дигар чиқ-чиқ ҳарф мечид; дар рӯ ба рӯйи ӯ хоҳараки хурдсоли чилкокула бо ноз машғули расмкашӣ буд. Лавозими кори ӯ аз ҳама бештар ба назар менамуд, ба рӯйи мизи дарсхонӣ қаламҳои ранга, чанд дона мӯқалам, қуттичаҳои ранги акварел мехобиданд. Дар пешонии онҳо оинаи нилгуни деворӣ «гап» дода меистод. Кадбону як гӯшвор ба телевизор, тарҳи духтараки рақсонро дар миёни гулҳои баҳорӣ фаровард, охирин торҳои мишкирангро аз охирсари гесуҳои печон кашида аз ҷо хест. Порчаи бо риштаҳои ҳарранг кашидадӯзишударо ҷамъ карда ба болои рахти ҷойгаҳ гузошт ва ба ҳама шунаво гуфт:

– Хуб, бачаҳоям, по шавед, дасту панҷа шуста дастурхон паҳн кунед! Обгӯштамон ҳам ҳилим-ҳилим пухт, шом мехӯрем!

Ҳамоно писари хурдӣ аз роёна сар бардошт, дастҳояшро сахт ёзонида ба пешу пас ду-се тоб дод ва бо завқ изҳор намуд:

– *Ман ошиқи обгуштам,*

*Ман мубталои гуштам...*

Писари калонӣ ҳам аз шеъраки додар ба завқ омада, китоби дасташро канор гузошту аз ҷо хест ва ба хоҳарак, ки мӯйқаламеро миёни ангуштони нозук дошта, мисли рассомҳои ҳирфаӣ абрпораҳоеро дар фарози доманакӯҳҳо мефаровард, наздик шуд. Ӯ як мӯйқаламы дигарро гирифт ва пеш аз он ки ба рӯйи коғази расми хоҳар сурат кашад, суол кард:

– Медонӣ, кӯҳон чист? Кӯҳони шутурро дидаӣ?

Вақте ки исми шутурро ба забон овард, ҳамоно хоҳар бо табассум ҷавоб дод:

– Оре, дидаам! Дӯнгиҳои пушташ-дия.

Ҳар се хандиданд. Бародар афзуд:

---

* **Роёна** – компютер

– Ана ҳамонро ба хотир оварда калону хурд бикашӣ, мешавад абр, – худаш дар идомаи тасвирҳои хоҳар намои абрҳои кӯҳоншаклро фаровард ва бо меҳрубонӣ аз ду китфи ӯ дошта гуфт: – Ҳоло хез, бо ҳам шом мехӯрем, баъдан давом медиҳӣ.

Пас аз дасту рӯ шустан ҳар се – ду бародару як хоҳар ба ёрии модар шитофтанд. Ба иттифоқи ҳам дастархон густурда, чой дам карда, обгӯштро дар косаҳо кашиданд ва гирди ҳам нишаста ба тановул пардохтанд. Дар ҳамин асно ровии оинаи нилгун ҳушу хаёли модарро рабуд, ӯ дар идомаи «Ахбор» мегуфт: «Бисёр ҳамдиёрони мо бо орзуи сарвату пул тарки ватан мекунанд, вале намедонанд, ки ин кори таваккал на ҳамеша бобарор аст, – аз пайи сухани ровӣ манзараи зимистон, як шаҳраки бегонаи барфпӯшро намоиш медоданд. – Бубинед, дар ин шаҳри ноошно ду марди овора бо ҳоли табоҳ бехонаю дар шудаанд, аҳволи онҳо аз сагҳои дайду ҳам бадтар аст, – намоиши телевизион бештар диққати кадбонуро ҷалб намуд. Он ду нафари одамсурат дар зери норвоне ба ҳам часпида, дарақ-дарақ ларзида менишастанд: ҳар ду камзӯлҳои пора-пораи дарбеҳдору риштакашол ба бар доштанд, мӯйи сарҳо расида ба пушт фаромада буд, чеҳраҳояшон аз ниҳояти риши ғулуи расида базӯр ба назар метофт. Ровӣ мегуфт: – Ин ду нафар аз диёри мо ба мардикорӣ рафтаанд, вале нодонию ноуҳдабароӣ онҳоро ба ин ҳоли паст афкандааст. Чандин сол аст, ки онҳо аз сарқути одамҳои раҳгузар имрори маош мекунанд, касифу олуда мегарданд, зиндагиашон, агар онҳоро «зинда» пиндорем, аз ҳаёти хукҳои ваҳшӣ бадтар аст. Онҳоро дар он диёр «бомж» мегуфтаанд... ».

Писари калонӣ оҳиста аз банди дасти модар дошт, бо меҳрубонӣ гуфт:

– Очаҷон, онҳоро дидию нороҳат шудӣ? Шавҳарат ба ёдат омад?

Дили зан таҳ хӯрд. Аз як сӯ бадбахтии шавҳари булҳавас, аз ҷониби дигар фарзандони бе падар бузургшуда, ки исму меҳри додоро намешиносанд, ӯро ба алам овард. Сухане нагуфта, писар афзуд:

– Ба ин ҳол гирифтор шуданаш хости Худо аст. Ӯ ба ту номеҳрубонӣ кард, фарзандони худро пешпо зад, на хонаю дар, на мол, на мошину чизучораеро, ки моли ҳалоли ту ҳам буд, барои мо раво надид. Дар ҳини муҳокимаи додгоҳ бо додари лаину модари шаддодаш ҳар туҳматеро, ки медонистанд, ба сари ту рехтанд. Мо ҳамаи он воқеаҳоро шунидаем, равшан медонем.

Модар бо чашмони ғарқи оби меҳрогин ба писар дида дӯхт, бо ҳасрат сухан зери лаб чид:

– Ман ночор будам, намехостам ҳама ба хотири ман азият кашанд, вале рух дод... Падару модарам, шумоёнро бисёр овора кардам...

Писар хушҳол дасти модарро маҳкамтар фишурда гуфт:

– Ту беҳтарин бону, азизтарин духтар, меҳрубонтарин модар ҳастӣ, очаҷон! Ба сухани бобоям гӯш додӣ, таҳсили олӣ гирифтию омӯзгор шудӣ, моро бекамукост бузург кардӣ. Бубин, хона сохтем, боғамон ҳаст, ҳатто бузу гӯсфанду гов дорем! Дар ин замона ба чизе муҳтоҷ набудан бахти бузург аст, очаҷон!

Модар низ кафи гарми худро рӯйи дасти писар гузошт, аз чашмонаш ҳисси ризояту шодмонӣ ҷило медод. Бо садои ровии оинаи нилгун дубора ба ҳоли табоҳи «бомжҳо» дида андӯхтанд. Писари калонӣ илова кард:

– Ман боре аз муаллим Мансур кору кирдори шавҳаратро пурсида будам. Ӯ мегуфт, ки он номард ҳанӯз аз ту ҷудо нашуда занбозӣ мекардааст. Ин одати разилонаро баъдан идома медиҳад, вале барояш гарон тамом мешавад. Зане, ки пас аз ту ба хонааш овардааст, ӯро хонасалот мекунад. Сипас аз кораш ронда мешавад, ду даст дар бинӣ мемонад. Модари «меҳрубон», ки ҳамеша туро наҳ мезаду дар ҳаққат чандин туҳматро бофтааст, ӯро бо додари ҳаромаш ба мардикорӣ мефиристад. Як сол нагузашта хабару аксҳои бехонаю дар ва гадои гузаро шудани онҳо паҳн мешавад. Ман он замон панҷсола будаам, аз миён дувоздаҳ сол мегузарад, вале то ҳол онҳо беному нишонанд.

Модар сар хам кард. Ба рӯйи гунаҳояш оби дида фаромад. Дар ҳоле ки писару духтари хурдӣ бо ҳайрат ба ӯ менигаристанд, писари калонӣ суоломез гуфт:

– Очаҷон, аз суханҳои ман ранҷидӣ? Чаро гиря мекунӣ? Ҳар чӣ дорӣ бигӯ, дилатро холӣ кун.

– Ман бехабар мондаам, ки ту аллакай калон шудаӣ, писарҷон. Ҳар чӣ буд гузашт, гуфтаат, Худо ҷазояшро дод...

Модар боз чизе мехост бигӯяд, аммо худдорӣ кард. Ин ҳолати ӯро пай бурда, писар аз нав ба сухан омад:

– Дилатро фаҳмидам, оча. Мехоҳӣ мо ӯро бубахшем, биравему аз он ғарибиҳо ёфта гирем, дуруст?

Модар як он сар бардошт, чеҳрааш гӯё равшан шуд. Бо умедворӣ ба писар зеҳн монд.

– Ман шумоёнро маҷбур намекунам, – давомдор сухан гуфт ӯ, – лекин, ба қавли гузаштаҳоямон, «падарат хук бошад, хук бонӣ кун». Агар имкон даст диҳаду ёфта биёред, ин силаи раҳми мо мешавад.

– Очаҷони раҳмдилу некандеши ман! Ба хотири ту ман аз пайи ин кор мешавам, фақат як каме бояд сабр кунем. Ҳар гоҳ шиноснома гирифтам, бо ягон кас ба ҷустуҷӯ мебароям.

Модар аз шодӣ шукуфт, як дам бо меҳр писарро ба оғӯш гирифт. Дар дили ин суҳбатҳо ногаҳон аз берун садои ошно шунида шуд:

– Ҳусния, духтарам, дар хонаӣ?!

Ҳама баробар аз ҷо хестанд ва аз қафои модар ба пешвози падарбузург шитофтанд. Аз дами дарвоза Некрӯзу Нозия, ки дар ҷомаҳои гарм худро маҳкам печонида буданд, ба дохил медаромаданд. Онҳо ба меҳмонӣ меомаданд.

## ЯКРАВ

Ба сабру бардошти ҳар дуяшон ман қоил!

Ҳамин ки чилланишинӣ эълон ва дари мактабу корхонаҳо баста гардид, шавҳару духтарам аз хурсандӣ кулоҳ ба осмон партофтанд. «Боракаллоҳ, ана ин кори оличаноб шуд! – мегуфт додояш бо рӯҳи болида. – Сари вақт ширкатро таътил карданд, Илоҳо, ҳама баду бало зудтар гузашта равад!». Духтарам низ шодмониашро дар худ намехӯрд: «Чӣ қадар зебо шуд, ба гуфтаи устодамон, хавфи олуда шудан ба ин вируси балои ҷон паси сар монд. Аз ин пас дар хона нишаста дарс меомӯзем, муаллимон бо телегром вазифа медиҳанд. Аз каналҳои телевизион ҳам дарсҳои онлайн мегузаранд»...

Оре, ҳар ду хонашин шуданду дили ман дар хона нағунҷид. Намедонам чӣ ҷине маро зад, аз субҳ то шом ба ҳузури шавҳару духтарам дар манзил базӯр тоқат мекардам. «Мардаки беғам, рӯз то бегоҳ пушта ба курсӣ часпонда нишастанат нишастан, – ҳар гоҳе ба шавҳари «бекор» назарам меафтод, гулуямро ингор панҷаи гург хафа мекард, – э, аз китобу газит хондан дили ту беҷо ҳам намешавад-е!». Сарборӣ ба ин, духтарам низ дар паҳлуяш беғаму бепарво бо қаламу дафтару роёнааш ишқу ҳол мекард: менавишт, мехонд, тасвир мекашид, соатҳо ба мағзи роёнааш даромада мерафт. Ин шуғлу ҳамроҳиашон маро ба марзи дилтангӣ расонд, дар сурате ки қаблан ҳар рӯзи Худо танҳо менишастаму доимо мамнуну сари ҳол будам!

Гоҳе ҳис мекардам, ки ба инсоф меоям: охир, инҳо ҷигарҳои мананд, чӣ бадӣ дорад агар шабу рӯз бо ҳам бошем? Ба гуфтаи додояш, то гузаштани балоҳои рӯз беҳтар нест ҳама дар хона бимонем? «Эҳ нодон, умр ғанимат, ҳоло ки фурсат дорӣ ту ҳам аз дидору аз меҳрашон сер

шав, – чун барқ фикрҳое дар саҳни хаёл ҷарақа мезад, – ба дилашон роҳ ёб, хушҳолӣ кун, аз хӯроку шириниҳои аҷоибат бипаз, ба қадри азизонат бирас!». Вале, ин ҳиссиёт ҳамон як оташаки лаҳзаина буду халос. Мани хонашине, ки асло ба берун руҷӯъ намекардам, ҳоло дилтанг шудам. Аз чиллаи нобаҳангом наздик буд дилам торс кафад, аз пайи наҷот суроғи дугонаҳоямро гирифтам...

Дунё бо ҳамрозу ҳамдам сафо дорад! Дугонаҳои бовафо бо як ишора дарди бандаро фаҳмиданд. Шинаки навбатиро Гулсара ба уҳда гирифт. Пас аз даҳ-дувоздаҳ рӯзи дар хона мондану саршор шудани косаи сабр ба димоғам ҳавои тоза расид, барои рафтан ба меҳмонӣ омодагӣ дидам. Оҳ, чӣ қадр лаҳзаҳои рӯҳбахше буд он дам! Хурсандиам дар дил намеғунҷид, охир, он лаҳза аз зиндону маҳбусони дамдардаруни он раҳоӣ меёфтам! Аммо...

– Ҳа, ба куҷо даррав шудӣ? – ғайри чашмдошт овоз баланд кард додояш аз ҳамон ҷойи нишасти худ. – Ба меҳмонӣ меравӣ?

«Ҳама гуфтугузорро шунидааст, нокас, – шуввӣ дилам рехт, – худро бо китобхонӣ вонамуд карда ба ман гӯш медодааст!». Суоли ӯ чун сӯзане буд, ки пуфаки тоқатамро кафонд.

– Чӣ буд, дастамро мебандӣ, ба поям ишкел мезанӣ? – бо инод* гуфтам ман. – Ҳақ надорам ба меҳмонӣ равам?

Ба наздам омад. Сураташ ба андозае шигифтзада менамуд, ки гумон мекунӣ дар умраш ҳеч гоҳ ин гуна муомиларо надидааст. Чашмони аз мутолиаи зиёд сурхшудаи ӯ чун пиёла боз ва лабу даҳонаш ба ду ҷониби ҷоғ мисли кеш таранг шуда буданд. Бо азобе ғазаби худро ба дарун хӯрда гуфт:

– Дар берун карантин, ин ҳама сарусадои пулисҳоро намешунавӣ?

– Ба ман чӣ? – якравӣ кардам рост ба чашмонаш нигариста. – Аз куруно гурехта дар хона бимирам?

– Ё тавба, ин гап аз куҷои ҷонат баромад? Магар касе зулм мекунад ба ту?

– Ман дар ин зиндонат девона мешавам! Пеши роҳамро нагир, маро гузор ба назди дугонаҳоям равам, то вақти шом бармегардам.

– Ба ҳеч ҷо намеравӣ! – садо баланд кард ӯ, дар ҳоле ки наметавонист ҷаҳли худро нигаҳ дорад.

– Меравам!

Ёзиду аз банди дастам гирифт ва дод зад:

– Ба хона даро!

---

* **Инод** – саркашӣ, гарданшахӣ; лаҷоҷат

– Не! – бо зарб дастамро кашида, худро аз дар ба берун задам ва ба пушт нигоҳ накарда бо ҳавлу ҳарос аз зинаҳо ба поин давидам.

Вақте ки ба кӯча баромадам, додояш сар аз тиреза нишон дода бо таҳдид гуфт:

– Агар балое ба сарамон биёварӣ, зинда-зинда гӯрат мекунам, ин ҳарфам аз ёдат наравад!

Ман даст афшонда, аз роҳам нагаштам. Бо орзуи дидани ҳамтабақони улфат ҳамонанди мурғи озоде ба сӯйи мақсад бол задам...

Бе муҳобо, баҳори зиндагӣ суҳбати дӯстон аст! Аз ин дару аз он дар хонаи гап метафсаду дилат сард намешавад. Касе аз доми ҳангома берун намемонад – на арӯсу модаршӯ, на ҳамсояву ҳамхоба, на фалону на бисмадон. Он рӯз гӯё як пуд ғам аз танам рехт, нисфи ҳангомаро ба шинаки дигар вогузошта, бо хушҳолӣ ва бӯсу канор ҳамдигарро тарк кардем.

Вақте ки ба хона омадам, аллакай ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифта буд. Дарро оҳиста тиқ-тиқ задам. Духтарам кушод. Ба дохил по гузошта чанд муддат сари ҷо мех шуда истодам. Аз хаёлам мегузашт, ҳамин ҳоло шавҳари ошуфта ба пешвозам метозаду ё сарзаниш мекунад, ё муште ба сарам мефарорад. Вале ҳодисае рух надод, фазои ҷиму ором ва зиқизойи манзил дубора маро ба оғӯш гирифт...

Бори аввал дар хонаи хобам шабро танҳо то саҳар расонидам. Намедонам барои чӣ, ҳамон шаб хеле мехостам додояш ба наздам ояд, мисли айёми ҷавонӣ бо меҳр маро ба оғӯшаш гирад, тану ҷонамро бисояду оташи видоду хуллатро дар вуҷудам ҷо кунад. Мижа таҳ накарда то хеле вақт ин лаҳзаро мунтазир мондам, аммо мурод ҳосил нашуд. «Аз ман хафа аст, чун ба суханаш гӯш надодам, мехоҳад қаҳрӣ гардад».

Субҳ аз хоб хеста ба корҳои зиндагӣ андармон шудам. Кор мекардам, вале мисли ҳамеша сабуку сари ҳол набудам, тамоми ҷонам хаста менамуд, гӯё дасту поям дармон надошт. Пас аз сарфи субҳона дубора ба тоза кардани хона пардохтам. Кам-кам беҳолиам бештар мешуд, ҳатто чизе пеши гулуямро гирифта, ҳолати таҳаввуъро ҳис мекардам. Бо ин ҳол то пешин расидам. Ҳамроҳи духтарам хӯроки нисфирӯзӣ пухтем. Пас аз сарфи наҳор пай бурдам, ки дасту поям ҷон надорад. Ба хонаи хоб даромада дароз кашидам. Ногаҳон дар ҷойи хоб дарунам шуррӣ гузашт. Давида ба дастшӯйӣ баромадам. Оре, дарунравӣ доштам, мисли зардоб меомад, исҳоли сахте гирифта будам.

Додояш эътиное надошт, духтарам низ дар олами дарсҳои худ фурӯ

рафта, бепарво тамрин мекард. Дарди шикам маро ором нагузошт. Гӯё лӯлае дар дарунам ҳавокашӣ мекард, атрофи шушам месӯхт, ҳалқам хорише дошт, мисли ин ки ба он сихе халида меистод. Дилам сахт бечо шуду парида сари по хестам, ба дастшӯйӣ гузаштам. Ҳарчанд қай кардан мехостам, аммо чизе аз гулу набаромад. Бехаёл ангушт дар ҳалқ андохтам. Аз чашмони хундамидаам ашки сӯзон баромаду андак зардоби қирмизранг аз даҳон, қариб нафастанг шудам. Базӯр ҳаво аз гулу бароварда, сар бардоштам, ҳалқам хорид, кам-кам сулфидам. Бо мурур нафасгириам мушкил пайдо кард, мекӯшидам аз ин азоб бо сурфаи хушки канда-канда раҳоӣ ёбам...

Он рӯз ҳам ба поён расиду пардаи тираи шом ба ҷойи равшанӣ нишаст. Сари вазнину тани беҳоламро базӯр бардошта ба ошхона гузаштам. Духтарам ба ёрӣ омад. Ҳанӯз ба омода кардани ғизо напардохта дубора сурфаам хурӯҷ кард. Духтарам ҳайратзада пурсид:

– Чӣ гап, оча, дар чиллаи баҳор сармо хӯрдӣ?

– Намедонам, тамоми ҷонам дард дорад, – дар ҳоле ки аз нав дар худ таҳаввуъу дилбеҷойиро ҳис мекардам, гуфтам ман, – аз димоғам гирифта то шушу ҷигарам месӯзаду мехорад, назорати баданам аз даст рафтааст.

– Ҳоло ист, ман илоҷашро меёбам, – чашмони духтарам барқ заданд, давида ба балкон гузашту як бандча ҳазориспандро ба рӯ гирифт, – ҳоло дуд мекунем, ҳама микроб мемирад!

Бо ин ҳол кашол-кашол хӯроки шомро пухта ба дастархон кашидам. Хеле гурусна будам, мехостам як олам ғизо бихӯрам, лекин пушти суфра нишастаму ҳеч коре аз дастам наомад. Танҳо як чумча аз таом хӯрдам, бемаза буд – на бӯе дошту на маза. Ҳарчанд шикам танбӯр менавохт, иштиҳо ғайб зад. Базӯр ду-се тикка нон фурӯ бурда, як пиёла чой нӯшидам ва хастаю беҳол ба ҷойи хоб гузаштам.

Дунё чӣ имтиҳонҳоеро ба сари одам намеоварад! Гӯё кӯҳи оташи Халилуллоҳ буд, ки маро дар коми худ фурӯ мебурд. Аз ғояти сӯзу гудози беохир парида аз ҷо хестам. Ингор тамоми баданам месӯхт, пешониам рӯяи танӯрро мемонд. Бо шиддати табу ҳарорати баланд тамоми вуҷудам меларзид, хир-хир базӯр нафас мекашидам, дар гӯшҳоям виз-визи муттасил хона мекард. Дар торикии нисфи шаб ба девору дар такякунон, по ёзонида то ҷойи хоби додояш омадам. Ҳамин ки малофаи болояшро кашида даст ба китфаш бурдам, ҷаста хесту сари ҷо нишаст. Ман дигар ҳоли гапзанӣ надоштам, аз ғояти ларзиш лаб ба лабам намерасид, худамро гум кардам...

Илоҳо, хушк шавад решаи якравӣ, дар рӯзи равшан корашро кард! Гапнодарой бароям гарон тамом шуд. Набуда монад он нишасту гапи дугонаҳо, бо пойи худ рафтаму бо оташи бало баргаштам. Аблаҳию кавданиам маро бистарӣ карду беҳуш! Намедонам чӣ қадр дар дунёи тахалхулию* рангоранг сабуку берӯҳ мегаштам, яке ба ҳуш омадам, чашмҳоямро кушода худро дар хонаи бузурге дидам. Рӯ ба рӯям аз сақфи хона чандин чароғак милтас мезаданд. Ба суратам василаи танаффус ва ба ангуштону сари дилам низ чандин оҳанаку дастгоҳак зада буданд. Дар назди тахтхобам ва дуртар аз он одамҳое саросар сафедпӯш бо дасткашу дамобандҳо давуғеч доштанд. Яке аз онҳо дида боз кардани маро дид магар, ба пешам омад ва пурсид:

– Ба худ омадӣ? Садои маро мешунавӣ?

Ман «оре» гуфтанӣ будам, аммо ҳис накардам, ки забону даҳонам мечунбад ё не. Парастор ба суханаш афзуд:

– Аз марг баргаштӣ, хоҳар, акнун зиндагӣ мекунӣ. Баданат ба худ омад.

Ман суханҳои ӯро мешунидам, аммо ёрои гап задан надоштам. Хеле мехостам аз ӯ бипурсам, ки ба ман чӣ шуд, чанд муддат беҳуш хобидаам, бемориам чӣ аст, барои чӣ асири ин ҳама дастгоҳу резинҳо ҳастам... Хушбахтона, парастор фикрҳоямро аз дидаҳои нигаронам хонд магар, сӯзану шишаи доруи қатраии болои сарамро ба мизон оварда, бо нармӣ ба ман шарҳи ҳол кард:

– Туро дар ҳолати бухронӣ ба дармонгоҳ расониданд. Дамои баданат чилро зер мекард, хишшоки қафаси синаат возеҳ шунида мешуд, аз нафасгирӣ афтода будӣ. Озмоишҳо нишон доданд, ки вируси куруно қисматҳои болоию поёнии роҳҳои нафас ва ҳатто кисаҳои ҳаворо олуда кардааст, роҳҳои ҳавогузар варам дошт. Бо ин ҳол, ба ту сари вақт расидем, ҳоло ба худ омадӣ, вале бадии кор дар ин, ки вирус ба наздиконат ҳам сироят кардааст...

Ин ҷо сухани парастор чун теғе диламро сӯрох кард. Бо талвоса дар ҷойи хоб такон хӯрдам. Парастор китфҳоямро зер карда, бо изтироб гуфт:

– Ором бош, хоҳар, сӯзандоруҳо дармераванд. Пас аз як ҳафта базӯр ба худ омадӣ, ҳама саъю талошамонро ба бод надеҳ! Бубин, духтару шавҳарат низ дар зери дастгоҳанд, ба онҳо низ пайваста дору тазриқ мекунем, ҷойи хавотир нест.

Гӯиё хун ба майнаам зад, сарам гиҷ шуду чашмонам сиёҳӣ рафт...

---

* **Тахалхул** – ҷудо шудани ҷузъҳо ва зарроти ҷисмӣ аз ҳам, пӯкӣ

«Ҷиз-з» сӯхтани пӯсти дастамро ҳис кардам. Парастор ба вариди* борик доруи мусаккин мефиристод. Дар ҳубобҳои тирафоми хаёл чошу пареш воқеаҳои пешин зинда шуданд. Ба дидаҳои ошуфтаи шавҳарам тоб наоварда, бо ҳисси изову пушаймонӣ чашмонамро пӯшидам. Нидое аз мағзи ҷонам ҷӯш зад: «Худоё, савганд ба иззатат, барои гуноҳонам ҷуз ту омурзгоре** намеёбам, бо хории тамом ба даргоҳат рӯй меоварам, тавба кардам, бо бузургиат азизонамро аз ин бало наҷот деҳу маро аз насими рӯҳафзои бахшиш ва омурзишат маҳрум нагардон!».

## МОДАРАМРО ДИГАР НАЁФТАМ
## (лавҳа)

Агар гӯям, ки нисфи умрам дар роҳ гузашт, шояд хато бошад, зеро ин нисфи умрро дар мусофирӣ гузарондаам. Бешак, ҳама дар ин дунё мусофирем, вале бо тақозои сарнавишт ба кӯйи мусофирӣ афтидан чизи дигар. Ман берун аз манзили падар, дур аз ватани бобоӣ маскан гузидаам ва ноилоҷ шабу рӯз ранҷи ҳиҷрону фироқ мекашам. Ин ранҷ дарди пазмонӣ аст: муштоқӣ ба дидори модар, ки шабу рӯз дар интизори ҷигарбанди худ роҳ мепояд; орзуи дидани ёру дӯсти ҷавонӣ, ки барои ҳамрозу ҳаммаслаки худ суфраи суҳбатҳои ширин меорояд; умеди расидан ба табиати биҳиштосо, ки сари ҳар қадам бо чеҳраи ноз истиғно мекунад ва бо роиҳаи дилангези худ фараҳу ҳаловат мебахшад.

Ба ҳар навъе, ки хоҳем, зиндагӣ мегузарад ва ҳар манзили гузидаи мо бароямон ватан аст, аммо зодгоҳ талъату накҳати дигар дорад. Намедонам, шояд оҳанрабоест, ки тамоми торҳои мағзу вуҷуди моро ба худ ҷазб мекунад, шояд баҳри беохири рӯҳониест, ки ҳушу ҳавоси моро дар худ фурӯ мебарад. Ман зуд-зуд ихтиёр аз даст медиҳам ва беихтиёр роҳи зодгоҳ, роҳи деҳаро пеш мегирам ва ба хотири рафъи хумору кадом як ташнагие дар талош меафтам...

Ин дафъа ҳолам гирифта аст. Ман қадамҳои вазнин дар ҷодаҳои сахти деҳа мебардорам. Ёрои ҳарф задан, ҳатто сар боло кардан надорам. Ҳар қадар ба хонаи падарӣ наздик мешавам, дилам бештар ба ҳавл меояд, нобаҳангом буғзе гулуямро мегирад, мадори дасту поям мекоҳад. Ба сӯйи арзак – суфачаи сангине, ки болотар аз хонаамон аст, хира мешавам, аммо касеро намебинам. Дигар он пайкари рӯҳбахше,

---

* **Варид** – сиёҳраг, вена

** **Омурзгор** – бахшоянда, афвкунанда

ки ҳамеша маро он ҷо истиқбол мекард, ба назар намерасад. Ҳалқаи дарвозаро боз мекунам, ҳавлии холӣ ва орому сокит қалбамро мефишорад. Беихтиёр садо мебарорам: «Оча!». Мехостам акси садо шунавам: «Ҷони оча!». Ҳайҳот, на овозе, на акси садое. Худамро бо бехудӣ аз дар ба дохил мезанам. Дар пойгаҳ ҳамон пӯстаки зерипойӣ, дар фарши хона ҳамон қолии дастбофти равонакӣ, ба рӯйи девор ҳамон сӯзании пурнақшунигори дастдӯз овезон... Ҳама нишона ҳаст, аммо худаш нест. Ӯро дигар намеёбам, ҷояш холист.

Рагу пайи поҳоям суст шуда, дузону нишаста мондам ва сар дар гиребон фурӯ рафтам. Модарам бо чеҳраи гарм ва ба ҳар ҳолат дар пеши назар ҷилвагар шуд: миёнашро бо рӯмоле баста буд ва як даста ҳезуми хушк ба сар гузошта меомад; дар чуқурчае, ки қолиби танӯр буд, истода, аз гили бо бузмӯй пухташуда танӯр месохт; бо шонаву мокую дастак калобаҳои рангбарангро дар тору пуд кашида гилем мебофт; рухсораш лолагун буду аз танӯри тафсида нонҳои хушбӯйи башир меканд; доиразанон бо мақомҳои дилнишину гуворо суруд мехонд... Дарвоқеъ, ӯ аз ҷумлаи беҳтарин гӯяндагони халқӣ буд ва таронаҳояш равшану возеҳ дар пушти гӯш садо медиҳанд:

Кас куча бурод сарҳатакаш дуру дароз,
Ҳар се хуҳарон шинем ба мӯҳои дароз.
Ҳар се хуҳарон бозӣ куним меарзад,
Кокул ба миёни борикам меларзад.

***
Додарам аз Каттақурғон ханд-хандон омадас,
Уштуронаш дар қатору саллавайрон омадас...
Уштуронаш дар қатору саллавайрон, додарам,
Дар даруни ҷураҳош як даста райҳон, додарам.

***
Эй оча, назан, накуб, ман беморам,
Ман кабки рамида дар таги деворам...

***
Бом ба бом ча(р)х мезанам нарвон кати, нарвон кати,
Аз дари гур медаром армон кати, армон кати.

***

Мурдани ман маълуму кай мурданам маълум нест,
Як кафанро бурдану нобурданам маълум нест.

***

Дар ғарибӣ нола кардам, ҳеч кас ёдам накард,
Дар қафас ҷон додаму як мард озодам накард.

Танҳоӣ ҳузновар аст, гӯё бори гароне ба дӯшам ниҳодаанд, бо миёни дуқат ёрои сар бардоштан надорам. Ғарқи андӯҳу ҳоли гирифта ҳис кардам ба рӯйи шонаҳоям дасти мулоиме нишаст ва чакраи оби доғ пушти гарданамро сӯзонд. Сар гардондаму дар канори худ хоҳарҷонам – ягона хоҳарамро, ки нишона аз очаам буд, дидам. Ӯ ба ғуссаи ман шарик шуда оби дида мерехт. Хоҳарамро ба ҷойи модар дарёфта дар канор гирифтам. Пай бурдам, ки ҳар ду ҷон дар як қолабему месазад боз ҳам бо дили гарм ба зиндагӣ умед баст...

Ҳанӯз пардаи шом наафтида, он рӯз ба пушта, ба сари хоки модарам рафтам. Ӯ дар хонаи охиру абадии худ орому хомӯш мехобид. Қабрашро тавоф кардам, аз сураҳои Калом хондам. Санги мазор аз ҷинси мармар буду мураббаи баланд ва дар рӯяш пас аз дуруд ба Худою исми модар, бо ҳуруфи зебо ин байти Шайх Саъдӣ низ ҳак шуда буд, ки фикр мекунам, беҳтарин ва муҷазтарин байти шеърӣ дар васфи занмодар аст:

*Зани хубу фармонбари порсо,*
*Кунад марди дарвешро подшо!*

Валлоҳу аълам бис-савоб.

## Таҳти рукни «Поси хотир»

*Шодравон Ҷамоли Орзумурод агар се моҳи дигар мезист, синни шастро пур мекарду бознишаста мешуд. Сад афсӯс, ки ин марди олиҳиммат, зодаи шарафманди деҳаи Эҷи бостонӣ, дӯстдори миллату миҳан аз пайи садамаи худрав ба марги муфоҷо рӯ ба рӯ гардид ва ногоҳ, ҳама наздикону дӯстону ошноёни худро дар ғафлату шигифти бепоён гузошта, ба дунёи охират реҳлат намуд...*

## ОРЗУҲОИ НИМАРОҲ
### (новелла)

– Додарат наомад, Ҷамолҷон?

– ...

– Чаро ин қадар дер кард? Охир, гуфта будӣ, вақти хазонрезӣ меояд. Бубин, дар шохи дарахтон барг намондааст, рӯйи ҳавлиат ҳам забзард... Аз Комилҷонам бошад, ҳанӯз дараке нест...

Ҷамол гӯшу ҳуш ба модар, коғазҳои ҳисобдориро ҷамъ карда дар пӯшаи тугмадор андохт ва дар ҳоле ки намедонист ин дафъа пазмонии модарро аз чӣ роҳе пасанда кунад, боди ғусса ба дарун кашид. Бо нӯги ангуштон пешониашро молида, аз ҷойи нишаст, ки поҳояшро ҷамъ карда дар пойгаҳи хона чорзону мезад, ба модар рӯ гардонд. Аз шишаи муҷаллои тиреза як даста нури хуршед оташгуна ба дарун меборид. Ин мавҷи нур дар роҳи нуфузи худ ба як қабза мӯйи парешони модар, ки сап-сафед буду аз чакаки рӯ ба поин мешорид, бархӯрда, ранги нуқраӣ мегирифт ва чеҳраи пур аз ожанги аз боду борони зиёд обхӯрдаи сиёҳтобро ҷилои симин мебахшид. Чашмони нимапӯши модар ба берун хира шуда, аз торикии хаёл ба сӯйи нишемангоҳи пайки тоза роҳ меҷуст. Ҷисми наҳифи худро ба лабаи тиреза часпонида менишаст, аз пайи бедармонии пою дастони кашола ёрои ҳаракат надошт.

Ҷамол аз ҷо хест. Ба назди модар омада зич дар канораш нишаст, бо муҳаббат панҷа бар китфи ӯ гузошта ба бағал зер кард ва базӯр лаб ба сухан кушод:

– Меояд, оча... – гӯё хоре дар гулуяш халид, чеҳраи башшоши додари ҷавонмарг дар сафҳаи хаёл падид омад, бо пушти даст оби дидаи ба гунаҳояш таровидаро пок кард.

– Ту ҳам меравӣ, ҳеч кадомат ба ман коре надоред, – модар ба берун дида дӯхта менишаст, намехост аз баргу хазони заррин чашм бардорад, – аз дасти шумоён умрам хазон шуд.

– Ин хел нагӯ, оча, ман ҳамеша дар канорат ҳастам, ба ҳеч куҷо намеравам! – бо вуҷуди он ки модар як сари мӯ аксуламале ба суханҳояш нишон намедод, Ҷамол гапзанон аз дӯшу сару гардани ӯ бо хумор бӯ кашида, ноилоҷ сари по хест ва барои расидан ба корҳояш хонаро тарк кард...

Ҷамол бо духтари хурдиаш ба маркази ноҳия – шаҳри Нурато рафтанӣ буд, мебоист пули донишгоҳи ӯро ҳавола кунад, вале ёди

деҳа, тавофи хокҷойи бародари ҷавонмарг ба ҳушу зеҳнаш чира шуд. Чун фаҳмид духтари омӯзгораш ҳанӯз аз мактаб наомадааст, дасти фармонро аз шаҳраки Авлиё ба ҷониби зодгоҳ тофт.

Худрав бо суръат ба пеш медавид. Дар моварои гӯш «гув-в-в» садои якмароми он менишаст. Ҷамол озод аз чамбараки фармон дошта, дасти хаёл перомуни духтараки асалаш гузошт. Рухсори гарму табассумҳои меҳрогини ӯ ба дилаш фараҳ бахшид, аз дил гузаронд: «Эҳ, Худоҷон, чӣ қадар меҳрубону карим ҳастӣ! Асалакам аз пайи бародари худ рафт, бо бакалавр қонеъ нашуда омӯзиши олиро низ пай гирифт. Магар осон аст донишҷӯйи донишгоҳи Сингапур шудан?!». Оре, бародараш низ Донишгоҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва дипломатияро хатм карда, омӯзиши олиро дар Малайзия фаро гирифта буд. Ҳоло дар Аморот машғули кор аст. Ҳамин дишаб аз тариқи интернет ҳамсуҳбат шуданд. «Ҷалолҷон, биё писарам, ҳамин қадар таҷриба ҷамъ кардӣ бас. Имсол бознишаста мешавам, ҳама соҳибкориро ба ту месупорам, ин тарафашро худат бин», гуфта буд ӯ. Вале, посухи писар аз он ки «меравам» гӯяду хурсанд кунад, бештар дилхушкунанда буд: «Додоҷон, метавонед маро табрик кунед, бароятон хабари хуш дорам! Имрӯз маро ба унвони мудири намояндагии ширкатамон дар Ал-Айн таъйин карданд. Мудириятро ҳам нағзакак ёд гирам, Худо хоҳад, ба наздатон бармегардам». Ҷамол нафаси роҳат кашид. Бо ҳисси ин, ки боғи муҳаббаташ меваҳои ширину ширадор ба бор овардааст, дар худ болид. Шишаи чапро поинтар фаровард. Вазиши ҳавои сарди мулоим ба ҳаловати вуҷуди ӯ афзуд.

Худрав аз як сӯ дашти бепоёни хушку холӣ ва аз ҷониби дигар доманаҳои кӯҳии сарсарӣ пур аз сангро дар пушт гузошта бо суръат ба пеш медавид. Ана, аз самти рост деҳаи нозанини Сойхурд намудор шуд. Ба назар мерасид, нозу намои дилфиребии он ҳоло костааст, аз дасти фасли хазонрез боғоти сарсабзаш хушку сиёҳгунаву урён шудаанд. Танҳо он чӣ ҳусни деҳаро медарорад, чошу пареш хонаҳои деҳотиён аст, ки бо вуҷуди дурдастӣ аз шаҳрҳои обод дару дарвозаю бомҳои худро бо диди хос ва намоҳои ҳарранг оро додаанд. Ҷамол нигоҳе тӯлонӣ ба ин деҳаи дӯстдоштааш андохту яке аз надоштани нишоти баҳоронаи он дилтанг шуд. Дубора дида ба роҳ дӯхт, хаёлаш ба хотирот панҷа зад. Дар пеши назар симои андӯҳгини духтари бузургаш падид омад. «Дилбанди озордидаам, – зери лаб пичиррос зад ӯ, – асло ғам махӯр, ман туро аз дасти ҳар гуна дарду ранҷ наҷот медиҳам! Ҳама хушиҳои зиндагиат ҳанӯз дар пеш аст...». Аз як сӯ,

номуросоиҳои оилавӣ ва аз ҷониби дигар, бетобии духтари калониаш Ҷамолро ба гирдоби хаёл афканд...

Худрав суръати худро камкунон то хамгашти калон омаду ба самти рост, ба сӯйи Эҷ печид. Садои гардонааш баландтар шуд, чун ба баландӣ мебаромад, бо «уҳҳок»-и бештар зӯр мезад ба тезии худ биафзояд. Дар пешорӯйи Ҷамол ҷамоли коҳидаи зодгоҳаш бо ҳусни афсурдаи тирамоҳӣ намудор гардид. Бо ҳама коҳидагӣ ин зодбуми куҳнапӯш барояш бениҳоят азиз аст, ҳар як пайроҳаааш, роҳҳои хокбодию мумфаршнашудааш, чашмаҳои камобу доманакӯҳҳои урёнаш, ҳар як инсони содаи дидадарояш бо узри тиҳидастию дасткушодӣ мукаррам аст. Дар ҳоле ки додарро пазмон шудани модар ҳар як тору пайи пайкарашро ба раъша оварда буд ва аз субҳ инҷониб дар дили худ пӯкиеро ҳис мекард, хост ҳарчи зуд ба қабристони деҳа расад. Аз гузари Пиритурк гузашт, фарози роҳи Тепилелокро* низ паси сар кард ва ҳамзамон бо дида шудани пештоқи нақшини гӯристон суръати мошинро коҳиш доду аз роҳи дастрасӣ бағал-бағали ҳифози симин ба самти хокҷойи авлод сарболо шуд.

Гузари хомӯшон... Гӯиё паша пар намезанад, вале насими фораме аз дараи бағалдасти пушта сару рӯро молиш дода мегузашт. Хӯша-хӯша алафҳои ёбой ва аҳёнан баргу шохаҳои ниҳолони бодоми сабзондаи Аҳмадбобо бо ноз алвонҷ мехӯранд. «Ассалому алайкум, ё аҳлал-қубури», дар дил хонд Ҷамол ва наистода то назди хокҷойи авлод омад. Як дам сари ҷо рост истода, бо нигоҳи сатҳӣ деворҳои пасти мустатилӣ ва сангҳои сари гӯрҳоро аз мадди назар гузаронд. Ба маҳзи дидани девору санги навтарин ба он ҷониб шитофт, катибаи лавҳи ёдгорӣ ба дидааш тофт, ки гӯё хуни дилу ашки азизон ба рӯйи санги хоро рехта, ба унвони рози ниҳон ҳак шуда буд. Дилаш таҳ хӯрд, тахи мижгонҳояш лиқ-лиқи оби дида шуд, овозашро ба дарун хӯрда, рӯ-рӯйи девораки қабрро бо кафи даст палмосида баромад. Чанд дона сангчаю хасу хори ба назар изофӣ намударо ҷамъ карда аз рӯйи гӯр ба замин андохт ва пушт ба қибла дар канори лавҳи ёдгорӣ нишаст. Бо садои каме ларзон, овоз бароварда сураи «Фотиҳа», чанд ояти сураи «Мулк»-ро хонд, савоби оятҳои раббониро ба арвоҳи ҷамиъи гузаштагон ҳавола кард ва бо имон ба Офаридгор даст аз рӯйи сураташ кашид. Худро каме осуда дида, дубора ба лавҳи ёдгории додар рӯ оварда, дар хаёл бо ӯ ба гуфтугӯ даромад: «Додарҷонакам, рӯҳат шод бод, даргузашти туро ба модарам гуфтаам, вале ҳанӯз ки ҳанӯз намехоҳад ба ин хостаи Парвардигор тан

* **Тепилелок** – Теппаи Лӯла; номи гузар

диҳад. Имрӯз ҳам туро ёд кард, ба роҳат нигарон аст, ман бошам лолу бечора мондаам, чӣ гӯям ба ӯ? Додарҷони мусофирам, аз пайи ризқу рӯзӣ ба як гӯшаи дури олам рафтӣ, ҳамон, аз хона баромаданатро оча медонаду халос, ҳанӯз ҳам чашм ба роҳи рафтаат аст. Бо ёди дидори ту дилаш хунобу дидагонаш хира шудаанд, ҳеч дармоне на дар дасту пояш дораду на дар камари ноустувораш. Додараки ҷавонмаргам, Худо мағфират кунад, имрӯз ҳам азмам бар ин аст, ки дубора реҳлати туро ба очаҷон бозгӯй кунам, дигар таҳаммули интизориҳои ӯро надорам, сахт метарсам, ки рӯҳаш коставу равонаш холӣ гардад. Маро бубахш, ором бихоб, азизам...».

Бо тавофи хокҷойи рафтагон Ҷамол сабук шуд гӯё, аммо ҳамин ки аз дарвозаи хурдаки қабристон пой ба берун мениҳод, дар вуҷуди хеш дилвопасиеро ҳис кард. «Эҳ Худоҷон, худат дар паноҳат нигаҳ дор», беихтиёр аз мағзи дил овоз бароvard ӯ. Бо як ҷаҳиш ба мошин нишаст ва аз роҳи омадааш ба поин сарозер шуд. Ба роҳ афтиду яке ҳушдори додарарӯс ба хотираш зад, ки чанд рӯз пеш гуфта буд: «Анору беҳиҳоям тамом мешавад, тезтар омада баред, додӣ. Нашавад, ки фардо намонаду «ман бенасиб мондам» гӯён маро айбдор кунед?!». Ҷилави мошинро дар роҳи пур аз дастандоз ба самти болооб гардонд.

Дар ҳоле ки мошин ба пеш мехазид, хаёли Ҷамол побанди майдони бозии бачаҳо шуд, ки шавқуну ҳаёҳуйи бозингарон ҳатто аз он бари сой ба гӯш мерасид. «То Наврӯзи нав бароятон варзишгоҳи нав месозам, – аз қирраи чашм футболбозонро тамошокунон дар дил ба сухан омад ӯ, – бошад ки, аз соҳибкориам ин туҳфае барои ҳамдеҳагонам гардад! Майдони бозиро тахту ҳамвор карда, ба сатҳаш регу шағал мекашам ва рӯяшро бо рӯкаши сабзи футболӣ мепӯшонам. Дар самти рост барои тамошобинҳо рад-рад нишастгоҳҳо шинонда соябон ҳам дуруст мекунам. Албатта, гирдогирд, чор атрофашро бо тавораи баланди тӯрӣ мебандам...». Аз канори чашмаи Дарифеҷак ки мегузашт, чанд кас ба сӯяш даст бардоштанд, ӯ низ ба маънии алейк бо лабханд сар хам кард. Як зани солманд ба тори сар як сатл ва дар канори ӯ арӯсаш буд, зоҳиран, ду сатл дар даст об бардошта мерафтанд. Ҳар ду вайро дида дар лаби роҳ истоданд, бо изҳори сипос ба онҳо низ лабханд зада гузашта рафт.

Аҷаб падарарӯси оличанобе дошт Ҷамол! Бар замми он, ки муҳандиси аршади колхоз буду ӯро дар тамоми ноҳияву вилоят ҳамчун коршиноси ҳирфаӣ мешинохтанд, ӯ бо ҳазлу мутоибаҳои дилнишин доди суханро медод. Нишасту маъракаҳо аз лутфи шакарафшониҳояш

бонишоту тарабангез мегузашт. Гузашта аз ин, деҳқонӣ ҷону дилаш буд! Дар миёни боғбонҳои асили чашмикордони кӯҳпоя ӯро низ бо ангушт мешумурданд. Ҳоло Ҷамол дар боғчаи ба мерос гузоштаи падарарӯс, ки дастикам ҳар фасли сол аз неъматҳои кишоварзӣ холӣ намегашт, қадамзанон рӯҳи тоза гирифт. Додарарӯси ширинкор аз ӯ қафо намонда, бо меҳр шохаҳои меваДорро сила мекард, аз таърифи анору беҳиҳои боғ даҳонаш доғ мешуд. Ҷамол дидаравон ба васфу ситоиши ӯ афзуда гуфт:

– Аз пухтан пӯсти ин анорҳои бечора чок шудааст!

– Чок шудан фақат пухтан нест, додӣ, – ҳамоно риштаи суханро ба даст гирифт додарарӯс ва ёзида як дона анорро канду аз маҳалли чокии пӯст ду қоқ кард, – шумо аввал ин донаҳои марворидиро бихӯред, баъд мефаҳмед дар зери пӯстҳои чок боз чӣ лаззате пинҳон аст, бифармоед!

Рӯ ба рӯйи Ҷамол сиёҳдонаҳои мучалло лахчасон рӯ боз карданд, беихтиёр аз даҳонаш об омад. Ин оби мазаро ба ҳалқ фурӯ бурда, андешаманд ба сухан пардохт:

– Додоят мегуфтанд, анор ёқути биҳишт аст. Таъми майхушу маласӣ* ва обдории он таку беҳамтост, дар устураҳои пешин онро мазҳари фаровонӣ ва борварӣ ва ҳатто муқаддас мехондаанд!

Додарарӯс ҳарфҳои ӯро тасдиққунон як халтачаро бо анор пур кард ва ба самти дарахтҳои пурбори беҳӣ роҳ пеш гирифт. Ӯ дар назди нахустин дарахт таваққуф намуда, як шохаи пурбори онро, ки шояд ҳашт-даҳ адад мева дошт, ба поён хам кард ва гуфт:

– Гумон накунед ин меваҳо рангпаридаву хокианд! Бенурии беҳии бечора аз дасти ин пурзу патҳое аст, ки вайро пӯшондааст, – додарарӯс ду дона беҳиро оҳиста аз муғҷа ҷудо кард ва якеро ба дасти Ҷамол дода, дигареро худаш бо лабаи доман пок кард. Ҳамоно дар кафи дасташ гӯё як хафчаи** зар ҷило дод.

– Баҳ, баҳ! – дубора оби даҳон фурӯ бурда ба завқ омад Ҷамол ва рӯмолчаашро аз киса берун кашида беҳии дасташро пок кард. – Ин боғи шумоҳо як гӯшаи биҳиштист, додар, ҳар кӣ ин меваҳоро таматтуъ кунад, бегумон, ба фирдавси барин меравад!

– Бихӯред, додӣ, натарсед, шах намекунад, беҳии обдор аст, таъми асал дорад, – бо ин муҳобо додарарӯс ба пур кардани халтачаи дигар пардохт...

Ҷамол аз зиёрати боғу дари падарарӯс ҳаз бурд, дар ниҳояти

---

* **Маласӣ (малас)** – туршу ширин (таъм)

** **Хафча** – шӯша, тикка

хушҳолӣ бо додарарӯс, ки бо меҳр халтачаҳои анору беҳӣ ва чанд дона кадуро дар сандуқи ақаб андохта монд, хайрухуш карду ба паси фармон нишаст. Садои худрав дигар кам буд, чун аз гузари Болоибоғ ба самти поёни деҳа сарозер мерафт, азияти гардонаӣ надошт. Ҷодаи пур аз печу хами мошингард аз самти чап ба доманаҳои кӯҳии сангпӯш ва аз ҷониби рост саросар ба нишеби тезе, ки дар поён ба хонаю кулбаҳои шиферпӯшу пуштибоми гилӣ ва боғоти сокинони деҳа мерасид, часпида, роҳравии худравро мушкил месохт. Ба хусус, дар баъзе хамгаштҳои махуф ронанда маҷбур мешуд каме худравро нигаҳ дораду ба пеш таваҷҷуҳ кунад ва гӯш диҳад, ки рӯ ба рӯ мошин ё колаи дигар меояд ё не. Бо ин ҳол, ҷодаи шинос Ҷамолро нигарон намесохт, балки дар ин лаҳза санглохию дастандозҳои зиёдаш ӯро норохат кард. Бо ин эҳсос рафтаравон оғуштаи хаёл шуд: «Аз пайи варзишгоҳ тарҳи дигарам навсозии ҳамин ҷодаи деҳаам хоҳад шуд. То ин ҷо, ки расидаам, аз Худо мехоҳам, сармояи ғун кардаам барои аҳли зодгоҳам харҷ гардад. Аз даҳана то Болоибоғ як фарсах бештар нест, душвор ҳам бошад, софу суф мекунонам, асфалт мерезам. Эҳ Ҷамол, ҳар гоҳ ба ҳамин ниятҳоят расидӣ, ту хушбахтӣ, беармон аз ин дунё рахт мебандӣ! Парвардигоро, аҳли азизи зодгоҳамро дар амонат нигаҳ дор!». Худрав гӯё илтиҷоҳои соҳибашро мешунид, беовоз, ба дуруштию ноҳамвориҳои роҳ гардан хам карда, гоҳе сусту гоҳе тезтар якмаром чарх медавонд...

Вақте ки дасти фармони худрав дар даҳанаи деҳа аз сари шоҳроҳ ба самти Авлиё печид, роҳи мумфарши софу паҳн дар назари Ҷамол чун тасмаи беохир намудор шуд. Аз даричаи бағал ҳавои матбӯи поизиро то мағзи ҷон нафасгирон худро хеле сабук ҳис кард, мисли ин ки чун мурғи озодболе андар самои беғубор пар мезад. Ӯ бо як чашмандозӣ дашту саҳрои бепоёнро бар рӯйи шабакияи дидагонаш мутаҷассим дид ва беихтиёр аз он, ки дар соҳибияти ин қитъазамини бекарон ширкати бузурги чорводориашон саҳмгузор асту ӯ ба ҳисобу китоби ин ширкат раёсат мекунад, аз қаъри дилаш ҳисси ифтихор туғён зад. Ба хотир овард, боре раиси ширкат Ҳазратҷон бо эътимод ба ӯ гуфта буд: «Дуруст, ки раҳбар манам, Ҷамолака, аммо фаромӯш накунед, ҳама мудирият ба уҳдаи шумост ва кори банда низ фақат пуштибонӣ аз шумо». «Аммо...». «Ҷойи аммо нест, – сухан аз даҳонаш гирифта буд раис, – шумо шогирди ҳисобдори маъруф Мустафои Раҳим, аз дастпарварони қаҳрамони меҳнат Зайниддини Амониддин ҳастед ва бо он ҳама донишу таҷрибае, ки андӯхтаед, ҳама корро роҳат

тартибу сомон мебахшед. Ман дар ин ширкат танҳо ба шумо бовар дораму такя мекунам!» Ин эътимоди сарвар буд, ки чандин сол боз худаш дар нишасту ҷаласаҳои ноҳияву вилоят ва анҷуманҳои ҷумҳурӣ ширкат меварзад, ба унвони намояндаи мардумӣ борҳо аз пайи ҳалли мушкилоту муаммоҳо дил сӯхтаву пой давондааст. Беихтиёр суҳбати охираш бо Ҳазратҷон дар хусуси бузҳои Оренбург ба хотираш зад. «Аз буз кӣ вафо дидааст, ки мо бинем, – пешниҳоди ӯро шунида ба тааҷҷуб омада буд сарвар, – харҷи овардан ҳаст, нигаҳбонӣ, баъд, оё ба шароити мо мутобиқат мекунад он ҷинси шайтон?» «Шумо ба ин фақири худ бовар кунеду иҷоза диҳед шуд, раис, – дар посух изҳор дошт ӯ, – он шайтоне, ки мегӯед, пеш аз ҳама бо тибити худ доди шуҳрат додааст! Касе нест, ки рӯмолҳои пухи русиро надонад, сарбанде, ки ҳанӯз аз охири асри нуздаҳ дастраси мардум гаштааст. Тибити бузҳои насли Оренбург бениҳоят нарму нозук ва кӯтоҳ аст, истиқомату таниши воло дорад, бо якрангиаш фарқ мекунад. Маҳсули бениҳоят гаронқимат аст, агар бовар кунед, арзиши тиллоро дорад!». Раис шир фароварда пурсида буд: «Ҳар як буз чӣ қадар тибит медиҳад, ки шефтааш шудаед, медонед, барои суд гирифтан чанд сар бояд биёрем?». Дар воқеъ, ӯ бо огоҳие, ки аз ин ҷинси чорпо дошт ва бо тамоми вуҷуд мехост ба нияташ бирасад, дар идомаи суханаш афзуда буд: «Ҳар як буз то сесаду ҳаштод грам тибит медиҳад ва то се-чорсолагӣ маҳсулдиҳиаш торафт меафзояд. Ғайр аз ин, бузҳои оренбургӣ пашму шири зиёд доранд, гӯшташон бомаза аст. Дар канори ин ҳама рамаҳои гӯсфанд барои парвои онҳо низ бошишгоҳ дуруст мекунем. Дар оғози кор ҳадди ақал ҳазор сар биёрем, корамон хуб роҳ меафтад...». Эҳ, Ҳазратҷон! Ман чокари шумоам! Аз пайи эътимоду дастёриҳоятон инак ҳазору чаҳорсаду ҳаждаҳ сар дар роҳ аст. Худо хоҳад, дар канори пӯсту пашмҳои қарокӯлӣ бо тибити бузҳоямон низ ном мебароред, ман ба ин қавл медиҳам!...

Ногаҳон аз пешорӯйи Ҷамол калхоте башаст парида гузашт. Хаёлаш парешон шуд. Аз пайи калхот нигоҳе дурудароз ба осмони обиранг афканд. Ҷо-ҷо тӯдаҳои абр ранги обии фалакро сапедгун сохта, бо суръат ба муқобили ҳаракати худрав роҳ мепаймуданд. Офтоби заррин аз пешонӣ мезад, ҳарчи ба Авлиё наздик мешуд, чеҳраи нурпоши хуршед бештар пеши чашмро мегирифт. Бо ин ҷило роҳи васеи мумфарш ялтирос мезад, гӯё рӯди обе буду худрави ба ҳарос омада рӯ-рӯйи он лаппида шино мекард. Ҷамол ин ҳолати табиатро чандин бор мушоҳида карда буд. Бо гузаштани вақти аср офтоб дуруст дар

уфуқи паси Авлиё камин мегирифт ва лашкари беҳисоби анвори худро то дами шом бераҳмона рӯ ба рӯйи роҳиёни бечора ба ҳамла меандохт. Ин бор туъмаи ин ҳамла Ҷамолу худрави безабони ӯ гашта буданд. Соябони пешониро поин кард, бефоида. Шуои чашмгир гӯё аз сатҳи ҷода ба дида мезад. Ҳамин ки пай бурд роҳу бероҳа ба назараш яке метобад, суръати худравро коҳиш дод. Дар ин лаҳза мошини бории бадҳайбате бо ғуввоси гӯшгир аз канор гузашта рафт. Аз шамоли он худрав алвонҷ хӯрд. Вале... Ҷамол ҳанӯз ҳавосашро ҷамъ накарда буд, ки ғайричашмдошт, дар пешорӯяш сиёҳии девмонанде, ки гӯё уқобвор ба самти туъмааш шерҷаҳ* мезад, пайдо шуд. «Эҳ, Худоҷон, ин чӣ бало буд?!», як он зери лаб ғурунгид Ҷамол ва худро бе ҷораву роҳи халосӣ дида, бо шаст фармони худравро ба самти чап тоб дод... Вой дод!! Мисли ин ки кӯҳе таракиду дар зери гӯшпонааш садои гумбурросии баланд танин андохт, гӯё ки ӯро дар ғирболи оҳание баҳам мезаданд, тамоми сару танаш сахту пурозор ба ҳар сӯ зада такон хӯрда рафт. Ҳамзамон болиштаки имании пурбод ҷаҳида ба сари синааш часпид, вале... зарбае аз қафои курсӣ ба пушташ нишаст, ки бениҳоят дардовару ҷонгир буд. Баробари баланд шудани садоҳои номураттаби гарс-гурсу тақ-туқҳои бепоён хаёлаш гурехт, дар ҳоле ки замину осмон беист дар атрофи сараш давр мезаданд, пеши чашмонаш билкул торик шуда рафт...

Як қадам ба Авлиё нарасида, дар миёни дашти синабирёни қоқ, дар зери пардаи хунолуди офтоб қитъае аз роҳи васеи мумфарш ҳоли дилозоре дорад. Худраве дар васати ҷода рӯ ба ақиб гашта, на, чӣ рӯе – фуки маҷақшудае аз мушти сахти ситамгар ба саду ҳаштод дараҷа давр зада, фис-фис дуд мебарорад. Самти мусофирнишин низ ба дарун фурӯ рафта, тамоми шишаҳои ҷилаву канор реза-реза шуда ба замин рехтаанд. Дар гирду бари худрави ба сар хӯрда тикапораҳои он, капсули гози ҳаштодлитра ва гардонаи беовози ятиммонда зору ҳайрон парешон мондаанд. Дар атроф чандин адад анори синачоку беҳии ҳайрон ва кадуҳои порашуда ҳам титу питу дамдардарун мехобанд. Ҷойи нишасти ронанда аз зарбаи капсул ба дарун тоб хӯрда шакли миёни букриро гирифтааст, фармони саршикаста аз мушти фармондораш кач шуда ба зери пешхони** таракида паноҳ бурдааст ва дар миёни курсиву фармони номеҳрубон ҷуссаи леҳшудаи

* **Шерҷаҳ** – *ин ҷо:* парвози бениҳоят баланд ба сони хез ё ҷаҳиши шер

** **Пешхон** – панели пеши худрав дар рӯ ба рӯйи ронанда, ки дар он васоили амалкарди худрав (суръатсанҷ, таҷҳизоти савтӣ, фармон, ҳушдордиҳанда...) насб мешаванд

марди бехабар аз хостаҳои беҷойи Худояш..., э вой (!), тани маҷрӯҳу фатилашудаи Ҷамоли нокому беҳуш дар банд аст... Ду-се қадам онсӯтар аз ин манзараи хунобзой худрави дар ҳам фурӯрафтаи пачақшудаи дигаре низ бо ҳолу намои ҳузновар чаппагардон мехобад – ҳамон худрави нофармоне, ки ронандаи муътодаш дасти ҷилавдориро гум карда, бо ҳайбати девгуна рӯ ба рӯйи Ҷамоли оғушта дар ҳазору як орзуву хаёлҳои ширин баромада буд...

Ин манзараи хунук чанд тан раҳгузари савобҷӯйиро аз роҳ нигаҳ дошт. Чун дарёфтанд имкони боз кардани дарҳои маҷақшудаи мошин нест, даричаи сақфи онро шикастанд ва тани беҳолу бедармони Ҷамолро берун кашиданд. Ӯ ҳанӯз талвосаи ҷон мекард! То дармонгоҳи Авлиё оварданд, вале аз дасти фақирию ночории ин «бемористон» дубора тасодумдидаи лозабонро, ки намебоист тани озурдаву захмиашро ҷо ба ҷо кунанд, ба мошини дигар гирифтанд ва чаҳорчарх ба сӯйи шаҳри Нурато шитофтанд. Ҳамроҳи ӯ ҳамсари синабирёну писари дилреш, ки зарбаи нобаҳангоми тақдир онҳоро ангуманг сохта буд, низ буданд. Ҷамоли гоҳе ҳушёру гоҳе бехуд ҷонбозикунон то шифохонаи Нурато омад, аммо... Ҷавонмарди сахтҷону обутобёфтаи деҳотӣ бо ҳар қадар нерую тавони корой дар баробари дарди ноҳинҷору ҷонгудози муфоҷо тоб наовард, илтиҷоҳои азизонаш – тазарруъ ва хоҳишҳое, ки шояд ҳафтумин қабати фалакро сӯрох кунанд, то гӯши фариштаи наҷот нарасид. Ҳамин ки ҷуссаи саропо маҷрӯҳу хунолудашро ба тахти муолиҷа хобониданд, беҳолона танҳо ду-се бор «оча...оча...» гуфта тавонисту бас. Дар талошу пайкори чандлаҳзаӣ Маликулмавт пирӯз омад, вай ба одати маъмул, пас аз як «пуф-ф»-и кӯтоҳи асираш қабзи рӯҳ карду қолаби беҷону беҳаракати Ҷамоли сарсахтро ба ҳоли худ гузошт...

*Ё Раб, ба фазли хеш бубахшой бандаро,*
*Он дам, ки озими сафари он ҷаҳон шавад.*
*Номе зи мо бимонаду аҷзои мо тамом*
*Дар зери хок бо ғаму ҳасрат ниҳон шавад...*

Инна лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун*.

---

* *Ба тоҷикӣ:* Мо аз Худоем ва ба сӯйи ӯ бозмегардем.



## ҲИКМАТ СУЛТОНЗОДА
## (1973)

Ҳикмат Султонзода (Ҳикматов) 30-юми июли соли 1973 дар деҳкадаи Сойхурди деҳаи Эчи ноҳияи Нурато ба дунё меояд. Ӯ мактаби миёнаро то синфи чорум дар зодгоҳи худ ва сипас дар мактаби рақами 43-и деҳаи Эҷ фаро мегирад. Пас аз мактаб таҳсили худро дар бахши суханшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе давом дода, мактаби олиро соли 1996 хатм мекунад.

Ҳикмат Султонзода фаъолияти кории худро дар мактаби миёнаи деҳкадаи Сойхурд бо тадриси фанҳои забону адабиёт оғоз менамояд. Соли 1998 ба Тошканд меояд ва дар шуъбаи тоҷикии нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» ҳамчун муҳаррир ифои вазифа мекунад. Ӯ дар ин даргоҳ то соли 2003 фаъолият намуда, аз наздик бо аҳли илму ҳунар, адабиёт, рӯзноманигорон ошно мешавад ва ҳамзамон бо кори тасҳеҳу таҳрири китобҳо ба эҷоди бадеӣ низ машғул мешавад. Бештар шеър менависад.

Агарчи бо тақозои зиндагӣ дубора ба деҳа бармегардад, лекин аз эҷодкорӣ даст намекашад. Ҳатто муяссар мешавад ду маҷмӯаи шеърии худро бо номҳои «Бозгашти Ҳикмат» (Тошканд: «Муҳаррир», 2011) ва «Сеҳри сухан» (Тошканд: «Муҳаррир», 2013) ба дасти хонандагон расонад.

Ҳикмат Султонзода соли 2019 бо оилааш ба шаҳраки Чинози вилояти Тошканд накли макон мекунад. Дар ин ҷо дар мактаби миёнаи рақами 47 фаъолияти омӯзгории худро аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик идома медиҳад. Дар ин давраи кор маҷмӯаи нави шеърҳои ӯ бо номи «Авҷи Ҳикмат» (Тошканд: «Ноширлик ёғдуси», 2019) ба табъ мерасад.

Қобили зикр аст, ки Ҳикмат Султонзода дар олами фарҳангию маърифатии тоҷикони Ӯзбекистон мақоми хосса дорад. Гузашта аз узви фаъоли ҳавзаи адабиёти Вароруд будан, мақолаҳои илмию пажӯҳишӣ ва тарбиявию ахлоқии ӯ пайваста дар матбуоти тоҷикии кишвар интишор меёбанд. Ӯ ба унвони як нафар омӯзгор дар ироаи барномаҳои таълимӣ ва тарҷумаю таҳрири китобҳои дарсии тоҷикӣ саҳм мегузорад.

## НАСИҲАТ

Агар худ мазраи худро накорӣ,
Бувад беҳтар, ки тухмеро наёрӣ.
Чу заҳмат мекашӣ аз дил, сазовор,
Ниҳоли меваат меоварад бор.
Ба кори хештан аз сидқ биштоб,
Ба чашми мардумон чун ахтаре тоб.
Бикӯш, то бар касе хорӣ наёрӣ,
Ниҳоли доғу озоре накорӣ.
Битобӣ ҳар замон чун моҳу анҷум,
Бишав некуқадам дар байни мардум.
Мудом андар пайи кори касон бош,
Валекин дур ту аз нокасон бош.
Хирадро бар сари корат нигаҳ дор,
Ки бошад дар қиёмат он нигаҳдор.
Зи ҳар як кори неку бохабар бош,
Зи бадкорӣ, валекин, дар ҳазар бош.
Шуҷоатро шиори хеш пиндор,
Сар аз домони тарсуӣ бурун ор.
Қаноатро мизони кори худ кун,
Саропо умри худро бори ҷуд кун.
Далерӣ кун ба ҳар коре, ки кардӣ,
Далерӣ бар ту орад номи мардӣ.
Ба марду зан баробар ҳамнавоӣ,
Бикун бар пиру барно ошноӣ.
Табиби бовафои мардумон бош,
Ба бахти халқи олам дар амон бош.
Хирадро бар сарат чун тоҷ бигзор,
Ту онро мояи пирӯзӣ пиндор.
Зи ҳикматҳои пешин баҳравар шав,
Тавонӣ дар ду олам номвар шав!

## АҶДОДИ НОМДОРАМ

Меросатон давоям, оинаи сафоям,
Ҳам ҷуду ҳам сахоям, аҷдоди номдорам.
Панди шумо паноҳам, ифшогари салоҳам,
Дармони дарду оҳам, аҷдоди номдорам.
Дирӯз аз шумо аст, имрӯз аз шумо аст,
Фардо ҳам аз шумо аст, аҷдоди номдорам.
Панди шумо бақоям, ороишу сафоям,
Васфи шумо сароям, аҷдоди номдорам.
Аҳли саодати мо, пири саховати мо,
Дунёи ҳастии мо, аҷдоди номдорам.

## АДОЛАТ

Ҳар он кас, ки адолат мекунад хор,
Ҳамегардад ба ҳоли бад гирифтор.
Адолат ҳасту олам пойдор аст,
Зи беадлӣ ҳама кас хору зор аст.
Адолат ин силоҳи ҷовидон аст,
Адолат дар ниҳоди мо ниҳон аст.
Адолат ҳурмати аҳли диёр аст,
Адолат эҳтироми аҳли ёр аст.
Фурӯғи ҷумла олам аз адолат,
Саробӯстони одам аз адолат.

## ҚАЛАМ

Мӯниси шабҳои тори мо қалам,
Беҳтарин ғамхору ёри мо қалам,
То наафтад ҳарфу ҳиҷҷое ғалат,
Меҳрубон устоди кори мо қалам.
Дӯсту душманро ҳаме ояд ба кор,
Ғамқарини корубори мо қалам.
Дар суроғи лутфи беҳамтои Ҳақ,
Ғамшарику ғамгусори мо қалам.
То намонем бенишон дар зиндагӣ,

Ҳам ниҳону ошкори мо қалам.
Дар ҷаҳони хираю номускуш,
Муттакои нангу ори мо қалам.
Бингар андар гирудори зиндагӣ,
Раҳкушои ҳар барори мо қалам.
То намонад номи моро бенишон,
Беҳтарин устоди кори мо қалам.

## ОДАМ БУДААСТ...

Ҳамдаму ҳамбори ёрон кист? Одам будааст.
Мӯнису ғамхори ёрон кист? Одам будааст.
Аз саҳар то шомгоҳон аз пайи ганҷи умед,
Раҳбару раҳдори ёрон кист? Одам будааст.
Лаҳзае ноосуда аз ташвишу ранҷи замон,
Ранҷбар, дамёри ёрон кист? Одам будааст.
Нест васфашро канора аз бисоти сарнавишт,
Дафтари ашъори ёрон кист? Одам будааст.
Гардани нафсу тамаъ бибрида бо теғи қалам,
Номусу нангори ёрон кист? Одам будааст.
Дар навори зиндагӣ бошад симояш ҷилвагар,
Сарвару сардори ёрон кист? Одам будааст.

## ТОҶИКАМ

Тоҷикам, дар марзу буми Ӯзбекистон зиндаам,
Тоҷикам, андар навори насли инсон зиндаам.
Карда рахна синаи кӯҳу шахистони баланд,
Тоҷикам, андар канори номдорон зиндаам.
Давлати дунё агар серӣ набахшад бар касе,
Тоҷикам, бо давлати як бурдаи нон зиндаам.
Нестам аз давлати дидори ҷонон бенасиб,
Тоҷикам, бо созу дарди васлу ҳиҷрон зиндаам.
Нест моро аз касе, бингар, камию кӯтаҳӣ,
Тоҷикам, андар миёни бурдборон зиндаам.
Бар алайҳи ҷумла гургону палангони замон,
Тоҷикам, бо лафзи худ чун шери майдон зиндаам.
Чашмтангӣ, дасттангӣ, синатангӣ кор нест,

Тоҷикам, бо инқилоби хайру эҳсон зиндаам.
Лаҳзае осудагӣ моро набуда аз азал,
Тоҷикам, бо парчами шабзиндадорон зиндаам,
Аз ҷудоӣ оламу одам занад фарёдҳо,
Тоҷикам, бо ваҳдати хешу таборон зиндаам.

**АЁ ИНСОН!**

Ҷавонӣ ё ки пир астӣ,
Камонӣ ё ки тир астӣ,
Ту гушна ё ки сер астӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

Ту мардӣ ё ки номардӣ,
Маризӣ ё ки бедардӣ,
Ту гармӣ ё ки худ сардӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

Ту шоҳӣ ё ки дарвешӣ,
Ту хешӣ ё ки нохешӣ,
Баимон ё ки бекешӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

Ту рӯҳӣ ё ки тан ҳастӣ,
Ту мардӣ ё ки зан ҳастӣ,
Ту хорӣ ё суман ҳастӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

Ту бедин ё ки диндорӣ,
Гадоӣ ё ки пулдорӣ,
Ба корӣ ё ки бекорӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

Харобӣ ё ки ободӣ,
Асирӣ ё ки озодӣ,
Ту ғамгин ё ки худ шодӣ,
Ба ҳолат сахт месӯзам,
Аё инсон, аё инсон!

## ОДАМИЯТ

Одамият дину имони ман аст,
Одамият ҷавҳари ҷони ман аст.
Аз дилу виҷдон сухан гӯйӣ, бизӣ,
Одамият қалбу виҷдони ман аст.
Ҷуз саховат давлати арзанда нест,
Одамият хайру эҳсони ман аст.
Ҳар қадам аз рушд мегӯяд сухан,
Одамият илму ирфони ман аст.
Тору пуди мо зи файзи дӯстист,
Одамият расму оини ман аст.
Ганҷи беҳамтои инсон одамист,
Одамият махзани кони ман аст.

## ДӮСТ

Ту беҳтар аз дилу ҷонӣ,
Ягона дурру марҷонӣ,
Ту шоҳи шоҳи хубонӣ,
Аё, эй дӯст, амон бошӣ,
Азизу меҳрубон бошӣ.

Ширин оҳанги овозат,
Манам қурбони ҳар нозат,
Шавам ифшогари розат,
Аё, эй дӯст, амон бошӣ,
Азизу меҳрубон бошӣ.

Ҳамеша шоду хандон бош,
Чу оташ шуълаафшон бош,
Чу хуршеди фурӯзон бош,

Аё, эй дӯст, амон бошӣ,
Азизу меҳрубон бошӣ.

## ҒАЗАЛИЁТ

Мо ҳама авлоди худро посбонӣ мекунем,
Ҷони худ қурбони он ёрони ҷонӣ мекунем.

Нокасӣ гар мекунад ноаҳл бар аҳли сафо,
Бар алайҳаш аз дилу ҷон паҳлавонӣ мекунем.

Он ки аз ноомади иқболи мо дорад сурур,
Бингар ӯро пеши чашмаш зиндагонӣ мекунем.

В-он ки аз бахти баланди мо сурур мекунад,
Мо варо андар қатори ёри ҷонӣ мекунем.

Он ки ҷонашро бидод аз баҳри фарзандони мо,
Номи ӯро, бемуҳобо, ҷовидонӣ мекунем.

Ҳикмато, дигар манол аз бешу камҳои ҷаҳон,
Мерасад рӯзе, ки мо ҳам шодмонӣ мекунем.

***

Хотирам аз дарду ғам гоҳе парешон мешавад,
Гоҳ чун мурғи раҳида, гаҳ ба зиндон мешавад.

Сахту сангин аст дилам гоҳе чу санги бесадо,
Гоҳ чун мурғи ғазалхони хушилҳон* мешавад.

Теғи номардӣ кашид аз ҷаҳл нодони ҷаҳон,
Бегумон марди ҳунар маҷрӯҳи нодон мешавад.

То ба кай бар дӯши ту ин дарду ғам бошад савор,
К-аз ҷамоли сабри ту ҳар дида ҳайрон мешавад.

---

* **Хушилҳон (хушалҳон)** – хушовоз, хушоҳанг, хушхон

***

Афсӯс, туро бар мани мискин назаре нест,
Арзандатар аз ту ба ду олам гуҳаре нест.

Муштоқи ту то кай бувад ин ҷони рамида,
Ё худ шаби муштоқии моро саҳаре нест.

Ҷуз васфи ту ҳаргиз накунам кори дигар ман,
Манро ба ҷуз аз васфи ту ҳаргиз ҳунаре нест.

Ман дар ғами ишқи ту шуда хаставу бемор,
Ҳайҳот туро бо мани мискин назаре нест.

Ҳарчанд зи кӯйи ту манам дур фитода,
Бар кӯйи дили мо зи ту охир сафаре нест.

То кай бинишинам ба умеди лаби лаълат,
Пазмонии моро магар охир саҳаре нест?

Бе чашми сиёҳу лаби майгуни ту мастам,
Боз ой, самои дили моро қамаре нест.

То ҳастӣ туву ҳаст ҳама оламу одам,
Аз ҳеч касе дар ду ҷаҳонам хатаре нест.

Боз ой, ки чашми дили Ҳикмат ба раҳат чор,
Ширинтар аз он шаҳди лабонат шакаре нест.

***

Обрӯ гар ёфтӣ дунё бароят гулшан аст,
Обрӯят гар равад дон, ки валӣ ҳам душман аст.

Умри одамро чунин ҳиммат бидоданд аз азал,
К-ӯ гаҳе шод асту гаҳ афтодаи макру фан аст.

Айш чун гардида пирӯзи тани ёрони вақт,
Одамӣ, з-ин рӯ нигар, ғарқоби дарду шеван аст.

Зиндагиро зарбаҳо, хоҳӣ-нахоҳӣ, мерасад,
Зиндагӣ бингар талоши роҳати рӯҳу тан аст.

Кори имрӯза намон ҳаргиз ту бар рӯзи дигар,
Шояд он рӯзи нават дар сояҳои душман аст.

Ҳикмато, оромӣ дар дунё ту доим пеша кун,
Ин хазони зиндагӣ шояд ки фардо гулшан аст.

## СУХАНРЕЗА

Шаби дарозро фикри кӯтоҳ кофист, агар боқист.
Байт:
*Шаб то саҳар нахуфтан, ранҷи тану равон аст,*
*Шабзиндадорӣ аммо, роҳат ба ҷисму ҷон аст.*

***

Кори хайрро дар қиёси дигарон макун, балки афсӯс бихӯр, ки онон маҳруманд.
Байт:
*Корро андар қиёси дигарон кардан хатост,*
*Маҳрумӣ худ баҳри онон беқиёс ҷабру ҷафост.*

***

Шӯхии бемаврид боиси шармзадагист.
Байт:
*Ба шӯхӣ пораи хасро ниҳон кард,*
*Худованд ҳамчу зардуздаш аён кард.*

***

Аз бахри худ гузар, то дигареро бахра диҳӣ, чун дигаре бахра ёфт, з-он даргузарад, ки туро расад.
Байт:
*Ба ҳаққи ёри худ доду фиғон кун,*
*Ки ёри ёр бар ҳаққи ту ояд.*

***

Адуро бо тиру камони дигарон маяндозу дӯстро ба дилу забони ғайр манавоз.

Шеър:

*Маяндоз бо камону тири ғайре,*
*Агар душман ҳақиру муттаҳам аст,*
*Санояшро магӯ бо лафзи ғайре,*
*Агар ёрат азизу муҳтарам аст.*

***

Дафтару қаламат куҳна бошад ғам махӯр, фикрат тоза бошад бас.

Шеър:

*Ба килки куҳнаву авроқи куҳна,*
*Шарафмандист фикри тоза гуфтан.*
*Ба чархи куҳнаву корсоз бингар,*
*Ҳунармандист ханҷар тез суфтан.*

***

Ҳамин ки дидӣ ҳама ба нағмабозӣ банданд, тариқи нағмае бипазир, ки нағмасозу нағмабозон дар ҳарос афтанд.

Шеър:

*Ин даҳр сарои нағмабозист,*
*Кӯшиш куну нағмае биёмӯз.*
*Ёрон ҳама нағмабози даҳранд,*
*Бо ёр ба нағмае биёмез.*

***

Сайру саёҳат ба олами маънавият ва маърифат сайёрро номи абадият бубахшад.

Байт:

*Сайру саёҳати даҳр номи наку набахшад,*
*Номи накуӣ дарёфт сайёри олами дил.*

***

Номардии дунёст, ки миёни ду нафар низоъ меангезаду сари севумиро мехӯрад.

Байт:

*Андешаи ину он намебояд кард,*
*Андешаи ҷисму ҷон мебояд кард.*

***

Коре, ки дар як шаб мекунӣ, шояд ба сад рӯз карда натавонӣ.

Байт:

*Ба як шаб кори ёр кардан савоб аст,*
*Ба сад рӯз кори ағёр носавоб аст.*

***

Кӯлвори бино дар шаби торик бор меандӯзад, кӯлвори кӯр бошад дар рӯзи равшан холӣ мегардад.

Байт:

*Агар биноӣ, дон, манзур бошӣ,*
*Ва гар кӯрӣ, бирав, маъзур бошӣ.*

***

Шумо ба мо чӣ додед ё чӣ надодед, шумор макунед, моро он чӣ Худованд додаст, кофист.

Шеър:

*Зи хони кас махӯр нонреза, ай дӯст,*
*Ки шояд миннате дар он ниҳон аст.*
*Бихӯр нони шамад** *аз хони Яздон,*
*Ки он ҷо миннате набвад аён аст.*

***

Ба бонги хурӯси бомдод бедор машав, балки ба бедориат онро дар хурӯш овар, то сиҳатманд бошӣ.

Байт:

*Ҳар кӣ гар хезад саҳар аз хоби ноз,*
*Дон, ки бошад ҷисму ҷонаш сарфароз,*

***

Он чи ки ман харидор нестам, ту мефурӯшӣ, ва он чи ки ту харидорӣ ман намефурӯшам, пас савдои ману ту чӣ ҳоҷат?

Байт:

---

* **Шамад** – як навъ нони сафеди калон

*Рав шод бизӣ агар харидорат нест,*
*Навмед машав агар мададгорат нест.*

***

Ба дарди касон марҳам ки намешавӣ, насиҳаташон макун.
Байт:
*Ба дарди кас агар марҳам надорӣ,*
*Насиҳатро ба гӯши кас чӣ коре.*

***

Агар дидӣ, ки роҳатро аз ҳар сӯ бастаанд, ҳар чи бодо-бод, як қадам ба сӯйи пеш гузор.
Шеър:
*Ҳар он иқдом, ки бар пеш мегузорӣ,*
*Дари хайре ба рӯят мекушояд.*
*Агар афтодӣ андар банди таззод,*
*Раҳи фатҳе ба сӯят мекушояд.*

***

Ҷавонеро панд доданд, ки мулки уқбо хоҳ, ки хуррамтар аст аз мулки фонӣ. Гуфт, ки аз мулки фонӣ чӣ дидем то аз мулки уқбо.
*Зи бурди мулки фонӣ баҳра бардор.*
*Тавонӣ мулки уқборо нигаҳ дор.*
*Ба дил-ар шодмонӣ ёр гардад.*
*Ду дунё мешавад охир туро ёр.*

***

Сухани ростро боваркунанда кам, дурӯғро бисёр аст.
Байт:
*Дурӯғро бовар осон аст,*
*Харидораш ҳазорон аст.*

***

Агар инсонро карами олӣ арзон мебуд, сари ҳар се моҳ харгӯшвор даҳ-понздаҳ насл меофарид.

***

Беҳтарин накуӣ дар ҳаққи аҳли башар навохтани рӯҳи онон аст.

***

Покии зоҳирӣ ҳуҷҷати фардист, покии ботин санади мардумӣ.

***

Тафаккур уммони беинтиҳоест, ки доно аз қаъри он дур мечинад, нодон бошад, дар қаъри он раҳгум мезанад.

***

Шамшери хирад бош, то беақлонро кор ойӣ, на ғилофи шамшер, ки ба соҳибақлон бор гардӣ.

***

Ботинан боҳунар бош, ҳунари зоҳир худ аз худ намоён аст.

***

Одамизод дар олами як дарсад мезияд, фазои наваду нӯҳашро умед накунад ҳам мешавад.

***

Эҳтиёт бош, дунё саргаҳи duздон аст; агар то ҳол молу манолро рабудаанд, минбаъд аз пайи мояи хирад хоҳанд гашт.

***

Қавме, ки аз назари Худо афтидааст, ҳукми хуршедвор тобиданро надорад. Аммо, метавонад чун моҳу ситора ҷило намояд.

***

Дувоздаҳ соат кор макун, як соат ақлатро кор фармоӣ бас.

***

Амри Худо фарз, амри подшаҳ воҷиб, дигарон ба амрашон ҳуҷҷат надоранд.

***

Гуфтӣ, иҷро кун, вагарна нагӯй!

***

Шиори саховатманд: «Ман ҳеч чиз надорам ва он чӣ дорам, азони ман нест».

***

Ҳар ки навишт ободӣ надид ва ҳар ки хомӯш буд, харобӣ.

***

Бахшиш ҳадди дурӯғин аст, вагарна доди инсон ба фалак намерасид.

***

Эй инсон, шукри бахти буда кун, агар зиёда мебуд, ба ману ту насиб намекард.

***

Саховат меъёр дорад, аз ҳад зиёди он кори тарсу, аз ҳад камаш амали зиқнагон аст.

***

Покӣ душмани вабо бошад, амал қотили он.

***

Танбеҳи саривақт – модари давоҳо.

***

Дарки дили шайдои худ аз кашф кардани ду дунё афзалтар аст.

***

На аз пайи бахтат бош, бигзор то он дунболи ту гардад.

***

Ба ду по тамоми дунёро натавон ёфт, аммо ба як сухан ду дунёро ёфтан мумкин аст.

***

Олитарин силоҳи ҳуҷум бар душман дар доми андӯҳҳо нигаҳ доштани ӯст.

***

Рабудани кайфияти субҳидам бадтарин хиёнат аст.

***

Аз нони изофӣ рӯзадорӣ беҳ.

***

Ба устоди ҳақиқӣ як бӯр ва поралатта кифоя, чунки вай то ин ҷо ҳазорон пайраҳаро тай кардааст.

***

Ҳар қадар китоб раҳнамост, ҳамон андоза раҳгумзананда ҳам ҳаст.

***

Аз мурда умеди кафан макун!

***

Шиками гуруснаро ба қаноат сер макун!

***

Аввал нон деҳ, баъд амр.

***

Инсони тавоно дараҷаи худро медонад, одами нотавон бошад, лофи тавоноӣ мезанад.

***

Эй он ки аз шодии одамиён завқ мебарӣ, бидон, ки андӯҳи онон низ азони ту аст.

***

Инсон он сон, ки бо гиряи ошкор ба дунё меояд, ҳамон сон бо нолаи пинҳон аз олам меравад.

***

Ҳикмат ҳукми замбӯруғро дорад: ҳамин ки раъду барқ ҷӯшида, борони баҳорӣ маҳин борад, он аз замин якбора дамида мебарояд, мисли ҳамин, вақте ки шодию ғам бо ҳам бархӯрда муросо мекунанд, ҳикмат тавлид меёбад.

***

Як оҳи марг беҳ аз ҳазорон воҳи беҳуда аст.

***

Афкори тоза аз ҷони озода рӯяд.

***

Аз камақли садрӣ дӯстӣ наояд, аз соҳибақли камингаҳӣ душманӣ.

***

Аз дӯсту душман парҳез куну ҳамдами худ бош!

***

Ба мағрур мағрурӣ кун, агарчӣ ду дунё лашкар дорад.

***

Чун одами оқил медонад амал зодаи нафс ва саркути дигарест, ҳаргиз ба он майл намекунад.





## ШАКАР САЙФӢ
## (1979)

Шакар Сайфӣ (Сайфуллоев) 2-юми июли соли 1979 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи коргар таваллуд меёбад. Падари ӯ Зайнуллоҳи Сайфуллоҳ ва модараш Тоҷигул духти Нурмаҳмад, ба қавле, бо нохун замин тарошида, сахтию сустиҳои зиндагиро таҳаммул карда рӯз гузарондаанд ва фарзандони худро серу пӯшида ба камол расондаанд.

Шакар мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ фаро гирифта, соли 1996 ба бахши филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мешавад. Пас аз фориғ шудан аз таҳсили донишгоҳ, муқаддаман аз соли 2000, чанд муддат дар идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» ҳамчун хабарнигор фаъолият мекунад. Сипас, бо ҳидояти дӯстони равшанфикр кори рӯзноманигориро дар бахши тоҷикии радиои Хуросон дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон идома медиҳад. Ӯ бо ҳамсараш муқими кишвари ҳамзабон шуда, аз наздик бо урфу одат ва тарзи зиндагии мардуми эронӣ ошно мешавад ва дар давоми ҳамин сафари худ ва ҳамкорӣ намудан бо аҳли зиёи форсизабон боз ҳам бештар ба дунёи рангин ва пурасрори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ фурӯ меравад.

Шакар Сайфӣ пас аз даргузашти модари меҳрубон ба таври иҷборӣ касби писандидаи худро раҳо карда, дубора ба деҳа, ба назди падар, ки дасттанҳо монда буд, бармегардад. Ӯ фаъолияти кории худро дар мактаби миёнаи рақами 43-и деҳаи Эҷ ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик идома медиҳад.

Шакар Сайфӣ ҳанӯз дар овони мактабхонӣ ба фанҳои забону адабиёт шавқу алоқаи беандоза дошт. Ӯ ду бор дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ширкат варзида мақомҳои аввалу дувумро соҳиб шуда буд. Дар донишгоҳ бошад, майдони илмомӯзӣ боз ҳам васеътар ба рӯяш боз мегардад. Ӯ пайваста ба омӯхтани паҳлуҳои нозуку пурасрори забон ва ба хусус, шеъру шоирӣ машғул мешавад ва бо мададу дастгирии устодон то ҷое ба ин баҳри маонӣ ва сеҳрнок сар мезанад. Пайи ҳам шеърҳои ӯ дар матбуот, ба хусус, ба таври муттасил дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» чоп мешаванд.

Натиҷаи саъю талошҳои хомаронӣ ва табъи равони Шакар буд,

ки соли 2003 нахустин дафтари манзуми ӯ бо номи «Селоби ишқ» падид меояд. Ин маҷмӯаи шеърии шоири ҷавон аз тариқи нашриёти самарқандии «Зарафшон» бо таҳрири шоир Хоҷа (Чоризода) ва пешгуфтори шоир Асадуллоҳ Исмоилзода ба табъ мерасад.

Дигар манбаи боэътимод, ки аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шакар Сайфӣ бозгӯй мекунад, китоби адиб Юнуси Имомназар «Деҳаи зархез» (Тошканд: «Тӯрон замин зиё», 2016) мебошад. Дар ин китоб бар замми шарҳи ҳол, намунаҳое аз шеъру ғазалҳо, дубайтию рубоиҳо ва чаҳорпораю абёти шоир оварда шудааст.

Имрӯз Шакар Сайфӣ дар байни қаламфарсоёни ҳавзаи адабии Варорӯд ҷо гирифтааст ва саъй дорад ҳам бо усули суннатӣ ва ҳам дар қолаби шеъри нав асарҳои мондагор офарад.

## ШЕЪРҲО

### ДЕҲИ МАН

Ба таъбир, «қалъа» бошад маънии Эҷ,
Ба лафзи мардумам «Сойи калон» аст.
Канори қалъааш сойи дилоро,
Бароям беҳтарин ҷойи ҷаҳон аст!

Зи як сӯ Ёласинаш сар ба афлок,
Зи як сӯ Теппаи Лелок* нигаҳбон.
Ҳисори Феҷакаш истода мағрур,
Ба қасди душманони номусу ҷон.

Баҳорон боғҳояш сабзу хуррам,
Зи ҳар сӯ чаҳ-чаҳи булбул ба гӯш аст.
Агар хоҳӣ ҷавон монӣ, ҳамеша
Биё, ин ҷо ҷавонӣ дар хурӯш аст!

Ҳавои Ағваю Пирвешу Қалъа,
Ба ҷисми марди беҷон ҷон бахшад.
Ва оби Феҷаку Мурғобаки мо
Ба дарди рӯҳу тан дармон бахшад.

---

* **Теппаи Лелок** – номи теппа ва гузар; дар ин ҷо «лелок» ба маънии лӯла, гирд аст.

Чӣ мардум? Ҷумла аҳлу иттифоқанд,
Ту гӯйӣ, ҷумла ёранду бародар.
На бою не тиҳидасте дар ин ҷо,
Ҳама бо ҳам қаринанду бародар.

Ҷавононаш ғурури кӯҳ доранд,
Сиёвушхислату рустамниҳоданд.
Сиришти пок доранду дили нарм,
Ҳама заҳматписанду хушсаводанд.

Ба мадҳи духтари кӯҳӣ чӣ гӯям?
Ҳама дар пеши ҳуснаш моту ҳайрон!
Рухаш чун лолаи кӯҳӣ шарархез,
Нигоҳи оҳуяш масту гурезон.

Деҳи ман, ҳастиам аз обу хокат,
Ту ҳастиву бувад шеъри тари ман.
Паноҳам гаштӣ аз ранҷу балоҳо,
Ҳамеша дар амон бошад сари ман.

Деҳи ман, ёд кардам обу хокат,
Дили пазмони ман соат шуморад.
Чу ман оё касе бо шодмонӣ
Сар андар хоки поят мегузорад?!

## МАКТАБАМ

Мактабам, симои ту дар хоб мебинам кунун,
Чун дару девори ту карданд дар ҷо сарнагун.

Бар фано рафтӣ ту ҳам чун рӯзҳои баччагӣ,
Пораҳое монда бар ҷо мисли шеъри Рӯдакӣ.

Гарчи имрӯз офарида ҷойи ту тозабино,
Мактаби нав бо шукӯҳу бо кулоҳи бебаҳо.

Ҳар гаҳе бинам дилам аз ҳузн мегардад сиёҳ,
Пушти он як пораи ту мисли пири бепаноҳ.

Бо гузашти умр инсонро физояд бохтаҳо,
Дар раҳи кисмат зи дилҳову зи даст андохтаҳо.

Рафт аз ман кӯдакиям, рафт аз ман модарам,
Дӯстони мактабиам, рафт аз ман мактабам.

Мондаам имрӯз танҳо бо аламҳои замон,
Медавам болову поин мисли марди ломакон.

## ҚАЛЪАИ ФЕҶАК
## (манзума)

Қалъаи Феҷак* сари кӯҳ
　　ин замон вайрона гашта,
Таърихаш дар байни мардум
　　қиссаю афсона гашта...
Буда аммо рӯзгоре,
　　к-ӯ панохҳи мардумон буд,
Бахри ҳифзи номуси халқ
　　садди роҳи душманон буд.
Мардуми заҳматкашида,
　　аз фалокатҳо рамида,
Шаҳрҳоро тарк гуфтанд
　　дар бағалкӯҳ орамида.
Лек хасми кинапарвар,
　　сахтрӯю бемурувват,
Гоҳу ногаҳ ҳамла мекард
　　бар сари ёрони ғурбат.
Кард ғорат деҳаи Эҷ,
　　одамонро карда мазлум,
Молу нонаш мерабудӣ
　　зору ҳайрон карда мардум.
Лек як рӯзи зимистон
　　баъди забту ғорати деҳ,

* **Феҷак (فيجک)** – номи қалъа; яке аз бузургтарин ва қадимитарин қалъаҳои кӯҳистони Нурато аст, ки бар фарози деҳаи Эҷ сохта шудааст ва эҳтимол дорад нахустин маскани эҷиён ҳам бошад

Душманон дуздида бурданд
духтари хушқомати деҳ.
Ин такони охирин буд
бар ниҳоди марди тоҷик!
Номуси ӯ ҳастиаш буд
дарди номус, дарди тоҷик!
Хонааш ғорат намуданд
ӯ сабурӣ пеша бинмуд,
Тахту тоҷашро рабуданд
боз ҳам андеша бинмуд.
Бо саховатпешагиаш
ӯ баробар бо замин буд,
Гар гунаҳ бошад сабурӣ,
айби ӯ танҳо ҳамин буд.
Андар ин дунё барояш
ғайри номус гавҳаре не,
Ганҷи ӯ номи баландаш,
зинати бому даре не.
Лек имрӯз он лаинон
даст бар ганҷаш ниҳоданд,
Бехабар гӯйӣ, зи занҷир
наррашереро кушоданд.
Дигар он гурди куҳистон
хест аз ҷо ҳамчу Рустам,
Рағми он дуздони беор,
тавқи ҷангӣ карда маҳкам.
То баҳор андар сари кӯҳ
қалъае бунёд карданд,
Баҳри ҳифзи номуси халқ
кори сад Фарҳод карданд.
Баъд аз он ғассоби маккор
бо ҳазорон макри шайтон,
Ҳар сафар мағлуб мегашт
дар набарди паҳлавонон...
Қалъаи Феҷак сари кӯҳ
ин замон вайрона гашта,
Хонаи аҷдодии мо
бодҳоро хона гашта...

## ИСЁН

Зи аҷзу ноумедӣ гашта дилгир,
Ба олам чашми дигар боз кардам.
Гузаштам аз сари дору мадораш,
Ба осмони дигар парвоз кардам.

Шумо санги маломат мезанедам,
Ки бошам боз асири он қафасҳо.
Шумо хоҳед дар қолаб бимонам,
Вале ман меравам сӯйи ҳавасҳо.

Шикастан он қадар – бишкаст умрам,
Ки тарсе аз шикасте ҳам намонда.
Ба ашки шӯри ғам ғарқидам азбас,
Ки боки мавҷи масте ҳам намонда.

Бурун ҷастам чу пайки бенишоне,
Ки ҷуз гил хӯрданам қисмат набошад.
Вале то дар фазоям шодмонам,
Ки дарде талх аз ҳасрат набошад.

## ГУЛИ САНГ

Ҳусни наргис ӯ надорад,
 бӯйи райҳонаш набошад,
Ӯ гули санг асту номаш –
 зинати ӯ.
Ӯ надорад даъвии нилуфарӣ,
Ӯ набахшад атри мушку анбарӣ,
Ӯ наҷӯяд бо гулистон ҳамсарӣ,
Ӯ гули санг асту номаш –
 зинати ӯ.
Нашкуфад ӯ бо навои мурғакон,
Ӯ зи ҳусни гулрухон боланда нест.
З-ӯ наёбад лаззате дилдодае,
Ӯ наорояд базми ошиқон.

Ӯ гули санг асту номаш –
 зинати ӯ.
Ӯ гули санг аст –
 сангин қисматаш,
Гарчи гул аст, ёри санг аст.

## ИЛТИҶО

Маро бо ман бимонед, эй азизон,
Ки бо дарду хаёли худ нишинам.
Маро коре набошад бо шумоён,
Бадам ё нек бошам, ман ҳаминам.

Маро зоданд байни кӯҳсорон,
Манам як зарраи хоки диёрам.
Маро бо шаҳру ғавғояш чӣ коре?
Сукути қуллаҳо бошад хуморам.

Ба сар даъвои сардорӣ надорам,
На мансаб хоҳаму не давлату мол.
Фақат озод бигзоредам, акнун
Ки роҳат аз сари кӯҳе кашам бол.

Ҳама икрому маснад аз шумо бод,
Насиб ояд шуморо ганҷи олам.
Ҷаҳони орзуҳо ёр гардад,
Маро монед аз ин савдо нанолам.

Маро бо оламам танҳо гузоред,
Ки дилгирам, бубахшед, аз ҷаҳон, оҳ.
Дарахту мурғаконанд улфатонам,
Анису ҳамдами ман ахтару моҳ.

## РОЗИ ДИЛ

Эй азизи дили ман гиря макун,
Зиндагӣ қиссаи пурпечу хам аст.
Бош умедвору имонат бошад,
На ҳама рӯз гирифтори ғам аст.

Интихоби ту набуд омаданат,
Рафтанат ҳам набувад дар дастат.
То ба он нуқтаи анҷом расӣ,
Лаҳзае ҳаст барори қасдат.

Ту ба коми дили худ зиндагӣ кун,
Машав аз ҳарфи пашизе нигарон.
Зиндагӣ нест он қадр дароз,
Ки шавад сарфи ризои дигарон.

Дили ту метападу соат нест,
Ки шавад ботрии нав бигзорӣ.
Фурсати умр абас бурдӣ агар,
Нашавад, ки диҳадат такрорӣ.

Пас зи ҳар лаҳзаи он чун Хайём,
Баҳраю ком аз ин дайр биҷӯй.
Дарди худро макушо бар нокас,
Рози дилро ту ба Эзид бигӯй.

## ОТАШИ ИШҚ

Яке торикшаби фасли зимистон,
Ки боди дайду барфакбозӣ мекард.
Даруни сина андар хонаи худ,
Дили ман шикваю ғамсозӣ мекард.

Ба ман мегуфт: – Аз ин дунё чӣ суде?
Фанои бегумон бошад ҷавобаш.
Ҷароҳатҳо гирифтам бешумор ман,
Зи лутфу марҳамат бештар итобаш.

– Ба ёдат ҳаст ишқи аввали ман?
Ки рангин карда буд дунёи беранг?
Вале ҳайфо ҳамон шуд ишқи охир,
Зи оташ мондагор хокистару санг.

– Ҳар он чӣ ёфтам аз ман набуд ӯ,
Ҳар он чӣ сохтам вайрон намуд ӯ.
Агар нохонда меҳмонем дар ин ҷо,
Биё, пас меравам аз хонаи ӯ.

Нигоҳ кардам ба рӯйи кӯдаки худ,
Ки ором хоб буд дар олами хеш.
Ба худ гуфтам агар ҳоло равам ман,
Ба қалбаш мезанам худ аввалин реш.

**ПӮЗИШ**

Бубахш, эй модари ҷон – деҳаи ман,
Гуноҳи тифлакони нобакорат.
Ки баҳри ишками серу тани пур,
Шикофтем синаву дӯшу канорат.

Бубахш, эй модари ҷон – деҳаи ман,
Наафзудем ба ганҷат заррае мо.
Чу хасме бурдаемат мо ба тороҷ,
Парешон хоки ту кардем ба дунё.

Бубахш, эй модари мо – деҳаи мо,
Аз он ки то ҳанӯзам бенавоӣ.
Агарчи турфае аз кӯдаконат,
Ба зар доранд даъвои даҳоӣ.

Бубахш, эй модари зор, озини ҷон,
Ки рӯҳ аз кӯҳсоронат рабудем.
Куҷоянд он ҳама бодому шибдор,
Яке номонда хокистар намудем.

Бубахш, эй модари ҷон – деҳаи ман,
Ки моем аз Худо бегонагашта.
Намозу рӯзаро аз ёд бурдем,
Дари масҷид рӯбаҳхона гашта.

Бубахшо, гар тавонӣ тифлаконат,
Ки моем ончунон кӯдак ба пирӣ.
Наомӯхтем дарси зиндагонӣ,
Ҳама бар нафси худ кардем амирӣ.

**ШАҲРИ КОҒАЗИН**

Беканору дилрабову хушнамо,
Кӯчаҳои росту ҳамвору васеъ.
Ҷумла бенуқсону аз рӯйи пилон,
Қад баровcurrentда биноҳои бадеъ.

Мардумони сертараддуду кибор,
Ҳар тараф аз рӯйи коғаз медаванд.
Соати кору фароғатшон аниқ,
Орзуҳоро ба коғаз мехаранд.

Ҳам сипар, ҳам теғи ҷанги коғазин,
Баҳри коғаз хун бирезад беҳисоб.
Ишваи ёр аз вуҷуди коғаз аст.
Хушзабонӣ бастаи накду ҳисоб.

Дар гузаргоҳҳои ин шаҳри аҷиб,
Коғазин бошу ба тахти он нишин.
Бо забони коғазин гӯ қасди худ,
Оини коғазпарастиро гузин.

Оҳ коғаз! Оҳ шаҳри коғазин,
Сахт дилгирам намудастед, оҳ,
Хоҳам аз ин ҷо гурезам то абад,
Лек садди коғазин бошад ба роҳ.

## ХАЙРБОД

Хайр, эй дил, орзуҳои қадим,
Ман ба мулки хокиён дорам сафар.
Хайр, эй гул, ахтари зебои ман,
Байни мо абри абад бошад дигар.

Лаҳзаҳои беҳтарини умри ман,
Бе муҳобо, дидани рӯйи ту буд.
Чанд вақте рӯзгорам дилнишин,
Аз хаёлу ҳарфи дилҷӯйи ту буд.

Ман висолатро намеҷӯям кунун,
Гарчи мехоҳад туро бунёди ман,
Ман шикастам ношикастанҳо дигар,
Баъд аз ин, эй гул, маёвар ёди ман.

Бо ту ман рафтам масири ишқро,
Дард ҳам дармон бигзашт аз сарам.
Сад ҳазорон нозҳоят дар дилам,
Хайрбод, эй гул, мабинӣ ҳеч алам.

Роҳи ман дигар ба сӯйи бераҳист,
Дар дилам вайронахоҳе бебасар.
Сӯйи бадномӣ равонам сарнишеб,
Неку бад дар пеши ман якто дигар.

Хайр, эй ҷон, хайр, эй яктои ман,
Бахту толеи накӯ ёри ту бод.
Кун фаромӯшам чу хобеву хаёл,
Ёвари ту бахти бедори ту бод.

## БИШКАСТ

Шайтон расиду аҳду паймон бишкаст,
Дар синаи мо шишаи имон бишкаст.

Мо ронда шуда зи боғи ҷаннат, э воҳ,
Аз хомии мо қисмати «инсон» бишкаст.

Аз саҳву хато сабақ набардоштем, ҳеҷ
Дар бераҳиҳо қомати мардон бишкаст.

Дар лойи гунаҳ то ба гулу ғӯтидем,
Аз бори зино миёни пирон бишкаст..

## ҒАЗАЛИЁТ

Ба замони ибтидоҳо, ки аз интиҳо бихезад,
Ту биё ба хокҷое, ки ба чархи дун ситезад.

Ва дар он макони охир ба ғуруби орзуят,
Ту бипош тухми дигар, ки шафақ аз он бирезад.

Ба нумӯи хештан боз асар аз муҳаббат орад,
Ба хазони зудрас охир алам аз ситам бихезад.

Магар огаҳӣ, ки худ гул зи хазон бувад паёме,
Ки ҳанӯзу боз аз дил алам аз алам бирезад.

Чу ҳаёту марг тавъам сари нуқтаанд саргум.
Бигузор зиндагонӣ ба сарат нишот безад.

***

Бар кулбаи эҳзони ман, хуш омадӣ, эй ҷони ман,
Меҳмони дунёем мо, як дам бишав меҳмони ман.

То бар ту гӯям қиссае аз умри бемаҷрои хеш,
Равшан шавад дар пеши ту ҳоли дили гирёни ман.

Оҳанги ғам ояд агар аз суҳбатам, ранҷур машав,
К-ин зарраест аз оташи дар синаам пинҳони ман.

Беҳуда умре бурдаам, роҳе ғалат паймудаам,
Маҷнун намегардад дар ин оворагӣ ҳамсони ман.

Гар ногаҳон бинӣ гуле дар байни хористони даҳр,
Пайке расон аз сӯйи мо, бар дилбари хандони ман.

***

Дидани ёри ниҳонам орзуст,
Ранҷҳои ӯ ба ҷонам орзуст.

Гӯшае хомӯш будан мушкил аст,
Баҳри дил дарди замонам орзуст.

Дар чунин роҳе, ки бошад пурхатар,
Иттифоқи ҳамраҳонам орзуст.

Чун гирифта кӯҳи ғам роҳи маро,
Раҳкушо бар мардумонам орзуст.

Бурда аз дил Аҳриман гармии меҳр,
Кумаке аз Рустамонам орзуст.

Нахли армони Шакар ояд ба бор,
Эй Худо, бахти равонам орзуст!

***

Номи зебои туро бошам фидо,
Ишқи ту бинмуд аз ақлам ҷудо.

Лоларӯям то абад бишкуфта бош,
Умри ман бар ту бияфзояд Худо.

Фасли ишқи мо намояд бебадал,
Аз забон ҷуз ин намеояд дуо.

Рустаӣ чун гул ба гулбоғи дилам,
Ин дили ошуфта мехоҳад туро.

Масту мадҳуш мешавам бо диданат,
Аз дилу ҷон мебарояд ин садо:

«Нест бодо, рӯзи ҳиҷрон, нест бод,
Ишқ бошад, васл бошад, доимо!»

***
Оташи хомӯши дил оҳанги исён мекунад,
Ашки мижгонам ситези мавҷу тӯфон мекунад.

Банд-банде аз вуҷудам обу хоки оламист,
Дил вале бо саркашӣ рӯ сӯйи кайҳон мекунад.

Дар қафас охир бимирад аз ҷудоӣ мурғи кӯҳ,
То нафас дорад набарди рӯзгорон мекунад.

Ҳасрате дар дил набошад, қадри уммед аз куҷо?
Орази маҳро шаби зулф офати ҷон мекунад.

Дар биёбон мурд агар аъробие кори Худост,
Мурдани моро ба саҳро, амр шайтон мекунад.

Ҳар ки гӯяд аҳриманкешон қазои одаманд,
Бо ливои ҳурмуздӣ кори шайтон мекунад.

***
Хуш аст он дам, ки дунёям ба дунёят даромезад,
Дар оғӯшам сарат бошад, ғамам аз сар бурун резад.

Набинад дидаҳоям ҷуз рухат андар мадори худ,
Чу бод ошуфта кокулҳо ба рухсорам даровезад.

Канорат чун нишинам, дил зи ғамҳо бар канор ояд,
Чу хезад атр аз зулфат ҳамон ҷон аз танам хезад.

Биё бо ман, аз ин дунёи дунфитрат раҳо бошем,
Ки бо пастии аъмолаш ба сар хоки фано безад.

Ба ҳам болем, ба ҳам нозем, ба ҳам аз сидқ бинвозем,
Ки ишқи мо ба дунё то ҷунуни тоза ангезад.

Бувад исёни охир, ошиқиям бо гули рӯят,
Ки хунам ё ба рӯйи хок, ё андар кафат резад?!

***

Ҷайби ишқам холӣ аз нақди висоли дилбар аст,
Шуд баҳору он кулоҳи ғам ҳанӯз андар сар аст.

Дил ба руъё бастаам умрам чу ҳазён меравад,
Ҳар замон садпора дил аз теғи кини дигар аст.

Ташнаи васлам, вале аз ишқ бошам даргурез,
Донаи ашкам ба нӯги мижаи шаб ахтар аст.

Дӯст гуфтам, ҳамдилӣ ҷустам зи ҳар кас дар ҷаҳон,
Нек дидам ӯ ба нақши дӯстӣ бозигар аст.

Рӯҳи озодам намеғунҷад ба шаҳри осиён,
Мурғи навтавлиди дилро орзу болу пар аст.

Ҳар замон як хоҳише сар мезанад аз хоки дил,
Ин замин беҳосилу деҳқон ба кори дигар аст.

***

Як қадам мемонаму сад зарбаро рад мекунам,
Ҳар замон аз зиндагии хеш нафрат мекунам.

Гоҳ шӯям дасту дил аз ин ҷаҳони бевафо,
Гоҳи дигар бо умеде сабру тоқат мекунам.

Умри фардо хуш бувад мегӯиву фардо кай аст?
То ба кай бо ҳарфи хушки ту кифоят мекунам?!

Мебарам бар боғу бӯстон гуфтиву чанде дигар,
Андар ин дашти бало бар ту итоат мекунам?

Аз пайи уштур чӣ мегардӣ, садоямро шунав,
Ин манам аз корвони ту шикоят мекунам.

Бо умеди ҷаннате аз ҷаннати худ рафтаем,
Дидаам хоби гарон аз он ҳикоят мекунам.

Нест дармоне ба ҷисми бемадори ман, вале
Аз сари мардонагӣ бо сахтӣ тоқат мекунам.

Зуд бош, эй сорбон, бар кӯйи мақсуд роҳ гир,
В-арна дар ин нимараҳ тарки риоят мекунам.

То ба кай сӯзӣ, Шакар, дар оташи ғамҳои даҳр?
Гӯш дор, аз Саъдиву Ҳофиз ҳикоят мекунам!

**ДУБАЙТИҲО**

Агар дорӣ ту ганҷе беш зи Қорун,
Ва ё пулат бувад чун реги Ҳомун.
Ту аслатро дигар кардан натонӣ,
Агар маймун туӣ, мемонӣ маймун!
***
Баҳор омад зи гул гулдаста бандед,
Ба гулҳо меҳри гул пайваста бандед.
Барои дилбарони боназокат,
Дилу гулдастаро як даста бандед.
***
Баҳорон омада, эй дилбари ман,
Биёву нарм биншин дар бари ман.
Ба дунёи хаёлоти муҳаббат,
Дилам хоҳад, ки бошӣ ҳампари ман.

***
Биё, ҷоно, ки фасли навбаҳор аст,
Маро бо ёди ту дил беқарор аст.
Ту рафтӣ дар шаби боронӣ аз ман,
Аз он дам дидаҳоям ашкбор аст.
***
Бубахш, ай гул, вафодорат нагаштам,
Шудам шайдояту ёрат нагаштам.
Ту будӣ ширину зебоумеде,
Зи бадбахтӣ сазоворат нагаштам.
***
Дилам хоҳад, ки дар пешат нишинам,
Ба чашмони ту акси худ бубинам.
Зи лабҳоят бичинам шаҳди тоза,
Садо орам, ки хушбахти заминам!
***
Зи умри бесамар бигзашта, афсӯс!
Зи шӯри бешарар бигзашта, афсӯс!
Нишастам интизори ӯ шабу рӯз,
Баҳорам бехабар бигзашта, афсӯс!
***
Илоҳо, ҳусни ту поянда бошад,
Ду чашмат шуълаи тобанда бошад.
Ҳамеша зинда бошиву саломат,
Шакар бо сеҳри ишқат зинда бошад.
***
Муҳаббат дарду дармонам ту бошӣ,
Муҳаббат васлу ҳиҷронам ту бошӣ.
Ман аз олам равам рӯзе ғазалхон,
Муҳаббат марги армонам ту бошӣ.
***
Надонистӣ ту қадри ишқи покам,
Ки нашнидӣ фиғони сӯзнокам.
Пушаймон мешавӣ рӯзе ту, аммо
Намеёбӣ дигар аз рӯйи хокам.
***
Ту ҳам бо як аҷал хоҳӣ бимирӣ,
Агар шоҳӣ ва ё худ як амирӣ.

Худоро саҷда мебояд намудан,
На касро, то чу номарде намирӣ.
***
Туро гул хонда будам, будай хор!
Магар хорӣ? Хато шуд, будай мор!
Задӣ заҳрат ба ҷони ошиқи худ,
Дуо гӯям, «Бимонӣ мисли ман зор!»
***
Хушомад гӯядат гар нобакоре,
Ки ёриаш расонӣ баҳри коре.
Гумон асло мабар ман ҳам чунинам,
Ки ганҷатро намегирам ба хоре.
***
Хаёле дар сари ман ҷо гирифта,
Умеде дар дилам маъво гирифта.
Аз он рӯзе, ки дидам ҳусни рӯят,
Вуҷудамро ҳамон савдо гирифта.
***
Баҳорон омаду гулҳо ба сар рехт,
Нигора шодӣ бар қалби Шакар рехт.
Азизон, шоҳидони ҳол шумоед,
Ки дар ҷоми шабам файзи саҳар рехт.
***
Агар бо номи ту шеъре надорам,
На з-он бошад ба дил шӯре надорам.
Аз он тарсам, ки бар дунёи покат,
Халал орам зи байти сактадорам.
***
Алам дидам, шикасту шодӣ дидам,
Басе вайронаву озодӣ дидам.
Дар ин дурӯза роҳи зиндагонӣ,
Ғариқи ғам ба хоб озодӣ дидам.
***
Туро пул аст, лек ором надорӣ,
Сари ин ганҷи худ шабзиндадорӣ.
Маро давлат наву ором бихобам,
Надорам ташвишеву беқарорӣ

## РУБОИЁТ

Дар доми саҳар лашкари шаб мағлуб аст,
Чун шом расид, равшанӣ худ саркӯб аст.
Панде бувад ин барои ту, эй Одам,
К-умри ту гаҳе соҳибу гаҳ маҳсуб аст.
***
Ҳар рӯзи навам олудаи ғам бошад,
Чашмони сарам ба рӯзу шаб нам бошад.
Беҳуда бувад илоҷи дардам ҷустан,
Захме, ки ба дил расад, чӣ марҳам бошад?!
***
Эй дил ба ту бахти безаволе хоҳам,
Шодиву нишоти бемисоле хоҳам.
То зинда бимонӣ ту дар ин даҳри куҳан,
Пайваста навозишу висоле хоҳам.
***
Шайтон расиду аҳду паймон бишкаст,
Дар синаи мо шишаи имон бишкаст.
Мо ронда шудем зи боғи ҷаннат, э воҳ!
Аз хомии мо қиммати инсон бишкаст.

## ЧАҲОРПОРАҲО

Агар сад соли дигар зинда бошам,
Ҳамеша ошиқат мемонам, эй гул!
Наметарсам ман аз макри рақибон,
Туро аз зиндагӣ бистонам, эй гул!
***
Матарс аз гирудори зиндагонӣ,
Дар ин дарё шино кардан биёмӯз!
Чӣ менолӣ зи гарму сарди олам?
Ҷаҳони худ бино кардан биёмӯз!
***
Маро аввал ба шеърат кардӣ ошиқ,
Сипас бо ояти Қуръон мусалмон.
Кунун кафгир бар дастам сари дег,
«Ба як кас чил ҳунар кам аст», Раҳмон.

***
Насим аз боғ меорад навиди навбаҳоронро,
Бубин гулзор мерақсад шамида бӯйи боронро.
Қалам ҳайрон мехобад ба рӯйи сафҳаи холӣ,
Чӣ сон бо ҷумла рангу бӯ нигорад рӯзгоронро?
***
Толеи маро сиришта аз хоки сиёҳ,
Печида бишуд ҳастиям аз тори гуноҳ.
Не пойи равон, на боли парвозам буд,
Ҷуз марг аз ин бодия кай буд паноҳ?
***
Чаро аввал ба нозам парваридӣ,
Ниёзамро муҳайё карда ҳар дам?
Дар охир аз чӣ танҳоям гузоштӣ,
Миёни ин ҳама ошӯби олам?





## ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД
## (1989)

Фаридуни Фарҳодзод (Йӯлдошев) 5-уми феврали соли 1989 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи зиёӣ таваллуд ёфтааст. Ӯ мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ фаро гирифта, соли 2007 ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мешавад. Соли 2011 давраи бакалаври донишгоҳро хатм намуда, як сол дар мактаби зодгоҳи худ бо касби омӯзгорӣ машғул ва дубора барои фаро гирифтани давраи магистратура ба бахши филологияи тоҷик пас меояд.

Соли 2014 давраи магистратураро ба поён расонда, фаъолияти хешро дар шуъбаи тоҷикии радиои Самарқанд бо шуғли хабарнигор оғоз менамояд. Ҳамзамон дар рӯзномаи бачагонаи «Булбулчадоно», ки ба забони тоҷикӣ нашр мешавад, чун котиби масъул ба кор мепардозад. Дар ин давра бо тамоми эҷодкорони Самарқанд, минҷумла, бо донишмандони соҳаи забону адабиётшиносӣ – Адаш Истад, Салим Кенҷа, Бахтиёри Ҷумъа, Тошқул Азимзода, Зоҳир Ҳасанзода, Асадуллоҳ Исмоилзода, Нормурод Каримзода, Баҳодури Убайдуллоҳ, Дилшоди Фарҳодзод аз наздик шинос мешавад ва дар канори матбуоти даврии Самарқанд бо рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» низ равобити маҳками эҷодӣ ба роҳ мемонад.

Фаридуни Фарҳодзод аз соли 2018 инҷониб котиби масъули рӯзномаи «Овози Самарқанд» аст. Ӯ дар шабакаи ҷаҳонии интернет, ба хусус, дар силсиласомонаҳои «Фейсбук» ва «Телегром» хеле фаъол мебошад. Аз ин тариқа бо даҳҳо адибу шоир ва рӯзноманигори тоҷики берунмарзӣ низ ошно шуда, барои такмили маҳорати рӯзноманигорӣ ва нависандагии худ сабақ меомӯзад. Муассис ва муруттиби саҳифаравзанаи бози «Сайқали сухан» аст, ки дар он бештар насрнависони ҷавон маҳсули хоманигории худро ба маърази арзёбӣ пешниҳод мекунанд. Дар «Телегром» низ роҳандози саҳифаи маърифатӣ-фарҳангии «Садои тоҷик» мебошад.

То имрӯз маҳсули эҷодии Фаридуни Фарҳодзод дар китобҳои «Деҳаи зархез», «Се барги сабз», «Суханварони Зарафшон», «30 гуфтор аз 30 тор», «Суғдиёна» гирд омадаанд. Фаридун инчунин бо

тарҷума сарукор дорад, ки якчанд тарҷумааш аз забони ӯзбекӣ дар китобҳои «Саодати дӯстӣ», «Томирис» чоп шудаанд.

Қаламиҳояш ба таври муттасил дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар», «Овози Самарқанд», «Субҳи Гулобод» ва нашрияҳои Тоҷикистон ба чоп мерасанд. Фаридун роҳи худро дар паҳнои адабиёт интихоб кардааст ва ҳатман ба манзили мурод хоҳад расид.

## ҲИКОЯҲО

### КАЙФАР*

Тирамоҳ. Офтоб сар ба уфуқ мениҳод. Домани осмон лолагун буд. Табиат баргҳои дарахтонро чун қолинбофи моҳир рӯйи замин густурда, ки дар зери нурҳои заррини офтоб гилеми тиллорангро мемонд. Мардум, ки дар гармо зери сояи дарахтон паноҳ бурда, фароғат мебурданд, ҳоло барги онҳоро бераҳмона зер мекарданд. Хазонбаргҳо аз беоқибатии одамон ва нобасомонии рӯзгор ҳар лаҳза садое бароварда, «оҳ» мекашиданд ва баробари вазидани шамолаке аз ҷӯйбору канори роҳравҳо ҷой мегирифтанд.

Баъди пешин дар зери шикамам сӯзи дардеро ҳис кардам. Азбаски то пешин гарди хонаҳоро тоза ва ҷомашӯйӣ карда будам, дардро оқибати меҳнати зиёд донистам. Сӯзиш гоҳ-гоҳ пайдо мешуд. Вақте ки такроран сар мезад, аз пештара шадидтар мегардид. Пеши хушдоманам рафтам.

– Моҳат даромад. Акнун шикамат дард мекунад, бача меҷунбад. Чӣ бачазойӣ осон-мӣ? Худо ҷони моёна аз оҳан карда будааст-дия. Панҷ бачаро таваллуд карда, шифохона дар куҷо намедонистем. Келинҳои ҳозирая як ҷояшон «ҷиз» кунад, пеши духтур медаванд, – бепарвоёна аз пайи кори худ шуд.

Ҳарфе назадам. Бегоҳирӯзӣ дард шадидтар шуд, ки тоқат кардан ғайриимкон буд. Хушдоманам нороҳатӣ ва ранги паридаи маро дида зуд ба писараш занг зад. Вақт мерафт, аммо аз шавҳар дарак не. Диламро ваҳм зер мекард. Метарсидам. Сахт метарсидам. Ба назарам чунон мерасид, ки гӯё аз ҳуш меравам ва фарзанд дар батнам нобуд мешавад. Соате гузашта шавҳарам омад.

---

* **Кайфар** – ҷазо, сазо, подош; мукофоти некӣ ва бадӣ

– Чиба инқа дер кардӣ? – пешорӯяш давид хушдоманам.

– Корам баромад, – кӯтоҳакак ва бепарвоёна гуфт шавҳарам, ки хоси эшон буд. – Чӣ гап?

– Аҳволи келин вазнин. Духтур бурдан даркор.

Шавҳарам ҳамон беғамона «хай, буро» гуфт.

– Ба бийиҷонам телефон кунед, – вақти ба сабукрав нишастан гуфтам.

– Ҳамаи духтуро як института хондагӣ. Дар ҳамин ҳам шиносбозӣ кардан шарт аст? Онҳоя дар ташвиш мондан чӣ даркор? – дари сабукравро сахт пӯшид.

Чунин ранг гирифтани корро хуб медонистам. Ва агар худам ҳам телефон мекардам, ба бало гирифтор мешудам. Чунки дар ин хонадон ҳеч кас маро намефаҳмид. Ба гуфтаҳоям ҳатто эътибор намедод. Ман дар ҳавлии онҳо як буттаи манзаравиро мемондам. Маҳз барои зеби ҳавлии худ нигаҳ медоштанд.

Шавҳарам ба ман беэътибор буд. Беғаму бедард мегашт. Аз ягон чиз ва ҳодиса мутаассир намешуд. Фақат айшу нӯш ва роҳати ҷони худро медонист. Ҳоло ҳам азоб кашидани ман ӯро заррае нороҳат намекард. Ҳатто аз соҳиби фарзанд шудан ва падар гардидани худ парво надошт.

Дар даруни мошин шиддати дард афзуд. Дарди ҷонкоҳ. Нафасгириям торафт душвор мегардид. Азоби таваллуд як сӯву ваҳми дил як тараф буд. Аз Худо илтиҷо мекардам, ки ба ягон шифокори дасташ сабуку таҷрибадор рӯ ба рӯ оям. Фарзанди аввалинамро сиҳату саломат ба даст гирам. Азбаски модарам саршифокори зоишгоҳ буд, ҳаёти онҳоро хуб медонистам. Аз асрори ин соҳа ва корҳое, ки миёни онҳо мешавад, каму беш огоҳ будам. Модарам аслан бо оила буданро дӯст намедошт. Дер ба хона меомад. Доим дар «маҷлис» буд ё аз пайи «кори муҳим» мегашт. Ҳамин буд, ки бо падарам оиладорияшон дер давом накард. Падарам аз ҳаёти мо батамом рафт ва аз нав оиладор шуд. Модарам бо алоқа ба кори хеш, ҳамон тавре ки мехост, зиндагиро идома дод. Мурғи озод гардид: ба ҳар боме, ки писандаш меомад, менишаст. Ин буд, ки дар пеши оилаи шавҳарам забонкӯтоҳ будам. Ҳатто хушдоманам – дугонаи ба ҷон баробари модарам, ки ба хотири мустаҳкам сохтани ҳусни дугонагӣ қудо шуда буданд, ҳар замон маро таънаю маломат мекард.

Ман аз кӯдакӣ дар дасти бачабардор калон шудам. Гоҳо чанд рӯз модарамро намедидам. Вақте ки бо модарам якҷоя мешудем, аз воқеаҳое, ки дар шифохона рӯй медод, корҳои «бузург»-и худ бо шавқ

нақл мекард. Доим мегуфт, ки ӯ дар давоми солҳо психологи моҳир шудааст. Ҳар корафтодаро аз дидори аввал медонад, ки чӣ касест, аслан аз куҷо, чикора, шароити иқтисодияш чӣ хел... Ва бар асоси «ташхис»-и худ бо онҳо муомилаи дилхоҳ мекард.

Дард саросари баданамро фаро гирифт. Дасту поям меларзид. Дигар дар мошин нишастан ҳам душвор мешуд...

Моро навбатдорони таваллудхона қабул намуда, чанд ҳуҷҷатро пур карданд. То ин ҷо дарду сӯзишҳои танам каме сабуктар шуда буд. Вақте ки ба хонаи таваллуд медароварданд, чашмам ба соати болои дар афтод, ки ақрабаки он рақами ҳаштро зер мекард. Ҳамширае барои ҷойгир шудани ман ёрӣ мерасонд. Лаҳзае баъд ҳамшираи дигар омад, ки ҳам дар синну сол ва ҳам дар ҷусса аз ҳамшираи якум калонтар менамуд.

Хона равшан буд. Маро дар кати баланди канори хона хобониданд. Дар пешгаҳ мизу курсие ба чашм мерасид. Дар паҳлуи он тарозуе буд. Ҳамшираҳо таҷҳизоти лозимаро тайёр мекарданд.

– Ассалом, акаҷон, – аз берун овози зане баланд шуд.

– Ваалайкум, – овози шавҳарам ба гӯш расид.

– Ман Соябон Соатова. Шифокори навбатдор, – гуфт зан.

Исми шифокор шинос намуд. Ин номро аз ин пеш дар куҷое шунида будам. Фикр мекардам, аммо ба хотирам чизе наомад. Боз дард оҳиста-оҳиста хурӯҷ кард. Тапиши дилам тағйир ёфт.

– Мебахшед, дар куҷо кор мекунам гуфтед? – чун лойи пошхӯрдаи кӯлмаки сари роҳ саволи ногаҳонӣ дод шифокор.

– Дар куҷо кор мекунед? – такрор кард шифокор.

Хандааш нофорам буд. Такрор ба такрор аз Худованд мехостам, ки ба дасти духтури ботаҷрибаю баинсоф афтам. Аммо аз рӯйи гапзании зан аён буд, ки нафси наҳанг дорад. Вақте ки вориди таваллудхона шуд, чашмонашро дида, дубора бовар ҳосил кардам, ки хато накардаам: чашмонаш бозӣ мекарданд. Охир, чашм розгӯйи олами ботинии одам аст! Тарҳи рӯй, лабони лолагун, ранги рухсор ва тарзи гуфтор метавонанд одамро фиреб диҳанд, аммо чашм дурӯғ гуфта наметавонад. Гӯшу дастони шифокорро тилловориҳои қиматбаҳо зеб медоданд.

Дард шадидтар мешуд. Худро чунин ҳис мекардам, ки гӯё ду нафар аз дасту поям дошта, маро чун латтаи тар ба ду тараф тоб медиҳанд.

Ба ин ҳама бепарво будани ҳамшираҳо маро оташин мекард, ғазабам ҷӯш мезад. Аммо медонистам, ки тақдири худаму фарзандам дар дасти

онҳост, тоқат кардам. Акнун тапиши дилам баръало ба гӯш мерасид. Нафасгардон мешудам. Мехостам чуқур-чуқур нафас бикашам, аммо бефоида буд.

– Чӣ муаммо? – бо панҷаи ишоратӣ даруни гӯшашро кофта, рӯй ба ҳамшира овард шифокорзан. Ҳамин вақт садои телефонаш баланд шуд, аз ҷайби дарун онро ба даст гирифт. Пас аз гуфтугузор дубора ба ҳамшира гуфт:

– Устодамон телефон карданд. Номери ношинос кӣ бошад гуфта, ҳайрон шудам. «Ин номери кӣ?» гӯям, «телефони поччот» мегӯяд кампир. Боз кадом пиракиро ба дом афтонда бошад, – хандид шифокор ва бо даст шикамамро ду-се зер кард, ки қариб буд ҷонам барояд.

– Ҳоли вақт ҳаст. Шумо бохабар шавед. Ман рафта вай беморро хабар гирам. Акнун хизмати устодро накунем, аниқ дар бало мемонем. Боз аз «боло» омадагӣ, – саросема берун рафт.

– Хӯш, – гуфт ҳамшираи солхӯрда ва худ низ ба ҳамкасбаш чанд супориш дода, аз қафои шифокор баромад.

Дард андак пасанда ва нафаскашиям нағз шуд. Номи шифокор ошно менамуд. Соябон Соатова! Ин номро дар куҷое шунида будам. Мехостам ба хотир оварам. Аммо хаёлам чун пари гули қоқу дар само парвоз мекард.

Дард қариб нест шуд. Аз ин дилам таҳ кашид. Тарсидам, ки бача нобуд нашуда бошад. Аз ҳамшира хоҳиш кардам, ки шавҳарамро ҷеғ занад.

– Мумкин не, – қатъӣ гуфт.

– Набошад, баромада гӯед, ба модарам занг занад.

Ҳамшира баъди андак фурсат баргашт.

– Ҳозир телефон мекардаанд, – гуфт ва илова кард: – Шумо хавотир накунед. Ҳозир духтур меоянд. Соябон Соатова духтури нағз. Яке аз шогирдони беҳтарини сардухтури таваллудхонаи рақами чорум Марзия Саломова, – гуфт ҳамшира.

Баробари шунидани исми модарам, ба хотирам омад, ки ин номро замоне шунида будам...

Рӯзе модарам нақл карда буд, ки дар шифохона воқеаи ғайричашмдошт рух дода, ӯ аз ҳамон вазъияти нобоб ҳам чун моҳии даст осонакак баромадааст. «Дар хонаи корӣ менишастам, – нақл мекард модарам, – дарамро касе сахт кӯфт. Дароед, гуфтам. Ҳамин вақт ҳамшираи шафқат Нозанин саросема даромад. Чашмонаш аз тарс олу барин, не-не, аз олу ҳам калонтар шуда буд. «Ҳа Нозанин, чӣ гап?

Боз чӣ муаммо?», пурсидам. «Бемор омад, дард гирифтааст» – гуфт ӯ. Шуъбаи гинекология ки шуд, дардгирифтаҳоро меоранд-дия. Боз чӣ муаммо?, гуфтам ман. – Дар ҳар ду суханаш як «боз чӣ муаммо» мегуфт модарам. – «Шавҳари бемор аз «боло», гуфт ҳамшира. Инро шунида, ҷаста хестам. «Чӣ? Одами «боло»? Чаро ҳаминро барвақттар намегӯйӣ? Ман боз чӣ муаммо гуфта истодаам. Муаммо бо пойи худ омадаасту... Дар куҷо кор мекардааст?», гуфтам ва ашёи заруриро ба даст гирифтам. Дасташро пеши даҳонаш оварда, оҳиста «Дар садорати корҳои дохила», гуфт. «Бало зад» гуфтам ва ҳар ду ба хонаи таваллуд давидем. «Дар пеши бемор аз мо кӣ ҳаст?», пурсидам. «Шогирдатон Соябон», гуфт ӯ. «Аз ин бадтараш намешавад», аз дил гузарондам. Пеши таваллудхона рафтанама медонам, ки қиёмат. Марди низомие чун мурғи посӯхта мегашт. «Салом, рафиқ», хандида гуфтам, – ханда кард модарам, ки чашмони калонаш калонтар шуду дандонҳои тиллояш намудор гардид. – «Шумо саршифокор?», ба саломам алейк нагирифта пурсид мард, – нақли худро бо шавқ давом медод модарам. – «Ҳа», гуфтам нотарсона. «Дар куҷо будед? Ним соат боз занам бо марг талош мекунад», ба ман дастак зад. «Шумо асабонӣ нашавед, ором бошед, рафиқ. Шифохона калон, беморон бисёр. Ман дар пеши муҳтоҷи дигар будам. Ҳозир вай таваллуд карду ин тараф давидам. Шумо хавотир накунед. Ҳамааш хуб мешавад. Боз чӣ муаммо?», оҳиста гуфтам. Дидам, ки суханам чун нӯшдору дарди мардро даво шуд, шердилтар гардида, «Ба ҳамсаратон яке аз шогирдони пешқадам, беҳтарин, чолок, хулоса, дасти рости худам хизмат расонда истодааст», ноилоҷ дурӯғ гуфтам. Аммо дилам тагурӯ мешуд. Охир, Соябон ҳамагӣ ду моҳ пеш омада буд. «Шогирдатон мегӯяд, ки кӯдак калон аст. Ҷарроҳӣ мекунем. Агар оператсия накунем, ҳаёти кӯдак ҳам ҳаёти занатон ҳам дар хавф аст», гуфт мард. «Мо тамоми таҷриба ва имкониятҳоро ба кор мебарем ва то имкон ҷарроҳӣ намекунем. Ваъда медиҳам. Шумо ғам нахӯред. Боз чӣ муаммо?», гуфтам. Оташи дили мардро тезтар хомӯш кардан лозим буд, набошад, аланга гирифта, домани чанд нафарро месӯзонд. Охир, бо як дона гӯгирд дунёро оташ задан мумкин аст. Худоро шукр, ки мард ором шуд. Ба Нозанин қаҳва оварданро фармудаму худам вориди таваллудхона шудам. Аз Соябон аҳволи беморро пурсидам. Аҳмақ, медонӣ, чӣ мегӯяд? – рӯ ба ман овард модарам. Хуб медонистам, ки ӯ аз чунин ранг гирифтани кор ба воҳима меафтад. Аммо худро чун қаҳрамон тасвир мекард, барои бовар кунонидан ба гуфтааш маҳорати хуб дошт. Ман ба маънои намедонам, китф дар ҳам кашидам. –

«Ҳамааш ҷояшба. Ҳамшираҳоро гуфтам. Хонаи ҷарроҳиро тайёр мекунанд», гуфт вай. «Ҳамааш дар ҷояш бошад, хонаи ҷарроҳиро чаро тайёр мекунанд?», бо ғазаб пурсидам. «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат гузошт устодро. Мо ҳам шогирди шумо», хандида гуфт нодон. «Ландаҳур», гуфтам аз оринҷаш маҳкам дошта, – аз дастам маҳкам дошт модарам, – кашолакунон як гӯша бурдам ва «Ту девона шудӣ? Ё умрата дар пушти панҷара гузарондан мехоҳӣ?», гуфтам. Рангаш даруни тарбуз барин шуд. «Худатон аз шодиёнаи ночизе, ки ба ҳаққи таваллуд медиҳанд, пули дангали ҷарроҳӣ хуб, мегуфтед-ку», мегӯяд гаранг. «Даҳонатро пӯш, – гуфтам, – ту маро зинда дар гӯр мекунӣ? Наход ман ҳамаро бо ҷарроҳӣ таваллуд кунонам, аҳмақ?! Ба одамаш нигоҳ карда, кор мекунем. Гови калон мурад, бӯяш то дур меравад», гуфтам ва бо ангушт ба сараш задам»...

– Чӣ хизмат? – овози борики ҷарангосии ҳамшираи солхӯрда баланд шуд.

– Рақами ин таваллудхонаро чӣ мекунед?

Боз дард сар кард. Дар худ мепечидам. Мехостам аз ҷой хезам, роҳ гардам. Аммо дастҳоямро баста буданд. Фикрамро ҷамъ карда, худро ором кардан мехостам. Аммо бефоида буд. Дар пеши дард ягон чизе ба чашмам наменамуд. Танҳо як фикр, тансиҳат ба даст гирифтани фарзандам дар сар буд. Акнун пеши чашмонам сиёҳӣ мезад. Тапиши дилам торафт суст мегардид.

Ҳамшира фишорамро дид. Муоина карда:

– Ҳама роҳҳои таваллуд кушода шудааст. Чаро таваллуд намекунад? Соатова тезтар меомаданд, нағз буд. Соат ҳам қариб дувоздаҳ шуд, – гуфт вай парешон ба соати дасташ нигариста.

Торафт эҳсоси тарс сахттар мегардид. Саросари баданам дар обу арақ ғӯтида, мушакҳоям раг мекашиданд. Нола мекардам. Дилам фишор меовард. Нафасам мегашт. Гиря гулуямро месӯзонд.

– Илтимос, ягон сӯзандору кунед, – аз ҳамшираҳо ёрӣ пурсидам. – Дигар тоқат карда наметавонам.

– Вақти зоидан укол мумкин не. Дарди таваллуд худ ҳамин хел мешавад. Ҳа нагуфта гузашта меравад. Сабр кун, – гуфт ҳамшираи солхӯрда ва бо докапорае арақи пешониямро тоза кард.

Ҳамшира дубора поёни поям гузашт.

– Эҳ, ба фикрам кӯдак калон аст. Худаш зоида наметонад, – гуфт.

Ин суханро шунида, дар танам мурғак дамид. Ваҳме вуҷудамро ба ларза овард. Лаҳзае дардро фаромӯш кардам. Тарсидам. Наход ки

фарзандамро худам таваллуд карда натавонам?

– Тез рафта Соябон Соатоваро ҷеғ зан. Ҷарроҳӣ накунем намешавад.

Ҳамшираи дувум шитобон баромада рафт.

Дилам дар синаам тангӣ мекард. Мехостам модарам дар паҳлуям бошад. Ҳамдард шавад. Гӯяд, ки ин ҳама мегузарад. Ин дард дар сари ҳар як зан ҳаст. Худо насиб кунад, фарзандамро саломат ба даст мегирам.

Ҳамшира бошаст даромада, дар ҳоле ки нафасаш мегашт:

– Бача калон. Кос танг. Бояд окситотсин* тазриқ кунем, – гуфт ӯ ва шигифти ҳамкори худро пай бурда ёдрас намуд: – Соябон Соатова гуфтанд...

Чашм кушода худро дар хонаи реаниматсия дидам. Утоқи хурд. Кат дар мобайн меистод. Дар болои сарам таҷҳизоти зиёди тиббӣ: яке зарбаҳои диламро месанҷид, дигаре фишори хунро. Худро чунон вазнин ҳис мекардам, ки гӯё дар болоям бори гаронеро гузоштаанд. Синаҳоям сандон мешиканам мегуфтанд. Сарам дард мекард. Модарам дар паҳлуи кат, дасти маро маҳкам дошта менишаст. Чашм кушоданамро дида, оҳиста, бо овози ларзон:

– Духтарҷон, хайрият ба худ омадӣ, – гуфт.

– Набераатон... канӣ..? – лабонам аз ташнагӣ мечаспиданд.

– Маро бубахш, духтарам... – сарашро болои дастам монда гиря кард.

Пай бурдам, ки фарзандам нобуд шудааст. Диламро сардие фаро гирифт. Сардие буд, ки то ҳол чунин хунукиро ҳис накарда будам. Гӯё дар рагҳоям ба ҷойи хуни гарм оби сард давр мезад. Рӯй ҷониби дигар кардам. Мехостам фарёд занам. Шифохонаро ба сар бардорам. Ба модарам гӯям, ки ин ҳама сазои гуноҳҳояш аст. Ҷазо барои шабҳое, ки дар канори мардони бегона рӯз мекард. Оқибати дуои бади модароне, ки аз бахти модарӣ ба як умр бенасиб гардидаанд. Нафрини оилаҳои камбизоат, ки бо дурӯғ арӯсу духтаронашонро ҷарроҳӣ карда, даста-даста пулашонро мегирифт. Лек беҳол будам. Ҳа-ҳа, ҳатто ба оби чашм баровардан тавонам намерасид.

Аммо баъди шунидани ба як умр аз бахти модарӣ бенасиб гардиданам, фиғонам ба осмон печид. Дилам реш-реш шуд. Ин гиряи

---

* **Окситотсин** – доруест, ки ҷараёни таваллуди кӯдакро бо он метезонанд (Дар меъёр бояд 2 мг ин доруро дар давоми як соат ба таври қатраӣ ба дохили раг гузаронанд. Агар ҳамин маҳлулро ба миқдори 5 ё 10 мг тез ворид кунанд, кӯдак нобуд гардиданаш ва ҳам раҳми зан таракиданаш мумкин аст. Ҳангоми танг будани коси зан гузарондани доруҳои тезонидани валодат низ боиси пайдошавии чунин ҳолат мешавад).

ман ашкрезии духтараке набуд, ки зочаашро гум кардааст ва имкони дубора дастрасии онро надорад. Нолаи як модар, не-не, фиғони як зани номуроду ноком буд, ки як умр фарзанддор шуда наметавонад. Аз шунидани каломи дилкаши «модар» то дами вопасин маҳрум гардидааст.

Гуфтанд, ки пас аз окситотсин кардан ҳолам бадтар шудааст. Аз батнам хун рафтааст. Ноилоҷ ҷарроҳӣ кардаанд. Бачадон кафида, кӯдакам дар батнам нобуд шуда будааст. Боз маро дилбардорӣ менамуданд, ки агар ҷарроҳӣ намекарданд, ман ҳам нобуд мешудаам...

Кош мемурдам. Аз як умр дарахти бесамар будан ва зери таънаю маломат зистан, мурдан беҳтар нест? Охир онҳо ҳамроҳи фарзанд аз ман ҳама дороиямро, бахту умедамро, шодиҳоямро, ҳаётамро рабуда буданд. Чӣ лозим чунин зиндагонии берангу бӯ, ки дигар мазмун надорад...

То ҳамон рӯзе, ки ин хабарро нафаҳмида будам, дар палата хоб рафта, гузаштаро ба хотир меовардам. Ният мекардам, ки минбаъд эҳтиёткор шуда, дар оянда боз модар мешавам. Аммо баробари ҷуз хобу хаёл дигар чизе набудани ин орзую ҳавасамро фаҳмидан, сабаби чанд рӯз боз ба аёдатам наомада, бенишон шудани шавҳарам ва пайвандонаш ҳам аён гардид. Ҳамаи орзуҳоям чун хазонбарге, ки зери пойи одаме реза-реза шуда, дар ихтиёри бод мондааст, ба чор тараф парешон шуданд, ки дигар имкони бозпас ёфтани онҳо нест...

## ЧОЙПУЛӢ

Ҳаво сард буд ва ҳавои дили мардум сардтар аз он. Нурҳои бемадори офтоб аз хунукии ҳаво сӯзанвор ба тан неш мезаданд. Одамон сар даруни гиребон кашида, гардану гӯши худро аз шамоли сарсарӣ панаҳ мекарданд.

Сабукраве аз тарафи деҳаи Мотурид ба чорроҳаи Даҳбед наздик шуд. Роҳро аз пеши бонки «Роҳи абрешим» бо лента баста, барои ҳаракати мошинҳо иҷозат намедоданд. Сабукравҳое, ки ба тирбанд даромадаанд, аранг қафо бармегаштанд.

– Дар ин ҷо чӣ гап бошад? – ба пеш гардан ёзонд ронанда ва сар аз оина бароварда аз роҳгузаре пурсид: – Ука чӣ гап? Чӣ шудааст?

– Як зан мурдааст, – ҷавоб дод роҳгузар.

– Ба чорроҳа гузашта намешавад, – ба мусофирони мошин рӯй оварда ронанда. – Ман аз ҳамин ҷо бармегардам.

Ҷавони қадбаланди хушлибос, ки дар паҳлуи ронанда менишаст, роҳкироро дода, шикоятомез пурсид:

– Ин қадар роҳро чӣ хел пиёда меравем?

– Роҳ маҳкам. Набошад мебурдам.

Ҷавони қадбаланд зери лаб ғурунгида ба тарафи чорроҳаи Даҳбед шитофт. Шамоли сард ба сару рӯй бераҳмона ҳамла мекард. Дар як лаҳза гӯшу бинии ҷавонмард лолагун гардид. Аз байни мошину издиҳом гузашта ба истгоҳ наздик шуд. Кормандони милитсия гирдогирди истгоҳро, ки мусофиркашҳои ноҳияи Пайариқ дар ҳамин ҷо меистоданд, иҳота карда буданд. Мардум берун аз навор ҷамъ омада, аз ҳамшафатони худ дар бораи майит мепурсиданд. Яке «мошин задааст» гӯяд, дигаре «аз хунукӣ ях карда мурдааст» мегуфт, боз яке «кушта рафтаанд» гуфта тахмин мекард. Баъзеҳо бо телефон сурату филмбардорӣ мекарданд.

Ҷавонмард ба навор наздик шуда ҷасадро дид. Дар канортари он борхалтаи сафед мехобид. Майитро бо карбос пӯшонда буданд. Гоҳ-гоҳ шамол онро боло мебардошт ва рӯймоли сабзи якранги сари майит намоён мешуд. Ҷавони қадбаланд ба ҷасад ва атрофи он нигоҳ кард. Вақте ки чашмаш ба рӯймоли сабз афтид, дар баданаш мурғак дамид. Дубора ба борхалта нигоҳ кард. Дар худ ларзид ва зуд ба қафо баргашт. Рухсораш ранг бохтаву нигоҳҳояш парешон буд. «Наход ҳамон зан», аз дил гузаронд...

***

Ҷавонзани афсурдарӯе ба бинои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ даромада, ба чор тараф кунҷковона нигоҳ кард. Зоҳиран, ба куҷо рафтанро намедонист. Дар даст борхалтаи сафед дошт. Рухсораш рангпаридаву либосҳояш рангпаридатар. Дареро кушода диду ба ҳамон тараф шитофт.

– Салом, – гуфт ба духтараке, ки хонаро ба тартиб меовард.

– Ассалому алайкум, – сар аз кор бардошт духтар.

– Барои дубликати гувоҳномаи таваллуд ба куҷо...

– Қабати дуюм, хонаи ҳаштум, – сухани ҷавонзанро бурид духтар.

– Чӣ?

– Ба ошёнаи дувум баромада, – бо даст ишора кард, – ба хонаи ҳаштум дароед.

– Раҳмат, – гуфт ҷавонзан ва ба ошёнаи дуюм баромад.

Дар пушти дари утоқи ҳаштум се нафар меистоданд. Ҷавонзан

навбат гирифта дар як канор истод. Либоси дарози фарсуда, пиҷамаи сиёҳи мардона, сарбандии сабзи якранг, калӯшҳои чангзеркардаи зан диққати ҳамаро ба худ мекашид. Вақт мегузашту навбатпоён бештар мешуданд. Яке мушкилашро зуд ҳал карда мебаромад, дигаре бештар мемонд. То навбати ҷавонзан ба ҷойи се нафар ҳафт нафар даромад. Ҳаштум нафар ҳоло дар пеши сарвар буд. Яке рост омада, ба навбатпоён нигоҳ накарда, рост дарояд, дигаре «як чизро мепурсаму зуд мебароям, вақти зиёдро намегирам» гуфта, баъди ним соат мебаромад. Баъзеҳоро котиба ном гирифта даъват мекард.

– Ту чӣ хел одам? – рӯй ба ҷавонзан оварда, шартакагӯйӣ кард зани рафидарӯйи газгӯшт. – Навбатат омаду ба ҷойи ту дигарон медароянд, як даҳон гап намезанӣ?!

– Чӣ гӯям? – дар рухсори заъфарони ҷавонзан хун давид.

– Чӣ гӯйӣ? – баланд дод зад зани рафидарӯй. – Навбатам гуфта даро. Яке тағояшро, дигаре аммаю амакашро, боз яке ҳамсояашро ба миён дароварда, бенавбат дароянд, мо то бегоҳ мешинем-мӣ? Навбатат расид, даро-дия.

– Хай, – ҷавонзан пушти дар рафта, оҳиста кӯфту ба дарун сар халонд.

– Намебинед, дар пешам одам ҳаст?! – аз ҷойи нишаст дод зад ҷавони қадбаланд ва бо қаҳр ба котиба рӯй овард.

Котиба, ки дар паҳлуи дар менишаст, зуд аз ҷой хеста, ҷавонзанро ба берун тела дод:

– Ҳозир ин одам равад, шумо медароед, – димоғсӯхта гуфт.

– Навбати ман...

– Навбати шумо баъди ҳамин одам, – бо қаҳр дарро пӯшид.

Ҷавонзан малулу озурда дар паҳлуи дар истод. Пай мебурд, ки тири нигоҳи ҳама ба ӯ равона шудааст ва ботинан вайро сарзаниш мекунанд. Ба девор такя карда сархам меистод, ки чашмаш ба калӯшҳояш афтод. Аз гарду хок сафед шуда, дар чанд ҷояш лой часпида буд. Бо гӯшаи чашм ба пойафзоли атрофиён нигоҳ кард. Пойпӯши онҳо лок задагӣ, ялтос мезад. Ҷавонзан калӯшҳояшро даронтар кашид, то дар зери куртаи дарозаш номаълум шавад. Соате гузашт, аммо касе намебаромад. Навбатпоён нороҳат шуданд. Дар толори ошёнаи дувум торафт одам пур мешуд. Ҷавонзан чун гурбае, ки ба муш камин мегирад, аз паҳлуи дар як қадам дур намерафт. Метарсид, ки ба ҷойи ӯ дигаре дарояд.

Ҷавони қоматбаланд ҳамроҳи марди чорпаҳлуе, ки бенавбат даромада буд, баромад. Якҷоя поён рафтанд ва ҷавон қариб баъд аз

ним соат баргашт. Дар толор чунон роҳ мерафт, ки гӯё идораи тамоми корҳои ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Бовиқор қадам мемонд ва аз пеши одамон бепарвою беэътибор гузашта вориди утоқ шуд. Гӯё дар ниҳод «сазои шумо ҳамин аст, даркор бошад соатҳо интизор мешавед» мегуфт.

Чанд дақиқа гузашта котиба баромад:

– Навбати кӣ? – пурсид.

– Ман, – қариб даст боло кунад ҷавонзан ва зуд аз пайи котиба даромад.

Ҷавони баландболо ӯро бедимоғ пешвоз гирифт. Аз он самимияте, ки ҳангоми гусели марди чорпаҳлу дар сураташ аён буд, асаре ба назар намерасид. Дар курсӣ мағрур менишаст, чун дар тахти шоҳӣ.

– Чӣ хизмат? – мутакаббирона пурсид.

– Барои нусхаи такрории гувоҳномаи таваллуд омадам, – дар пеши дар мехвор меистод ҷавонзан.

– Дубликаташ? – ҷавонмард аз табақча шоколадеро гирифта ба даҳон андохт.

– Ҳа, дубликат.

– Аз куҷо шумо? – сар то пойи ҷавонзанро бо нигоҳ палмосид.

– Аз Пайариқ.

– Аз куҷои Пайариқ? – аз ҷавонзан чашм намеканд. Азбаски худи сардор ҳам пайариқӣ буд, мароқ зоҳир кард.

– Челак.

– Ин хел бошад, шумо ба загсхонаи Пайариқ равед.

– Рафтам. Онҳо ба шаҳр фиристонданд.

– Чаро? – бо тааҷҷуб пурсид, гӯё бори аввал ба чунин ҳол рӯ ба рӯ меояд.

– Аз шаҳр мегиред гуфтанд. Чунки модарам...

Ҷавони қадбаланд фаҳмид, ки модараш зодаи шаҳр аст, сухани ҷавонзанро бурида, ба котиба фармуд:

– Ариза нависанд.

Котиба чаққон коғазу ручкаро болои миз гузошт. Ҷавонзан борхалтаашро дар паҳлуи дар гузошта, коғазу худнависро пештар кашид.

– Чӣ нависам? – ҳиҷолатмандона пурсид.

– Ариза! – тунд гап мезад котиба.

Ҷавони қадбаланд дар телефон саргарми суҳбат буд. Ҷавонзан чӣ навиштанро намедонист. Як ба коғаз ва як ба котиба нигоҳ мекард.

– Дар шумо намуна нест? Агар...

– Уф-ф, – норозиёна бастаеро кушод котиба ва аз даруни он аризаеро гирифта дар пеши ҷавонзан гузошт.

– Чӣ шуд? Ариза навиштанд? – гӯшаки телефонро гузошта пурсид ҷавонмард.

– То ҳол се бор хато карданд, – мужда дод котиба. – Чорумашро менависанд.

– Э-ҳе, ба ин аҳвол корхона касод мешавад-ку? Коғаз бепул не, – киноя зад ҷавон. – Тезтар нависед. Дар берун одамон бисёр. Ҳа нагуфта пешин мешавад.

Ҷавонзан «пешин мешавад» гуфтани ҷавонро шунида, гуруснагии худро ҳис кард. Охир пагоҳӣ ношто накарда ба роҳ баромада буд. Аз гушнагӣ буд ё ҳаяҷон дасташ меларзид. Ниҳоят аризаро навишта, ба ҷавони қадбаланд дод. Ҷавон ба ариза як чашм давонд.

– Мешавад. Ҳуҷҷатҳоятонро диҳед, – гуфт.

Ҷавонзан аз борхалтаи сафед папкаи ҳуҷҷатҳоро гирифта дароз кард.

– Ман ин папкаро чӣ мекунам? – дод зад ҷавонмард. – Шиносномаатонро...

– Шиносномаи худамро? – ба худаш ишора намуд.

– Гувоҳномаи шумо гум шуд? – абрӯ чин кард ҷавонмард.

– Не, гувоҳномаи модарам.

– Э, тавба. Чаро ҳаминро барвақттар намегӯед?

– Ман нав гуфтам, ки модарам дар шаҳр...

– Гувоҳномаи модаратон даркор бошад, худашон оянд, – дарғазаб аризаро пеши ҷавонзан партофт. – Қариб як соат вақтамро гирифтед Равед худашон биёянд.

– Худашон омада наметавонанд, – овози ҷавонзан ларзид.

– Чӣ?

– Беморанд. Аз ҷой ҷунбида наметавонанд.

– Не, намешавад, равед, – гуфт ва рӯй ба котиба овард:

– Дигарашро ҷеғ занед.

– Илтимос, акаҷон ёрдам кунед, – гиря гулӯгираш кард. – Се моҳ боз барои ҳамин ҳуҷҷатҳо сарсону саргардонам. Як ҳуҷҷатро тайёр кунам, дар дигараш камбудӣ мебарояд. Кайҳо ба пенсия баромаданашон даркор буд. Ҳамин ҳуҷҷатҳоро гуфта, ба қафо меафтад. Илтимос, акаҷон, ёрдам кунед.

– Намешавад. Ба як кас нағзӣ мекунам гуфта, ба бало гирифтор

шуданро намехоҳам. Равед! Вақтамро нагиред.

– Хоҳиш мекунам, акаҷон. Саломатии худам ҳам нағз не. Аз роҳи дур омада рафтанам душвор.

– Саломатиатон нағз набошад ба шифокор равед. Ман чӣ кунам? – хандид ҷавон.

Котиба ҳайкалвор дар пеши дар меистод. Ин сабаб дошт. Котиба интизор буд, ки ҷавонзан «Илтимос, корамро ҳал кунед. Чӣ хизмат бошад мекунам. Мо ба хизматаш тайёр» гӯяд ва ӯ дарҳол ҳуҷҷатҳои занро омода карда, «хизмат»-ро фармояд. Чойпулӣ кор кунад. Аммо ҷавонзан аз илтимосу илтиҷо ба он сӯ намегузашт. «Аҷаб калтафаҳм будааст. Мебинад, ки сардор не мегӯяд. Як даҳан, «аз мо чӣ хизмат» гӯй, олам гулистон. Худаш, баъзеҳо табиатан чунин содафаҳми гарангтобанд» дар ниҳод андешид котиба.

– Илтимос, пагоҳӣ боз нигоҳ карда шиштаам.

– Мо ҳам бекор, чойнӯшӣ карда нашистаем. Мушкили чанд касро ҳал кардем, – оташин шуд ҷавони қадбаланд.

– Медонам, ако. Илоҳо, аз умратон барака ёбед. Ҳузури фарзандонатонро бинед. Илтимос, ёрдам кунед, – гиря кард ҷавонзан.

– Хай, – ба кресло такя кард ҷавонмард. – Дуямон «земляк» будаем. Рӯйи хотири ҳамин, ёрдам мекунам. Ҷаримаро ба касса супурда, квитансияашро биёред.

Ҷавонзан шитобон баромада рафт.

– Аҷаб зани кундфаҳм будааст, – аз қафои ҷавонзан гуфт ҷавонмард.

– Ҳа, – тасдиқ кард котиба. – Аз афташ маълум-ку.

– Либосҳояш ҳам турфа. Рӯймоли сарашро намегӯӣ. Аз замони Доқиёнус мондагӣ. Хато накунам, модаркалонамро модарашон чунин рӯймол доштанд, – қоҳ-қоҳ зада хандид.

– Борхалтааш ҳам хӯрҷини ҷӯгиҳоро мемонад, – сухани роҳбари худро дастгирӣ кард котиба. – Аз ин хелҳо чойпулӣ он тараф истад, пӯсти пиёз ҳам намерӯяд.

Ҳар ду саргарми ғайбат буданд, ҷавонзан ҷаримаро пардохта баргашт. Мехост корро тезтар ҳал карда ба деҳа баргардад.

– Дар газета дар бораи гум шудани гувоҳнома эълон додед?

– Ҳа, ана, – рӯзномаро дароз кард.

– Нағз. Акнун нусхаи шиносномаро диҳед, – рӯзномаро гирифта гуфт ҷавон.

– Нусхааш...

– Ҳа.

– Нусхааш нест.

– Набошад, биёред, – амр кард ҷавон ва боз як шоколадро ба даҳон андохт. – То баргаштани шумо гувоҳномаро тайёр мекунем.

– Дар куҷо копия кардан мумкин? – узрхоҳона пурсид.

– Кӯча бароед, дар ҳар қадам ксерокопия ҳаст, – бепарво гуфт ҷавон ва ба котиба ҷеғ задани каси дигарро фармуд.

Ҷавонзан кӯча баромад. Ба чанд дӯкони гирду атроф сар халонд. Дар онҳо дастгоҳи нусхабардорӣ набуд. Раҳорах пулашро ҳисоб мекард. Охир, вай барои гувоҳнома ҷарима супурданро намедонист. Аз ин рӯ, аз ҳамсоя камтар пул қарз гирифта буд.

«Агар барои копия 2000 сӯм гирад, сенздаҳ ҳазор мемонад. Нархи ҳабдоруи модарамро шонздаҳ ҳазор гуфт. Ба ёздаҳ ҳазор дору харам, 2 ҳазор ба роҳкиро мемонад» дар сар ҳисоб мекард. Ниҳоят дар дӯконе шиносномаро нусхабардорӣ кард.

– Ноинсоф! – аз дӯкон баромада зери лаб гуфт. – Барои як порча коғаз 3000 сӯм гирифт. Инсоф ҳам чун ҳақиқат нест шуду рафт. Ҳама дурӯғгӯю ноинсоф шудаанд. Ҳамаи бист ҳазори қарз гирифтаамро меовардам, бемалол мерасид. Беҳуда се ҳазорашро дар хона мондаам.

Ҷавонзан ба загсхона шитофт, аммо аз ноомади кор дари хонаи ҳаштум қуфл буд. «Ба абет рафтагистанд» аз дил гузаронд.

Худро беҳол ҳис кард. Аз як тараф кӯфтагии роҳ, аз тарафи дигар гуруснагӣ азоб медод. Пеши тирезаи толор рафт. Аз бемадорӣ буд ё беморӣ, чашмонаш фурӯ рафта буданд.

«Ҳоли модарам чӣ шуд? То пешин бармегардам гуфта будам. Абеташонро чӣ мекунанд? Ақаллан ба ҳамсоя мегуфтам, аз ҳолашон бохабар мешуд. Бехавотир корамро ҳал мекардам. Телефони ҳамсояро ҳам намедонам, ки аз ягон ҷой телефон кунам. Тезтар сардор меомад, гувоҳномаро гирифта бармегаштам».

Рӯз бегоҳ мешуд, аммо аз ҷавони қадбаланд дарак набуд. Ҷавонзан ҳафт маротиба аз котиба пурсид. Доим «Ҳозир меоянд. Дар ҷамъомад», мегуфт. Чанд нафар дилтанг шуда рафтанд.

Ҷавонзан чун анкабут дар байни дари ҳаштум ва тирезаи толор тор метанид.

«Бевақт шуд. Автобус то соати чанд мегардад, намедонам. Ақаллан ба охирин автобус бошад ҳам расонам. Гувоҳномаро мегирифтам, модарҷонам ҳам хурсанд мешуданд. Худаш ҳал шудани нафақаашон ҳам рӯдаи буз барин дароз шуд. Имрӯз ҳам рафта ҳал нашуд гӯям, хафа мешаванд. Чӣ хел набошад ҳам, корро ҳал карда бармегардам. Бо

ин тани носолим боз кай ба шаҳр меоям? Кош, бародар ё хоҳаре дошта будам. Дар чунин вақт ёрдам мекарданд. Афсӯс, ки маро танҳо модар ҳасту модарҷонамро ман»...

Дар толор ҷавони қадбаланд намоён шуд. Ба биниаш хода намерасид. Ҳама аз пушти ӯ ба дар наздик шуданд. Котиба баромада, сардор аввал онҳоеро, ки аз пайи камбудии ҳуҷҷат рафтаанд, қабул мекунад, гуфта эълон кард. Ҷавонзан оҳи сабук кашид. Вақте ки нусхаи шиносномаро тақдим кард, ҷавони қадбаланд баҳона пеш овард, ки навиштаҳои нусхаи шиноснома ба чашм наменамояд.

– Арзиши ҳар як коғаз ба маълумоти он вобаста аст, – норозиёна гуфт ҷавонмард. – Коғазе, ки тоза аст, арзиш ҳам надорад. Монанди ин нусхаи шиноснома. Аз дигар нусхабардорӣ карда биёред.

Ҷавонзан чӣ кор карданро намедонист. Аз кӣ ёрӣ пурсад? Ба кадом девор сар занад. «Арзиши коғаз бо навиштаи он муайян гардад, арзиши одамро бо чӣ ҳисоб мекунанд? Ин сардор ҳеҷ дар ин бора фикр карда бошад? – дар ниҳод андешид ва аз котиба оҳиста пурсид:

– То омаданам, намеравед?

– Кор то соати шаш. Баъди шаш қабул намекунем, – бурро ҷавоб дод котиба.

– Ҳозир соат чанд?

Котиба соати телефонашро дида:

– Панҷу ним, – гуфт.

Ҷавонзан ранҷидахотир берун баромад.

«Ним соат. Дар ним соат чӣ хел рафта меоям. Намешавад. Танҳо барои рафтан ним соат вақт даркор». Пойбанди хаёл аз зина мефаромад ва занеро, ки боло мебаромад, надиду бархӯрд.

– Мебахшед, – аз олами хаёлот берун омада, узр пурсид ва дар рӯ ба рӯйи худ ҳамон зани рафидарӯйиро дид, ки пагоҳӣ ба вай эътироз карда буд. – Ба хаёл дода шудаам.

– Ҳеҷ гап не, – хандид зани рафидарӯй. – Хаёлпарешонӣ дар ҳама мешавад. Коратон ҳал шуд?

– Не, – димоғсӯхта гуфт ҷавонзан.

– Чаро?

– Нусхаи шиноснома лозим будааст. Овардам, «хонда намешавад, аз дигар копия карда биёр» гуфтанд.

– Ҳамин ҳам гап шуд-у. Дар худашон дастгоҳи копия ҳаст-ку?

– Намедонам, – китф дар ҳам кашид ҷавонзан.

– Чойпулӣ додед?

– Чойпулӣ?!

– Ҳа, чойпулӣ. Ба котиба.

– Не.

– Як бист ҳазор диҳед, коратон бе ягон муаммо ҳал мешавад, – гуфт зани рафидарӯй. – Ҳозир ҳама гадорӯю гадочашманд. «Аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад», гуфтаанд. Ҳозир гулуи «ароба»-ҳоро ҳамарӯза чарб кунед ҳам, ба осонӣ гапи хуш намефаҳмед. Рафта нусхаи шиносномаро аз нав биёред ҳам, боз дигар баҳона пеш меоранд. То чойпулӣ нагиранд, коратонро ҳал намекунанд. Маро ҳам барои як маълумотнома фиристоданд. Чойпулӣ бештар медиҳам гӯям, бе маълумотнома намешавад гуфтанд. Ҳамонро мебиёрам. Рафтем, ман даромада котибаро берун, пеши шумо мефиристам.

Ҷавонзан ҳамроҳи зани рафидарӯй қафо баргашт.

– Барои густохии имрӯза узр мепурсам. Агар ҳамон хел намекардам, боз чанди дигар бенавбат медаромаданд, – зан беист гап мезад.

Ҷавонзан дар назар ӯро мешунид, аммо хаёлан пулашро ҳисоб мекард. «Агар ба котиба даҳ ҳазор диҳам, ду ҳазор мемонад. 2000 танҳо ба автобус мерасад. Тезтар гувоҳномаро гирифта, ба истгоҳ равам, ба автобуси охирин шояд расонам», меандешид.

Зани рафидарӯй дарун даромад. Ҷавонзан канортар рафта, пулашро дубораю себора шумурд: ёздаҳто ҳазорсӯмӣ, дуто панҷсадсӯмӣ. Сари калобаи худро гум кард. Чӣ кор карданро намедонист. Ҳамин вақт котиба баромад.

– Маро кӣ ҷеғ зад? – аз одамони пушти дар пурсид. Ҷавонзан дарҳол ду ҳазорро дар борхалтаи сафед андохта, шитобон пеши котиба рафт.

– Ман ҷеғ задам, – гуфт ва ӯро ба канортар кашида, ба дасташ пулро дод.

– Ин чойпулӣ, хоҳарҷон. Илтимос, гувоҳномаро баровvarда диҳед. Котиба пулро бепарвоёна гирифта, як нигоҳ кард ва дар ҷайби худ андохта ба утоқ даромад.

Пас аз лаҳзае зани рафидарӯй баромада, котиба ҷавонзанро даъват кард.

– Котиба гуфтанд, ки шумо саросема ҳастед, – дар лаби ҷавонмард табассум гул мекард. – Хизмат бе ҳиммат намешавад. Шумо «хизмат»-ро кардед, акнун мо ҳам ба хотири «земляк» буданамон як ҳиммат кунем. Ҳамон нусхаи шиносномаатонро дода равед. Мо ҳамеша ба ҳамшаҳриҳои худ ёрӣ мекунем. Ин гувоҳномаро бурда, модаратонро хурсанд кунед, – мамнун гувоҳномаи навро дароз кард. – Аз номи мо

ягон кило шоколад ҳам баред.

Ҷавонзан изҳори миннатдорӣ намуду дар дил «бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бодавлатро киштаву нокишта як хел» гуфтаанд. Шоколад баред мегӯяд. Аз куҷо донад, ки бо пули қарз ба ин ҷо омадам ва дорупулии модарҷонамро ба ӯ додам» гуфт ва гувоҳномаро гирифта берун баромад. Рӯз торик шуда буд. Ҷавонзан аз паҳлуи базмгоҳи Кӯксарой ба роҳи калон фаромада, қад-қади роҳ, пиёда ба ҷониби истгоҳи Пайариқ – чорроҳаи Даҳбед шитофт.

Дар истгоҳ танҳо мошинҳои сабукрав меистоданд. Ронандаҳо бо овози баланд мусофиронро ҷеғ мезаданд: «Пайариқ, Пайариқ, Челак».

Сабукравҳо роҳкироро 8000 сӯм мегуфтанд.

Дили ҷавонзанро гург тала мекард. «Ҳоли модарам чӣ шуд? Пешин чӣ хӯрданд? Аз дер кардани ман парешон мешаванд. Илоҳо, ягон ҳамсоя ба аёдат омада бошад...».

Бо умед аз ду-се ронандаи сабукрав хоҳиш кард, ки то ба манзил расонанд.

– 2000 сӯм пулам ҳаст. То хона баред, пули боқимондаро медиҳам, – гуфт.

Азбаски хонаи ҷавонзан дар канортари шаҳраки Челак буд, ронандаҳо розӣ намешуданд.

Дар қадди роҳ истода, ба ҳар як мошин даст боло мекард. Ронандаҳо либосҳои куҳнаву рангпарида, калӯшҳои чиркин, рӯймоли сабзи якранги ӯро дида, аз ҳамон талбандаҳое мепиндоштанд, ки дар назди чорроҳаҳо истода, аз ронандагон садақа мепурсиданд. Аз ин рӯ, наистода мегузаштанд...

Торафт ҳаво сард мешуд. Шамол авҷ мекард. Шохҳои урёни дарахтони канори роҳ зери шуои чароғҳои ду бари кӯча музтарибу бенур ба назар мерасиданд. Сардӣ ба ҷавонзан асар карда буд. Борхалтаи худро оғӯш карда, дар истгоҳ аз шамоли сард паноҳ ҷуст. Сар ба оинаи истгоҳ гузошта, чашм аз роҳ намеканд. Бо гузашти вақт гаштугузори одамон ва мошинҳо камтару эҳсоси яъсу навмедии дили ҷавонзан бештар мегардид...

Сабукраве омада дар рӯ ба рӯйи истгоҳ қарор гирифт. Аз он ҷавони қадбаланд фаромад. Ҷавонзан ӯро шинохта, сар хам кард. Ҷавонмард тарафи ягона мусофиркашоне қадам зад, ки дуртар аз истгоҳ меистод.

– Куҷо меравед, ака? – пурсид ронанда.

– Челак.

– Гап не. Биёед, ду каси дигар гирем, меравем.

– Рафтем, ман пули се касро медиҳам, – гуфт ҷавони қадбаланд ва дар сабукрав нишаст.

Ҷавонзан боумед дар истгоҳ нишаста буд, ки агар мошин пур нашавад, ронанда ӯро то ба манзил мебарад. Аммо сабукрав рафту бо худ охирин умеди дили ҷавонзанро ҳам бурд ва ӯ дар истгоҳ танҳо монд...

## ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ

Офтоб ғуруб мекард. Домани шафақ месӯхт. Назди даромадгоҳи базмгоҳи «Садаф», ки дар маркази шаҳр ҷойгир буд, Саидбой даст пеши бар меҳмононро қабул мекард. Ӯ мучалгардони набераи калонии худ – Сайёрабонуро ҷашн мегирифт. Дар ду тарафи кӯча мошинҳои гуногунтамғаву гуногунранг меафзуд. Меҳмонон пешу қафо, бо тухфаҳои гаронбаҳо вориди базмкада мешуданд. Тӯй сар шуда буд. Аллакай як-ду меҳмони сархуш рақс ҳам мекарданд. Яке аз онҳо Саидбойро, ки ҳамроҳи завҷааш – Настаринойтӣ меҳмононро «хуш омадед» мегуфт, ба давра мекашид. Саидбой бо ишораи «ҳозир» роҳи халосӣ меҷуст. Дувумӣ рақскунон, аз киса панҷҳазорсӯмиҳоро гирифта, болои соҳибтӯй мепошид. Пулҳо шабеҳи кабӯтарҳо дар фазо парвоз мекарданд ва ба поин фуруд меомаданд…

Пирамарди кӯзапуште асобадаст ба сари кӯча баромад. Зимистон, ки наздик аст, хост тарбуз харида хӯрад. То соли дигар зинда аст ё не, Худо медонад. Ду-се рӯз интизори нафақааш буд, вале аз он дараке наёфта маҷбур шуд, ки бо се ҳазор сӯми пасандозаш ба кӯча барояд. Пирамард оҳиста-оҳиста роҳ мегашт, қадамҳояш ноустувору ларзон буданд. Бо азоб ба сари кӯча расид. Фурӯшанда ҷавони зардинарӯй, дар ҳоле ки харбуза мехӯрд, аз пирамард пурсид:

– Тарбуз мехоҳед, бобо?

– Ҳа, писарам.

– Чандто? – оби шоридаи харбузаро аз лабу лунҷаш бо пушти даст пок кард фурӯшанда.

– Якто. Чанд пул аст? – пирамард ноаён оби даҳон фурӯ бурд.

– Аз панҷ ҳазор сар мешавад то даҳ ҳазор. Ӯҳу-ӯҳу-ӯҳу! – яқинан шарбати харбуза ҷавонро гулугир карда буд.

– Эҳе, чаро ин қадар нархаш гарон?

– Ҳозир чизи арзона худаш нест, бобо. Баъд мавсими тарбуз гузашт. Ин тарафаш зимистон. Барои ҳамин... – гӯиё эзоҳ дод ҷавон ва

атрофиёнро ба тарбузхарӣ даъват кард.

– Яктояшро ба се ҳазор сӯм деҳ, – кисаҳояшро кофт пирамард.

– Шӯхӣ мекунед? – писханд зад ҷавон. – Худам чорҳазорӣ харидаам. Кадом аҳмақ ба зиёни кисаи худ мефурӯшад?

– Кори савоб мекунӣ, – пулро аз кисаи даруни пиҷаки фарсудааш гирифт пирамард. – Ба одам савоб ҳам даркор.

– Ин бозори хайру саховат не, furthermore бобоҷон. Мо ҳам бо умед, як сӯм ёбем, якамон ду шавад гуфта, кор мекунем. Дар як рӯз ба чор-панҷ нафар, ба гуфти шумо, савоб кунем, банкрот мешавем-ку, – оҳанги гуфтори ҷавон мазоҳомез буд.

– Набошад, якто тарбузро ду тақсим карда нисфашро деҳ, – илтимос кард пирамард.

– Чӣ? – ҷавон қоҳ-қоҳ зада хандид. – Тасф кардед-чӣ, бобо. Нисфи дигарро чӣ мекунам? Ба гову хар медиҳам магар?

– Хонаат мебарӣ…

– Не, бобоҷон, намешавад. Майлаш, тарбузи панҷҳазориро ба чор ҳазор сӯм медиҳам. Лекин ба се ҳазор сӯм наметавонам. Рост меомад, ба ҷону дил медодам. Чор ҳазор диҳеду боз як дуо ҳам кунед, ана мешавад ин тарбуз моли шумо – тарбузи хурдакаки ноҳамвореро ба даст гирифт ҷавон.

– Се ҳазор сӯм пулам ҳаст охир, – дар зери лаб ғурунгид пирамард ва ноумед баргашт…

Офтоб нопадид шуд. Базми мучалгардон дар авҷ буд. Дар дастархони тӯёна ғайр аз тухми анқову ҷони одам дигар ҳама хӯрданӣ ба назар мерасид. Пешхизматҳо баробари холӣ шудани як табақча, ба ҷояш зуд дигарашро мегузоштанд. Санъаткору раққосаҳо навбат мепоиданд. Ҳамкасбу ҳамсояву ҳамсабақу ҳамтабақҳо, хешу бегона – ҳама мерақсиданд, механдиданд, меболиданд... Саидбою Настаринойтӣ назди меҳмонон мерафтанд ва ҳар замон ба раққосаҳо ҳамроҳ шуда рақс мекарданд. Санъаткоре бо дархости Саидбой – Сайёрабонуро ба рақс таклиф кард. Духтарак бо ишваю ноз, солорона ба саҳна баромад. Ҳама дар атрофи духтарак ҷамъ омаданд. Меҳмонон аз ҷайби худ қабза-қабза пулро гирифта, болои сари духтарак мепошиданд. Бачаҳо дасту по зада, пул мечиданд... Духтарак бо сад ноз хиром мекард ва парвои пул надошт. Пулҳо амсоли парҳои гули қоқу, ки аз боди ногаҳонӣ парешон гардида дар фазо пар мекушоянд, пош мехӯрданд, парвоз мекарданд, мерақсиданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…Рӯз торик шуд. Ҷавоне танҳо дар мардикорбозор менишаст. Медонист, ки бевақтӣ касе ба суроғи мардикор намеояд. Вале, ба ҳар мошине, ки дар ин мавзеъ роҳравии худро суст мекард, бо умед нигоҳ меандохт. Суханони завҷааш паси гӯшаш садо медоданд: «Дар хона як дона нон монд. Дар бозгашт се-чорто нон биёред». Хотири ҷавон парешон буд. Ӯ шарм мекард, ки бо дасти холӣ баргардад. Меандешид, ки чӣ гуна ин масъаларо ҳал намояд? Аз дӯкони ҳамсоя қарз гирад? Соҳибдӯкон намедиҳад, чунки қарзашон зиёд аст. Дигар мағозаҳо ба одами ношинос қарз намедиҳанд. Ӯ аз нобарории рӯз ва касодии кораш афсӯс мехӯрд. Ба тақдири бади хеш лаънат мехонд. Мошине намеистод ва ҳатто касе ба ӯ эътибор намедод. «Чӣ кор кунам? Бевақту бепул чӣ хел ба хона медароям? Агар занам пурсад, «Нон наовардед? Ман аз ҳамсоя дуто қарз гирифтам, баргардондан даркор», чӣ ҷавоб медиҳам? Кош ҳазор сӯм мебуд, дусад сӯм насия карда, ду дона нон мегирифтам…» – аз дил мегузаронд ҷавон.

…Садои санъаткорон хонаҳои атрофро ба ларза меовард ва ҳаёҳуйи меҳмонон базмгоҳро гӯиё метарконд. Духтари ягонаи Саидбой – Нигина обистан буд ва бо шиками таранг чунон арғушт мерафт, ки модаршӯяш дилкаф шуда, «ҳозир афтода ягон бало мешавад» гӯён гумон мебурд. Наварӯси дуҷон бошад, парвои дуҷонӣ надошт ва ба сабки мардона, боло-боло меҷасту ракс мекард ва ҳар замон ду ангушташро дар даҳон гузошта ҳуштак мекашид. Дар ҳар гӯшаи базмгоҳ меҳмонон мерақсиданд, меҷастанд, пулпошӣ мекарданд. Нигина аз ин давра ба он давра ва аз он ба давраи дигар мерафт. Шоҳдухтар аз ҳамён даста-даста пул гирифта, ба меҳмонҳо дароз мекард. Нафаре ноз кунад, бо абрувони гирифта дастак мезад ва ё ба ҳаво пош медод. Пули ҳамён тамом шавад, дарҳол аз борхалтаи духтараке, ки яқин хоҳарарӯсаш аст, як даста пул гирифта, дар ҳамён мегузошт. Он духтарак борхалтаро бо ду даст маҳкам дошта, соя барин аз қафои Нигина мегашт. Писари Саидбой, падари Сайёрабону – Ҳомид маст буд. Рафторҳои номутаносиби мардона менамуд. Монанди ҷинси латиф даст ба ҳар сӯ ёзондаву китфонашро ҷунбонида, ҷилваву ноз мекард. Занҳоро ба ракс мекашид, оғӯш мекард, дастаи пулро ба синабандҳо тела медод, мебӯсид ва… Баъзеҳо аз ӯ худро дур мегирифтанд, гурӯҳе барои қабзаи пул дар атрофаш парвона мешуданд. Бонувони нишаста аз фурсат истифода бурда, борхалтаҳои худро оҳистакаку ноаёнак аз нозу неъматҳои дастархон пур мекарданд. Пулҳо дар болои сари Саидбой,

Настаринойтӣ, Ҳомид, Нигина ва Сайёрабону албонҷ мехӯрданд, бозӣ мекарданд, зери по мешуданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…пулҳои панҷсадӣ...

Поси шаб. Зане дар сари бистари духтарчаи бемораш нишаста буд. Лабони духтарак аз ғояти таби баланд кафида буданду рангаш парида ва чашмонаш фурӯрафта. Ҳарорати бемор баланд буду сулфа мезад ва садои баланди тӯйхона духтаракро нороҳат мекард. Зан ҳар замон докаро нам карда ба пешонии духтарча мегузошт. Модар медид, ки вазъи кӯдакро бо ин беҳ карда наметавонад, аз ҷой хеста, бори дигар қуттии доруҳоро дид. Дору набуд. Кисаҳои либосҳоро кофт, аз ҳар гӯшаи хона пул ҷустуҷӯ кард. Ғайр аз дусад сӯм дигар тине наёфт. «Ба 200 сӯм чӣ медиҳад? Ақаллан як дона ҳабдоруи простамол ва спирт мегирифтам, мерасид», аз дил гузаронд зан. Вай дар назди духтарча нишаст ва дастони ӯро масҳ кард. Духтарак базӯр нафас мекашид. Аз димоғаш нафас не ангор оташ мебаромад. Модар чора меҷуст, фикр мекард, ашк мерехт... Бо ин ҳол, ба духтарча дил медод. Садои баланди савту мусиқӣ ва ҳаёҳуйи базмгоҳ оромиро халалдор мекард. Зан тоқат накарда аз ҷо бархест ва ба кафшкан рафта, палтову сарбандии калонашро гирифт. Калӯшҳояшро пӯшид ва оҳиста аз хона баромад. Тез-тез роҳ мегашт ва жарф-жарф нафас мекашид. Аз саросемагӣ ҷӯроб напӯшида буд, ки инро кӯча баромада фаҳмид. Дуртар аз сурхона омада ист кард. Дудила мешуд, ки чӣ кор кунад – равад ё наравад?! «Дигар илоҷам нест»-гуфт дар дил ва ба назди дари даромади базмгоҳ омаду нишаст, рӯймолашро аз сар кашида ба рӯйи замин густурд...

Меҳмонон як-як, калавида-калавида берун мебаромаданд. Бароядагон торафт кам мешуданду ғалоғулаи тӯйхона паст. Онҳо аз назди зан бепарвою беэътибор мегузаштанд, мисли ин ки ӯро намедиданд. Зан ба рӯмолчаи пешаш нигоҳ карда, сархам, чун санги сари роҳ меистод. Пойи меҳмонон канда шуд. Зан ноумед гашту гиря кард. Бесадо мегирист, ки танҳо китфонаш меҷунбиданду чашмонаш ашк мерехтанд. Сипас, боз овози одамон баланд шуд. Пеш-пеш марди қоматбаланде Ҳомидро кашола карда баровард. Баъд Саидбой, Настаринойтӣ, Сайёрабону ва чанд заифи дигар берун омаданд. Аз қафо Нигинаи обистан писарчаеро кашола карда баромад. Вай аз дасти бача маҳкам медошт. Кӯдак сӯйи зан нигоҳкунон гузашта рафт. Аммо зиёд дур нарафта, як он сари ҷо бозистод ва беихтиёр ба қафо гашт.

– Кучо?! – дод зад Нигина.

Бача назди талбанда омада, аз ҷайбаш панҷсад сӯм бароварду ба болои рӯмолча гузошт ва дубора ба тарафи модараш шитофт…

## ПОДОШ

Субҳ медамид. Табиат наварӯсеро мемонд, ки гӯё либоси зарбофт пӯшидаву бо зебу зинат худро оро дода, ба сар тоҷи заррин гузошта бошад. Магар шаб борон боридааст, ки ҳавои фасли поиз накҳати хушеро ба димоғ мезад ва ҳаво софу беғубор буд. Дар кӯча равуойи мошинҳо кам ба назар мерасид. Орзуи ҷорӯбкашон тезтар гузаштани фасли хазонрез буд. Қад-қади шоҳроҳи Регистон се нафар – як мард, як зан ва духтараке ду аробаро пеш меронданд. Мард пеш-пеш ва зан аз қафои ӯ ҳаракат мекард. Духтарак ин сӯ он сӯ давида, аз партовдонҳои канори роҳу даруни ҷӯйбор зарфҳои оби маъданиро ҷамъ карда ба аробачаҳо меандохт. Мард, ки қадди баланд дошту миёнсол менамуд, бар тан жемпери кухнаи дарбеҳшуда пӯшида буд. Шими ҷинсиаш дар сари зону чок дошт, мӯзаҳои соқбаланде ба по карда буд. Зан басе лоғар ва лабонаш кафидаву ду рухсораш барҷаста метофт. Ӯ ланг-лангон қадам мепартофт. Ба сар сарбанди сурх баста, дар тан аз болои пироҳани рангпаридаи сабзи майдагул куртаи мардона пӯшида буд. Андозаи пойафзолаш чунон калон буд, ки пойҳояш дар даруни онҳо гӯё рақс мекарданд. Сару тани духтараки фарбеҳи қадпаст булъаҷаб менамуд: дар пой кедии сафеди писарона дошту дар тан куртаву поҷомаи якранги дастдӯхт ва палтои сурхи кухнае; кокулонаш майдабофтаю ҷамолакдор буданд; ба сар зартоқӣ пӯшида буд, ки дар қафояш тӯри зард дошт. Ранги рухсори ҳар сеи онҳо аз таъсири гармову сармои рӯзгор чунон сиёҳ гашта буд, ки ба як дид мегуфтӣ, мазангонанд. Духтарак чолокона роҳ мерафт ва зери лаб сурудеро замзама мекард:

*Дунё гузарон, дунё гузарон,*  
*Ин кори дунё гузарон,*  
*Қӯш пир шавед, ёрони ҷавон,*  
*Ман нағмасарои дили ошиқписарон…*

Аробачаи аввалӣ, ки мард ҳай мегуфт, нисбат ба қафоӣ калонтар буд. Атрофи ҳар ду аробача аз борхалтаҳои фарсудаи даридаву дарбеҳшуда

ва равғанин, ки чирки онҳо дар шуои офтоб ҷило медод, пур буд. Мард ҳар замон меистод ва ба қафо нигоҳ карда, бо маънои «зудтар роҳ равед», сар меҷунбонд. Онҳо ба кӯчаи калоне ворид шуда дар назди партовгоҳе қарор гирифтанд. Духтарак дарҳол аз ҷайбаш калидеро дар овард ва дари хонаи хурдакаки назди партовгоҳро кушоду дохили хона шуд. Мард назди партовҳо рафта як-як борхалтаҳоро кушод. Занаш ҳам аз ақиб ғур-ғуркунон омад:

– Кадом сағира тамоми баклашкаҳоро чидааст. Ҳамин қадар роҳ гашта ақаллан як кило бор ҷамъ накардем, – гуфт ӯ бо рӯҳафтодагӣ.

– Чӣ? – баланд шуд садои мард.

– Худозадаҳоро мегӯям, нони моро нимта кардаанд. Илоҳо, аз Худо ёбанд, ноинсофҳо. Мисли ин ки нисфи шаб баромада чидаанд. Пештар тамоми борхалтаҳо пур мешуданд, вале чанд рӯз аст, ки як ё ду халта ҷамъ меояду халос. Имрӯз, ҳатто, як қанор нашуд. Ҳар касе чида бошад, насибаш накунад-а, насиб накунад...

Духтарак дар назди оинаи хурдаке, ки паҳлуи тиреза ба гулмех овезон буд, мӯ шона мезад.

Хонаи кӯчак таҷҳизоти зиёд надошт. Дар он ҷо як ҷевони чӯбин, дар паҳлуи он қуттии коғазине, ки вазифаи китобдонро адо мекард ва дар дарунаш чанд китобу дафтару як ҷузвдони кухна ба назар мерасид. Тирезаи ягонаи хона ба тарафи кӯча во мешуд. Аз он одамони ба партовгоҳ ояндаро назорат кардан мумкин буд. Дар девори паҳлуи дигари тиреза чанд мехи либосовезиро зада буданд. Дар кунҷи хона рахти кӯрпаву кӯрпача ҷой дошт. Духтарак пас аз ба тартиб даровардани мӯҳояш аз ҷо хеста чой монд, дастархонро густурд, аз ҷевон табақчаи шакар ва як нони бӯлка гирифту пора кард. Аз берун ҳанӯз ҳам садои зан ба гӯш мерасид, ки бо нороҳатӣ мегуфт:

– Бо ин аҳвол зиндагӣ намешавад, зимистонро чӣ тавр мегузаронем? Касе баклашкаҳои территорияи моро мечинад... Агар дида монам, доди ҳаромзодаро медиҳам. Илойимак, тешук карда барояд.

– Дадаҷон, бийиҷон, чой тайёр.

– Ҳозир медароем, ҷони дада, – гуфт мард ва борхалтаҳоро ҷамъкунон рӯй ба зан овард: – Худо бандаашро бо ризқ меофарад. Бисёр худата ғам нате, ҳамааш сара мешавад.

– Гӯр сара мешавад, – мегуфт зан дар ҳоле, ки вориди хона мешуд, – бало ҳам намешавад... – ӯ абру дарҳам кашида буд.

Мард сар ҷунбонда бесадо хандид.

– Худо хоҳад, имрӯз ё пагоҳ ҳамааш сара мешавад…

– Дадаҷон, чой сард шуд, биёед!

– Ҳозир рафсем, ширини дада, – падар дастонашро шуста хона даромад.

– Тезтар хӯр, боз аз мактаб қафо намонӣ! – ба сари духтар дод зад зан.

– Ҳа занак, бо дасти чап аз хоб хестӣ, чӣ бало. Аз пагоҳӣ алошақшақа барин шаққос мезанӣ?

Зан ҳарфе нагуфт. Духтар ба падараш нигариста табассум кард.

– Пага не, пагайи дигар рӯзи таваллуди ман, дувоздаҳсола мешавам, – гуфт духтарак пас аз сукути кӯтоҳ.

– Ӯ-ҳӯ, духтари ширинам мучал пур кардаасту ман бехабар.

– Ваъдаатонро фаромӯш накардед?

– Чӣ хел ваъда? – бо тааҷҷуб ба духтар рӯй овард мард.

– Ин хел чизҳора дадоят зуд фаромӯш мекунанд, духтарам. Ту фарзанди одами бой набошӣ, ки мучалбароронат кунанд... – луқма партофт зан.

– Чӣ хел ваъда? Магар нагуфта будед, бо баҳои аъло хонӣ дар зодрӯзат гӯшвораи тилло мегирам?

– Ҳа, – ранги рӯйи мард тағйир ёфт, – ин ваъдаамро дар хотир дорам. Албатта, мувофиқи ваъда гӯшвора туҳфа мекунам. Ваъда, ваъда аст, духтари дада.

Духтар бо хушҳолӣ дастонашро бар гардани падар ҳалқа намуд ва аз рӯйи ӯ бӯсид. Пас аз омин гуфтан, тағйири либос кард ва ҷузвдонашро гирифта, хайрухуш карду баромада рафт.

– Духтарро чаро умедвор мекунед? – эътирозомез гуфт зан. – Умедворӣ бад аст.

– Чаро умедвор кардаам? Албатта, гирифта медиҳам.

– Аз куҷо мегиред? Барои хӯрдан аранг нон меёбему гӯшвораи тилло мегирифтаанд.

– Ношукр нашав, занак, ҳамааш хуб мешавад, – аз ҷой бархост мард.

– Куҷо?

– Бозори Сиёб меравам.

Ҳаво метафсид. Рӯз аз нисф гузашта буд, ки мард бо ду борхалтаи пур аз зарфҳои пластикӣ баргашт. Дар як гӯша борро холӣ карда пеши партовҳо омад ва ба ҷудо кардани онҳо камар баст. Мӯйи сар ва риши сафеди дамидааш, ки равғанин гардида буданд, аз он гувоҳӣ медоданд, ки чанд вақт боз собунро надидаанд. Мард коғазҳоро дар як гӯша, пӯсту барги сабзавотро дар гӯшаи дигар ва зарфҳоро алоҳида

ҷамъ мекард. Ҳамин вақт аз шуои нури офтоб чизе ба чашмаш тофт. Мард эътибор надода, корро давом дод. Боз он чиз ҷило дод. Мард хам шуда ба он зеҳн монд ва... ба чашмонаш бовар накард, гӯшворае буд! Аммо зуд ба он даст назад. Қомат рост карда ба атроф чашм давонд. Дар атроф сояи касе наменамуд. Пасон гӯшвораро гирифту ба мисли заршиносон онро бо дандонҳояш санҷид.

«Тиллои асил, – зери лаб пичирос зад мард, – афсӯс ки гӯшвора ҷуфт надорад. Вазнаш чӣ қадар бошад? Сабук нест, маълум ки тиллои қадим. Барои як ҷуфт гӯшвораи бачагона наход нарасад? Мерасад. Инро зудтар ба заргар барам, ки то зодрӯз гӯшвораи дигар созад», – бо ҳарос аз байни партовҳо баромада ба хона даромад ва чапон пӯшид.

– Куҷо меравед? – пурсид зан, ки машғули зеҳбофӣ буд.

– Кӯча.

– Дар кӯча чӣ ҳаст?

– Кор дорам, зуд бармегардам.

Раҳораҳ ба Худо шукрона мегуфт. Хурсанд буд, ки акнун барои духтараш туҳфаи ваъдагиро гирифта медиҳад. Ӯ ба дӯкони заргарии сари кӯча рафт.

– Ассалому алайкум, писарам, – ба ҷавоне, ки машғули кор буд, рӯй овард.

– Ваалайкум ассалом! Хизмат, амак?

– Ман як гӯшвора овардам, – бозёфтро аз ҷайби худ бароварда дароз кард, – мехоҳам аз ҳамин ду гӯшвораи хурдакак созонам.

– Ин аз гӯшвораҳои қадим будааст, – ҳар тарафашро аввал бо даст, баъдан бо лупа санҷида гуфт заргар, – аз куҷо гирифтед?

– Аз модарам мерос аст, – ҳарфи дурӯғ зад мард ва аз дил гузаронид: «зарур бошад, раво бошад», – афсӯс ки ҷуфташ гум шудааст.

– Фаҳмо. Баъд аз се рӯз хабар гиред, тайёр мешавад.

– Писарам, то пагоҳ сохта наметавонӣ? Пасфардо зодрӯзи духтарам аст. Ман ваъда додам, ки ба зодрӯзаш гӯшвораи тилло туҳфа кунам.

– Ҳама кори заруриро монаму аз пайи ин кор шавам, ҳаққи ман баланд мешавад, амак.

– Гап не, ҷони амак. Музди корат чанд пул бошад, аз ҳисоби тиллои ҳамин гӯшвора бардор. Гӯшвораҳо хурдтар шаванд ҳам, ман розӣ.

– Пагоҳ омада баред.

Мард хурсандона ба манзилаш баргашт. Аз омади кор чун кӯдаке, ки соҳиби ҳадяи аҷибе гаштааст, хурсанд буд...

Рӯзи дигар, саҳарии барвақт туҳфаашро дар зери болини духтар

гузошт ва берун баромада андармони кор шуд. Нозпарварди хона кӯрпаҳоро ҷамъ мекард, ки гӯшвораро дид ва аз шодӣ дод зада, бо пойи урён ба берун тохт. Модарро ваҳм фаро гирифт. Гумон кард, ки ҷигарбандаш дар хона каждум ё калламуш дидааст.

– Раҳмат, дадаҷон! Дадемба гардам! – хушҳолона падарашро оғӯш кард духтарак.

Зан намефаҳмид, ки чаро духтар ин қадар падарашро мебӯсаду изҳори ташаккур мекунад.

– Чӣ шуд? Чӣ гап?

– Дадем ба зодрӯзам гӯшвораи тилло ҳадя карданд. Ана, бинед чӣ хел хушрӯ! – ду гӯшвораи хурдакакро ба модар нишон дод.

– Хазина ёфтед-чӣ? – зан бо ҳайрат ба мард рӯ овард.

– Аз Худо пурсидам, дод, – гуфт мард ва чашмонашро гурезонда машғули кор шуд. Духтар ба хона даромада зеварро ба гӯш андохт ва боз дартоз ба оғӯши падар омаду аз гунаҳояш бӯса бардошт. Аз забони ӯ сухани «раҳмат, дадаҷон» канда намешуд. Сипас, зуд либосҳои мактабравиро пӯшида ҷузвдон ба даст гирифт. Вай роҳ намегашт, мисли ин ки дар само парвоз мекард. Мард аз хурсандии духтараш шод буд.

Рӯз бегоҳ мешуд. Дар само селаи зоғҳои сиёҳ бо «қар-қар»-ашон гӯшро ба қомат меоварданд. Очаву бача ба кӯча рафта буданд. Дар хона ғайр аз «чиқ-чиқ»-и соат садои дигар ба гӯш намерасид. Мард саргарми тамошои суратҳои як маҷаллаи кӯҳна буд. Ҳамин вақт аз берун садои тақар-туқури чизе баланд шуд. «Ягон кас партов овардагист», андешид мард. Аммо боз садои ба ҳам хӯрдани чизе баландтар ба гӯш расид. Мард берун баромад. Дид, ки духтараке саросема, бо ҳарос партовҳоро ба ҳар тараф мепартояд.

– Ҳа духтарам, тинҷӣ? Ягон чиз гум кардӣ?

Духтарак ба мард нигоҳе карда хандид ва қад рост кард. Мард ӯро шинохт. Вай духтари Содир ном шахси барӯманди маҳалла буд. Ҳамон Содирбое, ки ба кадом як корхона раҳбарӣ мекард. Онҳо дуртар аз партовгоҳ зиндагӣ доштанд. Содирбой ва завҷаи ӯро, ки аз одамони хоксору ҳалим буданд, мард хуб мешинохт ва чандин бор ба хонаи онҳо рафта буд. Онҳо доимо либосу пойпӯшҳои нимдошти худро напартофта ба хонаи ӯ оварда медоданд. Либоси мактабии духтарашро низ зани Содирбой оварда, «ба набераамон гирифтем, калон будааст, ба духтарчаи шумо муносиб, дар мактаб мепӯшад»- гуфта дода буд. Дар сохтани хонаи зисташон низ саҳми падари

ҳамин духтар бузург аст...

– Ман гӯшвора мекобам, гӯшвораи тиллои модарамро, – бо вазъи парешон гуфт духтарак.

Мард дар дами дар шах шуд, гӯё ба симчӯби лаби роҳ табдил ёфт. Дигар ҳарфе ба гӯшаш намедаромад ва дилаш чун себи сармозада дар шохаи дастнорас ях баст.

– Чор рӯз пеш модарам гӯшвораи тиллои худро ба ман доданд, ки тоза кунам. Дар ошхона нишаста тоза мекардам, ки як пояш ба даруни сатили партов афтод. Онро меҷустам, модарам маро ҷеғ зада кори дигаре фармуданд. Ҳамин тавр, гӯшвора аз хотирам баромад. Дирӯз додарам партовҳоро партофтааст. Имрӯз тасодуфан гӯшвора ба ёдам омад. Дарҳол сатилро дидам, холӣ. Зуд ба ин ҷо давидам. Кош чизи арзон мебуд, садқаи сар мегуфтем. Агар падару модарам бохабар шаванд, бегумон, ҷазоямро медиҳанд, он аз момоям ба модарам мерос буд, – гуфт ва боз машғули партовкобӣ шуд духтарак.

Мард ӯро намешунид.

– Амак, – қад рост кард духтарак, – мошини партовкаш кай омада буд?

– ...

– Амак?

– Лаббай! Чӣ?.. Чӣ гуфтед?..

– Мошини партовкаш кай омада буд?

– Дирӯз, – мард мадори гапзанӣ надошт.

– Шумо гӯшвора надидед?

– Не-не… Надидам… Надидам духтарам… – худро ба хона зад мард.

Чеҳраи мард ранги бемореро мемонд, ки пас аз гирифтори маризии вазнине шудан аз бистари бемористон бадар рафтааст. «Ман чӣ кор кардам? Акнун чӣ мешавад? Бо кадом рӯ ба рӯйи соҳибони ин хонадон нигоҳ мекунам? Ман чӣ кардам? Эй Худоҷон, чӣ гуфтагӣ одам шудам? Ба подоши некиҳои онҳо чӣ гуна ҷавоб додам?». Мард ба дар такя карда бо ду даст ду чаккаи сарашро маҳкам медошт. Фикр мекард, то илоҷи воқеаро ёбад, аммо чорае намедид. Худро чун марди мусофире, ки дар ошёнаи ҳафтуми бинои бисёрошёна танҳо зиндагӣ мекунаду рӯзе поси шаб дар кӯча калиди хонаро гум кардааст ва илоҷи хонадароиро надорад, эҳсос мекард...

Рӯзҳо мегузаштанд. Мард мекӯшид, ки аз ин ҳодиса касе воқиф нагардад. Вуҷудашро ғаму ғусса ба худ ошён карда буд, ба қавле, ба

хонаи дилаш чароғ ҳам афрӯзанд, равшан намешуд. Хоҳиши ба коре даст задан надошт, аз хона намебаромад. Хандаро фаромӯш карда, побанди андӯҳ менишаст. Чора меҷуст, фикрҳояшро аз ғалбери ақл мегузаронд, то ки на духтарашро ғамгин созад ва на ба амонати ҳамсоя хиёнат кунад, на сих сӯзаду на кабоб!

Рӯзе духтарак пас аз мактаб дар хона нишаста дарс мекарду мард он сӯтар аз ӯ, мисли ҳамеша, побанди хаёлот дар ҷойи худ дароз кашида буд.

– Дада, «роҳбар» ба забони русӣ чӣ мешавад? – пурсид духтар ва ҷавобе нашунида саволи худро такрор кард.

Мард чашм аз рӯйи хона намеканд. Гӯё чоку пораҳои гилемро бо нахи нигоҳ бахя мезад. Духтар паҳлуи падар омада нишаст ва сар ба зонуи ӯ гузошт.

– Дадаҷон, ба шумо чӣ шуд?

– Ҳеч чиз нашудааст, азизам, – сари духтарро навозиш кард.

– Дурӯғ нагӯед…

– Дурӯғ нагуфтам. Ман дурӯғгӯ не, – хандаи маҳзуне кард мард, то аз вазъият бурун ояд.

– Аз рӯзи таваллудам инҷониб шумо ғамгинед, чӣ шуд? Аз ман пинҳон накунед.

– Чизе нашудааст, ширини дада... Ҳамааш хуб…

– Ман духтарчаи хурди бесавод нестам, гӯшвораро ба қарз гирифта будед-а? Акнун қарзатонро канда наметавонед, ҳамту?

– Не-е, духтарам.

– Пас чӣ шуд, гӯед?! – чашм ба чашми падар дӯхтан мехост духтар. Мард ба чашмони ҷигарбандаш, ки ашк ҳалқа зада буд, нигариста наметавонист. – Набошад, ман аз шумо меранҷам, бо шумо ногап мешавам.

Падар ноилоҷ тамоми воқеаро гуфт. Духтар пас аз шунидани нақли ӯ назди оина рафта гӯшвораҳоро кушода гирифт ва баргашту ба дасти падар дод.

– Дадаҷон, ман намехоҳам, ки шумо дар азоби виҷдон монед. Барои ман гӯшвораи тилло он қадар муҳим нест. Бе зару зевар зистан мумкин, аммо бе обрӯ зистан маънӣ надорад. Мехоҳам, ки шумову бийиҷонам сиҳату саломат бошед, ҳеч гоҳ ғамгин нагардед, рӯйи ғамро набинед…

Падар лаҳзае аз гапҳои нури дидааш дар ҳайрат монд. Беихтиёр таҳи дили худро рӯшан ҳис кард. Духтараш бошад, бо табассум ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид ва ашки чашмонашро бо остин тоза карду аз хона

берун рафт.

Шомгоҳ аҳли оила дар сари дастархон ҷамъ буданд. Гаронии дили мард чун меғи поиз парешон шудаву чеҳрааш кушод буд. Таом мехӯрданд, ки касе дарро кӯфт. Аҳли хона бо маънои «дар бегоҳирӯзӣ кӣ бошад?» ба ҳам дида дӯхтанд…

***

Офтоби оламафрӯзи баҳманмоҳ бо нурҳои заррини худ дар шохаҳои дарахтон тор метанид ва мардумро аз оғози рӯзи нав мужда медод. Қад-қадди роҳи калони Регистон се нафар – як мард, як зан ва духтараке ду аробаро, ки атрофаш пури борхалта буд, пеш меронданд. Мард нимтанаи чармини сиёҳ ба бар карда буд ва қомати занро хилъати сурхи хушдӯхте зеб медод. Духтарак куртаву поҷомаи атлас пӯшида буд. Мӯяшро майда бофта, каҷҷакҳояшро ба паси баногӯшаш гузаронида буд. Шуои офтоб дар гӯшвораҳои тиллояш мунъакис мешуданд. Духтарак зери лаб сурудеро замзама мекард:

*Гул мегузарад мавсими гул мегузарад,*
*Мо шиштаву корвон зи пул мегузарад.*
*Ин сол гузарад, соли дигар боз ояд,*
*То соли дигар умри ҷавон мегузарад...*



## «МЕРОСИ ҶАМОЛ»

***Набошад ҳаме неку бад пойдор,***
***Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.***

Ба таъйиди ин байти Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, китоби «Гули санг» аз ҳазинаи пасандозшудаи сандуқи хайрияи «Мероси Ҷамол» ба табъ расид. Пас аз он ки инсони соҳибкор ва олиҳиммату дурандеш Ҷамоли Орзумурод (Халелов) аз олам чашм мепӯшад, аҳли оилаи ӯ бо сарварии фарзандони некухислат ва вафодораш – Хайём ва Ҷалол камари ҳиммат баста, ба хотири зинда ва ҷовидон нигаҳ доштани рӯҳи падари бузургвори худ сандуқи хайрияи хусусии «Мероси Ҷамол»-ро таъсис медиҳанд. Ҳар сол аз ҳисоби ин сандуқ амалҳои хайру эҳсон анҷом меёбад ва нишастҳои ёдбуд доир мегардад. Аз ҷумла, дасти ёрӣ дароз кардан ба хонаводаҳои камбизоат, баргузор намудани бозиҳои миллӣ, ба мисли куштӣ, пойга, футболу волейбол, ҳиммат гузоштан дар корҳои ободонӣ ва навсозии рустоҳои кӯҳистони Нурато ба расм даромадааст.

Инак, дастоварди имсолаи фарзандони саховатманд китоби пурмуҳтавое гардид, ки хонандаи азиз дар даст дорад. Бе шак, чӣ чизе нодиртару хуштар аз сухан бошад, ба хусус, агар сухан каломи ноб аст, агар сухан нафосату бадеият дорад, агар сухан шаҳдест, ки лаззати бепоён ба қалбҳову ҷонҳо ато мекунад! Гирдиҳам овардани осори пурарзиши бадеӣ, намунаҳои бориз аз ашъору асарҳои насрии адибони шинохтаи кӯҳистони Нурато хидмату тухфаи волоест, ки на танҳо сокинони деҳоти кӯҳпоя, ҳамчунин тамоми мардуми тоҷик ба он комёб гаштанд. Ин китоб барои хурду калон, аз донишомӯзи мактабӣ гирифта то донишҷӯю донишмандони донишгоҳу фарҳангистонҳо ба сифати манбаи боарзиши адабию бадеӣ ва рӯшангарӣ хидмат хоҳад кард.

Албатта, пурсише ба миён меояд, ки Ҷамоли Орзумурод чӣ касе буд? Ӯ чӣ гуна инсоне буд, ки мо ҳоло ёди ӯро пос медорем ва аз сандуқи меҳромези «Мероси Ҷамол» баҳраманд мешавем? Ҷо дорад дар ин ҷо мақолаи муаллими равшанзамир, сарвари гузарҳои Эҷ Узоқ Давлатзодаро, ки бо номи «Инсони сахиву меҳрубон буд» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба чоп расидааст, бознашр намоем.

# ИНСОНИ САХИВУ МЕҲРУБОН БУД

***То тавонӣ ба ҷаҳон хидмати муҳтоҷон кун,***
***Ба даме ё дираме, ё қаламе, ё қадаме.***
***(Саъдӣ)***

Меҳрубон будан, бар замми ин, саховату мурувват пеша кардан аз накутарин хислатҳои инсон аст. Ба хусус, инсоне, ки мақому манзалати худро дар байни мардум пайдо мекунад, пайваста шарики шодию ғам ва осоишу ранҷи одамон аст. Ин пешхате барои аҳли сахиву ғамгусор бошад, ки ӯро саодатманду сарватманд мекунад ва наметавонад аз додани оромишу ишқ, меҳрубонию вафо ба дигарон худро нигаҳ дорад...

Ҷамоли Орзумурод ҳанӯз аз айёми донишҷӯйӣ, ки шабона таҳсили илм мекарду рӯзҳо кор, шиори зиндагиро барои худ ба маънии боло пазируфта буд. Он солҳо аз дӯстони мо, ки канори ҳам дар донишгоҳҳои Душанбешаҳр дониш меомӯхтем, касе набуд, ки аз ёриҳои ӯ бархурдор нашуда бошад. Доимо ҳавои моро дошт, аз маҳалли даромаду дастмояҳои худ китобу дафтар мехарид, ба тамошои филмҳо мебурд, ҷойҳои диданиро нишон медод ва дар сурати бепул мондан ҳар яки мо деҳотиён аз ӯ қарз мегирифтем.

Ҷамоли Орзумурод пас аз итмоми донишгоҳ ба зодгоҳ баргашт. Ба унвони ҳисобдор дар паҳлуи сарҳисобдори хоҷагии ҷамоавии «Нурато»-и ноҳияи Нурато Мустафо Раҳимов ба кор сар кард. Солҳое буд, ки асрори касби нозуку пурмасъулият ва раванди кордориро аз устодони худ Мустафоака ва қаҳрамони кор Зайниддини Амониддин омӯхт. Ҷамол ҳарчи бештар таҷриба андӯхт, хурду рези кори хоҷагидориро азхуд намуд ва билохира, ба вазифаи раиси ҳисобдории хоҷагии ҷамоавии «Нурато», ки яке аз бузургтарин муассисаҳои чорводории вилояти Навоӣ буд ва дар фароҳам овардани пашму пӯсти марғуби қарокӯлӣ ва гӯшти босифат дар кишвар маъруф аст, баргузида шуд. Дар идома, бо мудирони дигар – Фазлиддин Аҳмадов, Ҳазрат Қурбонов ҳамкорӣ кард.

Ҷамоли Орзумурод гузашта аз кори давлатӣ ба соҳибкорӣ шуғл варзиду бо даст додани имконоти рифоҳу худкифоӣ ба амалӣ кардани нияту орзуҳои қаъри дилаш пардохт. Аз маркази хоҷагӣ – шаҳраки Авлиё гирифта то деҳоти Эҷу Собу Синтаб ва нишемангоҳҳои саҳроӣ

дар пеши назари ӯ чун муқаддасгоҳи азиз ҷилва намуданд ва ҳар ёрию ҳиммате, ки аз дасташ омад, дареғ надошт. Ҳамчун соҳибкор ба маъракаҳои мардумӣ хайру эҳсон кард, дар ҷашнҳо харҷи дастурхонҳои идонаро ба уҳда гирифт, пайваста ба мактабу боғчаҳои бачагона ҳадяю туҳфаҳои бешумор тақдим намуд, сари солмандону беморонро сила кард...

Нақле омадааст, ки рӯзе Ҳазрати Мусо бинни Умрон суол мекунад: «Худоё, агар ту инсон будӣ чӣ ибодатеро анҷом медодӣ?». Худованд ваҳй мефармояд: «Эй Мусо, агар махлуқ будам, хидмат ба халқ мекардам...». Айнан ҳамин нукта улгуи зиндагии Ҷамоли Орзумурод буд! Бо ин одобу одати писандидаи худ дӯстдори мардум гардид ва чандин сол ба унвони намояндаи мардумӣ низ интихоб шуду корҳои судманд анҷом дод. Агар аз як сӯ дар кори пурфарохи чорводорӣ саҳмгузор шуда, бо ҳамкорони худ саршумори гӯсфандро замоне то панҷоҳ-шаст ҳазор расонида бошад, аз ҷониби дигар, ба дилу дидаи халқи худ роҳ ёфт, мунтазам дарду дархостҳои одамонро ба болоҳо расонд, алалхусус, мушкили деҳотиёнро дар бахши обрасонӣ, роҳсозӣ, гузаронидани маросим ва мусобиқот осон намуд.

Ҷамоли Орзумурод ҳамчун инсони дарёдиле, бе муболиға, ҷони одам буд. Касе нест, ки аз ҳазлу шӯхиҳои намакини ӯ, аз зарофатгӯйиву мутоибаҳои дилкаши ӯ бархурдор нашуда бошад. Ӯ инсони шоду беғам, дидадаро ва маъракаоройи буд. Орзу дошт ҳамаи мардум дар ниҳояти дӯстиву рафоқат ва меҳрубонӣ зиндагӣ кунанд, билхосса, дӯстии халқҳои таҳҷойӣ – тоҷику ӯзбеку қазоқро пайваста тараннуму тарғиб мекард. Агар дар хусуси оиладорию муҳаббати бепоёни ӯ ба хонаводааш ҳарф занем, вақт камӣ мекунад...

Ҳазор ҳайфу сад афсӯс, ки ин марди худогоҳ, як тан инсони ҳалиму дасткушод, марди заҳматпешаи дидадаро дар остонаи шастумин солгарди умри худ ба марги муфоҷо гирифтор шуд. Ӯ орзу дошт 6-уми январи соли 2019 бо аҳли диёри худ шастсолагиашро ҷашн гирад, як бори дигар садоқату муҳаббати худро ба халқи азизаш нишон диҳад. Аммо, 26-уми сентябри соли 2018 дар як тасодуми автомобилӣ риштаи ҳаёташ гусаст, ҳазору як орзуи некаш дар нимароҳ монд. Бо дили хаставу ғамгин танҳо дуо мекунем, ки Худованд ин инсони наҷибро дар биҳишти барин ҷой диҳад.

## ПОЁНИ СУХАН

Марқади инсони зиндаёд Ҷамоли Орзумурод дар оромгоҳи деҳаи Эҷ, дар хокҷойи авлоди «Қозӣ-тоҳирӣ» қарор дорад. Ин гӯшаи хомӯшон зиёратгоҳи хосу ом, маҳалли дуою саҷдаи хурду калон аст. Ба лавҳи сари гӯри марди фақид, ки онро фарзандонаш насб кардаанд, ин мисраъҳо ҳак шудаанд:

*Аз мулки ҷаҳон рафт ба ҷаннат падари мо,*
*Бардошта шуд сояи лутфаш зи сари мо.*
*Афсурда намехост дили ҳамсару фарзанд,*
*Афсӯс, фалак кард пур аз ғам ҷигари мо.*

Ба ёди Ҷамоли хуҷастаном сари таъзим фуруд оварда, аз Худои азза ва ҷалла истидъо дорем рӯҳу равонаш шод ва ҷояш ҷаннат бод. Ба фарзандони накусират, ки рӯҳи ӯро зинда нигаҳ дошта сандуқи хайру эҳсони «Мероси Ҷамол»-ро роҳандозӣ кардаанд ва барои чопу интишори китоби «Гули санг» низ ҳиммат гузоштаанд, изҳори сипос ва садоқати хешро аз номи тамоми хонандагон изҳор медорем.

***Муҳаррир***



## МУНДАРИЧА

Шарҳи рӯйи кор омадани китоб......3
Дар ҳошияи китоби «Гули санг»......6

**БАҲРОМ ФИРӮЗ.** Шарҳи ҳол......19
Ҳикояҳо:
Ҳақиқати талх......22
Гӯштигирӣ......31
Китобҳои куҳна......41
Шеърҳо......52
Рубоиёт......56
Дубайтиҳо......59

**ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ.** Шарҳи ҳол......60
Шеърҳо......62
Ғазалҳо......67
Мухаммасҳо......74
Дубайтиҳо......76
Рубоиёт......78

**БЕКНАЗАР ТӮЙНАЗАР.** Шарҳи ҳол......81
Ҳикояҳо:
Дар кӯчаҳои шаҳр......82
Восита......87
Бори дил......91
Маҳсӣ......95
Танзҳо:
Нишолло......97
Ҳайфи институтхонӣ......98
Қаламфур......99

**ПАЙМОН.** Шарҳи ҳол......100
Шеърҳо......103
«Обчаҳи ғазал»......109
«Мавҷҳо» (рубоиёт)......116
«Чаҳордара» (дубайтиҳо)......119

**АБДУЛЛО СУБҲОН.** Шарҳи ҳол....119
Шеърҳо....123
Ғазалиёт....131
«Гарди анҷум» (дубайтиҳо)....136
Рубоиёт....139

**ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОДЗОДА.** Шарҳи ҳол....141
Мақолаҳо:
Паёмгари фардо буду бигзашт....144
Мактаби Ҷонибек....149
Сароби илм....151
Шеваи омӯзиш....158

**ҚИРОНШОҲ ШАРИФЗОДА.** Шарҳи ҳол....162
Мақолаҳо:
Пайванди дилу дида....163
«Айнӣ пешвои маънавии тоҷикон аст»....171
Бозгӯйии суханҳои бикр....186

**ПАЙҒОМ.** Шарҳи ҳол....189
Шеърҳо....190
Дубайтиҳо....194
Ҳикояҳо:
Боз меоям....196
Боз омадам....198
Торикӣ....202

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР.** Шарҳи ҳол....204
Ҳикояҳо:
Рафиқи мунофиқ....206
Якрав....222
Модарамро дигар наёфтам (лавҳа)....227
Орзуҳои нимароҳ (новелла)....230

**ҲИКМАТ СУЛТОНЗОДА.** Шарҳи ҳол....239
Шеърҳо....240
Ғазалиёт....245
Суханреза....247

**ШАКАР САЙФӢ.** Шарҳи ҳол........................................................255
Шеърҳо........................................................................................256
Ғазалиёт......................................................................................266
Дубайтиҳо...................................................................................270
Рубоиёт........................................................................................273
Чаҳорпораҳо................................................................................273

**ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД.** Шарҳи ҳол...................................275
Ҳикояҳо:
Кайфар.........................................................................................276
Чойпулӣ........................................................................................283
Тазоди зиндагӣ...........................................................................293
Подош...........................................................................................297

**«Мероси Ҷамол»**.......................................................................305
Инсони сахиву меҳрубон буд......................................................306
Поёни сухан..................................................................................308



Адабий-бадиий нашр

# ТОШ ГУЛИ

(шеърлар, ҳикоялар, мақолалар тӯплами)

*Тожик тилида*


| | |
|---|---|
| Муҳаррир: | Асадулло |
| Мусаҳҳиҳ: | Саодати Рӯзий |
| Саҳифаловчи: | Иқболбек Исмоилзода |

«TAMADDUN» нашриёти.
Тошкент шаҳри, Навоий кўчаси 30.
Лицензия рақами AI № 247, 02.10.2013 й.

Босишга 2021 йил 25 майда рухсат этилди.
Бичими: 84x108 $^{1}/_{32}$ «Times New Roman»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет қоғозида босилди.
16,38 шарт. б.т.16.3 ҳисоб нашр табоғи.
Адади 500 нусха. 60 -сон буюртма.

«TURON-MATBAA» МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
Тошкент шаҳри, Талабалар 2.